БАДЕЪУЗЗАМОНИ ФУРӮЗОНФАР

# ШАРҲИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ МАВЛОНО



Бунёди "Довар Ибтихоҷ"

***Эҳдо ба пешвози ҷашни 800-умин соли таваллуди мутафаккири ҷаҳоншумул ва орифи баландовозаи ҷаҳон Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ***





*Намое аз девори бостонии шаҳри Балх,*
*зодгоҳи Мавлоно*



*Дурнамои турбати Мавлоно ва ёронаш дар Қуния*

*Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи улуми Тоҷикистон*

**Бадеъуззамони Фурӯзонфар**

# *ШАРҲИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ МАВЛОНО*

*Бо кӯшиши Ҷаъфар РАНҶБАР*

*ва Масъуд МИРШОҲӢ*

*Душанбе-2007*

Муаррифинома: **Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно**
Муаллиф: **Бадеъуззамони Фурӯзонфар**

Муҳаррирон: **Аскар ҲАКИМ**
**Мубашшир АКБАРЗОД**

Чопи аввал 1315 (1932) Теҳрон, чопхонаи «Маҷлис»

Баргардон ба хатти
кириллик ва ҳуруфчинӣ **Иззатулло МИРЗОЕВ**
**Баҳриддин МИРЗОЕВ**

Саҳифаоро: **Тоҷиддин МИРЗОЕВ**

**Ношир:** **Институти шарқшиносӣ**
**Анҷумани «Рӯдакӣ»**

**Теъдод:** **1000 нусха**

**Ҳаққи чоп маҳфуз аст**

© Китобхонаи «Устод Халилӣ»

# Устод Фурӯзонфар ва асари таҳқиқию мондагораш перомуни зиндагӣ, осор ва рӯзгори Мавлоно

Имрӯзҳо барои пайравон ва дӯстдорони Мавлоно рӯзҳои фархундаву муборак аст, ки бузургтарин созмони фарҳангии ҷаҳон ЮНЕСКО бо ҳамкории кишварҳои зидахл ва марказҳои илмию фарҳангии ҷаҳон аз мақом, осор ва шахсияти ин бузургмарди ахлоқ ва ирфони башарӣ таҷлил ба амал меоваранд ва ёди ин мураббии инсонсози динҳо ва тамаддунҳои ҷаҳониро зинда нигаҳ медоранд.

Нигоранда ба унвони яке аз шефтагони осор ва ҳамватани Мавлоно як асари воқиъан барҷаста ва хонданиро ба ин муносибати пуршукӯҳу фархунда ба поси нону намаки тоҷикони самимию меҳмоннавоз пешкаши шефтагон ва ҳамзабонони Мавлоно менамоям. Умедворам ин асари арзишманду хонданӣ, ки бори аввал ба хатти сирилик чоп мешавад, мавриди таваҷҷуҳ ва ташвиқи донишмандон ва хонандагони азизи тоҷик қарор гирад. Дар бахши ахири ин муқаддимаи шогирдона нукоти чандеро перомуни арзиш ва муҳтавои ин асари илмию таҳқиқотӣ лозим ва зарурӣ медонам.

Ин таваҷҷуҳ ва талоши давлатҳо ва миллатҳои хирадманду фарҳангсиришти ҷаҳон ба он маъност, ки Мавлоно бо вижагиҳои хосси ахлоқию ирфонӣ, тарбиявӣ ва инсонгароияш ва бо нигоҳи баланди офоқӣ ва афлокияш ҷойгоҳи вижаеро дар дунёи эҳсос ва равони поки одамӣ ба хеш ихтисос дода, дунёе, ки башари дилхаста ва гурезон аз ҷангҳову найрангҳо ба олами рангорангу дилпазири Мавлоно сайру сафари маънавӣ ва рӯҳонӣ менамояд ва аз он чашмасори ҳақиқату маърифат поку муназзаҳ берун меояд ва бо диду дарки дигар

ба олами ҳастӣ ва одамӣ нигоҳ мекунад, ҳамон нигоҳи сӯзанда ва созандае, ки Мавлоно башарро ба асли хеш мутаваҷҷиҳ мегардонад, асле, ки бар бунёди ахлоқу маърифат, ишқу муҳаббат, ҳамдилию ҳамзабонӣ, сулҳу ҳамзистӣ, динҳо ва тамаддунҳои ҷаҳонӣ ва инсонӣ устувор аст. Ҳамин нигоҳи баланди инсонӣ ва пуррамзу рози Мавлоно ба ҷаҳони маъност, ки ошиқон ва пайравони зиёдеро дар ин сайёраи хокӣ ба хеш мутаваҷҷиҳ гардонида ва ин ошиқони ростину ҳақиқатшиноси Мавлоност, ки ба дур аз маҳдудиятҳои сиёсию нажодӣ, забонию идеологӣ... дар масири ҳамон ҷодае қадам мегузоранд, ки Мавлоно чандин сада қабл бо машъали нуру хирад, ишқу муҳаббат ва бо илҳом аз фарҳангу таолими ноби исломӣ ва дигар адёни илоҳӣ ва тафаккури башарӣ барои пайравони хирадманди хеш гушуда буд.

Гарчанд қаламрави тулӯъу ғуруби ҷисмонии Мавлоно аз  Балх то Қуния аст, бидуни шак қаламрави фалсафаву ҳикмат, ишқу муҳаббат, дониш ва омӯзиши ин ҷӯяндаи ҳақиқат ҳама паҳнои ҷаҳон ва абадияти замон аст. Ҳамин арзишҳои маънавӣ ва мондагор аст, ки донишмандон ва хирадмандони ҷаҳон ба он ифтихор мекунанд. Дар ҳақиқат ин гуна шахсиятҳои озодманиш ва баландпарвоз мутааллиқ ба ҳамаи мардумони сулҳдӯст ва ҳақиқатшиноси сайёраи хокӣ ҳастанд.

Ахиран тарҷумаи «Маснавии маънавӣ» ба василаи Вилям Боркс ба забони англисӣ ва ба унвони пурфурӯштарин китоби қарн муаррифӣ шуданаш дар Амрикову Урупо далели ин иддаъо тавонад буд.

Ҳамон тавре ки дар сайру сафарҳои офоқии Мавлоно дар Хуросону Мовароуннаҳр, Туркия ва Мисру Шом... чашми зоҳираш ба ин ҳавзаи бузургу рангоранг ва рухдодҳои талху ширинаш гушуда шуд ва таъсир гузошт, табъан дидору мулоқотҳояш бо мардони бузургу ворастa ва хилватнишинони ҷаҳони маърифат, дониш ва мутолиаи осори бузургону орифон ва соири адён

чашми ботинашро ба ҳақоиқи ҷаҳони ҳастӣ ва одамӣ гушуд, ба мисли Саййидбурҳониддини Тирмизӣ ва Ҳусомиддини Чалабӣ, бавижа Шамсиддин Муҳаммади Табрезӣ, ки инқилоб ва таҳаввули амиқеро дар бунёди афкор ва андешаи ин орифи вораста ва хилватнишини ҷаҳони маъно ба вуҷуд овард. Агар «Маснавии маънавӣ» бо ташвиқу поймардӣ ва шабзиндадориҳои Ҳусомиддини Чалабӣ ба итмом расида бошад, «Куллиёти ғазалиёт» ё «Девони Шамс» ба ёди сӯзу гудоз ва ишқу фироқи Шамси Табрезӣ суруда шуда, ҳамчун «Маснавии маънавӣ» зинатбахши адабиёти мондагори ҷаҳон шудааст.

Бо вуҷуди кӯшиш ва таҳқиқи донишмандон перомуни зиндагӣ, осор, ёрон ва муосирони Мавлоно, бавижа Шамс то ҳанӯз як кӯшиш ва таҳқиқи ҷиддӣ перомуни афкор ва шахсияти воқиъӣ ва мактаби Шамс сурат нагирифта, баъзан муҳаққиқон ба иғмоз ва зарофатҳои лафзию адабӣ аз канори ҷараёни афкор ва симои воқиъию эътиқодии Шамс туфра рафтаанд.

Бар асоси асноду мадорики муътабари он давра, ба мисли «Таърихи Ҷувайнӣ», «Зубдату-т-таворих», «Тазкираи Давлатшоҳ», «Сафарнома»-и Низории Қаҳистонӣ... ва таҳқиқоти ахири донишмандон, ба мисли Ҳоҷсин, Бернард Луис, Бертелс, Иванов, Фарҳод Дафтарӣ, Зарринкӯб, Атоуллоҳ Тадайюн, Семёнов..., ки мавод ва иттилооти судманду ҷолибро дар боби таърих ва ақоиди ботиниёни Аламут ва ҷараёни эътиқодии Шамс ироа медиҳанд, хониши ин осор холӣ аз фоида нахоҳад буд.

Роҷеъ ба тариқату афкор ва мақолоти Шамс ва таъсираш бар осор ва афкори Мавлоно гуфтаниҳо зиёд аст, ки ниёз ба баҳс ва замони дигар дорад. Асари таҳқиқӣ ва пурмуҳтавои устод Фурӯзонфар ба хеле аз суолҳо ва ногуфтаниҳо посух хоҳад дод.

Инак тибқи тазаккури қаблӣ таваҷҷуҳи хонандагон

ва донишмандони арҷмандро ба ин асари пурмуҳтавои устоди зиндаёд Фурӯзонфар ва соири корҳои мондагораш дар ин замина ҷалб менамоем. Бошад, то хонандагон бо симои илмӣ ва осори таҳқиқии ҳазрати устод дар заминаи мавлоношиносӣ ошно шаванд ва ёди ин фарзонамарди Хуросони бузургро гиромӣ бидоранд.

Устод Фурӯзонфарро дар ҳақиқат ба унвони яке аз донишмандони пуркор ва аз пешкисватони мавлоношиносӣ дар ҷаҳон бояд эътироф намуд, донишманде, ки бештар аз панҷоҳ баҳори умри пурбаракаташро ба таври ҷиддӣ ва комил сарфи таҳқиқ ва таълиф дар бораи зиндагӣ ва осори Мавлоно намудааст ва бо табъу нашри аксари осори Мавлоно аз нигоҳи илмӣ ва интиқодӣ бо шарҳу тавзеҳоти дақиқ ва олимона хидмати арзанда ва шоистаеро барои мавлоношиносони ҷаҳон ва фарҳангу маорифи исломӣ анҷом додааст. Осори чопшуда ва таҳқиқоти устод Фурӯзонфар дар бораи Мавлоно то имрӯз мавриди таваҷҷуҳ, таҳқиқ ва истифодаи донишмандони дохилу хориҷ будаву сазовори баҳои шоиста гардидааст. «Макотиби Мавлоно», «Фиҳи мо фиҳ», «Мақолоти Шамс», «Куллиёти ғазалиёт» ё «Девони Шамс» дар даҳ ҷилд, «Оёт ва аҳодиси Маснавӣ» дар се ҷилд, шарҳи се дафтари «Маснавӣ», китоби ҳозир ва даҳҳо мақолаи судманду хонданӣ дар бораи Мавлоно, ки бо хома ва кӯшиши устод Фурӯзонфар ба нашр расида ва номи некашро ба унвони яке аз мавлоношиносони варзидаи ҷаҳон сабти таърих намудааст. Гарчанд роҷеъ ба Мавлоно ва таҳлилу таҳқиқи осораш донишмандони исломӣ ва ҷаҳон то имрӯз кору кӯшиш намуда ва осореро ба нашр расонидаанд, лекин таҳқиқот ва пажӯҳишҳои устод Фурӯзонфар арзиш ва вижагиҳои хосси худро дорад. Сабку шеваи кор ва нигоҳи жарфу тезбини илмии таҳлилӣ ва интиқодияш ба маохиз ва манобиъи куҳан ва тазкираҳо, тасаллут ва иҳотаи комил ба фарҳанг ва маорифи исломӣ, диққат,

ҷуръат ва бозгӯ намудани иштибоҳоти тазкиранигорону нависандагон ва амонатдорию ёдоварӣ аз фикру осори дигарон  аз вижагиҳои шеваи таҳқиқии илмӣ ва мантиқии ин устоди донову тавоност, ки ин равиш дар камтар осори муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон дида мешавад. Ин ҷониб ба нисбати алоқае, ки ба осору афкори Мавлоно дорам, аксари таълифоти донишмандони кишварҳои форсизабон ва тарҷумаи осори донишмандони хориҷӣ дар ихтиёр ва дастрасам қарор дошт.

Бино ба вижагиҳои зикршуда, махсусан ин асари камҳаҷму пурмуҳтаво ва хондании ҳазрати устодро ба чоп интихоб намудам, ки хонандагон худ ба донишу тавонмадӣ ва сабки олию илмии ин устоди тавоно дар ин асар пай хоҳанд бурд ва аз зовияҳои мухталиф ба осор, рӯзгор, ёрон, муосирон, таҳлилу тафсири  ашъору афкори Мавлоно, маохиз ва  манобиъи муътабару даставвал, бавижа дар вараҳақиҳо ошно хоҳанд шуд.

Роҷеъ ба Мавлоно, осор ва рӯзгораш тазкиранигорон ва муҳаққиқон то имрӯз бар пояи маохиз ва манобиъи куҳан ва тазкираҳо осореро таълиф намудаанд, аксаран иштибоҳот, ривоёти шифоҳӣ ва афсонаҳо, ки ба осори пешиниён роҳ ёфта буд, ояндагон бидуни таҳқиқ, баррасӣ ва таҳлил ҳамон ривоёт ва иштибоҳоти гузаштагонро бо андак тафовут ва бо шоху барги бисёр такрор намудаанд, ки ин гуна иштибоҳоту   такрори ривоёт роҳи таҳқиқ ва баррасиҳои олимонаро барои пажӯҳишгарону наслҳои баъд печидаву душвор намуд. Устод Фурӯзонфар аз ҷумлаи донишмандонест, ки бори аввал бо ҷустуҷӯ ва таҳқиқи жарф  ба маохиз ва манобиъи куҳан ва тазкираҳои пешиниён, бавижа «Маснавии Валадӣ»-и Султонвалад фарзанди Мавлоно, «Рисолаи Сипаҳсолор» «Маноқиби Афлокӣ» «Нафаҳоту-л-унс», «Мақолоти Шамс» ва бар пояи осор ва таълифоти худи Мавлоно,  давовини шуаро  ва дигар осори замони Мавлоно,ки андак баъдтар нигошта

ва донишмандони арҷмандро ба ин асари пурмуҳтавои устоди зиндаёд Фурӯзонфар ва соири корҳои мондагораш дар ин замина ҷалб менамоем. Бошад, то хонандагон бо симои илмӣ ва осори таҳқиқии ҳазрати устод дар заминаи мавлоношиносӣ ошно шаванд ва ёди ин фарзонамарди Хуросони бузургро гиромӣ бидоранд.

Устод Фурӯзонфарро дар ҳақиқат ба унвони яке аз донишмандони пуркор ва аз пешкисватони мавлоношиносӣ дар ҷаҳон бояд эътироф намуд, донишманде, ки бештар аз панҷоҳ баҳори умри пурбаракаташро ба таври ҷиддӣ ва комил  сарфи таҳқиқ ва таълиф дар бораи зиндагӣ ва осори Мавлоно намудааст ва бо табъу нашри аксари осори Мавлоно аз нигоҳи илмӣ ва интиқодӣ бо шарҳу тавзеҳоти дақиқ ва олимона хидмати арзанда ва шоистаеро барои мавлоношиносони ҷаҳон ва фарҳангу маорифи исломӣ анҷом додааст. Осори чопшуда ва таҳқиқоти устод Фурӯзонфар дар бораи Мавлоно то имрӯз мавриди таваҷҷуҳ, таҳқиқ ва истифодаи донишмандони дохилу хориҷ будаву сазовори баҳои шоиста гардидааст. «Макотиби Мавлоно», «Фиҳи мо фиҳ», «Мақолоти Шамс», «Куллиёти ғазалиёт» ё «Девони  Шамс» дар даҳ ҷилд, «Оёт ва аҳодиси Маснавӣ» дар се ҷилд, шарҳи се дафтари «Маснавӣ», китоби ҳозир ва даҳҳо мақолаи судманду хонданӣ дар бораи Мавлоно, ки бо хома ва кӯшиши устод Фурӯзонфар ба нашр расида ва номи некашро ба унвони яке аз мавлоношиносони варзидаи ҷаҳон сабти таърих намудааст. Гарчанд роҷеъ ба Мавлоно ва таҳлилу таҳқиқи осораш донишмандони исломӣ ва ҷаҳон то имрӯз кору кӯшиш намуда ва осореро ба нашр расонидаанд, лекин таҳқиқот ва пажӯҳишҳои устод Фурӯзонфар арзиш ва вижагиҳои хосси худро дорад. Сабку шеваи кор ва нигоҳи жарфу тезбини илмии таҳлилӣ ва интиқодияш ба маохиз ва манобиъи куҳан ва тазкираҳо, тасаллут ва иҳотаи комил ба фарҳанг ва маорифи исломӣ, диққат,

ҷуръат ва бозгӯ намудани иштибоҳоти тазкиранигорону нависандагон ва амонатдорию ёдоварӣ аз фикру осори дигарон аз вижагиҳои шеваи таҳқиқии илмӣ ва мантиқии ин устоди донову тавоност, ки ин равиш дар камтар осори муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон дида мешавад. Ин ҷониб ба нисбати алоқае, ки ба осору афкори Мавлоно дорам, аксари таълифоти донишмандони кишварҳои форсизабон ва тарҷумаи осори донишмандони хориҷӣ дар ихтиёр ва дастрасам қарор дошт.

Бино ба вижагиҳои зикршуда, махсусан ин асари камҳаҷму пурмуҳтаво ва хондании ҳазрати устодро ба чоп интихоб намудам, ки хонандагон худ ба донишу тавонмадӣ ва сабки олию илмии ин устоди тавоно дар ин асар пай хоҳанд бурд ва аз зовияҳои мухталиф ба осор, рӯзгор, ёрон, муосирон, таҳлилу тафсири ашъору афкори Мавлоно, маохиз ва манобиъи муътабару даставвал, бавижа дар поварақиҳо ошно хоҳанд шуд.

Роҷеъ ба Мавлоно, осор ва рӯзгораш тазкиранигорон ва муҳаққиқон то имрӯз бар пояи маохиз ва манобиъи куҳан ва тазкираҳо осореро таълиф намудаанд, аксаран иштибоҳот, ривоёти шифоҳӣ ва афсонаҳо, ки ба осори пешиниён роҳ ёфта буд, ояндагон бидуни таҳқиқ, баррасӣ ва таҳлил ҳамон ривоёт ва иштибоҳоти гузаштагонро бо андак тафовут ва бо шоху барги бисёр такрор намудаанд, ки ин гуна иштибоҳоту такрори ривоёт роҳи таҳқиқ ва баррасиҳои олимонаро барои пажӯҳишгарону наслҳои баъд печидаву душвор намуд. Устод Фурӯзонфар аз ҷумлаи донишмандонест, ки бори аввал бо ҷустуҷӯ ва таҳқиқи жарф ба маохиз ва манобиъи куҳан ва тазкираҳои пешиниён, бавижа «Маснавии Валадӣ»-и Султонвалад фарзанди Мавлоно, «Рисолаи Сипаҳсолор» «Маноқиби Афлокӣ» «Нафаҳоту-л-унс», «Мақолоти Шамс» ва бар пояи осор ва таълифоти худи Мавлоно, давовини шуаро ва дигар осори замони Мавлоно,ки андак баъдтар нигошта

шуда, ниҳоят кӯшиш намуда, ки симои воқиъӣ ва ирфонии Мавлоноро аз ғубори афсонаву асотир берун кашида, тасвири равшане аз зиндагӣ ва осору рӯзгору ёроншро бо мизони дониш ва хирад пешкаши донишмандон ва хонандагон намояд. Донишмандони ҷаҳон, бавижа кишварҳои форсизабон аз ин асар ва соири осори устод истифодаи фаровон намудаанд ва баъзе мутаассифона ёде ҳам накардаанд, ки ин гуна сирқати адабӣ дур аз оини амонатдорӣ ва илми таҳқиқ аст. Ин асар бо он ки 75 сол қабл ба нашр расида ва то ҳол чандин бор таҷдиди чоп шуда, то имрӯз арзишу барҷастагиҳо ва навовариҳои илмӣ ва таҳқиқии хешро ҳифз намудааст. Бо вуҷуди камҳаҷмӣ ва фишурдагияш яке аз беҳтарин таҳқиқот перомуни зиндагӣ, осору рӯзгори Мавлоност. Зимни он ки хондани ин асари барҷаста ва омӯзандаро ба ҳамзабонони азизи тоҷик тавсияву пешкаш менамоем, ҳамчунин барои суҳулати фаҳмиши баъзе хонандагон аксари солшумориҳои ҳиҷрии қамариро ба милодӣ табдил намудем...

Дар хотима вазифаи ахлоқии хеш медонам аз дӯсти адибу суханшинос ҷаноби Мубашшир Акбарзод, ки бо диққат ва ҳавсаламандии тамом ин матнро тасҳеҳ намуданд, ҳамчунин аз устод Аскар Ҳаким ва устод Мӯсо Диноршоев, ки баъд аз хониши ин матн бо роҳнамоӣ ва тазаккуроти олимонаашон моро мамнун сохтанд, самимона ташаккур ва сипосгузорӣ намоям. Ҳамин тавр аз дӯстон ва ҳамкорони азизам Иззатулло Мирзоев ва Баҳриддин Мирзоев барои ҳуруфчинӣ ва баргардонии ин матн самимона ташаккур ва қадрдонӣ мекунам.

***Ҷаъфар РАНҶБАР***

**Баҳори 2007**

# МУҚАДИМА

Дар бораи аҳвол ва осори Мавлои Рум машҳур ба Мавлавӣ, ки ағлаб тазкиранависон номи ӯро Муҳаммад ва лақаби ӯро Ҷалолуддин навиштаанд, дафтар ва китобҳои фаровоне дар сар то сари дунё ба забонҳои гуногун мунташир шудааст. Дар ин миён китоби ҳозир аз Бадеъуззамони Фурӯзонфар, китоби «Мактаби Шамс» аз Алии Даштӣ ва китоби «Сирри най» аз Абдулҳусайни Зарринкӯб ҷойгоҳи вижаеро доро мебошанд. Устод Фурӯзонфар дар ин китоб барои нахустин бор бо баррасии марочиъи гуногун ба шарҳи комили зиндагии Мавлоно ва осори ӯ пардохтааст, ба тавре ки хулосаи ҳамин китоб дар чанд сафҳа ба унвони муқаддима нахуст дар девони комили Шамси Табрезӣ ва сипас дар китоби «Маснавии маънавӣ», ки ҳар ду ба ҳиммати М. Дарвеш мунташир гардидаанд, омадааст. Дидгоҳҳои Мавлоно низ дар саросари ҷаҳон мавриди баҳс будааст ва мавлоношиносон андеша ва шинохти худро дар ин бора ба забонҳои гуногун мунташир намудаанд ва ин падида то он ҷо пеш рафтааст, ки акнун дар гӯшаву канори дунё дидгоҳҳои Мавлоно ба сурати мактабе дар ҷаҳонбинӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаву кам-кам ҷанбаи академик низ касб мекунад.

Пажӯҳиш дар бораи осори Мавлоно ҳанӯз дар мароҳили бисёр муқаддимотии худ қарор дорад ва таҳқиқоту ҷустуҷӯҳо на танҳо дар зиндагиномаҳои ӯ ва Шамси Табрезӣ зиёд аст, балки ҷаҳонбинии Мавлоно ва дидгоҳҳои фалсафӣ ва решаҳои андешаҳои вай дар буъдҳои замонию маконӣ чи дар Балху Самарқанд ва чи дар даврони муҳоҷираташ ба Қуния ба хубӣ пажӯҳиш ва ошкор нагардидааст.

Агар дар ин муқаддима хоста бошем ишораҳое ба решаи ирфони Мавлоно бикунем, ночорем ба омӯзишҳои Монӣ, омехта ба бозмондаҳои ҷаҳонбинии меҳрӣ ва ё митроӣ, ки садаҳо дар осиёи миёна густарда буд, ишора кунем, Монӣ бо истифода аз дугонагароии Зардушт ҷаҳони физикӣ ва метофизикиро месозад. Нур дар фалсафаи ӯ асолати худоӣ дорад ва ҷисм решаи аҳриманӣ. Дар инсон нур дар асорати тан аст ва инсон фақат бо роҳнамо ва бо дурӣ аз гуноҳон ва эҳтиром ба таби-

ату инсон метавонад нури худоиро, ки дар назди ӯ ба амонат гузоштаанд, покиза нигоҳ дорад, то ҳангоми марг ин нур битавонад танро тарк кардаву ба арши худоӣ бипайвандад ва растагор шавад. Китобҳои «Маснавӣ» ва «Девони Шамс»-и Мавлоно саршор аз мисолҳо ва достонҳои рамзие ҳастанд, ки ин дидгоҳро собит намоянд. Дар «Маснавӣ», агар шикояти най рамзи рӯҳи орифи вораста ва аз худ холигаштаеро ҳам тасвир кунад, дар ниҳоят ишора ба ҳамон дугонагароӣ мебошад. Агар Мавлоно дунёро ба ҳамон ташбеҳ мекунад, ин нуктаро ёдоварӣ мекунад, ки дунё дар сари роҳи охират ҷуз манзили тарк карданӣ нест ва фақат онҳое, ки хостори покӣ ва ҷӯёи раҳоӣ аз гарду ғубори олудагиҳои моддӣ ҳастанд, аз ин гузаргоҳ баҳраи воқиъӣ меёбанд. Бад-ин гуна Мавлоно дар осори худ бо намунаҳои фаровон чи дар «Маснавӣ» ва чи «Девони Кабир» равиши фано шудан дар ҳақро меомӯзонад, ки дар ниҳоят ҳамон нури худоӣ, ки дар инсон ба вадиъаи «зиндонӣ» гузошта шудааст, мебошад, ки бояд ба арши худоӣ бипайвандад. Зиндагии Мавлоно бо дидгоҳ ва ҷаҳонбинияш мутобиқат дорад. Ӯ низ монанди наест, ки аз найистон бурида шудааст. Аз Балху Самарқанд чу қанд дур афтодааст. Ҳамин дидгоҳро борҳо аз ҷумла дар ғазали маъруф аз даҳони рубоб мунъакис мекунад ва нишон медиҳад, ки сар то пой фарёди рубоб барои ин аст, ки ҷузв-ҷузви он аз асл ба дур мондаанд.

Бузургӣ ва арзиши кору шеъри Мавлоно бавижа дар «Маснавӣ», ки нотамом монд, дар тамомияти он аст ва Мавлоно кӯшиш кардааст, ки бо андеша ва забони даврони хеш оинаи тамомнамои боварҳои сарзамини аҷдодии худ бошад.

Агар ин китоб имрӯза ба хаттӣ кирилик дар дастраси шумост, фақат ба хотири кӯшишҳои бедареғи огои Ранҷбару ҳамкоронаш ва бунёди фарҳанги **«Довар Ибтиҳоҷ»** бо сарпарастии хонуми доктор **Озар Ибтиҳоҷ** мебошад, ки вуҷудашон барои пешбурд ва эътилои фарҳанг ғанимат ва бисёр гаронбаҳо мебошад.

**Масъуди МИРШОҲӢ —**
**узви Академияи илмҳои ҶумҳурииТоҷикистон**
**ва Раиси Анҷумани Рӯдакӣ дар Порис.**
**07. 05. 2007.**

# Фасли аввал

# Оғози умр

## Исм ва алқоб

Номи ӯ ба иттифоқи тазкиранависон[1] Муҳаммад ва лақаби ӯ Ҷалолиддин аст ва ҳама муаррихон ӯро бадин ному лақаб шинохтаанд ва ӯро ҷуз Ҷалолиддин ба лақаби Худовандгор низ мехондаанд[2]. «Ва хитоби лафзи Худовандгор гуфтаи Баҳоувалад аст» ва дар баъзе аз шуруҳи[3] Маснавӣ ҳам аз вай ба Мавлоно Худовандгор таъбир мешавад ва Аҳмади Афлокӣ дар ривояте аз Баҳоувалад нақл мекунад, «ки Худовандгори ман аз насли бузург аст» ва итлоқи Худовандгор ба ақидаи улуҳияти башар, ки ин даста аз сӯфия мӯътақиданд ва салтанату

---

[1] Руҷӯъ шавад ба Тазкираи Давлатшоҳ табъи Лидан (сафҳаи 192) ва «Нафаҳоту-л-унс»-и Ҷомӣ ва тазкираи «Ҳафт иқлим» ва «Оташкада» дар зикри риҷоли Балх ва «Маҷолиса-л-мӯъминин», табъи Эрон (сафҳаи 290) ва «Равзота-л-ҷаннот», табъи Эрон, ҷилди чаҳорум (сафҳаи 198) ва тазкираи «Риёза-л-орифин» табъи Эрон (сафҳаи 57) ва аз кутуби таворих ба «Таърихи гузида», чопи аксӣ (сафҳаи 791), «ал-Ҷавоҳира-л-музиа фӣ табақота-л-ҳанафия», табъи Ҳайдаробод, ҷилди дувум (сафҳаи 123) ва низ «Риҳла Ибн Батута» табъи Миср, ҷилди аввал (сафҳаи 187) ва «Кашфа-з-зунун», табъи Исломбул, ҷилди дувум (сафҳаи 376).

[2] Ин иборат аз «Маноқиб»-и Шамсуддин Аҳмади Афлокӣ нақл шуда ва дар ин таълиф ҳар ҷо иборате байна-л-ҳилолайн мазкур афтад, ҳар гоҳ номи асл манқул анҳу бурда нашавад, аз ҳамин китоб хоҳад буд.

[3] Мақсуд «Китоба-л-манҳаҷи-л-қавӣ ли туллоби-л-маснавӣ» таълифи Юсуф ибни Аҳмад Мавлавӣ мебошад, ки дафотири шашгонаи Маснавиро ба арабӣ шарҳ карда ва бисёре аз ҳақоиқи тасаввуфро ба муносибат дар зайли абёти Маснавӣ оварда ва он шарҳе латифу муставфист, ки дар фавосили санаи 1222-1230 (1808-1815 м.) таълиф шуда ва ба соли (1289 / 1872 м.) дар шаш муҷаллад дар Миср ба табъ расидааст.

ҳукумати зоҳирӣ ва ботинии ақтоб нисбат ба муридони худ дар эътиқоди ҳамаи сӯфиён таносуби тамом дорад, чунонки назар ба ҳамин ақида баъзе ақтоб (баъд аз аҳди муғул) ба охиру аввали исми худ лафзи «шоҳ»[1] изофа кардаанд.

Лақаби Мавлавӣ, ки аз дер замон дар миёни сӯфия ва дигарон бад-ин устоди ҳақиқатбин ихтисос дорад, дар замони[2] худи вай ва ҳатто дар урфи тазкиранависони қарни нуҳум шуҳрат надошта ва ҷузви ановину лақабҳои хосси ӯ намебошад ва зоҳиран ин лақаб аз рӯи унвони дигар, яъне (Мавлонои Рум) гирифта шуда бошад.

Дар муншаоти[3] қарни шашум алқобро (ба муносибати зикри ҷаноб ва амсоли он пеш аз онҳо) бо «ё»-й нисбат истеъмол кардаанд, мисли ҷаноби Авҳадии Фозили Аҷалӣ ва тавонад буд, ки итлоқи Мавлавӣ ҳам аз ин қабил буда ва батадриҷ бад-ин сурат, яъне бо ҳазфи мавсуф ба Мавлонои Рум ихтисос ёфта бошад ва муаййиди ин эҳтимол он аст, ки дар «Нафаҳоту-л-унс» ин лақаб бад-ин сурат (хидмат Мавлавӣ) ба каррот дар тайи

[1]Монанди Шоҳ Неъматулло? ва Шоҳ Доъӣ ё Нуралишоҳ ва Кавсар Алишоҳ ва калимаи «шоҳ» баъд аз қарни ҳафтум ҷонишини калимаи «шайх» дар аҳдҳои нахустин шуда ва зоҳиран аввалин бор калимаи шоҳ дар аввали номи Неъматулло? Валӣ сари силсилаи дарвешони Неъматуллоҳия ба кор рафта бошад.

[2] Чунонки дар «Валаднома» ва «Маноқибу-л-орифин» ҳеч ғоҳ калимаи «Мавлавӣ» дар киноят аз Мавлоно Ҷалолиддин наёмада ва ҳамеша дар мақоми таъбири лафзи мавлоно истеъмол шуда, ҳатто дар Нафаҳотулунс ва тазкираи Давлатшоҳ дар унвони тарҷумаи лафзи «Мавлавӣ» дида намешавад ва танҳо ҳамон калимаи «Мавлоно» мустаъмал аст ва қадимтарин мавзиъе, ки унвони мавлавиро дар он дидаам: Ҷони маънӣ, Қосим, ар хоҳӣ, бихон

«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ.

Ин байти Шоҳ Қосими Анвор (мутавафии 830/ 1427м.) аст:

[3] Монанди «Утбату-л-катиба» аз иншои бадеъи Ҷувайнӣ, китоби Султон Санҷар ва «Ат-тавассул ило-т-тарсил» , ки маҷмӯаи расоили Шарафуддини Бағдод дабири Тикиши Хоразмшоҳ мебошад.

тарҷумаи ҳоли ӯ ба кор рафта ва дар унвони тарҷумаи ҳоли вай на дар ин китоб ва на дар манобиъи қадимтар, монанди «Таърихи гузида» ва «Маноқибу-л-орифин», калимаи «Мавлавӣ» наёмадааст.

Лекин шуҳрати Мавлавӣ ба Мавлонои Рум мусаллам аст ва басароҳат аз гуфтаи Ҳамдуллоҳи Муставфӣ[1] ва фаҳвои итлоқоти тазкиранависон мустафод мегардад ва дар «Маноқибу-л-орифин» ҳар куҷо лафзи Мавлоно зикр мешавад, мурод ҳамон Ҷалолиддин Муҳаммад аст.

Аҳмади Афлокӣ дар унвони ӯ лафзи «Сируллоҳу-л-аъзам» оварда, вале дар зимни китоб ба ҳеч ваҷҳ бад-ин ишора накарда ва дар зимни кутуби дигар ҳам дида намешавад.

Яке аз дӯстони донишманди[2] муаллиф ақида дорад, ки тахаллуси Мавлавӣ, «Хомӯш»[3] буда, зеро дар хотимаи аксар газалҳо ин калимаро ба тариқи ишорат ва талмеҳ гунҷонидааст.

---

[1] «Таърихи гузида», чопи аксӣ, сафҳаи 791.

[2] Мақсуд Оқои Улфати Исфаҳонист, ки аз афозили асранд ва солҳо дар тариқи тасаввуф қадам задаанд.

[3] Калимаи «Хомӯш» дар авохири газалиёти Мавлоно гоҳ ба ҳамин сурат ва гоҳ ба сурати хамш кун истеъмол шуда ва дар мақотиъи баъзе ғазалиёт лафзи бас кун , ки боз муфиди ҳамон маънист, дида меёяд, чунон ки агар иҳсо кунанд, шояд дар мақтаъи аксари газалҳо калимаи «хомӯш» басароҳат ё киноят ба кор рафта бошад ва инак барои тавзиҳ абёти зайл навишта мешавад:

Ҳала, хомӯш, ки Шамсулҳақи Табрез аз ин май
Ҳамагонро бичашонад, бичашонад, бичашонад.
Ҳала, ман хамӯш гаштам, ту хамӯш гард боре,
Ки сухан чу оташ омад бимадеҳамони оташ.
Хамӯшӣ ҷӯю пур гуфтан раҳо кун ,
Ки ман гуфторро обод кардам.
Хамуш кардам зи ҷони Шамси Табрез,
Дигар ҷӯёи он паймона гаштам.
Бас кун ин нутқи хирад ҷунбиши тифлона бувад,
Орифи комилшударо сабҳаи уббод мадеҳ.

## Мавлид ва насаб

Мавлиди Мавлоно шаҳри Балх ва валодаташ[1] дар шашуми рабиъулаввали санаи 204 ҳиҷрии қамарӣ(820 м.) иттифоқ афтод ва иллати шуҳрати ӯ ба Румӣ, Мавлонои Рум ҳамон тӯли иқомати вай дар шаҳри Қуния, ки иқоматгоҳи аксари умр ва мадфани ӯст, буда, чунонки худи вай низ ҳамвора хешро аз мардуми[2] Хуросон шумурда ва аҳли шаҳри худро дӯст медошта ва аз ёди онон фориғдил набудааст. Нисбаташ ба гуфтаи баъзе[3]

---

[1] «Маноқиби Афлокӣ» ва «Нафаҳоту-л-унс»-и Ҷомӣ.

[2]Афлокӣ накл мекунад, ки Мавлоно фармуд, ки Ҳақ таъоло дар ҳаққи аҳли Рум инояти азим дошт. Аммо мардуми ин мулк, аз олами ишқи Моликулмулк ва завқи дарун қавӣ бехабар буданд, Мусаббибу-л-асбоб азза шаънуҳу сабабе сохт то моро аз мулки Хуросон ба вилояти Рум кашида ва аъқоби моро дар ин хоки пок маъво дод, то аз иксири ладунии худ бар вуҷуди эшон нисорҳо кунем, то ба куллӣ кимиё шаванд.

Аз Хуросонам кашидӣ то бари юнониён,
То баромезам бад-эшон, то кунам хушмазҳабӣ.

Ва дар «Фиҳи мо фиҳ», ки тақрироти Мавлоност, омада, ки (дар вилоят ва қавми мо аз шоирӣ тангтар коре набуд, аммо агар дар он вилоят мемондем, мувофиқи табъи эшон мезистем ва он меварзидем, ки эшон хостандӣ). Руҷӯъ кунед ба «Фиҳи мо фиҳ» табъи Теҳрон (сафҳаи 104). Ва низ Афлокӣ ривоят мекунад, ки (Амир Тоҷуддин ал-Хуросонӣ аз хавоси муридони ҳазрат буд ва амири муътабар ва марде соҳибхайрот чи дар мамолики Рум мадорису хонақоҳ ва дорушшифову руботҳо бунёд кардааст ва Мавлоно ӯро аз ҷамиъи умаро дӯсттар медоштӣ ва бад-ӯ ҳамшаҳрӣ хитоб мекардӣ).

[1] Ҷомӣ дар «Нафаҳоту-л-унс» ва низ Султонвалад дар «Маснавӣ» гӯяд:

Лақабаш буд Баҳоудини Валад,
Ошиқонаш гузашта аз ҳаду ад.
Асли ӯ дар насаб Абӯбакрӣ,
З-он чу Сиддиқ дошту садрӣ.

Насаби ӯро муаллифи «ал-Ҷавоҳира-л-музиа» бад-ин тариқ ба Абӯбакр мерасонад. Муҳаммад (яъне Мавлоно) ибни Муҳаммад (Султонулуламо Баҳовалад ) ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмад ибни Қосим ибни Мусайяб ибни Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абибакр ас-Сидиқ ибни Абиқаҳҳофа (Ал-ҷавоҳиру-л-музиа, табъи Ҳайдаробод, ҷилди дувум, сафҳаи 123-124) ва дар маҷмӯаи мақолоте, ки оқои Козимзода ҷамъ кардаанд, насаби падари ӯ чунин аст: Султонулуламо Муҳаммад Баҳоуддинвалад ибни Шайх Ҳусайн ал-Хатибӣ ибни Аҳмад ал-Хатибӣ ибни Маҳмуд ибни Мудуд ибни Собит ибни Мусайяб ибни Мутаҳҳар ибни Ҳаммод ибни Абдурраҳмон ибни Абибакри Сиддиқ.

аз ҷониби падар ба Абӯбакри Сиддиқ мепайвандад ва ин, ки Мавлоно дар ҳаққи фарзанди маънавии худ Ҳисомуддини Чалабӣ гӯяд[1] : «Сиддиқ ибну-с-Сиддиқ, разия-л-Лоҳу анҳу ва анҳуму, ал-урмавию-л-асл, ал-мунтасаб ило-ш-шайхи-л-мукаррам би мо қола амсайту курдийян ё ва асбаҳту арабийян» далели ин ақида тавон гирифт, чи мусаллам аст, ки Сиддиқ дар истилоҳи аҳли ислом лақаби Абӯбакр аст ва зайли он басароҳат мерасонад, ки нисбати Ҳисомуддин ба Абӯбакр биласола нест, балки аз ҷиҳати инҳилоли вуҷуди ӯст дар шахсияту вуҷуди Мавлавӣ, ки мураббию муршиди ӯ ва зодаи Абӯбакри Сиддиқ аст ва сарфи назар аз ин маънӣ ҳеч фоида бар зикри интисоби аслии Ҳисомуддин ба Урмия ва нисбати ӯ аз тариқи инҳилол ва қалби унсур ба шайхи мукаррам, яъне Абӯбакр мутараттиб намегардад.

## Баҳоуддин Валад

Падари Мавлоно Муҳаммад ибни[2] Ҳусайни Хатибист, ки ба Баҳоуддин Валад маъруф шуда ва ӯро Султону-л-уламо[3] лақаб додаанд ва падари ӯ Ҳусайн ибни

---

[1] Ин қисмат дар дебочаи дафтари аввали «Маснавӣ» аст.

[2] Ин қисмат дар ҳама тазкираҳо ва ривоёт ҳамчунин мазкур аст, илло дар тазкираи Давлатшоҳ, ки дар ному насаби Мавлоно гӯяд «ва ҳува Муҳаммад ибн ал-Ҳасан-ал-Балхӣ ал-Бакрӣ» ва он низ бе ҳеч шабаҳате аз рӯи мусомиҳа дар зикри номи ҷад ба ҷои номи падар, ки дар китоби қудамо бисёр аст ва тахрифи Ҳусайн ба Ҳасан дар китоб ё табъ бад-ин сурат даромадааст.

[3] Бино ба ривояти «Валаднома» ва ривояти Афлокӣ иддае аз муфтиён ва уламои он аҳд (дар ривояти Афлокӣ 300 тан) дар ҷавоб диданд, ки пайғамбар (с) Баҳоулваладро бад-ин лақаб ташриф дод.

Аҳмади[1] Хатибӣ ба ривояти Афлокӣ аз афозили рӯзгор ва алломаи замон буд чунон ки Разиюддини[2] Ни

---

[1]Фирдавсхотун духтари Шамсу-л-аимма Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абисаҳл ё Саҳли Сарахсист, ки аз акобири уламои ҳанафия ва аиммаи фуқаҳои қарни панҷум ва тасонифи ӯ монанди Усулу-л-имом ва «Шарҳи Ҷомиъу сағир» (таълифи Муҳаммад ибн ал-Ҳасан аш-Шайбонию-л-мутаваффои санаи 187/803м.) ва мабсут, ки дар Узҷанд вақте ки ба ҳабс афтода буд, таълиф кард, дар миёнаи фуқаҳо маъруфу машҳур аст. Ва модари Шамсу-л-аимма Холисахотун ном дошт ва духтари Абдуллоҳи Сарахсист, ки насаби ӯро бо имом Муҳаммадтақӣ (а) мерасонанд ва ҳамин аст маънии сухани Афлокӣ, ки аз Баҳоулвалад нақл мекунад «Худовандгори ман аз насли бузург аст ва подшоҳасл аст ва вилояти ӯ ба асолат аст, чи ҷаддаш духтари Шамсу-л-аиммаи Сарахсист. Ва гӯянд Шамсу-л-аимма марде шариф буд ва аз қибали модар ба амирулмӯъминин Алии Муртазо мерасид». Ва аз ривоёти Афлокӣ чунин бармеояд, ки Шамсу-л-аимма аз табақаи урафову сӯфиён буда, чи дар ривояте гӯяд «Ва ҳамчунин Шамсу-л-аимма чанд кутуби нафис дар ҳар фан тасниф кард, ки ҳеч олиме мисли он дар хоб надида буд. Бузургони он аср маслиҳат чунон дида буданд, ки китобҳоро ошкор накунанд, то ба дасти қитоли анбиё ва даҷҷолаи авлиё наяфтад ва фитна воқиъ нашавад», лекин нисбати тасаввуф ба Шамсу-л-аимма холӣ аз гаробат нест, бавижа кутуби ӯ маъруф ва мутақаддимони фуқаҳоро бар он эътимоди бисёр аст. Барои иттилоъ аз аҳволи Шамсу-л-аимма руҷӯъ шавад ба ал-Ҷавоҳиру-л-мазиа, табъи Ҳайдаробод, ҷилди дувум (сафҳаи 28-29).

[2]Разиюддини Нишопурӣ аз аҷалаи фуқаҳо ва уламои қарни шашум ба шумор аст ва ӯ илова бар маротиби илму дониш дорои завқе саршор ва табъе латиф буд ва ашъори нек месуруд ва бештар маҳорати ӯ дар қасидаву қитъа мебошад, қурби ду ҳазор байт аз ашъори ӯ дидаам, аксари қасоиди ӯ дар мадҳи оли Бурҳон аст, вафоташ дар санаи 598 /1202м. воқеъ гардид. Барои шарҳи ҳолаш руҷӯъ шавад ба ҷилди аввали «Лубобу-л-албоб», табъи Лидан (сафҳаи 219-228) ва ҳавошии Оқои Қазвинӣ бар ҳамон китоб (сафҳаи 347-348) ва ҷилди аввал аз «Маҷмаъу-л-фусаҳо», табъи Эрон (сафҳаи 231-233) ва китоби Шоҳиди Содиқ ва Мавлоно Ҷалолиддин ин байт Разиюддинро:

Гулӣ ё савсанӣ, ё сарв, ё моҳӣ, намедонам-,
Аз ин ошуфтаи бедил чӣ мехоҳӣ, намедонам.

Дар дафтари шашуми «Маснавӣ» мавзӯъи ҳикояте латиф қарор дода, ки оғозаш ин аст:

Аъҷамӣ, туркӣ саҳар огоҳ шуд
В-аз хумори хамр мутрибхоҳ шуд.

Руҷуъ кунед ба дафтари 6 «Маснавӣ» чопи Алоуддавла (сафҳаи 598) ва ҳикояти таламмузи Разиюддин дар маҳзари Ҳусайни Хатибӣ танҳо дар маноқиби Афлокӣ зикр шудааст.

шопурӣ дар маҳзари вай таламмуз мекард ва машҳур чунон аст, ки модари Баҳоуддин аз хонадони Хоразмшоҳиён буду вале маълум нест, ки ба кадом як аз салотини он хонадон интисоб дошт ва Аҳмади Афлокӣ духти

Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ амми Ҷалолиддин Хоразмшоҳ ва Ҷомӣ духтари Алоуддин Муҳаммад ибни Хоразмшоҳ ва Амин Аҳмади Розӣ вайро духти Алоуддин Муҳаммад амми Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ мепиндорад. Ва ин ақвол мавриди ишкол аст, чи он ки Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ падари Ҷалолиддин аст, на амми ӯ ва султон Тикиш ҷуз Алоуддин Муҳаммад подшоҳи маъруф (мутаваффоро 617 / 1220м.) фарзанди дигар бад-ин ном ва лақаб надошта ва низ ҷузви фарзандони Эларслон ибни Атсиз ҳеч кас ба лақаб ва номи Алоуддин Муҳаммад шинохта нагардида ва мусаллам аст, ки Баҳоуддин Валад ҳангоми вафот 85-сола буда ва вафоти ӯ ба ривояти Амин Аҳмади Розӣ дар санаи 628 /1231м. воқиъ гардида ва бинобар ин валодати ӯ мусодиф будааст бо соли 543 /1149м. Ва дар ин[1] таърих Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ ба вуҷуд наёмада ва падари ӯ Тикиши Хоразмшоҳ низ қадам дар олами ҳастӣ наниҳода буд.

Қатъи назар аз он ки васлати Муҳаммад Хоразмшоҳ бо Ҳусайни Хатибӣ, ки дар таърихи сӯфиён ва соири табақот ному нишоне надорад, ба ҳеч рӯй дуруст намеояд ва чун Ҷомӣ ва Амин Аҳмади Розӣ дар шарҳи ҳоли Мавлоно ба ривояти кароматомези дур аз ҳақиқати Афлокӣ иттико кардаанд. Пас, дар ҳақиқат ба назари манбаъи ҷадид ақволи ононро шоҳиди гуфтаи Афлокӣ

---

[1] Чи Тикиш Хоразмшоҳ ба соли 596 /1200м. даргузашта ва дар он таърих ба нақли муаллифи «Ҳабибу-с-сияр» 52-сола буда ва бад-ин ҷиҳат бояд валодати ӯ дар санаи 544 /1150м., яъне як сол пас аз таваллуди Баҳоувалад иттифоқ афтода бошад.

натавон гирифт, вале Давлатшоҳ ва муаллифи «Оташкада», ки бо манобиъи дигар сару кор доштаанд, аз нисбати Баҳоувалад ба хоразмшоҳиён ба ҳеч ваҷҳ сухан нарондаву ин қазияро ба сукут гузаронидаанд.

Пас, муқаррар гардид, ки интисоби Баҳоувалад ба Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ ба сиҳҳат мақрун нест ва агар асли қазия, яъне пайванди Ҳусайни Хатибӣ бо хоразмшоҳиён собиту мусаллам бошад ва ба қадри имкон дар ривоёти Афлокӣ ва дигарон ҷониби ҳусни занн муроот шавад, бояд гуфт, ки Ҳусайни Хатибӣ бо Қутбуддин Муҳаммад ибни Нӯштегин падари Атсиз (ал-мутаваффо санаи 521 /1127м. пайванд карда ва Ҷомию Афлокӣ ба ҷиҳати тавофуқи лақабу номи ӯ бо лақабу номи Алоуддин Муҳаммад ибни Тикиш, ки дар зиндагии падар Қутбиддин лақаб дошта, ба иштибоҳ афтодаанд ва бар ин фарз ишколи муҳимми мо дар такдими валодати Баҳовалад бар валодати ҷад ва падари модари худ муртафиъ хоҳад гардид.

Баҳоувалад аз акобири сӯфиён буд, хирқаи ӯ ба ривояти Афлокӣ ба Аҳмади Ғаззолӣ[1] мепайваст ва хешро ба амри маъруф ва наҳй аз мункар маъруф сохта ва иддаи бисёреро бо худ ҳамроҳ карда буд ва пайваста маҷлис мегуфт: «Ва ҳеч маҷлис набудӣ, ки аз сӯхтагон ҷонбозиҳо нашудӣ ва ҷаноза берун наёмадӣ ва ҳамеша нафйи мазҳаби ҳукамои[2] фалосифа ва гайра кардӣ ва ба мутобиъати соҳиби шариъат ва дини аҳмадӣ тарғиб

---

[1] Бино ба баъзе ривоёт Баҳовалад аз тарбиятёфтагони Наҷмуддини Куброст (ал-мақтул 618 /1222м.) ва силсилаи иродати ӯ ба сабаби Шайх Аммор Ёсир ва Абуннаҷиб Суҳравардӣ бо Аҳмад Ғаззолӣ пайваста мешавад. Лекин Афлокӣ миёни Баҳоувалад ва Аҳмади Ғаззолӣ Шамсу-л-аимма Сарахсӣ ва Аҳмад Хатибиро восита қарор дода ва ин ғалат аст.

[2] Дар нусхаи асл чунин буд ва зоҳиран бояд чунин бошад «ҳукамо ва фалосифа».

[3] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 193).

додӣ» ва хавосу авом бад-ӯ иқбол доштанд[3] «ва аҳли Балх ӯро азим муътақид буданд» ва охир иқболи халқ Хоразмшоҳро хоиф кард, то Баҳоваладро ба муҳоҷират маҷбур сохт.

## Муҳоҷирати Баҳоувалад аз Балх

Ба ривояти Аҳмади Афлокӣ ва бо иттифоқи тазкиранависон Баҳоувалад ба воситаи ранҷиши хотири Хоразмшоҳ дар Балх маҷоли қарор надид ва ночор ҳиҷрат ихтиёр кард ва гӯянд сабаби умда дар ваҳшати Хоразмшоҳ он буд, ки Баҳоувалад бар сари минбар ба ҳукамо ва фалосифа бад мегуфт ва ононро мубтадиъ мехонд ва бар Фахри Розӣ[1], ки устоди Хоразмшоҳ ва саромаду имоми ҳукамои аҳд буд, ин маонӣ гарон меомад ва Хоразмшоҳро ба душмании Баҳоувалад бармеангехт, то миёнаи ин ду асбоби ваҳшат қоим гашт ва Баҳовалад ба ҷалои ватан тан дардод ва савганд ёд кард, ки то Муҳаммад Хоразмшоҳ бар тахти ҷаҳонбонӣ нишастааст, ба шаҳри хеш бознагардад. Ва ҳангоме ки аз Балх азимат карданд, аз умри Мавлоно панҷ сол мегузашт.

Яқин аст, ки Муҳаммад Хоразмшоҳ бо силсилаи кубровия

---

[1] Фахриддин Муҳаммад ибни Умар ибн ал-Ҳусайн Алӣ ё ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳусайн ат-Таимӣ ал-Бакри-ар-Розӣ аз бузургони ҳукамо ва мутакаллимини ислом аст ва камтар китобе дар ҳикмат ё калом ва тафсиру риҷол таълиф шуда, ки аз зикри ӯ холӣ бошад. Насаби ӯ низ ба Абӯбакри Сиддиқ мекашад ва аз банӣ аъмоми Баҳоувалад аст.

Валодаташ дар соли 543 ё 544 /1149-1150м. ва вафоташ рӯзи душанбе, аввали шавволи санаи 606 /1210м. воқиъ гардид. Барои иттилоъ аз аҳволи ӯ руҷӯъ шавад ба «Таъриху-л-ҳукамо»-и Қифтӣ, табъи Миср (сафҳаи 190-192) ва Табақоту-л-атиббо, табъи Миср, ҷилди дувум (сафҳаи 23-30) ва Таърихи Ибни Халкон, табъи Эрон ҷилди дувум (сафҳаи 48-50) ва «Табақоту-ш-шофиъия», табъи Миср, ҷилди панҷум (сафҳаи 33-40) ва «Равзоту-л-ҷаннот», табъи Эрон, муҷаллади чаҳорум (сафҳаи 190-192).

бад буда ва аз он рӯй Маҷдуддини Багдодиро, ки аз бузургони ин тоифа ва аз хулафои Наҷмуддини Кубро маҳсуб аст, ба Ҷайҳун дарафканд ва ба нақли Ҳамдуллоҳи Муставфӣ[1] Мавлоно (ва зоҳиран падари Мавлоно) бад-ин силсила бастагӣ дошт ва ҷузви хулафои Наҷмиддин буд ва чун Мавлоно худ дар аҳди Наҷмиддин ва пеш аз муҳоҷирати падар тифле хурдсол буда, ночор бояд гуфт, ки ғарази Ҳамдуллоҳ падари Мавлоност ва иштибоҳ аз котиб аст ва агар ин даъво мусаллам гардад, сабаби мухолифати Хоразмшоҳ бо Баҳоувалад равшантар хоҳад буд.

Акнун бояд дид, ки хилофу кинаварзии Фахриддини Розӣ бо табақаи сӯфиён ва Баҳовалад асли таърихӣ дорад, ё ин ки фақат ба ҷиҳати хилофи сӯфия ва фалосифа дар иттико ба далели ақал бебунёд шумурдани он миёни Фахри Розӣ ва Баҳоувалад, ки ҳар як дар табақаи худ азамати ҳарчи тамомтар доштаанд, душманӣ фарз шудааст.

Фахриддини Розӣ дар хидмати Хоразмшоҳ гиромӣ ва муаззаз буд, чандон ки Хоразмшоҳ ба хонаи вай мерафт ва ба нақли Вассоф[2] ибтидо Султон Муҳаммад ба зуҳҳод ва гӯшанишинону мутасаввифа ақидаи росих дошт ва пайваста дар тарҷеҳи онон бар уламо бо Фахри Розӣ ҷидол мекард ва эътиқод дошт, ки чун ин тоифа дари хоҳиш бар нафси ҳавопараст баставу ба камтар вақт ва хашинтар ҷомае қаноат кардаанд, ба судури каромот ва ҳусули мақомот тахсис ёфтаанд ва Фахруддин ҳамвора ҷониби уламоро ба далели ақлу нақл

[1] «Таърихи гузида», чопи аксӣ (сафҳаи 789) ва ин матлабро Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ дар муқаддимаи «Ҷавоҳиру-л-асрор» ва Ҷомӣ дар «Нафаҳоту-л-унс» нақл кардаанд. Вале дар ривоёти Аҳмади Афлокӣ ва соири кутуби маноқиб нисбати вилояти Ӯро ба гайри ин тариқ навиштаанд.

[2] Руҷӯъ шавад ба «Таърихи Вассоф», (ҷилди дувум, шарҳи ҳоли Атобак Саъд ибни Абибакри Зангӣ).

тарҷеҳ медод, то ин ки Фахри Розӣ рӯзе аз харбандагони истабли хосса ду танро муқаррар фармуд, то либоси жанда дарпӯшиданд ва бар сари саҷҷодаи мураққаъ биншастанд ва фавҷе аз таломиза бар қоидаи муридон гирди он ду ҳалқа заданд ва Фахриддин Хоразмшоҳро биёвард, то аз ҳиммати онон мадад ҷӯяд ва ӯ бо тавозуъи тамом биншаст ва аз анфосашон мадад ҷуст ва салоти мавфур мабзул дошт. Ва чун Хоразмшоҳ берун омад, Фахруддин гуфт: Ин ду сӯфинамои саҷҷоданишин, ки имрӯз Хоразмшоҳ ба хидматашон табаррук меҷӯяд, дирӯз дар истабли хоса ҳамнафаси аспону астарон буданд ва имрӯз ҷомаи муркқаъ пӯшида, саҷоданишин гаштаанд, танҳо ба пӯшидани ҷомаи кабуд шоҳиди ҳақиқат рух нанамояд ва фазилати олим, ки шабонарӯз дар талаби илм таҳаммули шадоид мекунад, поймол нагардад. Султон эътироф кард ва боз бисоти муҷодалат нагустард. Ва низ муаллифи «Равзоту-л-ҷаннот»[1] аз китоби «Салму-с-самовот» нақл мекунад, ки миёни Фахруддини Розӣ ва Маҷдуддини Бағдодӣ кинаву душманӣ бағоят расида буд, то охируламр ба саъояти шогирдони ӯ султони мазбур Маҷдуддинро дар оби Ҷайҳун ғариқ сохт. Ва аз рӯи ин қароин метавон гуфт, ки Фахруддини Розӣ бо сӯфиён назари хубе надошта ва шояд бар тақаддуми онон дар Ҳазрати Хоразмшоҳ ҳасад мебурда ва ба васоили Шаттӣ дар тахриби бунёди ақидаи вай бад-ин синф муташаббис мешудааст ва бинобар ин саъояти вай дар ҳаққи Баҳовалад ҳам аз марҳалаи воқиъ ба дур нахоҳад буд.

Қатъи назар аз рақобати шахсӣ аз дер боз миёнаи фалосифа, ки василаи идроки ҳақоиқро танҳо далели ақл медонанд ва сӯфиён, ки ақлро маҳдуд ва пои истидлолиёнро[1]

[1] «Равзоту-л-ҷаннот», табъи Эрон, муҷаллади чаҳорум (сафҳаи 191).

[2] Ишора аст бад-ин байти Мавлоно Ҷалолиддин:

Пои истидлолиён чӯбин бувад,
Пои чӯбин сахт бетамкин бувад.

чӯбину бетамкин мешуморанд ва муътақиданд, ки ҷуз ба василаи сафои рӯҳ бар асари риёзот ва ҷазабаи илоҳӣ ба шуҳуди ҳақоиқ натавон расид, бисоти мунозиат чида шуда буд ва шуарои[1] мутасаввифи қарни шашум бо баёне ҳарчи сареҳтар тариқаи ҳукаморо никӯҳиш мекарданд ва ононро мубтадиъ ва аз ҷодаи савоб мунҳариф мешумурданд. Ва Баҳоуддин ҳам бар сирати аслоф (чунон ки аз «Манокибу-л-орифин» бармеояд) фалосифаро ба инҳироф аз савби савоб мазаммат мекард ва билмувоҷиҳа ба Фахруддин таъна мезад ва ҳам-ӯ дар зимни яке аз фусулу-л-маъориф мегӯяд: «Фахри Розӣ ва Зайни Кешӣ ва Хоразмшоҳро ва чандин мубтадиъи дигар буданд, гуфтам, ки шумо сад ҳазор дилҳои бороҳатро ва шукуфаву давлатҳоро раҳо кардаед ва дар ин ду-се торикӣ гурехтаед ва чандин муъҷизоту бароҳинро мондаед ва ба назди ду-се хайёл рафтаед, ин чандин рӯшноӣ он мадад нагирад, ки ин ду-се торикӣ оламро бар шумо торик дорад ва ин ғалаба аз баҳри он аст, ки нафс ғолиб аст ва шуморо бекор медорад ва саъй мекунад ба бадӣ».Ва ин фасл то ба охир ба таъну таъриз огандааст ва Мавлоно фарзанди Баҳоуддин дар мазҳаби фалосифа[2] таънаҳо карда ва дар ҳаққи Фахри Розӣ

---

[1]Монанди Саноӣ, Хоқонӣ ва Низомӣ.

[2] Чунон ки дар Маснавӣ гӯяд:

Фалсафиро захра не, то дам занад,
Дам занад, қаҳри ҳақаш барҳам занад.
Фалсафӣ к-ӯ мункири ҳаннона аст,
Аз ҳавоси авлиё бегона аст.
Муқрибе мехонад аз рӯи китоб,
Моъукум ғавро, зи чашма бандам об.
Обро дар ғаврҳо пинҳон кунам,
Чашмаҳоро хушку хушкистон кунам.
Обро дар чашма кӣ орад диғар
Ҷуз мани бемисли бофазлу хатар?
Фалсафии мунқатии мустаҳон
Мегузашт аз сӯи мактаб он замон.

мегӯяд:

Андар ин раҳ гар хирад раҳбин будӣ,
Фахри Розӣ роздори дин будӣ.

Ва аз ин муқаддамот ба хубӣ равшан аст, ки Фахри Розӣ ва Баҳовалад ҳар як дар ақида ва ривоҷи маслаки худ пойбарҷову соъӣ будаанд ва тасодуму хилофи онон ҳам табиъӣ ва зарурӣ буда ва ночор пайравон ва ҳавохоҳони эшон ба мухолифати якдигар бархоставу оташи фитнаро доман мезадаанд.

Маслаки тасаввуф аз қарни панҷум ба ин тараф азамати тамом ёфта ва дар байни авом ҳам мунташир шуда буд ва умарои номдор ва салотин ба маҷолиси машоихи тасаввуф мерафтанд ва дар корҳои муҳим васотати ононро бо камоли миннат мепазируфтанд.

Ақтобу машоих аз тарафе равиши худро ба дину мазҳаб наздик сохта ва суханону маҷолиси худро ба зикри Худо ва расул ва оёти Қуръон ва аҳодис ороста ва ҷанбаи авомписандӣ ба онҳо додаву забони таън ва таъризи мухолифонро баста буданд ва аз тарафи дигар дар мавқиъе, ки аксари уламои мазҳаб ва арбоби фиқҳу ҳадис олоиши моддӣ пайдо карда ва ба шугли қазо ва тадрис машғул буданд ва аксар вазоифи девонӣ доштанд ва ҳудуди шаръро аз боби риояти хотири девониён муҳмал ва муъаттал мегузоранд ва омма, ки ба завоҳири умур бештар фирефта мешаванд, аз уламо навмед шуда буданд, машоиху ақтоб ба тарки дунё ва иъроз аз умаро ва узлату инқитоъ завоҳири ҳоли худро меоростанд ва бархе[1] бо амри маъруф ва наҳйи мункар низ мепардохтанд ва дар ҳақиқат омма ононро мутасаддии иҷрои ҳудуд ва таълими фуруъ ва хавоси мукаммали рӯҳ ва мутаммими инсоният ва нардбони осмони

---

[1] Чунон ки Шайху-л-ислом Аҳмади Ҷом (441-536 / 1049-1142м.) маъруф ба Жандапил, руҷӯъ кунед ба Нафаҳоту-л-унс.

маърифат ва бархе ҳам ғояти эҷод ва мағзи олами вуҷуд мепиндоштанд ва рӯйҳамрафта бозори тасаввуф гармтарини бозорҳо шуда буд ва футӯҳи паёпай ба машоих мерасид ва сӯфиён дар ҳашмату неъмати айём ба сар мебурданд.

Лекин фалосифа ба ҷиҳати бартарии таълимоти фалсафӣ аз уфуқи омма ва қусури онон аз идроки ғоёти бароҳин аз шуҳрат ва қабули ом бенасиб буданд ва уламои зоҳирпараст, ки болу пари афкорашон дар қафаси риёсатпарастӣ ва ҳифзи тамоюли авом фурӯрехтаву шикаста буд, ин тоифаро ба интиҳоли мазоҳиби даҳрийин ва арбоби таътил ва нафйи ҳудуси олам ва инкори маъоди ҷисмонӣ ва бадандешӣ нисбат ба усули адён ва навомиси илоҳӣ муттаҳам месохтанд ва ҳарчанд ҳукамои исломорову ақволи худу ғузаштағонро ба усули мазҳаб наздик сохта ва ҳатталимкон дар садад буданд, ки натоиҷи озодӣ ва тааққулро бо тақлид вифқ диҳанд (ва охируламр аъмоли ҳамин назар фалсафаро аз маънӣ ва масири аслии худ хориҷ сохт), вале омма ва руасои онон ба ҳеч рӯй фалосифаро ҷузви мутамассикин ба ҳаблу-л-Лоҳ намешинохтанд, бахусус аз вақте ки ҳуҷҷату-л-ислом Абӯҳомиди Ғаззолӣ[1] ба радди фалсафа камар баст ва номи Абӯалӣ Сино ва Абӯнасри Форобӣ ва умуми фалосифаро дар зери ғарди такфир мехост маҳв кунад, ки пас аз вай кофир хондан ва табарро

---

[1] Ҳуҷҷату-л-ислом Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (450-505 /1059-1112м.) дар китоби «Саҳофату-л-фалосифа ва-л-мунқазу мина-з-залол» бо аҳли ҳикмат ҳикмат, хосса Абӯалӣ ибни Сино ва Абӯнасри Форобӣ хилофе шадид карда ва ононро аз тариқи қавим ва дини ҳаниф хориҷ пиндошта ва фунуни ҳикматро мутлақан аз боби ин ки худ би нафсиҳ аз улуми залол ва ҳаром аст, ё мақаддамаи ҳаром мебошад, муҳаррам шумурдааст.

аз фалосифа ба ҳадде кашид, ки бархе аз шуаро[1] низ ҳикматро илми таътил ва ҳукаморо зандиқ хонданд ва арбоби ҳикмат аз рӯи зарурат ба амирон ва шоҳони вақт тавассул ҷустанд ва таснифот ба номашон мувашшаҳ карданд.

Фахри Розӣ низ, ки дар фунуни ҳикмат ва туруқи калом ва ба гуфтаи он олими Карромӣ[2] дар илми Арасту ва куфриёти Ибни Сино ва фалсафаи Форобӣ саромади уламои он аҳд шинохта шуда буд, барои ҳифзи ҷон ва ба даст овардани фурсате аз паи таълиф ва нашри афкору улум ба умарои[3] Ғур пайваст ва ба охир дар

---

[1] Монанди Ҳоқонии Шарвонӣ (520-595 /1126-1119м.) ки гӯяд:
Фалсафа дар сухан маёмезед
В-он гаҳе номи он ҷадал маниҳед.
Ваҳли гумроҳияст бар сари роҳ,
Эй сарон, пой дар ваҳал маниҳед.
Муште атфоли навтаъаллумро
Лавҳи идбор дар бағал маниҳед.
Ҳарами Каъба к-аз ҳабал шуд пок,
Боз ҳам дар ҳарам ҳабал маниҳед.
Қуфли устураи Арастуро
Бар дари аҳсану-л-милал маниҳед.
Нақши фарсудаи Фалотунро
Бар тирози баҳин ҳулал маниҳед.
Фалсафӣ марди дин мапиндоред,
Ҳезро ҷуфти Соми ял маниҳед.
Афзал ар з-ин фузулҳо ронад,
Номи афзал ба ҷуз азал маниҳед.

[2] Мақсуд қозӣ Маҷдуддини Абдулмаҷид ибни Умар маъруф ба Ибн ал-Қудва аст, ки миёнаи ӯ ва Фахруддини Розӣ дар маҷлиси Ғиёсиддини Ғурӣ иттифоқи мунозира афтод ва ӯ дар масҷид аз имоми Розӣ шикоят ба авоми муслимин бурд ва шаҳрро бар имом шӯронид, то Ғиёсуддин ночор Фахри Розиро ба Ҳирот равона кард. Барои иттилоъи муфассалтар руҷӯъ кунед ба Ал-комил таълифи Ибни Асир, ҳаводиси санаи 695 / 1296м.

Ва мурод аз Карромия пайравони Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Карроми Сиҷистонӣ (ал-мутавафии санаи 255 /869м.) соҳиби тариқаи маъруф мебошад.

[3] Фахри Розӣ бо Ғиёсиддин Абулфатҳ Муҳаммад ибни Сом (ал-мутаваффии 599 /1203м.) , ки аз бузургтарин подшоҳони Ғур аст ва Баҳоуддини Сом аз Ғурияи Бомиён (ал-мутаваффии 602 /1206м.) иртибот доштааст.

дарбори Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки ба нақли баъзе дар хидмати Фахри Розӣ ба шарафи таламмуз ноил омада буд, ҳашмате тамом ёфт ва атое ҷазил мегирифт ва зоҳиран сиъояти ӯ дар ҳаққи ашхоси хоссаи мутасаввифа, ки дар ин аҳд зимомдори авом ва дар баробари қувои девонӣ назди омма нофизуламр будаанд, мавриди қабул воқиъ мегардид. Пас, ба шаҳодат ва ҳукумати қароин ва ҳадси таърихӣ дар сурате, ки мухолифати Фахри Розӣ ва Баҳовалад мусаллам бошад, тавонад буд, ки Фахри Розӣ назди Султон Муҳаммад саъоят карда ва ӯро аз Баҳовалад ранҷидахотир ва мутаваҳҳиш сохта бошад.

Ба ривояти Афлокӣ дилгаронии ин ориф ва он ҳакими машҳур дар санаи 605 /1209м.) оғоз гардид ва аз фаҳвои ҳикоёт мерасонад, ки дар мавқиъи ҳиҷрати Баҳовалад ҳанӯз Фахри Розӣ зинда буда ва сафари Баҳовалад вақте иттифоқ афтод, ки аз умри Мавлоно панҷ сол мегузашт. Ва чун валодати ӯ ба иттифоқи оро ба соли 604 /1208м. воқиъ шуда, пас фарзи азимати Баҳовалад пештар аз соли 609 /1213м. мумкин нест ва ба қавли аксар ҳудуси ин воқиъа дар санаи 610 /1214м. буд ва Фахри Розӣ дар санаи 606 /1210м. вафот ёфт ва аз ин рӯй ҳангоми ҳиҷрати Баҳовалад чаҳор соли тамом мегузашт, ки он офтоби маърифат сар дар ниқоби тирахок кашида буд. Пас, иддаоъи дахолати ӯ дар ранҷиши султон аз Баҳовалад заруриюлбутлон аст.

Ва ривоёти Афлокӣ дар ин боб ба қадре бо якдигар мутаориз аст, киислоҳу ҷамъи онҳо имкон надорад, чи бо ин ки ба гуфтаи ӯ Баҳовалад дар мавқиъе, ки Мавлоно панҷсола буд, ҳиҷрат кард, дар ҳикояти дигар меоварад, ки Мавлоно дар шаҳри Балх шашсола буд ва гӯяд, ҳанӯз Баҳовалад аз Бағдод азмат накарда буд, ки хабари ҳуҷуми муғул ба шаҳри Балх ва ҳисор гирифтани

он ба халифа расид ва аз ҳаракати Баҳоувалад ба гуфтаи Афлокӣ то маҳсур шудани Балх ва қатли оми Чингиз дар он шаҳру навоҳӣ, қариб ҳашт сол фосила аст ва зоҳиран Афлокӣ барои ин ки кароматн хонадони Мавлоноро собит ва ононро бағояти тақарруб дар боргоҳи илоҳӣ, балки ниҳояти иқтидор ва тавоноӣ дар олами кавну фасод ва тасарруф дар ҳаводису аквон муаррифӣ кунад, ин ривоётро бидуни риояти тартиби таърих гирд оварда ва дигарон ҳам ба тақлиди ӯ дар кутуби худ навиштаанд. Бо вуҷуди ривоёти гузаштагон, ки ҳадди имкон ба қароини таърихӣ таъйид шуд, назари ин заъиф он аст, ки иллати умда дар азимат ва ҳиҷрати Баҳовалад аз Балх хавфу ҳарос аз хунрезӣ ва бераҳмии лашкари тотор буд, ки тамоми мардумро ба ваҳшату бим афкандаву ононро, ки макнату қудрате доштанд, ба ҷалои ватан ва дурӣ аз хонумону хешон маҷбур гардонид ва бад-ин ҷиҳат бисёре аз мардуми Эрон ба мамолики дурдаст ҳиҷрат карданд. Ва аз ашъори Асируддин Умонӣ[1] ба даст меояд, ки аз бисёрии ҷамъият дар шаҳри Бағдод кори иҷораи масокин ба сахтӣ кашида буд ва муҳоҷирин бо ранҷи фаровон метавонистанд оромгоҳ ва манзиле ба чанг оранд ва танҳо дар ин мавқиъ аз урафо Баҳовалад ба хориҷи Эрон сафар нагузид, балки

---

[1] Асируддин Абдуллоҳи Умонӣ аз аҳли Умон (деҳе ба ноҳияти Ҳамадон) аст бо Атобаки узбак-охирин атобакони Ироқу Озорбойҷон (607-622 /1211-1225м.) ва Ҳисомуддин Халил-ҳокими Курдистон, ки дар санаи 643 /1246 м. ба қатл расид ва Шаҳобиддини Сулаймоншоҳ-фармонравои Курдистон, ки дар мавқиъи фатҳ ба амри Ҳалоку мақтул гардид, муосир буда, бештари қасоидаш дар мадҳи Сулаймоншоҳ мебошад, қасида ба сабки Анварӣ нагз месароид, вафоташ 606 /1210м.

Шайх Наҷмуддини Розӣ[1] маъруф ба Доя (муалифи Мирсоду-л-ибод) ҳам аз Мовароуннаҳр ба Рай ва аз он ҷо ба Қуния паноҳ бурд ва ин сухан ба гуфтаи Ҳамдуллоҳи Муставфӣ[2], ки дар шарҳи ҳоли Мавлоно гӯяд: «Дар фатрати мугул ба Рум шуд», ба ҳар ҷиҳат мутобиқ меояд.

Ва муаййиди ин гуфта он аст, ки Султонвалад дар «Маснавии Валадӣ» ҳиҷрати ҷадди худро бар асари озори Балх ва муқорини ҳамлаи муғул гирифта ва аз Фахри Розӣ ва Хоразмшоҳ[3] дар зимни ашъор ном набурда ва фақат дар сарфасли ин қисса номи Хоразмшоҳ дида мешавад ва зикри муҳоҷирати Баҳовалад дар «Маснавии Валадӣ» бад-ин тариқ аст:

Чунки аз балхиён Баҳоувалад
Гашт дилхаста он шаҳи сармад.
Ногаҳаш аз Худо расид хитоб,
К-эй ягона шаҳаншаҳи ақтоб,
Чун туро ин гурӯҳ озурданд,

---

[1]Барои иттилоъ ба аҳволи ӯ руҷӯъ кунед ба ҷилди аввали аз «Таърихи Вассоф» ва «Таърихи гузида», чопи аксӣ (сафҳаи 814) ва тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 172-173) ва «Оташкада» ва «Ҳафт иқлим» дар зимни шуъарои Ҳамадон ва «Маҷмаъу-л-фусаҳо», табъи Теҳрон, ҷилди аввал (сафҳаи 105-107) Ва ин ки манзил ба сахтӣ ва душворӣ дар Бағдод ба даст меомад, аз қасидаи Асир, ки матлаъаш ин аст:

Зиҳӣ ҷалоли туро авҷи осмон хона,
Макони қадри туро гашта ломакон хона.

истифода шудааст.

Барои иттилоъ аз аҳволи ӯ руҷӯъ шавад ба «Таърихи ғузида», чопи аксӣ (сафҳаи 791) ва «Нафаҳоту-л-унс» ва дар зикри муосирини Мавлоно аз ҳамин китоб.

[2] «Таърихи гузида», чопи аксӣ (сафҳаи 791), ки ба ҷои Ҷалолиддин Баҳовалад бо изофаи ибни (яъне Ҷалолиддин ибни Баҳовалад) Ҷалолиддин Баҳоуддавла навишта шуда ва он саҳв аст.

[3] Мавлоно Ҷалолиддин ҳам дар зимни ду ҳикоят, ки яке дар дафтари панҷуми Маснавӣ (чопи Алоуддавла, сафҳаи 451) ва дигаре дар дафтари шашум (сафҳаи 630 аз ҳамон чоп) аст, Муҳаммад Хоразмшоҳро ба некӣ ёд намудааст.

Дили поки туро зи ҷо бурданд,
Бадар о аз миёни ин аъдо,
То фиристемашон азобу бало.
Чунки аз ҳақ чунин хитоб шунид,
Риштаи хашмро дароз танид.
Кард аз Балх азм сӯи Ҳиҷоз,
З-он ки шуд коргар дар ӯ он роз.
Буд дар рафтану расид хабар,
Ки аз он роз шуд падид асар.
Кард тотор қасди онақлом,
Мунҳазим гашт лашкари ислом.
Балхро бистаду ба зории зор
Кушт аз он қавм беҳаду бисёр.
Шаҳрҳои бузург кард хароб,
Ҳаст Ҳақро ҳазор гуна азоб.

Ва ин абёт санади қавиест, ки азимати Баҳоувалад аз Балх пеш аз санаи 617, /1220м. ки соли ҳуҷуми Чингиз ба Балх аст, ба вуқӯъ напайваста ва ончи дигарон навиштаанд, сарсарӣ ва бе собиқаи тааммулу тадаббур будааст.

Ба ривояти Афлокӣ вақте ки ин хабар ба Хоразмшоҳ расид ва аз азимати Баҳоуваладу ранҷиши хотири ӯ ва шӯриши аҳли Балх барои манъи Баҳоувалад огоҳӣ ёфт, мутаваҳҳим гардид, «бори дигар қосидони муътабар пеши султонулуламо фиристод ва тариқи мустағфирона пеш овард. Ва баъд аз намози хуфтан подшоҳ худ бо вазир ба хидмат омад ва лобаҳо кард, то фасхи азимат кунад, султонулуламо тан дар надод ва Хоразмшоҳ дархост, то ниҳонӣ ҳаракат кунад». Ва маълум нест Афлокӣ бо ин ки «Маснавии Валадӣ»-ро дар даст дошта ва худ ҳамнишин ва тарбиятёфтаи Султонвалад буда, аз рӯи кадом маъхаз ва ба чӣ назар бар хилофи ривояти пиру муршиди худ ин ривоётро гирд овардааст.

Пӯшида нест, ки рафтани Хоразмшоҳ баъд аз намози хуфтан ва дар торикии шаб ба хонаи Баҳоувалад ба ҳеч рӯй ба қароини таърихӣ намесозад, чи подшоҳе бо он азамату ҳашмат, ки номи халифаи аббосӣ аз хутба меафканад ва аз хонадони Алӣ халифа бармеғузинад ва дар тавоноии худ мебинад, ки он чи Маъмун бо ароқати насаб ва бастати мулку нифози амр ва мусоидати аксари эрониён аз пеш набурд, ба осонӣ анҷом диҳад, ҳаргиз аз эърози Баҳоувалад ва амсоли ӯ гарде бар домани ҷоҳаш наменишаст, то шабона ба хонаи ӯ равад ва илтимоси фасхи азимат кунад ва аз ҳаракати Баҳоувалад ба ошкор бим дорад ва хостори азимати ниҳонӣ гардад, бо ин ки ҳам ӯ Маҷдуддини Бағдодиро бо ҳама шуҳратӯ бузургӣ ба Ҷайҳун афканд ва ғариқи дарёи нестӣ гардонид.

## Мулоқоти Мавлоно бо Шайх Аттор

Пас аз он ки Баҳоувалад бо хонадони худ бар асари ранҷиши Хоразмшоҳ ё хавфи сипоҳи хунхори муғул шаҳри Балх ва хешонро бадруд гуфт, қасди ҳаҷ кард ва ба ҷониби Бағдод раҳсипор гардид ва чун ба Нишопур расид, вайро ба Шайх Фаридуддини Аттор[1] иттифоқи мулоқот афтод ва ба гуфтаи Давлатшоҳ[2] Шайх Аттор худ «Ба дидани Мавлоно Баҳоуддин омад ва дар он вақт Мавлоно Ҷалолиддин кӯчак буд, Шайх Аттор китоби «Асрорнома»-ро ба ҳадя ба Мавлоно Ҷалолиддин дод ва Мавлоно Баҳоуддинро гуфт: Зуд бошад, ки ин писа-

[1] Барои иттилоъи саҳеҳ аз аҳвол ва осори ӯ ба муқаддимае, ки устоди аллома оқои Қазвинӣ бар «Тазкирату-л-авлиё» , табъи Лидан навиштаанд, мурочиъа кунед.

[2] Тазкираи Давлатшоҳ , табъи Лидан (сафҳаи 193).

ри ту оташ дар сӯхтагони олам занад». Ва дигарон ҳам ин достонро каму беш зикр кардаву гуфтаанд[1], ки Мавлоно пайваста Асрорномаро бо худ доштӣ. Шайх Фаридуддини Аттор аз тарбиятёфтагони Наҷмуддини Кубро ва Маҷдуддини Бағдодӣ буд ва Баҳоувалад ҳам чунон ки гузашт, бо ин силсила пайванд дошт ва яке аз аъозими тариқаи кубровия ба шумор мерафт ва рафтани Шайх Аттор ба дидани вай назар ба ваҳдати маслак мумкин аст ҳақиқат дошта бошад ва зиндагонии Шайх Аттор[2] ҳам то соли 618 /1221 м. мусаллам аст ва ба ҷиҳоти таърихӣ низ дар ин қазия ишколе нест.

Лекин бино ба гуфтаи тазкиранависон дар таърихи муҳоҷирати Баҳоувалад яъне санаи 610 /1213 м. дар қисмати ахири достон ва додани Асрорнома ба Мавлоно, ки дар он мавқеъ шашсола буд, то ҳадде тардид даст медиҳад ва ба ҳасби ривояти Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ва фаҳвои «Валаднома» дар таърихи ҳиҷрати Баҳоувалад, яъне ҳудуди санаи 618 /1222м. он гоҳ ки Мавлавӣ чаҳордаҳумин марҳалаи зиндагониро паймуда буд, ин тардид ҳам боқӣ намемонад ва таваҷҷуҳи Мавлоно ба Асрорнома ва иқтибоси[3] чанд ҳикоят аз ҳикоёти он китоб дар зимни Маснавӣ ин иддаъоро таъйид тавонад кард. Ҳарчанд мумкин аст иқтибоси ҳамон ҳикоёт сабаби

---

[1] Ҷомӣ дар «Нафаҳоту-л-унс».

[2] Руҷӯъ шавад ба муқаддимаи устоди аллома оқои Қазвинӣ ба «Тазкирату-л-авлиё», ки аз ин байти Аттор

Инчунин гуфтаст Наҷмуддини мо
Он ки буда дар ҷаҳон аз авлиё.

ба далолати феъли «буда» бар замони баъид зиндагонии ӯро пас аз шаҳодати Наҷмиддини Кубро (санаи 618) муҳаққақ шумурдаанд.

[3] Яке ҳикояти бозаргон аст, ки ба Ҳиндустон сафар мекард ва хоҳиши тӯтӣ аз вай (Маснавӣ, дафтари аввал, чопи Алоуддавла, сафҳаи 41-48) ва дигар ҳикояти бози шоҳ, ки ба хонаи пирзан афтод (Маснавӣ, дафтари дувум, сафҳаи 112) ва севум ҳикояти шикваи пашша аз ҷаври бод ба Сулаймон (Маснавӣ, дафтари севум, сафҳаи 315-316), ки ин ҳар се аз «Асрорнома»-и Аттор иқтибос шудааст.

вазъи ин ривоёт ва тамҳиди муқаддима барои исботи кароматн Аттор ва назари машоих ба Мавлоно шуда бошад ва ин қисса дар Маснавии Валадӣ ва низ дар Манокибу-л-орифин бо ин ки Афлокӣ дар ин гуна ривоёт назари махсус дорад, зикр нашуда ва аз он рӯй метавон дар сиҳҳати он тардид кард.

Бархе аз мутааххирин[1] аз ин марҳала пой бартар ниҳодаву гуфтаанд, ки Мавлоно дар айёми ҷавонӣ ба хидмати Аттор расид ва аз ҷумлаи маҳорими асрори ӯ шуд ва пас аз он мулозимати Саноӣ ихтиёр кард ва чун мусаллам аст, ки Саноӣ ба соли 545 /1151м., яъне панҷоҳу нуҳ сол пеш аз валодати Мавлоно вафот ёфт, пас бутлони ҷузви ахири ривоёт возиҳ аст ва ин ки гуфтаанд, Мавлоно аз маҳорими асрори Аттор шуд, аз рӯи достони собиқ ва бахшидани «Асрорнома» сохта шудааст.

## Баҳоувалад дар Бағдод

Ба ривояти Ҷомӣ[2] вақте ки Баҳоувалад ба Бағдод даромад, «ҷамъе пурсиданд, ки инон чӣ тоифаанд ва аз куҷо меоянд ва ба куҷо меравaнд? Мавлоно Баҳоуддин фармуд, ки мина-л-Лоҳи ва ила-л-Лоҳи ва ло қуввата илло би-л-Лоҳ, ин суханро ба хидмати Шайх Шаҳобуддин[3] Суҳравардӣ расониданд фармуд, ки «мо ҳозо илло Баҳоуддин ал-Балхӣ» ва хидмати шайх истиқбол кард.

---

[1] «Равзоту-л-ҷаннот», муҷаллади чаҳорум, табъи Эрон (сафҳаи 198).

[2] «Нафаҳоту-л-унс».

[3] Шайх Шаҳобуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ас-Суҳравардӣ (539-632 /1145-1235м.) аз акобири сӯфия ба шумор аст. Китоби «Аворифу-л-маориф ва рашафу-н-насоиҳ ва ва эълому-т-тақӣ» таълиф карда ва ҳам ӯ муроди Шайх Саъдист дар ин байти маъруф:

Маро пири донои муршид Шаҳоб
Ду андарз фармуд бар рӯи об

Ва илова бар мақомоти маънавӣ назди хулафо ва шаҳрёрони аҳди хеш ҳурмате азим дошт ва дар корҳои муҳим васотату сафорат мекард.

Барои иттилоъ аз аҳволи ӯ руҷӯъ кунед ба «Ал-ҳаводису-л-ҷомиъа», табъи Бағдод, сафҳаи 74-75 ва «Нафаҳоту-л-унс».

(моликӣ, ҳанафӣ, шофиъӣ, ҳанбалӣ) 62 тан ба таҳсили фиқҳ машғул бошанд ва аз ин рӯй муҳассилини фиқҳ дар он мадраса 248 тан будаанд ва барои ҳар даста мударрис ва муъаййид муайян шуд ва дар дору-л-ҳадис ҳам даҳ тан ба қироати ҳадис дар рӯзҳои шанбе, душанбе ва панҷшанбе иштиғол доштанд. Ва илова бар инҳо мадраса дорои мактабхона низ буд ва илми ҳисоб ва тиб низ хонда мешуд ва тааҳҳуди моразӣ ҳам аз вазоифи мударриси тиб ба шумор мерафт ва умури маоши муҳассилини мадраса аз ҳар ҷиҳат муназзам буд ва илова бар моҳиёна куллияи лавозими маъоши рӯзона бадэшон мерасид.

Китобхонаи он мадраса ҳам кутуби бисёр дошт, ки ба хубӣ тартиб ёфта буд ва китобдору дастёрони вай низ машоҳираи вофӣ доштанд ва Асируддини Умонӣ дар сифати Бағдод қасидае суруда ва дар васфи Мустансирия гуфтааст:

Саҳни Мустансирияш бингар, агар мехоҳӣ,
Ки ба дунйии дувум ҷаннати маъво бинӣ.
Пас бибин манзараи борғаҳаш то зи шараф
Гунбаде бар шуда то гулшани ҷавзо бинӣ.
Дидаву дил шавадат равшан аз ӯ, баски чу шамъ
Гашта дар симу зараш ғарқ саропо бинӣ.
Тоқи ӯро, ки ниҳад вусма бар абруи ҳилол,
Бурда дар манзалаташ сарфа зи авъо бинӣ.
Дару девори вай ар бингарӣ, аз ғояти лутф
Равшан имрӯз дар ӯ сурати фардо бинӣ.
Шабу рӯз аз пайи такрору иъодат дар вай
Ақлро ҳамчу садо ҳокии ово бинӣ.
Ақли кулро шуда бар тоқ, ниҳода зи улум,
Дар кутубхонаи ӯ ҷумла суханҳо бинӣ.

Ва чун мадрасаи Мустансария ба соли 531 /1137м. та-

---

[1] «Ал-Ҳаводису-л-ҷомиъа», табъи Бағдод (сафҳаи 53-59)

мом шуда ва вуруди Баҳоувалад ба Бағдод дар санаи 618 /1222м. ва дуруст 13 сол қабл аз итмоми бинои мадраса ба вуқуъ пайваста (балки ба ривояти Афлокӣ дар он таърих Баҳоувалад зиндагониро падруд гуфта буд), пас вуруди вай ба мадрасаи Мустансирия муҳол ва ғуфтаи Ҷомию Афлокӣ ғалат аст ва дар «Валаднома» ва тазкираи Давлатшоҳ қиссаи мусофирати Баҳоувалад ба Бағдод дида намешавад.

Баҳоувалад беш аз се рӯз дар Бағдод иқомат нагузид ва чаҳорум рӯз ба азимати ҳаҷ бори сафар баст ва чун аз маносики ҳаҷ бипардохт, дар бозгашт ба тарафи Шом равона гардид ва муддати номаълуме ҳам дар он навоҳӣ ба сар мебурд ва ба ривояти Ҷомӣ баъд аз анҷоми ҳаҷ ба Арзанҷон рафт ва чаҳор соли тамом дар он шаҳр муқим буд. Мулки Арзанҷон дар он таърих маҳалли ҳукмронии Оли Манкуҷак буд, ки бархе аз эшон ба дӯстии илм ва ҷонибдории донишмандон шуҳрат ёфта ва дар сафаҳоти таърих номи худро ба ёдгор гузоридаанд. Ва аз дер боз шуарову уламо ба эшон таваҷҷуҳ дошта ва дар ситоиши онон ашъор сурудаву ба номашон кутубе ба риштаи таълиф кашидаанд ва мулки Арзанҷон дар ин солҳо ба вуҷуди машҳуртарини шаҳрёрони ин дудмон- Фахруддини Баҳромшоҳ ороста шуда буд.

## Фахруддини Баҳромшоҳ

Ва ӯ яке аз мулук ва родмардони бузурги авохири қарни шашум, авоили қарни ҳафтум ба шумор аст ва бузургтарину номвартарини манкуҷикиён мебошад ва бо ин ҳама таърихи зиндагонӣ ва шарҳи вақоиъи салтанати ӯ батафсил маълум нест, лекин Ибну-л-Асир дар зимни ҳаводиси санаи 622 /1225м. аз вафоти малики Арзангон хабар медиҳад ва яқин аст, ки муроди вай

ҳамин Фахруддини Баҳромшоҳ ибни Довуд аст, зеро дар зайли ҳаводиси соли 625 /1228м. ба муносибати ҳам аз марги вай ва нишастани писараш Алоуддини Довудшоҳ ба ҷои ӯ ва тасаллути Алоуддини Кайқубоди Салҷуқӣ бар Арзангон сухан меронад. Ва чун Алоуддин баъд аз падар ба тахт нишаста ва зиндагонии Баҳромшоҳ низ аз рӯи таърихи ибни Бийбӣ[1] то соли 616 /1219м. Иззуддини Кайковус ибни Кайхусрави Салҷуқӣ духтари вайро ба занӣ гирифт, мусаллам аст, пас малики Арзангон, ки Ибну-л-Асир аз вафоти ӯ дар ҳаводиси санаи 622 хабар медиҳад, ҳамин Фахруддини Баҳромшоҳ хоҳад буд.

Оғози шаҳрёрии ӯ низ агарчи аз рӯи таҳқиқ дар даст нест, вале чун вай ба насси Ибн ал-Асир шаст соли мутаҷовиз салтанат кардаву вафоташ ба соли 633 /1236м. буда, метавон гуфт, ки дар ҳудуди санаи 560 ба подшоҳӣ нишастааст.

Баҳромшоҳ подшоҳи карим ва донишдӯст буд[2] «Ва ба залфи нафсу ҳусни сирату улувви ҳиммат ва ниқои ҷайбу таҳорати зайл ва фарти марҳамату шафқат фариду ваҳиди ҷаҳон буд ва дар айёми подшоҳии ӯ дар Арзанҷон ҳеч суру мотам воқиъ нашудӣ, ки аз матбахи ӯ он ҷо баргу наво набудӣ, ё худ ташрифи ҳузур нафармудӣ ва дар мавсими дай, ки ҷиболу барориро ғавоилу ҳавосил аз анъоми ом дар бар фикандандӣ, фармудӣ, ки ҳубубро ба гардун дар кӯҳу ҳомун бурдандӣ ва пошидандӣ, то туюру вуҳушро аз он туъма мураттаб будӣ. Китоби Махзану-л-асрорро Низомии Ганҷавӣ ба номи ӯ кард ва ба хидматаш тӯҳфа фиристод ва панҷ ҳазор динору панҷ сар астари раҳвор ҷоиза фармуд» ва Ҳаким Низомӣ[1] дар сиоиши вай гӯяд:

---

[1] Мухтасари таърихи Ибни Бийбӣ (сафҳаи 67-72)

[2] Мухтасари таърихи Ибни Бийбӣ (сафҳаи 21-22)

Хизри сикандарманиши чашмарой
Қутби расадбанди муҷастигушой,
Шоҳи фалактоҷи сулаймоннигин
Мафхари офоқ малик Фахридин,
Нисбати Довудии ӯ карда чуст,
Бар шарафаш номи Сулаймон дуруст.
Якдилаи шаш тарафу ҳафт гоҳ
Нуқтаи нуҳ доира-Баҳромшоҳ
Сарвари шоҳон ба тавонотарӣ,
Номвари даҳр ба донотарӣ.
Хоскуни мулки ҷаҳон бар умум
Ҳам малики Арману ҳам шоҳи Рум.
Салтанатаврангу хилофатсарир
Румситонандаву Абхозгир.
Олиму одилтари аҳли вуҷуд
Муҳсину мукримтари абнои ҷуд.

Алоуддини Довудшоҳ (522-525 /1128-1131м.) фарзанди вай ҳам подшоҳи баландҳиммат ва бошарму каримуннафс[2] ва «Ба анвоъи улуми симонуҷум ороста буд ва аҷзои мантиқу табиъию илоҳӣ багоят нек медонист ва аз риёзӣ баҳраи тамом дошт ва шеър чун оби зулол,

---

[1] Ҳаким Низомӣ Илёс ибни Юсуф ибни Закии Муъаййид, ки ба қавитарин иҳтимол мобини санаи 535-540 /1141-1146м. мутаваллид шуда ва дар фосилаи 597-603 /1201-1207м. вафот ёфта, аз бузургтарин шуарои достонсарои Эрон аст ва Хамсаи ӯро, ки ба Панҷ ганҷ мавсум аст, дар фан ва равиши худ назир натавон ёфт ва чун Махзану-л-асрорро ба номи Ибни Баҳромшоҳ ба назм оварда ва ӯ низ дар ҳудуди 560 /1165м. ба салтанат расида, пас ин ашъор, ки дар баъзе нусахи Махзану-л-асрор бад-ин сурат омада:

Буд ҳақиқат ба шумори дуруст
Бисту чаҳорум зи рабиъи нахуст
Аз гаҳи ҳиҷрат шуда то ин замон
Понсаду панҷоҳу ду афзун бар он.

дуруст нест ва агар интисоби ин абёт ба Низомӣ саҳеҳ бошад, нусхаи дигар, ки понсаду панҷоҳу нуҳ ба ҷои понсаду панҷоҳу ду ифода мекунад, ба савоб наздиктар хоҳад буд.

[2] Мухтасари Таърихи Ибни Бийбӣ (сафҳаи 150).

бал сеҳри ҳалол гуфтӣ» ва ба ривояти Ибни Бийбӣ чун Алоуддини Кайқубод малики Арзангон аз кордорони ӯ интизоъ кард ва Оқшаҳри Қунияро бо Оби гарм ба ҳукми иқтоъ бад-ӯ арзонӣ дошт, ин ду байте ба хидмати Султон фиристод:

Шоҳо, дили душманони ту бодард аст,
Рухсораи душман аз наҳебат зард аст.
Инсоф, ки бо вуҷуди сад ғусса маро
Дар мулки ту Оби гарм нони сард аст.

Ва Муваффақуддин[1] Абдуллатифи Багдодӣ маъруф ба ибни Лаббот (557-629 /1162/1232м.) аз ҳукамо ва атиббои бузурги қарни ҳафтум ба қасди Алоуддин ба Арзанҷон рафт ва ба муқомоти баланд ноил омадаву аз силоту ҷавоҳири ӯ баҳраи вофӣ ёфт ва чандин китоб ба номи вай таълиф кард.

Чунин ки муқаррар гардид, Фахруддин ва писараш Алоуддин ҳар як ба навбате мақсади фузало ва худ низ ба фазоили нафсонӣ ороста будаанд ва бинобар ин иқомати Баҳоувалад, ки аз пеши ҳамлаи муғул гурехтаву аз ватан овора ва дар талаби маъвову маҳалли амну ором буд, ки бо фароғи болу ҷамъияти хотир ба нашри афкори худ ва раҳнамоии халқ пардозад, дар мулки Арзанҷон ва назди Фахруддин ё Алоуддин-шаҳрёрони он ноҳия аз рӯи шавоҳиди таърихӣ имконпазир аст ва ғуфтаи Ҷомиро ба осонӣ рад натавон кард. Ва Аҳмади Афлокиро ақида чунон аст, ки Баҳоувалад пас аз анҷо-

---

[1] Мувафаққуддин Абӯмуҳаммад Абдуллатиф ибни Юсуф маъруф ба Ибни Лаббот аслан аз аҳли Мавсил, вале мавлиди ӯ Бағдод аст. Ва ӯ дар фанни наҳву лугату калому тиб ва фунуни ҳикмат устоди моҳир буд ва кутуби бисёр тасниф карда. Падараш Юсуф дар улуми шаръӣ мубарриз ва аз улуми ақлӣ муталиъ ва аммаш Сулаймон ҳам фақеҳе бориъ буд, ал-Малику-н-Носир Салоҳуддин Айюбӣ ва хонадони ӯ дар накӯдошти Муваффақуддин ғояти саъй мабзул медоштанд.

Барои огоҳӣ аз таърихи зиндагонии ӯ руҷӯъ кунед ба «Табақоту-л-атиббо», табъи Миср, ҷ. дувум (сафҳаи 201-213)

ми ҳаҷ чаҳор сол дар Малотия[1] ва сипас ҳафт сол дар Лориндеҳ[2] раҳли иқомат афганд ва Амир Мӯсо фармонравои Лориндеҳ барои ӯ мадрасае бино кард. Ва ин Амир Мӯсо, ки Афлокӣ ном мебарад, маълум нашуд кист ва ӯ қатъан ҷуз он Амир Мӯсо ҳукмрони Лориндеҳ бародари Бадруддин ибни Қармон аст, ки Ибни Батута[3] гӯяд: Вай ба Лориндеҳ ҳукумат дошт ва онро ал-Малик Носир таслим кард, то ин ки Бадруддин дигар бор онро аз чанги уммоли он берун овард, чи муроди ӯ аз ал-МаликНосир Муҳаммад ибни Сайфуддини Қаловун аст, ки ба мамолики Рум дастандозӣ кард, на ал-Малик Носири Қиличарслон (мутаваффо санаи 635) ва на ал-малику-н-Носир Довуд ибн ал-малику-л-Муаззам соҳиби Карк (ал-мутаваффои санаи 656 /1258м.) ва на ал-малику-н-Носир Юсуф ибн ал-малику-л-Азиз соҳиби Шом (ал-мақтул санаи 659 /1261м.), зеро ҳеч як аз ин се тан бар мамолики Рум ҳукумат надоштаанд.

Ҷои шигифт аст, ки Султонвалад дар Маснавии Валадӣ ҳарчанд азимати Баҳоуваладро аз Балх муқорини ҳамлаи мугул гирифта ва тамоми зиндагии Баҳоувалад дар Қуния ба нақли вай ду сол буд ва аз рӯи қароине, ки ба даст медиҳад, вафоташ низ дар ҳудуди санаи 628 / 1231м. иттифоқ афтода аз ҳаводиси зиндагонии Баҳоувалад дар фосилаи 618 /1222м. ва 626 /1229м. ёд намекунад ва чунон менамояд, ки Баҳоувалад пас аз анҷоми ҳаҷ бе фосила ба Қуния омада, пас аз зикри сафари вай аз Балх чунин гуфтааст:

Натавон гуфт дар раҳ он султон,
Ки чиҳо дод бо кеҳону меҳон.
Чӣ каромотҳо ки дар ҳар шаҳр

---

[1] –Малтия .

[2] – Бино ба баъзе ривоёт Фахруддин бародари Мавлоно дар ҳамин шаҳр вафот ёфтаву мадфун аст.

[3] - Раҳла ибни Батута, табъи Миср, ҷилди аввал (сафҳаи 187)

Менамуд он азизу зубдаи даҳр.
Гар шавам ман ба шарҳи он машғул,
Фавт гардад аз он сухан маъмул.
Лозим омад аз он гузар кардан
В-аз муҳиммоти худ хабар кардан.
Омад аз Каъба дар вилояти Рум,
То шуданд аҳли Рум аз ӯ маҳрум.
Аз ҳама мулки Рум Қунияро
Баргузиду муқим шуд ин ҷо.

Ҳарчанд метавон тасаввур кард, ки Баҳоувалад пеш аз сафари Макка муддате дар ин шаҳрҳо ба сар бурда ва охир азимати ҳаҷ карда ва пас аз он дар Рум муқим шуда ва Султонвалад барои риояти ихтисор аз зикри он ҳаводис худдорӣ кардааст. Ба гуфтаи Афлокӣ ва Ҷомӣ, Мавлоно дар синни ҳаждаҳсолагӣ дар шаҳри Лориндеҳ ба фармони падар Гавҳархотун-духтари Хоҷа Лолои Самарқандиро, ки марди муътабар буд, ба ақди издивоҷ кашид (ва аз ин рӯй[1] бояд ҳудуси ин воқиъа бо соли 622 / 1225м. мусодиф буда бошад) ва Баҳоуддин Муҳаммад маъруф ба Султонвалад ва Алоуддин Муҳаммад аз ин иқтирон дар вуҷуд омаданд санаи 623 /1226м.

Пас аз он ки ҳафт сол бар зиндагии Баҳоувалад дар Лориндеҳ гузашт ва хабари ӯ ба дуру наздик расид ва овозаи тақвову фазл ва таъсири сухани ӯ баланд шуд ва подшоҳи салчуқии Рум Алоуддин Кайқубод аз мақомоташ огоҳӣ ёфт, толиби дидори вай гардид ва Баҳоувалад ба хоҳиши ӯ ба Қуния[2] равона шуд ва бад-он шаҳрёр пайваст.

---

[1] Чи валодати Мавлоно ба соли 604 иттифоқ афтода ва ҳаждаҳ сол пас аз он бо санаи 622 /1225м. мутобиқ мегардад.

[2] – Ба ривояти Камолуддин Ҳусайн дар шарҳи Маснавӣ вақте Баҳоувалад дар Бағдод буд, ҷамъе аз тарафи Алоуддини Кайқубод бад-он шаҳр омадаву муриди ӯ шуда ва сифоти Баҳоуваладро барои султон нақл карда буданд ва ӯ интизори дидор медошт, чун Баҳоувалад ба Рум наздик шуд, қосидон ба бандагӣ фиристод ва истиъҷоли ҳазрат кард ва бино ба баъзе ривоёт касони Алоуддин ӯро дар ҳамон шаҳри Бағдод ба Рум даъват карданд .

## Алоуддини Кайқубод

Яке аз аъозими шаҳрёрони салҷуқии Рум буд ва ба ҳусни тадбиру шаҳомату иқдом бар ҷаҳонгирӣ ва ҳиммати баланд аз ҳамсарони худ имтиёз дошт ва мамолики Рум дар аҳди ӯ аз таҷовузи бегонагон ва тағаллуби мутааддиён дар амну амон буд ва вусъати мулку арсаи подшоҳияш ҳарчи васеътар гардид ва дар тамоми муддати салтанати худ (617-634 /1221-1237м.) авқотро ба фароғат нагузошт ва ба кушодани қилоъ ва фатҳи билод ё дифоъ аз мутаҷовизон иштиғол меварзид[1], «авқоти лайлу наҳорро ба масолиҳи мулку мамлакат мувazzаъ ва муқассам карда, дар маҷлиси унси ӯ ҳазлро маҷоли муҳол будӣ, балки ба таворихи мулук ва зикри маҳосини сияри подшоҳони қадим мустағрақ доштӣ» , вақтҳо аз табъи латиф дубайтиҳои зариф иншо фармудӣ ва аз он ҷумлат ин дубайтист:[2]

То ҳушёрам, бар хирадам товон аст,
Чун маст шудам, ақл зи ман пинҳон аст.
Май хур, ки миёни мастию ҳушёрӣ
Вақтест, ки асли зиндагонӣ он аст.

Ва зикри салотини қадим батаъзим бар забон рондӣ ва аз салотини ислом Маҳмуд ибни Сабуктегин ва Қобус ибни Вашмгирро муътақид будӣ ва ба ахлоқи эшон ташбеҳ кардӣ ва ҳамвора китоби Кимиёи саодат[3] ва Сияру-л-мулуки[4] Низомулмулкро дар мутолиа

---

[1] Мухтасари «Таъриху-с-салоҷиқа», Ибни Бибӣ (сафҳаи 93-94)

[2] Ин дубайтиро бо мухтасар тағйире ба Хайём нисбат медиҳанд.

[3] Кимиёи саодат, асари хомаи имом Абӯҳомид Ғаззолӣ (450-505 /1059-1112м.) аст, ки онро пас аз таълифи китоби маъруфи худ Эҳёу улуму-д-дин бисёр фасеҳ тадвин намуда ва дар ҳақиқат тарҷумаи китоби Эҳёу улум ва мавзӯъи он ахлоқ аст.

[4] Сияру-л-мулук ҳамон Сиёсатнома аст, ки ба Хоҷа Низомулмулк Абӯалӣ Ҳасан ибни Исҳоқ (408-485 /1018-1093м.) вазири маъруфи салоҷиқа нисбат додаанд ва гуфтори Ибни Бийбӣ далели сиҳҳати интисоби асли он китоб ба Хоҷа тавонад буд.

доштӣ, нарду шатранҷ беназир, гӯю найза хуб бохтӣ, дар ҷумлаи саноот аз амороту саноату сакокию наҳҳотию наҷҷорию рассомию сарроҷӣ маҳорату ҳазоқати бениҳоят ёфта буд ва қимати ҷавҳар некӯ кардӣ». Алоуддин ба фарти диндорӣ ва тааффуф мавсум шуда ва бар асари хобе[1] ки дида буд, ба тоифаи сӯфия дилбастагӣ дошт ва вақте ки Шаҳобуддини[2] Суҳравардӣ аз ҷониби Носируддинуллоҳ-халифаи аббосӣ (575-622 / 1180-1225м.) маншури шаҳрёрӣ бад-ӯ овард, ба нафси худ пазира шуд ва дасти ӯро бӯсид ва ба эҳтирому тавқири тамом вайро ба Қуния ворид карданд. Ва то дар Қуния буд, султон ба каррот ба зиёрати муборакаш истисъод ёфт ва аз таъсири нафси ӯ чунон шуд, ки мехост[3] «чун Иброҳими Адҳам тариқи Исои Марям пеш гирад» ва шайх ӯро манъ фармуд ва бар асари насоиҳ ва тарғиби ӯ ба адлу додгустарӣ[4] «султон аз либоси нахвату ғуруру ва уҷбу ғафлат ба куллӣ мунсалих шуда буд ва чун ҷони фаришта ҳама хайр гашта».

Хонадони Алоуддин ҳам аз оғози ҷаҳондорӣ ба ҳамроҳӣ ва эҳтифоти мутафаккирин ва арбоби ақлу дироят ва ҳукамову фалосифа ва назди авому зоҳирпарастон ба ҷонибдории асҳоби таътил ва зандиқа ва эътиқоди рои файласуфон муттаҳам буданд ва Шаҳобуддавла Қатламиш ибни Исроил ибни Салчуқ-ниёи ин дудмон аз фанни нуҷум ва дигар шуаби ҳикмат ба хубӣ

---

[1] Руҷӯъ кунед ба мухтасари Таъриху-с-салоҷиқаи Ибни Бийбӣ (сафҳа 95)

[2]Шаҳобуддин Суҳравардӣ аз ҷониби халифа Носируддинуллоҳ (575 - 622 /1180-1225м.) дар соли 618 барои Алоуддини Кайқубод хилъат ва маншури фармонравои мамолики Рум бурд. Ва муқарраъи ҳудуде, ки чиҳил чӯб бошад, ба пушти он султон куфт ва зоҳиран ин равиш нисбат ба ҳамаи салотин маъмул будааст, чунон ки Мавлоно фармудааст:

Хуранд чӯб халифашаҳон чу шоҳ шаванд,
Ҷафои ишқ кашидан фани салотин аст.

[3-4] Мухтасари Таъриху-с-салоҷиқа (сафҳаи 95).

огоҳӣ дошт ва фарзандони ӯ ҳам бар оини падар ба улуми авоил ва дорандагони онҳо рағбат ба харҷ медоданд ва ба гуфтаи Ибну-л-Асир[1] бад-ин ҷиҳат бунёни ақоиди динии онон сустӣ гирифт ва низ Рукнуддин Сулаймоншоҳ ибни Қиличарслон (588-600 /1192-1204м.) ба ҷид дӯстдор[2] ва ҳавохоҳи фалосифа буд ва дар бузургдошту тарфиҳи хотири ҳукамо мекӯшид ва силоти гаронмоя аз эшон дареғ намекард ва ин табақа аз ҳар ҷо, ки овора мешуданд , бад-ӯ паноҳ мебурданд.

Ҳамчунин ба шуаро аз сомит ва нотиқ ва атияту силати мавфур мабзул медоштанд, чунон ки Рукнуддин Сулаймоншоҳ ба гуфтаи Ибни Бийбӣ[3] « Фузало ва шуъаро ва ҳунармандонро ба лутфи тарбият аз мумоти фақру фоқат ба риёзи диъату неъмат раҳнамунӣ мефармуд. Имому-л-калом[4] Заҳируддини Форёбӣ қасидае, ки машҳур аст ва матлаъаш ин ки:

Зулфи сармасташ чу дар маҷлис парешонӣ кунад,
Ҷон агар ҷон дарнаяндозад, гаронҷонӣ кунад.

ба хидматаш фиристод дар ваҷҳи ҷоиза ду ҳазор динору даҳ сар аспу панҷ сар астару панҷ нафар ғуломи панҷ нафар канизаку панҷоҳ қад ҷома аз ҳар навъ ба қусоди ӯ таслим фармуд» ва султони ғолиб Иззуддин

---

[1] Комил ибни Асир. Ҳаводис (санаи 456 /1064м.)

[2] Комил ибни Асир. Ҳаводис (санаи 600 /1204м.).

[3] Мухтасари Таърихи Салочиқа, Ибни Бийбӣ (сафҳаи 19).

[4] Заҳируддин Тоҳир ибни Муҳаммади Форёбӣ (ал-мутаваффо 598 / 1202м.) аз шуарои забардасти қарни шашум аст, ки дар қасида сабки хоссу латиф дорад ва тағаззулоти ӯ нағзу дилпазир аст ва ӯ илова бар шоирӣ аз ҳикмату риёзӣ огоҳӣ дошта, чунон ки осори он аз ашъораш машҳуд мешавад.

Бо Туғоншоҳ ибни Муаййид ҳукмрони Нишопур (568-582 /1173-1187м.) ва Атобак Қизиларслон (582-587 /1187-1191м.) ва Атобак Нусратуддин Абӯбакр ибни Муҳаммад (587-607 /1191-1211м.) муосир буд, девони ашъори ӯ ба табъ расида, вале қисмате аз қасоиди Шамси Табсиро ношири девон ба хиёли он, ки Заҳир дар оғози кор Шамс тахаллус мекарда, ҳам ба ашъори Заҳир омехтааст.

Кайковус (607-617 /1211-1221м.)[1] ҳам «Иксори[2] ҷавоизи қароиз аз фароиз шумурдӣ ва дар силоти шуаро бо қасию-л-ғоёт пайвастӣ. Духтари Ҳисомуддин-солор қасидаи ҳафтодуду байт аз Мавсил ба хидматаш фиристод, ба ивази ҳар байте сад динор зари сурх дар бораи ӯ инъом фармуд ва Садр Низомуддин Аҳмади Арзанҷониро ба қасидае, ки дар мадҳи султон дар ҷавоби Шамси Табсӣ[3] гуфта буд ва дар маҳфил иншод карда, аз мартабаи иншо ба оризи мамолики Рум мутараққӣ гардонид».

Судур ва умарои ин давлат низ аглаб дар фунун ва улум даст доштанд ва аз фазоили нафсонӣ баҳравар буданд, монанди Камолиддини Комёр аз умарои Алоуддин Кайқубод[4] «ки аз акобири даҳр ва фузалои аср буд ва дар фиқҳ аз муқтадисони Низомуддини Ҳасирӣ ва дар аҷзои ҳикмат аз мустафидони Шиҳобудини[5] мақ-

---

[1] Ибну-л-Асир вафоти ӯро дар зайли ҳаводиси санаи 616 /1220м. ёд намудааст.

[2]Мухтасари Таърихи Салоҷиқа, Ибни Бийбӣ (сафҳаи 45).

[3] Қозӣ Шамсуддин Муҳаммад ибни Абдулкарим (ал-мутаваффо 624 / 1227м.) аз мардуми Табс ва афозили уламо ва шуарои авохири қарни шашум ва авоили қарни ҳафтум ба шумор аст. Бештари айёми зиндагонӣ дар Ҳирот ва Самарқанд ба сар мебурд ва аз Низомулмулк Садриддин Муҳаммад ибни Муҳаммад вазири Қиличтамғоҷхон Иброҳим аз салотини оли Афросиёб иноятҳо дид, дар фанни шеър шогирди Разиюддини Нишопурӣ буд, вале ба пайравии сабки Хоқонӣ рағбате азим менамуд. Разиюддин ашъораш биписандид ва ба мудовимат бар он равиш ӯро ташвиқ кард.

Барои огоҳӣ аз ҳоли ӯ руҷӯъ кунед ба Лубобу-л-албоб, табъи Лидан, ҷилди дувум (сафҳаи 307-311), ки мусаннифи он бо Шамсуддин муосир будаву ӯро дар Самарқанд дида ва Осору-л-билод таълифи Закариё ибни Маҳмуди Қазвинӣ ва тазкираи Ҳафт иқлим ва Оташкада дар зикри Табс ва тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 161-166) Маҷмаъу-л-фусаҳо, табъи Эрон, ҷилди аввал (сафҳаи 306-309).

[4] Мухтасари Таърихи Салоҷиқа, ибни Бийбӣ (сафҳаи 217).

[5] Шиҳобуддин Яҳё ибни Ҳабаш ибни Амирак Сухравардӣ маъруф ба Шиҳоби Мақтул ва шайхи ишроқ (549-587 /1155-1191м.) аз аъозими ҳукамо ва донишмандони ислом ва дар ҳикмат соҳиби тариқаи махсус →

тул буд ва аз ҷумлаи абёте, ки бо Ҳаким Шиҳобуддин бад-он муҷорот кардааст, ин аст:

Ли Суҳравардӣ:

Ё соҳ иммо раайту шаҳбо заҳарат
Қад иҳрақати-л-қулуб сумма истатарат
Тарно тар би-з-завъиҳо ҳина тарат
Аварат ватаворат ва таввалат ва сарат

Ли-л-амир Камолиддин Комёр:

Ё Соҳи амо таро баруқан вамазат
Қад ҳайярати-л-уқула ҳина-ътаразат
Ҳаллат ва лаҳҳат ва лавваҳат ва-нқаразат
Лоҳат ва таҷаллат ва тахаллат ва мазат»

Ва Соҳиб Шамсуддини Исфаҳонӣ, ки ба анвоъи фазоил ороста буд ва шеъре нек мегуфт ва дар давлати Иззуддини Кайковус маконате азим дошт ва Бурҳонуддин Муҳаққиқи Тирмизиро ба вай иноят бисёр буд, чунон ки зикри он биёяд.

Ошуфтагии авзоъи Эрон дар мавқеъи ҳамлаи муғул ба андозае расида буд, ки рустоӣ ва шаҳрӣ ҳеч шаб дар бистари амну осоиш намеғунуданд ва ҳеч рӯз илло дар интизори марг ё асорат ба сар намекарданд ва бад-ин ҷиҳат ҳар кас метавонист пушт бар ёру диёр хешро ба билоди дурдаст, ки андешаи таъаррузи он қавми хуношом бад-он дертар сурат мебаст, меафканд, то магар рӯзе аз тӯфони офат барканор бошад ва ёрони азизу

→ зеҳне ваққод ва табъе баланд дошт ва аз шогирдони Маҷдуддин Ҷабалӣ устоди Фахри Розӣ буд ва дар охири умр ба Ҳалаб афтода буд ва авоми Ҳалаб, ки худро олим ва ҳомии дин мепиндоштанд, он ҳакими ҷалилро ба фасоди мазҳаб, яъне пайравии ҳукамо ва арбоби таътил мансуб карданд ва малик зоҳир-дорои Ҳалаб ба фармони падари худ Салоҳиддин Юсуф вайро ба қатл расонид.

Шиҳобуддин кутуби бисёр таълиф намуда, ки аз он ҷумла китоби Ҳикмату-л-ишроқ ва Талвиҳот ва Муториҳот ва Ҳаёкилу-н-нур назди акобири фан машҳуру манзур аст. Барои иттилоъ аз зиндагии ӯ руҷӯъ кунед ба Табақоту-л-атиббо, табъи Миср, ҷилди дувум (сафҳаи 167-171 ва Ибни Халкон, табъи Эрон, ҷилди дувум (410-413).

хешони арҷмандро беш ғарқаи дарёи хун набинад ва ҳарчанд баъзе мамолик ба воситаи қабули элию инқиёд ё илале дигар якчанд аз дастандозии муғулон дар амон буд, лекин боз ҳам дилҳо он ором, ки бояд, надошт ва низ барои табақаи мутафаккирин ва равшанбинон ҳама ҷо омода набуд, чунон ки дар Форс, ки ба ҳусни тадбири Атобакон маҳфуз монда буд, ҳарчанд кори зуҳдпешагон ва зоҳириён равнақ дошт, арбоби тааққул ва ҳақоиқшиносон ба хории тамом мезистанд ва Атобак Абӯбакр ибни Саъд[1] (борони инъом ва истиноъ сирри ӯ алониятан аз сари ало ният ва санои тувият бар зуҳҳоду ибод ва сулаҳову мутасаввифа фоиз доштӣ ва ҷониби эшонро бар аиммаву уламо ва афозили марҷаҳ донистӣ ва чун ба доъияи ҳусн эътиқоди харидори матоъи зуҳд ва тақашшуф буд, мутасалсилон ва мутазаҳҳидони худро дар зии заҳодат ва маъразу мин ташбеҳ биқавми фаҳува минҳум ҷилвагарӣ мекарданд ва бо ёде ва инъомоти ӯ маҳзуз мешуданд ва арбоби балоҳату асҳоби нуфуси созиҷаро гуфтӣ, авлиё ва ҷуласои Худои таъолоанд ва нуфуси малакӣ доранд ва аз шоибаи шаъваза ва эҳтиёл холӣ ва ало зидди ҳоза-л-ҳол аз худовандони зако ва фатанат ва аҳли нутқ ва фазилат мусташъар будӣ ва эшонро ба ҷазбаза ва фузул нисбат додӣ, лоҷарам чанд афрод аз аиммаи номдор ва уламои бузургворро ба воситаи нисбати илми ҳикмат изъоҷ кард ва қаҳран ва ҷабран аз Шероз ихроҷ».

Ва Баҳоуддин Валад ҳарчанд аз тариқаи фалосифа барканор буд, лекин дар тасаввуф ба олитарин дараҷаи иртиқо ҷаставу афкори баландаш аз ҳайийзи афҳом бартар буд ва бар асрори дину шариъат ва навомиси арбоби милал чандон вуқуфу басират дошт, ки агар зоҳирпарастон ва душманони ҳикмат аз макнуни асрораш

[1] Таърихи Вассоф, ҷилди дувум.

огоҳ мешуданд ва ҳақоиқи афкораш аз либоси оёти самовию аҳодис урён медиданд, аз вай (садчандон ки аз ҳукамо) табарро меҷустанд ва он роҳшиноси хабирро дар бозори тақашшуфу таззаҳуд ва содагию аблаҳнамой ба ҷаве намехариданд.

Пас Баҳоувалад аз он ҷиҳат, ки билоди Рум аз турктози муғул барканор менамуд ва подшоҳе донову соҳиббасирату гавҳаршиносу олимпарвар ва муҳите орому озод дошт, бад-он навоҳӣ ҳиҷрат гузид ва раҳли иқомат афканд ва чунон ки аз ривояти Афлокӣ гуфта омад, Алоуддин Кайқубод вайро аз Ларинда ба Қуния хост ва рӯзи вуруди ӯ ба Қуния пешбоз рафт ва ӯро ба ҳурмати ҳарчи бештар дар шаҳр овард ва мехост ӯро дар таштхонаи[1] худ манзил диҳад, Баҳоувалад тамкин накард ва ба мадрасаи ат-Тунба манзил сохт.

Аз рӯи қароине, ки Афлокӣ ба даст медиҳад, вуруди Баҳоувалад ба Қуния бояд бо авосити санаи 617 /1221м. мусодиф шуда бошад ва ин сухан бо гуфтори худи ӯ, ки аз иқомати Баҳоувалад ба соли 622 /1225м. дар Ларинда сухан ронда буд ва бо ривояти Валаднома, ки асли манобиъи таърихи Мавлоно ва хонадони ӯст, созгор нест.

Чунон ки аз Валаднома мустафод аст, Баҳоувалад пас аз инқизои ҳаҷ бесобиқаи даъват аз Алоуддини Кайқубод ё касони дигар ба Рум омад ва якчанд дар Қуния мезист, ки хабари ӯ ба султон нарасида буд. Чун овозаи фазлу дониши зоҳирӣ ва маърифату шуҳуди ботинӣ ва камоли нафсу сидқи қалб ва таҳорати зайл ва тақвову зуҳди Баҳоувалад ба гӯши султон расид, бо амирони Қуния ба зиёраташ омад ва ваъзаш бишниду аз сари

---

[1] Ва аммо-т-таштхоно фаҳия байтун, такуну фиҳи олати-л-ғусли ва-л-вузуи қумошу-с-султони-л-баёзу-л-лазӣ лобудда лаҳу мина-л-ғусли ва олати-л-ҳаммом ва олоти-л-вуқуд, «Ниҳояту-л-араб», табъи Миср ҷилди ҳаштум (сафҳаи 225).

сидқ дасти иродат дар домани ӯ зад ва бо хавоси худ пайваста сухан аз ҳайбати дидору қуввати таъсири Баҳоувалад кардӣ. Тафсили ин қазия дар Валаднома чунин аст:

Омад аз каъба дар вилояти Рум,
То шуданд аҳли Рум аз ӯ марҳум.
Аз ҳама мулки Рум Қунияро
Баргузиду муқим шуд ин ҷо.
Бишуниданд ҷумла мардуми шаҳр,
Ки расид аз сафар ягонаи даҳр.
Ҳамчу гавҳар азизу ноёб аст,
Офтоб аз атош пуртоб аст.
Несташ дар ҳама улум назир,
Ҳаст аз сиррҳои ишқ хабир.
Рӯ ниҳоданд сӯи ӯ халқон
Аз зану марду тифлу пиру ҷавон.
Ошкоро кароматаш диданд,
З-ӯ чӣ асрорҳо, ки бишниданд.
Ҳама бурданд аз ӯ вилоятҳо,
Ҳама карданд аз ӯ ривоятҳо
Чанд рӯзе бар ин насақ чу гузашт,
Кеҳу меҳ, марду зан муридаш гашт.
Баъд аз он ҳам Алоудинсултон
Эътиқоди[1] тамом бо мирон
Омаданду зиёраташ карданд,
Қанди панди варо зи ҷон х(в)арданд
Гашт султон Алоудин, чун дид

---

[1]«ба эътиқод» ба ҳазфи ҳамзаи васл ва иттисоли ҳарфи рабт ба мобаъд бояд хонда шавад ва ин расм дар ашъори форсӣ маъмул аст, чунон ки Фирдавсӣ дар достони Рустам ва Исфандёр гӯяд:

Дигар бадкуниш деви бад бадгумон.
Танаш бар замину сараш б-осмон.
яъне ба осмон.

Рӯи ӯро, ба ишқу сидқ мурид.
Чун ки ваъзаш шуниду шуд ҳайрон,
Кард ӯро мақом дар дилу ҷон.
Дид бисёр аз ӯ кароматҳо,
Ёфт дар хеш аз ӯ аломатҳо.
Ки набуд қатраеш аввал аз он,
Рӯй карда бигуфт бо мирон,
Ки чу ин мардро ҳамебинам,
Мешавад беш сидқаму динам.
Дил ҳамеларзадам зи ҳайбати ӯ,
Меҳаросам ба гоҳи руъяти ӯ.
Доиман бо хавос ин гуфтӣ,
Рӯзу шаб дурри мадҳи ӯ суфтӣ.

Ва аҳли Рум азим муътақиди Баҳоувалад шуданд ва ӯ «ба ваъзу[1] ифода машғул будӣ ва султон Алоуддин идрору инъом дар ҳаққи Мавлоно ба тақдим расонидӣ ва Мавлоноро эҳтироме зоиду-л-васф даст дод» ва ба ривояти Афлокӣ «Султон ӯро дар маҷлисе, ки тамоми шуюх буданд, даъват карду беандоза ҳурмат ниҳод ва муриди вай шуд ва ҷамиъи сипоҳу хавос мурид шуданд» ва иродати ҷамиъи хавосу сипоҳи султон холӣ аз мубо-лиға нест.

Аз ҷумлаи муридони вай Амир Бадруддин Гуҳартош маъруф ба Зардор, ки лолои султон буд, ба шукронаи ҳолате ки аз сафои нияти шайх дар худ ёфт, ҳам ба фар-мони Баҳоувалад ҷиҳати фарзандони ӯ мадрасае бисохт, ки маҳалли тадриси Мавлоно шуд ва Аҳмади Афлокӣ аз он ба мадрасаи ҳазрати Худовандгор таъбир меку-над ва муддати иқомати Баҳоувалад дар Қуния аз рӯи гуфтаи Аҳмади Афлокӣ наздик ба даҳ сол буд, зеро му-тобиқи ривоёти вай вуруди Баҳоувалад ба Қуния санаи

[1] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 194).

617 /1221м. ва вафоташ дар чоштгоҳи ҷумъаи 18 рабиъул-охир санаи 627 /1230м. иттифоқ афтод[1] ва чунон ки гузашт, ривоёти вай мутаноқиз аст ва ба ривояти Валаднома, муддати иқомати вай дар Қуния беш аз ду сол накашида буд, ки тан бар бистари нотавонӣ ниҳод ва зиндагиро бадруд гуфт ва достони вафоти ӯ дар Валаднома чунин меояд:

Баъди ду сол аз қазои Худо
Сар ба болин ниҳод ӯ зи ано.
Шоҳ шуд аз анои ӯ маҳзун,
Ҳеч аз ин ғуссааш намонд сукун.
Омаду шист пеши ӯ гирён,
Бо ду чашми пуроб, дил бирён.
Гуфт ин ранҷ ҳам аз ӯ зоил
Шавад, ар ҳаст ҳақ ба мо моил.
Ки шуд нек баъд аз ин султон,
Ӯ бувад, ман шавам раҳиш аз ҷон.
Ҳамчу лашкаркашеш гардам ман,
Хидмати ӯ кунам ба ҷону тан.
Чун бидидиш ҳар замон султон,
Боз кардӣ иъода он паймон.
Шаҳ чу гаштӣ равона сӯи саро,
Ӯ бигуфтӣ ба ҳозирон, ки ҳало
Агар ин мард рост мегӯяд,
Аз Худо буди мо ҳамеҷӯяд.
Вақти риҳлат расидааст маро,
Рафт хоҳам аз ин ҷаҳони фано.
Худ ҳамон буд ногаҳ аз дунё,
Нақл фармуд ҷониби уқбо.
Чун Баҳоувалад намуд раҳил,

[1] Дар нусхаи хаттии: «Маноқиб» 618 /1222м. навишта шуда, вале мусаллам аст, ки саҳв аз котиб буда, чи гузашта аз қароини бисёр дар тазкираи Ҳафт иқлим, ки матолиби он аз рӯи маноқиб гирифта шуда, таърихи вафоти Баҳоувалад 628 /1231м. мебошад.

Шуд зи дунё ба сӯи рабби ҷалил.
Дар ҷаноза-ш чу рӯзи растохез
Марду зан гашта ашкихунинрез.
Уламо сарбараҳнаву мирон
Ҷумла пеши ҷаноза бо султон.
Шаҳ зи ғам ҳафт рӯз барнанишаст,
Дили чун шишааш зи дард шикаст.
Ҳафтаи хон ниҳод дар ҷомиъ,
То бихурданд қониъу томиъ.
Молҳо бахш кард бар фуқаро
Ҷиҳати ирси он шаҳи воло.

Бино ба нақли Давлатшоҳ[1] Баҳоувалад «Дар шуҳури санаи иҳдо ва салосина ва ситта миа ба ҷавори раҳмати эзидӣ интиқол кард», вале ривояти Афлокӣ ба савоб наздиктар ва бо Валаднома мутобиқтар аст, зеро чунон ки биёяд, Мавлоно баъд аз вафоти падар як сол бешайху бепир гузаронид ва пас аз он Саййидбурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ ба Рум омад ва Мавлоно 9 соли тамом бо вай мусоҳибату irодат дошт, ки ӯ рӯи малол аз ҷаҳон даркашид ва қолаб тиҳӣ кард ва Мавлоно 5 соли дигар ба иршоду ваъзу тазкир машғул буд, ки Шамсиддини Табрезӣ ба вай бозхурд ва чун иттифоқест, ки мулоқоти Мавлоно бо Шамсуддин ба соли 542 /1148м. буд, пас фосила аз вафоти Баҳоувалад то ин таърих камобеш 15 сол буда ва аз ин рӯй ривояти Афлокӣ ба савоб наздиктар менамояд.

## Маорифи Баҳоувалад

Бо он ки Баҳоуддин дар улуми нақлӣ ва сулуки зоҳир ва ботин пешвои арбоби ҳолу қол ва ангуштнамои

[1] Тазкираи Давлатшоҳ , табъи Лидан (сафҳаи 194).

рӯзгор буд ва аз фатвову ваъзу тазкиру маорифи ӯ халқ баҳраҳо мебурданд ва ҳамарӯза маҷлиси ӯ ба аснофи мардум ба донишмандон ва раҳравон анбошта мешуд ва фазилатхоҳону ҳақиқатҷӯён аз маҷлиси ӯ бо домаҳо фавоид ва ифозоту футуҳ ва кушоишҳои ғайбӣ бармехостанд, зоҳиран ба одати ин табақа, ки ба таснифу таълиф чандон ақида надоранд ва гӯянд:

Дафтари сӯфӣ саводи ҳарф нест,
Ҷуз дили испеди ҳамчун барф нест.

Ба таълиф ва қайди маъонии нафсонӣ дар китоб напардохта ва танҳо асари мавҷуди ӯ китобест ба номи маориф, ки Афлокӣ дар зимни ҳоли Мавлоно зикри он бад-ин тариқ меорад: «Мавлоно маорифи Баҳоувалад тақрир мефармуд» ва ибтидо ба гумони ин заъиф мерасид, ки мақсуд аз маорифи Баҳоувалад афкор ва орои Баҳоувалад аст, на китобе аз осори вай мавсум ба «Маориф», то ин ки нусхае[1] бе оғоз ба даст омад, ки дар охири он навиштаанд:

«Тамма-л-китобу-л-маориф (казо) фӣ авоили шаҳри сафари-л-музаффар санаи ситтатин ва хамсина ва тисъи миа, катабаҳу-л- фақиру-л-ҳақир Худодод ал-Мавлавӣ ал-Қунавӣ».

Ва дар зимни китоб як ҷо номи Баҳоувалад ва дар фасли дигари хитоби вай дар маҷлис ба Фахри Розӣ ва Зайни Кешӣ ва Хоразмшоҳ, ки аз рӯи қатъи Алоуддин Муҳаммад ибни Тикиш мақсуд аст, ба назар расид ва тақрибан ҳеч шубҳат боқӣ намонд (махсусан , ки ончи дар ин китоб роҷеъ ба Фахри Розӣ ва Хоразмшоҳ зикр шуда, бо андак ихтилофе дар Маноқибу-л-орифин аз гуфтаи Баҳоувалад нақл шудааст), ки Маорифи Баҳоувалад ҳамин китоб аст.

[1] Ин нусха мутааллиқ ба донишманд устод оқои Алиакбар Деххудо ва ба хатти насхи нисбатан хуб ва камғалате навишта шуда ва аз авоили нусха миқдоре аз авроқ сақат шудааст.

Аммо китоби Маориф сурати маҷолис ва мавоъизи Баҳоувалад мебошад, ки ба ағлаби эҳтимол худи ӯ онҳоро мураттаб сохтаву ба риштаи таҳрир дароварда ва ағлаб ба иборате монанд бо худ мегуфт ва бо худ меандешидам, оғози сухан мекунад ва ҳақоиқи тасаввуфро бо баёне ҳарчи олитар ва қоҳиртар равшан мегардонад, чунон ки сарфи назар аз диққати афкор бисёре аз фусули ин китоб дар ҳусни иборат ва лутфи завқ беназир аст ва яке аз беҳтарин насрҳои шоирона мебошад.

Таъсири ин китоб дар фикру осори Мавлоно бисёр буда ва пас аз мутолиаву муқоисаи дақиқ бар мутатаббиъин ва арбоби назар пӯшида намемонад, ки Мавлоно бо падари худ дар усули умда ва мабонии тасаввуф шарик буда ва низ дар Масанавӣ[1] ва ғазалиёт аз маонии ин китоб иқтибосоте кардааст.

---

[1] Чунон ки Баҳоувалад гӯяд: «Акнун чу ту худро рағбате дидӣ ба Аллоҳ ва ба сифоти Аллоҳ, медон, ки он тақозои Аллоҳ аст ва агар майлат ба биҳишт асту дар талаби биҳиштӣ, он майли биҳишт аст, ки туро талаб мекунад ва агар туро майл ба одамист, он одамӣ низ туро талаб мекунад, ки ҳаргиз аз як даст бонг наёяд». Ва Мавлоно дар Маснавӣ дафтари севум чопи Алоуддавла, сафҳаи 308 гӯяд:

Ҳеч ошиқ худ набошад васлҷӯ.
Ки на маъшуқаш бувад ҷӯёи ӯ.
Лек ишқи ошиқон тан зеҳ кунад,
Ишқи маъшуқон хушу фарбеҳ кунад.
Чун дар ин дил барқи нури дӯст ҷаст,
Андар он дил дӯстӣ медон, ки ҳаст.
Дар дили ту меҳри ҳақ чун шуд дутӯ,
Ҳаст ҳақро бе гумоне меҳри ту.
Ҳеч бонги каф задан ояд бадар
Аз яке дасти ту бе дасти дигар?

Ва низ дар Ал-Маориф омада «Акнун эй хоҷа, яқине ҳосил кун дар роҳи дин ва он мояи худро нигоҳ дор аз дуздон ва ҳамнишинон, ки эшон ба нагзӣ ҳама роҳати туро бидузданд, ҳамчунон ки ҳаво обро бидуздад» ва ҳамин маъниро Мавлоно дар зимни як байти фасеҳ (дафтари севуми Маснавӣ, чопи Алоуддавла сафҳаи 260) овардааст:

Андак-андак обро дуздад ҳаво
В-инчунин дуздад ҳам аҳмақ аз шумо →

→ Мисоли дигар аз Ал-маориф «Охир ту аз олами ғайб аз он сӯи парда бад-ин сӯи парда омадӣ ва надонистӣ, ки чи гуна омадӣ, боз чу аз буни парда бад-он сӯи парда равӣ, чӣ донӣ, ки чи гуна равӣ» ва ҳамин маънӣ дар Маснавӣ (дафтари севум, сафҳаи 225 аз ҳамон чоп) низ бад-ин сурат омадааст:

Чун ситора сайр бар гардун кунӣ,
Балки бегардун сафар бечун кунӣ.
Ончунон к-аз нест дар ҳаст омадӣ,
Ҳин бигӯ чун омадӣ, маст омадӣ.
Роҳҳои омадан ёдат намонд,
Лек рамзе бо ту бархоҳем хонд.

Ва маъхази ҳикояти амир, ки мехост ба гармоба равад ва ғуломи ӯ, ки Сунқур ном дошту ба масҷид рафт ва хоҷаро бар дари масҷид ба интизор гузорд, ки Мавлоно дар дафтари севуми Маснавӣ (сафҳаи 273 аз чопи Алоуддавла) ҳарчи латифтар ба назм оварда, ҳам китоби ал-Маорифи Баҳоувалад аст ва ин ки Мавлоно дар ғазале гӯяд:

Агар ту ёр надорӣ, чаро талаб накунӣ
Ва гар ба ёр расидӣ, чаро тараб накунӣ?
Ба коҳилӣ бинишинӣ, ки ин аҷаб корест,
Аҷаб туӣ, ки ҳавои чунин аҷаб накунӣ.

иқтибосест аз ин ибborати Маориф «Агар роҳе надидаӣ, ҷид кун, то роҳе бинӣ ва агар роҳ дидӣ, таваққуф чӣ мекунӣ ва чӣ андеша ғам (андеша ва ғам ) мехурӣ».

## Фасли дуввум

# Айёми таҳсил

Чун Баҳоувалад сар дар ҳиҷоби адам кашид, Мавлоно ки дар он ҳангом бистучаҳорумин марҳалаи зиндагониро мепаймуд, ба васияти[1] ё ба хоҳиши[2] Султон Алоуддин ва бар ҳасби ривояти Валаднома ба хоҳиши муридон[3] бар ҷои падар бинишаст ва бисоти ваъзу ифодат бигустард ва шуғли фатвову тазкирро ба равнақ овард ва рояти шариат барафрошт ва як соли тамом дур аз тариқат муфтии шариат буд, то Бурҳонуддини Муҳаққиқи Тирмизӣ бад-ӯ пайваст.

---

[1] Тазкираи Давлатшоҳ , табъи Лидан (сафҳаи 194) ва Оташкада, дар зикри шуарои Балх.

[2] Тазкираи Ҳафт иқлим, ҳам дар зикри шуарои Балх.

[3] Султонувалад дар боби руҷӯъи муридони ҷад ба падари худ гӯяд:

Таъзия чун тамом шуд пас аз он,
Халқ ҷамъ омаданд пиру ҷавон.
Ҳама карданд рӯ ба фарзандаш,
Ки туӣ дар ҷамол монандаш.
Баъд аз ин дасти мову домани ту,
Ҳама бинҳодаем сӯи ту рӯ.
Шоҳи мо баъд аз ин ту хоҳӣ буд,
Аз ту хоҳем ҷумла мояву суд.
Шист бар ҷош шаҳ Ҷалолуддин,
Рӯ бад-ӯ кард халқи рӯи замин.

## Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ

Аз содоти Ҳусайнии[1] Тирмизист, ки дар оғози ҳол[2] дарди талаб даст дар домани ҷони вай зад ва ӯро ба маҷлиси Баҳоуддин Валад, ки дар Балх инъиқод меёфт, кашонид ва ба ҳалқаи муридон даровард. Кашиши маънавӣ ва ҷинсияти рӯҳонӣ Бурҳониддинро, ки ҳанӯз ҷавон буд, бандаи он пири роҳбин кард ва чун забонаи[3] шамъ дар нури офтоби вуҷудаш дар вуҷуди шайх маҳв сохт ва кори Бурҳон ба шуҳуд кашид ва шоҳиди ғайбро мушоҳида кард ва Афлокӣ гӯяд, ки тамоми муддат риёза-

[1] «Нафаҳоту-л-унс».

[2] Султонувалад дар «Маснавии Валадӣ» шарҳи иродати саййидро ба Баҳоувалад чунин гуфтааст:

Дар ҷавонӣ ба Балх чун омад,
Хост он ҷойгоҳ оромад.
Ҷадди моро чу дид он толиб,
Ки бар ӯ буд ишқи ҳақ голиб,
Гашт саййид муридаш аз дилу ҷон,
То равонро кунад зи шайх равон.
Дар муридӣ расид ӯ ба мурод,
З-он ки шайхаш атои беҳад дод.

Ин абёт баихтисор нақл шуд.

[3] Ишора аст ба ин абёти «Маснавӣ» дар тамсили фано ва бақои дарвеш:

Гуфт қоил дар ҷаҳон дарвеш нест,
В-ар бувад дарвеш, он дарвеш нест.
Ҳаст аз рӯи бақо он зоти ӯ,
Нест гашта васфи ӯ дар васфи ҳу.
Чун забонай шамъ пеши офтоб
Нест бошад, ҳаст бошад дар ҳисоб.
Ҳаст бошад зоти ӯ, то ту агар
Барниҳӣ пунба, бисӯзад з-он шарар.
Нест бошад, равшанӣ надҳад туро
Карда бошад офтоб ӯро фано.

«Маснавӣ», дафтари севум, чопи Алоуддавла (сафҳаи 290).

[4] Ин ривояти Афлокист ва дар маноқиби Маҳмуди Маснавихон (дар санаи 997 /1589м. ба туркӣ таълиф гардида ва маъхази бештари ривоёташ ҳамон маноқиби Афлокӣ мебошад), муддати риёзати ӯ дувоздаҳ сол забт шудааст.

ти Муҳаққиқи Тирмизӣ беш аз чиҳил рӯз набуд[4].

Ва баъзе[1] гӯянд, ки ҳам дар Балх Баҳоувалад тарбияти Мавлоноро ба Бурҳонуддин гузошт ва ӯ нисбат ба Мавлоно симати лолоӣ ва атобакӣ дошт ва ин ки Давлатшоҳ[2] ӯро муршид ва пири Баҳоувалад мепиндорад, саҳви азим ва мухолифи асноди қадим ва ривоёти Валадномаву Афлокӣ мебошад.

Вақте ки Баҳоувалад[3] аз Балх ҳиҷрат мекард, Бурҳониддин дар Балх набуд ва сари хеш гирифта, дар Тирмиз мунзавӣ ва муътазил мезист ва чун Баҳоувалад мусофират намуд, пайваста хабари ӯ аз дуру наздик мепурсид, то нишони ӯ дар Рум доданд ва Бурҳонуддин ба талаби шайх озими Рум шуд. Чун бад-он мулк расид, як соли тамом аз вафоташ гузашта буд ва бинобар ин таърихи вусули ӯ ба Рум мутобиқ будааст ба санаи 629 / 1232м. Афлокӣ дар Маноқибу-л-орифин ва Ҷомӣ ба тақлиди вай дар Нафаҳоту-л-унс овардааст, ки дар вақти вафоти Баҳоувалад Бурҳониддин «Ба маърифати гуфтан машғул буд, дар миёни сухан оҳе кард ва фарёд баровард, ки дареғо шайхам аз кӯи олами хок ба сӯи олами пок рафт ва фармуд, фарзанди шайхам Ҷалолиддин Муҳаммад бениҳоят нигарони ман аст бар ман фарзи айн аст, ки ба ҷониби диёри Рум равам ва ин амонатро, ки шайхам ба ман супурдааст, ба вай таслим кунам». ва достони ин каромат дар Валаднома, ки асаҳҳи манобиъи таърихӣ роҷеъ ба ҳаёти Мавлоност, наёмада ва зоҳиран аз қабили каромот ва достонҳои дигар бошад, ки Афлокӣ аз ашхос шунида ва бе таҳқиқ ё аз рӯи ҳусни ақидат дар китоби худ гунҷонидааст ва инак абёти Ва-

---

[1] Маноқиби Афлокӣ.

[2] Тазкираи Давлатшоҳ , табъи Лидан (сафҳаи 193) ки ба табиъияти ӯ муаллифи Оташкада ҳамин иштибоҳро муртакиб шудааст.

[3] – Маноқиби Афлокӣ.

ладнома бо ихтисор:

Муддате чун бимонд дар ҳиҷрон,
Толиби шайхи хеш шуд Бурҳон,
Гашт бисёру андар охири кор
Дод бо вай хабар яке мухтор
Гуфт шайхат бидон, ки дар Рум аст,
Нест пинҳон, ба ҷумла маълум аст
Ин тараф азм кард он толиб
Ишқи шайхаш чу шуд бар ӯ голиб.
Чунки шодон ба Қуния бирасид,
Шайхи худро зи шаҳрбон пурсид.
Ҳама гуфтанд, он ки меҷӯӣ,
Ҳар тараф баҳри ӯ ҳамепӯӣ,
Ҳаст соле, ки рафта аз дунё...
Рахтро бурда боз дар уқбо.

Ва бо тасриҳи Султонвалад фарзанди Мавлоно, ки худ ҳам аз муридони Саййид буда, ба ин ки «Дод бо вай хабар яке мухтор» дар заъфи гуфтори Афлокӣ ва Ҷомӣ шубҳа нахоҳад монд ва тавон гуфт, ки инқилоб ва ошуфтагии билоди Хуросон бар асари ҳуҷуми муғул низ дар муҳоҷирати Бурҳониддин аз мавлиди худ ба талаби шайх бетаъсир набудааст.

Ба ривояти Афлокӣ ҳангоме, ки Саййид ба Қуния расид, «Магар ҳазрати худовандгор ба сӯи Ларандеҳ рафта буд ва ҳазрати Саййид чанд моҳ дар масҷиди Санҷорӣ муътакиф шуда, бо ду дарвеши хидматгор мактубе ба ҷониби ҳазрати Мавлоно фиристод, ки албатта азимат фармоед, ки дар мазори волиди бузургвори худ ин ғарибро дарёбанд, ки шаҳри Ларандеҳ ҷои иқомат нест, ки аз он карда дар Қуния оташ хоҳад боридан. Чун мактуби Саййид ба мутолиаи Мавлоно расид, аз ҳад берун риққатҳо кард ва шодон шуду ба зудӣ мурочиат намуд». Лекин дар Валаднома ҳеч гуна ишо-

рате бад-ин гуна матлаб нест ва тавонад буд, ки Султонвалад риояте ихтисор карда ва аз тафсири ин вақоиъ сарфи назар намуда бошад. Чунон ки аз Валаднома ва яке аз ривоёти Манокибу-л-орифин мустафод аст, Саййид Мавлоноро дар анвои улум биёзмуд ва вайро дар фунуни қол нодир ёфт «Ва бархосту ба зери пои худовандгор бӯсаҳо додан гирифт ва басе офаринҳо карду гуфт, ки дар ҷамиъи улуми динию яқинӣ аз падар ба сад мартабаву дараҷа гузаштай, аммо падари бузургворатро ҳам илми қол ба камол буд ва ҳам илми ҳол ба тамом дошт, мехоҳам, ки дар илми ҳол сулукҳо кунӣ ва он маънӣ аз ҳазрати шайхам ба ман расидааст ва онро низ ҳам аз ман ҳосил кун, то дар ҳама ҳол зоҳиран ва ботинан ворисн падар бошӣ ва айни ӯ гардӣ». Мавлоно ин сухан аз Саййид пазируфт ва муриди вай гашт ва дар риёзату муҷоҳидат биистод ва мурдавор[1] хешро бад-ӯ таслим кард, то ба зиндагонии абад бирасад ва аз тангнои тану олудагӣ, ки кони андӯҳу ғам аст, бираҳад ва мурги ҷонаш дар фазои беолоишӣ, ки маъдани шодиҳо ва ҷаҳони хушист, болу пар бикшояд.

Муддати иродатварзии[2] Мавлоно ба Саййид нуҳ сол будааст ва аз ин рӯй то соли 638 /1241м. сару кори Мавлоно бо Бурҳониддин афтода ва ба раҳнамоии он ори-

---

[1] Ишора аст ба ин абёт:

Шуд муридаш зи ҷону сар бинҳод,
Ҳамчу мурда ба пеши ӯ афтод.
Пеши ӯ чун бимурду зинда-ш кард,
Гиряаш бар дукони ханда-ш кард.

[2] Манокиби Афлокӣ ва Ҳафт иқлим ва Нафаҳоту-л-унс ва зоҳиран санади ҳамаи ин байт Валаднома бошад:

Буд дар хидматаш ба ҳам нуҳ сол
То ки шуд мисли ӯ ба қолу ба ҳол.

[3] Иқтибос ва ишора бад-ин абёт аст:

Пухта гарду аз тағайюр дур шав,
Рав, чу Бурҳони Муҳаққиқ нур шав.
Чун зи худ растӣ ҳама бурҳон шудӣ,
Чун ки гуфтӣ бандаам, султон шудӣ.

Маснавӣ, дафтари дувум, чопи Алоуддавла (сафҳаи 133).

фи комил саропо нур гардида[3] ва аз тағайюри нафс бар асари таворуди аҳволи зоҳирию маънавӣ, ки дар ҳар ҳол натиҷаи нақсу инфиъол аст дур шуда буд ва барои найл ба камолу мартабаи Худовандӣ сайру сулук менамудааст.

## Мавлоно дар Ҳалаб

Чунонки дар Маноқибу-л-орифин мазкур аст, Мавлоно ду сол пас аз вафоти падар ва зоҳиран ба ишорати Бурҳониддин «ба ҷониби Шом азимат фармуд, то дар улуми зоҳир муморисат намояду камоли худро ба акмалият расонад ва ғӯянд сафари аввалаш он буд» ва мутобиқи ривояти ҳам ӯ Бурҳниддин дар ин сафар то Қайсария бо Мавлоно ҳамроҳ буд ва ӯ дар ин шаҳр муқим шуд, лекин Мавлоно ба шаҳри Ҳалаб рафт ва ба таълими улуми зоҳир пардохт. Ҳарчанд дар Валаднома ва тазкираҳо ба мусофирати Мавлоно барои таҳсили улум ба Ҳалаб ё маҳали дигар имову ишорае ҳам дида намешавад, лекин табаҳҳуру истилои Мавлоно дар улум чунонки аз осораш машҳуд аст, собит мекунад, ки ӯ солҳо дар таҳсили фунун ва улуми исломӣ, ки бисёре аз машоихи мутаахирин онҳоро ба номи он ки қол ҳиҷоби ҳол аст, тарк гуфта ва ноқису бекамол бор омадаанд, ранҷ бурда ва аксар ё ҳама кутуби муҳимро ба дарс ё ба мутолиъа хонда ва чунонки биёяд, муҳаддису фақеҳу адибу файласуфу устод будааст ва чун шуҳрати илмӣ дар он аҳди хосса дар улуми шаръӣ муттакӣ ба иҷоза ва улувви мақом баста ба улувви силсилаи аснод буда ва ночор устодони фиқҳу ҳадис мебоист иҷоза ва силсилаи ривояти худро ба устоди мутабаҳҳиру садуқу олию-л-аснод мунтаҳӣ созанд, пас ночор Мавлоно, ки дар оғози ҳол шуғли ваъзу ифто ва тадрису тазкир дошт, дарс хонда ва устоддида буд ва силсилаи ривояти аҳодис

ва аҳкоми фиқҳро, ки мутасаддии тадриси он буд, ба яке аз муҳаддисон ва фақиҳони он рӯзгор мустанад мегардонид.

Ва чун Димишқ ва Ҳалаб дар ин аҳд аз марокизи муҳимми таълимоти исломӣ ба шумор мерафт ва бисёре аз уламои Эрон аз ҳуҷуми муғул бад-он навоҳӣ паноҳ бурда ва авқоти худро ба нашри улум машгул гардонида ва иддаи бисёр аз урафо назар ба он ки Димишқ ва ҳаволии Ҷабали Лубнон макони муқаддас ва мавқуфи абдол ва ҳафтмардон ё ҳафттанон ва таҷаллигоҳ ба равоқи ғайбист, дар он навоҳӣ иқомат гузида буданд ва ба интизори дидори риҷолу-л-ғайб дар кӯҳҳои Лубнон шаб ба рӯз меоварданд ва шайхи акбар Муҳиддин муассис ва бунёдгузори усули ирфон ва шориҳи каламоти мутаввифа ҳам дар Шом ҷой дошт. Пас, ривояти Афлокӣ дар мусофирати Мавлоно, ки толиби улуми зоҳир ва ботин буд, бад-ин навоҳӣ аз воқиъ ба дур нест ва агарчи зикри ин сафар дар Валаднома, ки мубтанӣ бар ихтисор ва баёни мақомоти маънавии Мавлоност наёмада, бо вуҷуди ин қароин бояд сухани Афлокиро мусаллам дошт.

## Мадрасаи Ҳаловия

Ба ривояти Афлокӣ Мавлоно бо чанд ёре аз муридони падар, ки мулозими хидматаш буданд, дар мадрасаи Ҳаловия ва ин мадрасаи Ҳаловия[1] дар оғоз яке аз каноиси бузурги румиён буд, ки онро ба муносибати қидмат ва ривоёти мазҳабӣ (даромадани Масеҳ ва ҳавориюн ва иқомати онон дар маҳалли он каниса) беандоза

---

[1] Куллияи матолиб роҷиъ ба мадрасаи Ҳаловия манқул аст аз китоби «Наҳру-з-заҳаб фӣ таърихи Ҳалаб» таълифи Комил ибни Ҳусайн Болии Ҳалабӣ аш-шаҳир би-л-Ғазо), табъи Ҳалаб, ҷилди дувум, (сафҳаи 216-234)

ҳурмат мениҳоданд ва чун дар санаи 518 /1125м. салибиён ба Ҳалаб ҳамлавар шуданд ва амири Ҳалаб[1] Элгозӣ бини Артиқ соҳиби мордин ори фирор бар хеш осон намуд. Қозӣ Абулҳасан Муҳаммад ибни Яҳё ибни Хашоб, ки канисияи бузургро дар Ҳалаб ба сурати масҷид даровард ва яке ҳамин каниса буд, ки онро масҷиди сироҷайн хонданд. Баъд аз он Нуриддин Маҳмуд ибни Зангӣ маъруф ба Малики Одил (541-569 /1147-1174м.) чанд ҳуҷра ва айвоне бар он масҷид бияфзуд ва ба сурати мадраса даровард (санаи 544 /1150м.) ва бар асҳобу пайравони Абӯҳанифа вақф намуд.

Дар санаи 643 /1246м. Умар ибни Аҳмад маъруф ба Ибну-л-Адим ба амри ал-Малику-н-Носир Юсуф ибни Муҳаммад (634-659 /1237-1261м.) иморати ин мадрасаро таҷдид намуд ва бори дигар дар санаи 1071 /1661м. ба фармони султон Муҳаммадхон аз салотини Оли Усмон онро марамммат кардаанд ва то санаи 1341 /1923м. ҳиҷрии қамарӣ ин бино мавҷуд ва пойбарҷой будааст.

Ин мадараса авқофи бисёр дошта ва туллоби он аз ҳар ҷиҳат мураффаҳ ва форигбол мезистаанд ва Воқиф шарт карда буд, ки ҳар моҳи рамазон 3000 дирҳам бидиҳанд, то фуқаҳоро меҳмон намояд ва дар нимаи шаъбон ва маволиди аиммаи дин ҳалво қисмат кунад ва зоҳиран ба ҳамин сабаб ин мадрасаро ҳаловия хондаанд ва мударисини ин мадраса низ ҳамвора аз уламои бузургу номвар интихоб мешудаанд ва аввалин мударриси он Бурҳониддин Абулҳасани Балхӣ буда, ки вайро аз Димишқ хостаанд ва имом Бурҳонуддин Аҳмад ибни Алӣ Усулии Салафиро ҳам ба ниёбати вай муқаррар доштаанд ва ин мадраса яке аз марокизи умдаи ҳанафиён будааст.

---

[2] Ин сухан дар китоби Наҳру-з-заҳаб нақл шуда, вале ба ривояти Абулфидо Элғозӣ ба соли 516 /1123м. вафот ёфта ва ҳукумати Ҳалаб дар мавқеъи ҳамлаи салибиён бад-он шаҳр бо фарзанди ӯ Темуртош буд, ки ба сабаби таносой ва айёшӣ бо аҳли Ҳалаб дар ин ҷанг ҳамроҳӣ нанамуд. Таърихи Абулфидо санаи 618 /1222м.

## Камолиддин Ибн ал-Адим

Вақте ки Мавлоно дар Ҳаловия иқомат кард, тадриси он мадраса бар уҳдаи Камолуддин Абулқосим Умар ибни Аҳмад маъруф ба Ибн ал-Адим қарор гирифта буд, ки яке аз афроди байти Абиҷарода ва хонадони бани - л-Адим ба шумор мерафт[1] насаби ин хонадон мунтаҳӣ мешавад ба Абиҷарода Омир ибни Рабиъа, ки аз саҳобаи амирулмӯъминин Алӣ ибни Абитолиб (а) буд ва хонадони вай дар маҳаллаи Бани Ақил воқеъ дар Басра иқомат доштанд ва аввалин бор Мӯсо ибни Исо чаҳорумин фарзанди Абиҷарода дар қарни севум ба қасди тиҷорат дар Ҳалаб раҳли иқомат афганд ва фарзандони вай батадриҷ дар ин шаҳр дорои шуҳрату макнат шуданд ва аз огози қарни панҷум, ки Абулҳусайни Аҳмад ибни Яҳё, мутаваффо дар 429 ба тасаддии шуғли қазо комёб омад, алаттаҳқиқ то қарни ҳафтум ва зоҳиран[2] муддате пас аз он ин мансаб ба ирс ва истиҳқоқ дар ин дудмон табдил меёфт ва гоҳе низ мансаби тадрис бар қазо илова мешуд.

Иллати шуҳрати ин хонавода ба Банилод зоҳиран он аст, ки қозӣ Ҳабатуллоҳ ибни Аҳмад бо вуҷуди сарвату макнати бекарон ҳамвора дар ашъори худ аз тангдастӣ ва дарвешӣ менолид ва бад-ин ҷиҳат ӯро Адим, яъне фақиру бечиз ва хонадонашро Бани-л-Адим гуфтаанд.

Камолиддин Абулқосим фарзанди чаҳоруми

[1] Он чи роҷеъ ба Камолиддин ибни Адим ва хонадони ӯ дар ин фасл зикр шуда, мустафод аст аз Муъҷаму-л-удабои Ёқут, ҷилди шашум, табъи 1913 (сафҳаи 18-46).

[2] Зеро Ибни Батута, ки ба соли 725 /1325м. аз мавтини худ Танҷа ба билоди Машриқ мусофират намуда, аз Носириддин ибн ал-Адим ёд карда ва гӯяд, ӯ қозии ҳанафиёни Ҳалаб буд. Раҳла ибни Батута, ҷилди аввал, табъи Миср (сафҳаи 43).

Ҳабатуллоҳ маъруф ба Адим аст, ки дар санаи 488 / 1095м. мутаваллид гардид ва бо андак сол дар улум ва фунуни адаб ва фиқҳу ҳадис ва маърифати риҷол табаҳҳури азим ва шуҳрати вофӣ ба даст овард ва дар ҳусни хат яке аз устодони замона ба шумор мерафт ва дар шоирӣ низ дасте дошт.

Бино ба қавли Ёқути Ҳамавӣ, ки худ дар санаи 619 / 1223м. ба хидмати Камолиддин расида, авввалин бор Камолиддин дар санаи 616 /1220м, ки 28 сол аз умраш мегузашт, ба тадриси мадрасаи Шодбахт мансуб шуд ва зоҳиран баъд аз ин таърих дар мадрасаи Ҳаловия шуғли тадрис ёфт[1] ва дар ҳаволии санаи 643 /1246м. ин мадрасаро ба амри Малик Носир мараммат кард.

Ибну-л-Адим чанд китоби муҳим таълиф карда, ки аз он ҷумла яке тарихи Ҳалаб аст мавсум ба Зубдату-т-талаб ва дигар китоби Ал-ахбор ал-мустафода фӣ зикри банӣ Ҷарода, ки онро ба хоҳиши Ёқут мудавван сохт ва дигар ва дигар Китобу-д-дарорӣ фӣ зикри-з-зарорӣ ба номи Ал-малику-з-зоҳир ва дигар китобе дар хатту фунун ва одоби он.

Ҳангоме ки асокири[2] хунхори муғул дар санаи 658 ба Ҳалаб тохтанд, қозӣ Ибну-л-Адим ба Миср паноҳ бурд ва пас аз бозгашти муғул ба мавтини худ баргашт ва дар вайронии он шаҳр абёте ғамангез ба назм овард ва ду сол баъд аз он воқиъа ба соли 660 /1262м. даргузашт.

Афлокӣ Камолиддинро назар ба аҳамият ва нуфузи калима ва вусъати макнату ҷоҳи зоҳир малику-л-умаро

---

[1] Ва чун бино ба ривояти Афлокӣ Мавлоно дар мадрасаи Ҳаловия назди Ибнул-Адим ба такмил ва таҳсили улум иштиғол варзида ва мусофирати ӯ низ ба шаҳри Ҳалаб алаттаҳқиқ дар фосилаи санаваоти 630-638 / 1233-1241м. иттифоқ афтода, пас Камолиддин ибни Адим бояд дар ин таърих ба тадриси Ҳаловия мансуб шуда бошад.

[2] Руҷӯъ кунед ба Таърихи Абулфидо, ҳаводиси санаи 660 /1262м., ки иштибоҳан номи падари Камолиддинро Абдулазиз навиштааст.

ва малику-л-мулки Ҳалаб хонда ва дар боби муҳаббат ва инояти ӯ нисбат ба Мавлоно гӯяд «Магар малику-л-умарои Ҳалаб Камолиддин ибни Адим малики мулки Ҳалаб буд, марде буд фозил ва алломаи аср ва кордону соҳибдилу равшандарун ва аз ғояти этиқод хадамоти мутаватир менамуд ва пайваста мулозими ҳазраташ мебуд аз он ҷиҳат, ки фарзанди Султону-л-уламо буд ва ба тадрис машғул мешуд ва чун дар зоти ҳазрати Мавлоно фатонату заковати азим меёфт, дар таълим ва тафҳими ӯ ҷидди беҳад менамуд ва аз ҳама талабаи илм бештар ва пештар бад-ӯ дарс мегуфт».

Ва чун Камолиддин фақеҳи ҳанафӣ буд, ночор бояд Мавлоно риштаи фиқҳ ва улуми мазҳабро дар назди вай таҳсил карда бошад.

Муддати иқомати Мавлоно дар шаҳри Ҳалаб маълум нест ва ривояти Афлокӣ дар ин боб музтариб аст ва як ҷо мегӯяд Мавлоно ба воситаи каромот машҳур шуд ва аз офати иштиҳор ба Димишқ рафт ва низ ривоят мекунад, ки султон Азуддини Рум малику-л-удабо Бадриддини Яҳёро ба хидмати Камолиддин равона кард, то Мавлоноро ба Рум боз орад ва султон Азуддини Рум ҳеч кас натавонад буд, ҷуз султон Азуддини Кайковус ибни Кайхусрав (644-655 /1247-1257м.), ки чандин сол пеш аз ҷулуси ӯ бар тахти салтанат Мавлоно аз сафар боз омада ва бар маснади тадрису фатво мутамаккин шуда буд ва бинобар ин агар ин ривоят сиҳҳате дошта бошад ва султон Азуддин кас ба талаби Мавлоно фиристода бошад, ночор дар сафарҳои Мавлоно ба Димишқ мобайни 645 /1248м. ва 647 /1250м. будааст.

## Мавлоно дар Димишқ

Баъд аз он ки Мавлоно муддате дар Ҳалаб ба такмили нафс ва таҳсили улум пардохт, озими Димишқ гардид ва муддати ҳафт ё чаҳор сол ҳам дар он ноҳия муқим буд ва дониш меандӯхту маърифат меомӯхт.

Пештар мазкур афтод, ки шаҳри Димишқ дар ин аҳд марказият ёфта ва маҷмаъи илму дониш ва малози гурехтагони фитнаи муғул гардида буд ва дар ҳамин таърих Шайх Акбар Муҳиддин[1] мароҳили охири зиндагониро дар ин шаҳр мепаймуд ва рафтани Мавлоно, ки дар садади таҳсили камол ва шефтаи суҳбати мардони роҳ буд ба Димишқ, ба воқеъ наздик аст.

Робитаи Димишқ бо таърихи зиндагонии Мавлоно бисёр аст ва ғазалиёту абёти Мавлоно дар васфи Шом мерасонад, ки Мавлоноро бо ин ноҳия, ки то пешгоҳи ҷамоли Шамси Табрезӣ ва чунон ки биёяд, аввалин нуқ-

---

[1] Муҳиддин Муҳаммад ибни Алӣ Тоии Ашбилӣ (560-638 /1165-1241м.) аз аҷалаи урафо ва акобири мутасаввифаи ислом ба шумор аст, ки усули тасаввуф ва ирфонро бар қавоиди ақлӣ ва усули илмӣ муттакӣ сохт ва онҳоро ба вуҷӯҳи истидлол тақрир намуд ва чунон ки аз худи ӯ ривоят мекунанд, 250 китоб таълифкардаи ӯст ва аз ҳама муҳимтар ва машҳуртар китоби Футуҳоти маккӣ аст, ки зоҳиран муфассалтарини кутуби ирфонӣ бошад ва Фусусу-л-ҳикам, ки шуруҳи бисёр бар он навиштаанд ва аз ҷанбаи адабӣ мақоми олӣ дорад ва Муҳиддинро дар ваҳдати вуҷуд тариқаи хос аст, ки оммаи фуқаҳо ва бархе аз мутасаввифа монанди Алоуддавлаи Симнонӣ (ал-мутаваффо 736 /1336м.) ба сабаби он дар мазҳаби ӯ таънаҳо кардаанд, вале бештари орои урафо ва ҳукамои қуруни ахир аз он ақида сармоя гирифта ва тақрибан кутуб ва орои Муҳиддин мабнои аслии тасаввуфи исломӣ аз қарни ҳаштум то аҳди ҳозир будааст.

Вафоти Муҳиддин дар Димишқ воқеъ шуд ва ӯро дар Солиҳияи Димишқ дафн карданд ва ҳамакнун мазори ӯ маъруф аст ва зоҳиран муроди Мавлоно аз кони гавҳар дар ин байт:

Андар ҷабали Солиҳ конест зи гавҳар,
З-он гавҳар мо ғарқаи дарёи Димишқем.

мадфани Муҳиддин ва «Солиҳ ё Солиҳа» таҳрифи ас-Солиҳия бошад.

тае будааст, ки ин ду ёри дамсоз бо якдигар дидор кардаанд, сарву сирре дигар аст ва ду сафари Мавлоно дар фосилаи 645 ва 647 ва фиристодани писарони худ ба Димишқ барои таҳсил ҳам шоҳиди ин гуфтор тавонад буд.

Ба гуфтаи Афлокӣ «Чун ҳазрати Мавлоно ба Димишқ расид, уламои шаҳр ва акобир ҳар кӣ буданд, ӯро истиқбол карданд ва дар мадрасаи Муқаддасия фуруд оварданд ва хадамоти азим карданд ва ӯ ба риёзати тамом ба улуми дин машғул шуд» ва мусаллам аст, ки Мавлоно китоби Ҳидояи[1] фиқҳро дар ин шаҳр хонда ва ба суҳбати Муҳиддин[2] ҳам ноил омадааст.

---

[1] Мақсуд «Ҳидоят фӣ-л-фуруғ» мебошад, ки китобест дар фиқҳ ба раviши ҳанафнён, таълифи шайху-л-ислом Бурҳониддин Алӣ ибни Абибакри Марғинонии Ҳанафӣ-ал-мутаваффо (593 /1197м.) ва ин китоб матмаи назари бисёре аз уламои мутақаддимин ва мутааххирин қарор гирифта ва шуруҳу таълиқот ва ҳавошии шатӣ бар он навиштаанд. Барои иттилои бештар руҷуъ кунед ба Кашфу-з-зунун, табъи Исломбул, ҷилди дувум (сафҳаи 648-654). Ва ин ки Мавлоно китоби Ҳидояро дар Димишқ хонд, мустафод аст аз садри ин ривояти Афлокӣ аз қавли Мавлоно «Маро дар ҷавонӣ ёре буд дар Димишқ, ки дар дарси Ҳидоя шарики ман буд» ва бино ба баъзе ривоёт китоби Ҳидояро Мавлоно ба фарзанди худ Султонвалад дарс дода буд.

[2] Санади ин гуфтор он аст, ки Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ дар шарҳи Маснавии мавсум ба Ҷавоҳиру-л-асрор гӯяд « Дигар вақте, ки ҳазрати Худовандгор дар маҳрусаи Димишқ буд, чанд муддат бо малику-л-орифин муваҳҳиди муҳаққиқ, комилу-л-ҳол ва-лқол Шайх Муҳиддин ал –Арабӣ ва саййиду-л-машоих ва-л-муҳаққиқин Шайх Саъдуддини ал-Ҳамавӣ ва зубдату-с-соликин ва умдату-л-машоих Усмон ар-Румӣ ва муваҳҳиди мудаққиқ, орифи комил, фақири раббонӣ Авҳадуддини Кирмонӣ ва малику-л-машоих вал-муҳаддисин Шайх Садруддини ал-Кунавӣ суҳбат фармуданд ва ҳақоиқу асроре, ки шарҳи он тӯле дорад, бо ҳамдигар баён карданд» ва ин сухан ба воқеъ наздик аст, чи аз Мавлоно, ки марди мутафаҳҳис ва толибу ҷӯёи мардонн Худо буд, дур менамояд, ки муддате дар Димишқ иқомат гузинад ва Муҳиддинро ба ҳамаи шуҳрат дидор накунад ва аз мақолоти Валади Чалабӣ дар рӯзномаи Ҳокимият, 1345 қамарӣ (Маҷмӯаи ёддоштҳо ва мақолоти оқои Козимзодаи Эроншаҳр мустафод аст, ки Мавлоно дар мавқеъе, ки бо падараш ба Шом ворид гадид, Муҳиддинро зиёрат кард ва ҳангоми бозгашт Мавлоно Ҷалолиддин пушти сари падар мерафт, Муҳиддин гуфт, субҳона-л-Лоҳ укёнусе аз паи як дарёча меравад.

Таваққуфи Мавлоно дар Димишқ зоҳиран беш аз чор сол, ки ривоят кардаанд, ба тӯл наанҷомида, чи ӯ дар Ҳалаб чанде муқим буда ва дар мавқеъи вафот Бурҳониддини Муҳаққиқ (638 /1241м.) ҳузур дошта ва чун мусофиратҳои ӯ дар ҳудуди 630 /1233м. шурӯъ шудааст, бинобар ин он ривоят, ки муддати иқомати ӯро дар Димишқ ба ҳафт сол мерасонад, аз ҳаййизи сиҳҳат ба дур хоҳад буд.

## Бозгашти Мавлоно ба Рум ва анҷоми кори Бурҳони Муҳаққиқ

Мавлоно пас аз чанде иқомат дар Ҳалабу Шом, ки муддати маҷмӯи он ҳафт сол беш набуд, ба мустақари хонадони хеш, яъне Қуния боз омад ва чун ба Қайсария расид, «уламову акобиру урафо пеш рафтанд ва таъзими азим карданд. Хидмати Соҳиби Исфаҳонро[1] он хос буд, ки ҳазрати Мавлоноро ба хонаи худ барад. Саййид Бурҳониддин тамкин надод, ки суннати Мавлонои бузург он аст, ки дар мадраса нузул кунанд».

Баъд аз ин таърих бино ба баъзе ривоёт Мавлоно ба дастури Бурҳониддин ба риёзат пардохт ва се чилла[2] мутаволӣ баровард ва Саййид нафъи вуҷуди ӯро беғаш ва тамомаёр ва бениёз аз риёзату муҷоҳидат ёфт, «сар ба саҷдаи шукр ниҳод ва ҳазрати Мавлоноро дар канор гирифт ва бар рӯи муборакӣ ӯ бӯсаҳо афшон кард, бори дигар сар ниҳод ва гуфт, дар ҷамиъи улуми ақлӣ ва нақлӣ

[1] Мақсуд соҳиб Шамсуддини Исфаҳонист вазири Аззуддин Кайковус (644-655 /1247-1257м.), ки ба ривояти Афлокӣ аз муридон ва ёрони Бурҳони Муҳаққиқ буд.

[2] Аҳмад Дада маҷмӯи риёзоти Мавлоноро, ки ба муроқибати Бурҳониддин мутаҳаммил шуда, ба ҳазору як рӯз мерасонад (мақолоти Валади Чалабӣ ва хидмат ва риёзати ҳазору як рӯз, ки мусовии адади «ризо» мебошад, суннати мавлавиён аст.

ва кашфӣ ва касбӣ беназири оламиён будӣ ва ал-ҳолиҳи ҳозо дар асрори ботин ва сирри сайри аҳли ҳақоиқ ва мукошифоти рӯҳониён ва дидори муғибот ангуштнамои анбиё ва авлиё шудӣ» ва дастуре дод, то ба дастгирӣ ва роҳнамоии гумгаштагон машҳур гардад.

Дар ин ки Мавлоно тарбиятёфтаи Бурҳони Муҳаққиқ аст, шаке нест ва аз осори Мавлоно ва Валаднома ин матлаб ба хубӣ равшан аст ва силсилаву нисбати хирқаи Мавлоноро ҳам Шамсиддини Афлокӣ ба василаи ҳамин Бурҳониддин ба падараш султону-л-уламо ва охиру-л-амр ба Маъруфи Карухӣ мерасонад. Мунтаҳо бино ба ривояти Валаднома Мавлоно муддати 9 соли тамом мусоҳибу мулозими Бурҳониддин буда ва ба нақли Афлокӣ Мавлоно ба дастури ӯ ба Ҳалабу Шом рафта, пас аз он асрори вилоятро ба вадиъа ғирифтааст.

Ва чун тамоми мусоҳибати Мавлоно бо Бурҳони Муҳаққиқ 9 сол беш набуда ва ӯ низ дар ҳудуди санаи 629 /1232м. ба Рум омадааст, пас, бояд вафоти ӯ ба соли 638 /1241м. воқиъ шуда бошад ва бо ин ҳама Афлокӣ шарҳе аз мулоқоти Шаҳобиддини Суҳравардӣ, ки дар санаи 618 /1222м. ба Рум омада, бо Бурҳониддин ва иродати яке аз муғулон ба вай дар мавқеъи фатҳи Қайсария (640 /1243м.) ва омадани яке аз шайхзодагони Бағдод баъд аз қатли Халифа (656 1258м.) ба хидмати вай нақл карда ва ин ҳар се ривоят бо гуфтаҳои худи ӯ ва Валаднома мухолиф ва ба куллӣ ғалат аст.

Вафоти Саййид[1] дар Қайсария ба вуқӯъ пайваст ва Соҳиб Шамсиддини Исфаҳонӣ Мавлоноро аз ин ҳоди-

---

[1] Афлокӣ гӯяд ҳангоми вафот ин рубоӣ бархонд:

Эй дӯст, қабулам куну ҷонам биситон,
Мастам куну аз ҳар ду ҷаҳонам биситон.
Бо ҳар чи дилам қарор гирад бе ту,
Оташ ба ман андарзану онам биситон.

са мутталиъ сохт ва ӯ ба Қайсария[1] рафт ва кутубу аҷзои саййидро баргирифт ва баъзеро ба расми ёдгор ба Соҳиби Исфаҳонӣ дод ва боз ба Қуния баргашт.

Бурҳониддин илова бар камоли ахлоқӣ ва сайру сулуки сӯфиёна ва таййи мақомоти маънавӣ донишманди комил ва фозили мутталиъ буд ва пайваста кутуб ва асрори[2] мутақаддимонро мутолиъа мекард ва халқро ба тариқати ростон ва мардони ростин ҳидоят менамуд ва ин маъно мусаллам аст, ки ӯ марди комил ва ба гуфтаи Мавлоно нур шуда ва ба завоҳир пушти по зада ва масти таҷалиёти илоҳӣ будааст[3] ва ӯро ба сабаби ашрофе, ки бар хавотир дошт, саййиди сирдон мегуфтанд. Афлокӣ ривоят мекунад «Хотуни бузург, ки осияи вақт буд, муриди саййид шуда буд. Рӯзе ба тариқи мутоиба савол кард, ки дар ҷавонӣ риёзоту муҷоҳидотро ба камол расонида будӣ, чӣ маънӣ, ки дар ин охири умр рӯза намегирӣ ва ағлаб намозҳо аз ту фавт мешавад? Фармуд, ки эй фарзанд, мо ҳамчун уштурон бор кашем, борҳои гарон кашида ва шадоиди рӯзгор чашида ва роҳҳои дуру дароз кӯфта, қатъи мароҳил ва манозил беҳад карда ва пашму мӯи ҳастӣ фурӯ резонида, лоғару наҳифу номурод гаштаем ва дар зери бори гарон гомзан ва андакхуру танггулӯ шуда, акнун моро ба андак рӯзӣ ба ҷав бозбаста, чун парварда шудем, дар идгоҳи висол қурбон гардем, зеро ки қурбонии логар дар матбахи султон ба кор набаранд ва пайваста фарбеҳро фарбеҳ бошад» ва гӯё муроди вай он бошад, ки мо аз муҷоҳида ва талаби далел гузашта, ҳалли мушоҳида ва мус-

[1] Ин сафар дар соли 644 /1247м. ба вуқуъ пайваст (Мақолоти Валади Чалабӣ).

[2] Дар Фиҳи мо фиҳ, табъи Теҳрон (сафҳаи 159) мазкур аст, ки «Шайху-л-исломи Тирмизӣ, ки Саййид Бурҳониддини Муҳаққиқи Тирмизӣ суханҳои таҳқиқ хуб мегӯяд, аз он аст, ки кутуби машоих ва мақолоту асрори эшонро мутолиа мекунад».

[3] Маноқиби Афлокӣ ва Нафаҳоту-л-унс.

тағрики дидори матлуб гаштаем ва талабу-д-далили баъда-л-вусул ила-л-матлуби қабеҳ.

Ӯ аз урафои гузашта ба Саноии Ғазнавӣ иродат ва ишқи тамом дошта ва ҳамчунон ишқе[1], ки Мавлоноро ба Шамси Табрезӣ буда, вайро ба Саноӣ будааст.

Мавлоно дар маҷолиси[2] худ калимоти саййидро нақл мекарда ва Султонвалад фарзанди машҳури ӯ ҳам ба хидмати саййид расида ва аз хидмати вай ба касби маъонию ва маориф баҳраманд омада чунон ки дар Валаднома гӯяд:

Ин маъонию ин ғариб баён
Доди Бурҳонидин-Муҳаққиқ дон.

## Мавлоно баъд аз вафоти Бурҳони Муҳаққиқ

Чун Бурҳониддин аз хокдони тан ба олами пок иттисол ёфт, Мавлоно бар маснади иршод ва тадрис мутамаккин гардид ва қариб панҷ сол, яъне аз 638-642 /1241-1245м. ба суннати падар ва аҷдоди киром дар мадраса ба дарси фиқҳу улуми дин мепардохт ва ҳамарӯза толибони улуми шариат, ки ба гуфтаи Давлатшоҳ[3] иддаи

---

[1] Маноқиби Афлокӣ ва дар Фиҳи мо фиҳ (сафҳаи 288) омада, ки «Гуфтанд, ки Саййид Бурҳониддин сухан хуб мефармояд, аммо шеъри Саноӣ дар сухан бисёр меорад».

[2] Афлокӣ гӯяд, ки Мавлоно ба Ҳисомидини Чалабӣ ёд медод ва фармуд, ки аз Саййид Бурҳониддин ёдгор дорам ва-л-абёту ҳозиҳи:

Ар-рӯҳу мин нури арши-л-Лоҳи мабдауҳо
Ва турбату-л-арзи аслу-л-ҷисми ва-л-бадан
Қад аллафа-л-малику-л-ҷаббору байнаҳумо
Лияслаҳо лиқабули-л-аҳди вама-л-миҳан
Ар-рӯҳу фӣ ғурбати ва-л-ҷисму фӣ ватан
Фарҳам ғарибан канбан мориҷу ал-ватан (казо)

Ва дар Фиҳи мо фиҳ низ аз калимоти Саййид нақл кардааст (сафҳаи 24 ва 302).

[3] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 194).

онон ба чорсад мерасид, дар мадрасу маҳзари ӯ ҳозир мешуданд ва ҳам ба расми фуқаҳо ва зуҳдпешагони он замон маҷлиси тазкир мунъақид мекард ва мардумро ба Худо мехонд ва аз Худо метарсонид «ва дастори худро донишмандона[1] мепечид ва ирсол мекард ва ридои фарохостин чунон ки суннати уламои ростин буд, мепӯшид» ва муридони бисёр бар вай гирд омаданд, васияташ дар олам мунташир ғардид, чунон ки Султонвалад гӯяд:

Даҳ ҳазораш мурид беш шуданд,
Гарчи аввал зи сидқ дур буданд.
Муфтиёни бузурги аҳли ҳунар
Дида ӯро ба ҷои пайғамбар.
Ваъз гуфтӣ зи ҷуд бар минбар
Гарму гиро чу ваъзи пайғамбар.
Сайди[2] хӯяш гирифт оламро.
Карда зинда равони одамро
Гашт асрор аз ӯ чунон макшуф,
Ки муридаш гузашт аз маъруф.

---

[1] Яъне монанди фуқаҳо, чи фиқҳ дар луғат ба маънии фаҳму дониш аст ва порсии фақиҳ донишманд мебошад ва донишманд ба маънии фақиҳ дар ашъор ва кутуби пешиниён мустаъмал аст.

[2] Сити.

# Фасли севум

# Давраи инқилоб ва ошуфтагӣ

Мавлоно чунон ки гузашт, пас аз таййи мақомот аз хидмати Бурҳони Муҳаққиқ иҷозаи иршод ва дастгирӣ ёфт ва рӯзҳо ба шуғли тадрис ва қилу қоли мадраса мегузаронид ва толибилмону аҳли баҳсу назару хилоф бар вай гирд омада буданд. Мавлоно саргарми тадриси ва лам ва ло нусаллим буд. Фатво менавишт ва аз яҷузу ло яҷуз сухан меронд ва аз худ ғофил ва бо Амра ва Зайд[1] машғул вале кордорони[2] ғайб дил дар кори вай ниҳода буданд ва он ғавҳари бечунро олудаи чуну чаро наменописандиданд ва он дарёи оромро дар ҷӯшу хурӯш мехостанд ва ишқи ғаюр мунтаҳизи фурсат, то оташ дар бунёди ғайр занад ва ошиқу толиби далелро ошуфтаи мадлул ва матлуб кунад ва он саргарми тадрисро сармасту бехуди ҳақиқат созад.

---

[1] Ишора аст бад-ин қитъаи Саъдӣ:

Табъи туро то ҳаваси наҳв кард,
Сурати ақл аз дили мо маҳв кард.
Ҳайдари ушшоқ ба доми ту сайд,
Мо ба ту машғулу ту бо Амру Зайд.

[2] Мазмуни ин иборот аз ин абёти Мавлоно мустафод аст:

Ошиқӣ бар ман, парешонат кунам, некӯ шунав,
Кам иморат кун, ки вайронат кунам, некӯ шунав.
Ту бар он ки халқ масти ту шаванд аз марду зан,
Ман бар он ки масту ҳайронат кунам, некӯ шунав.
Бас ҷаҳд мекардам, ки ман оинаи некӣ шавам,
Ту ҳукм мекардӣ, ки ман хумхонаи секӣ шавам.

Халқ ба зуҳду риёзат ва илми зоҳир, ки Мавлоно дошт, фирефта буданд ва ба хидмату дуои ӯ табаррук ҷуста ва ӯро пешвои дину сутуни шариати аҳмадӣ мехонданд. Ногаҳон парда барафтод ва ҳама касро маълум шуд, ки он соҳиби минбар[1] ва зоҳиди кишвар ринде лоуболӣ ва масте паймонабадаст ва ошиқе кафзанон ва пойкубон аст ва дастори донишмандона ва ридои фарохостин, ки нишони зоҳириён ва бастагони ҳудуд аст, бар вай орият ва ҷавлонгоҳи ӯ берун аз олами ҳад ва нишемани вай на ин кунҷи меҳнатобод[2] аст.

То вақте ки Мавлонои мо дар маҷлиси баҳсу назари Булмаолӣ[3] гашта, фазлу ҳуҷҷат менамуд, мардуми рӯзгор ӯро аз ҷинси худ дида, ба сухани вай, ки дархури эшон буд, фирефта ва бар тақвову зуҳди ӯ муттафиқ буданд, ногаҳон офтоби ишқ ва шамси ҳақиқат партаве бар он ҷони пок афканд ва чунонаш тофтаву тобнок сохт, ки чашмҳо аз нури ӯ хира гардид ва рӯзкӯрони маҳҷуб, ки аз идроки он ҳайкали нуронӣ оҷиз буданд, аз ниҳоди тираи худ ба инкор бархостанд ва офтоби ҷонафрӯзро аз хирагии чашм шаби торик пиндоштанд. Мавлоно тариқаву равиши худро бадал кард, аҳли он

---

[1] Аз ин абёти Мавлоно иқтибос шуда:

Зоҳиди кишваре будам, соҳиби минбаре будам,
Кард қазо дили маро ошиқи кафзанони ту.
Ғазалсаро шудам аз дасти ишқу дастзанон,
Бисӯхт ишқи ту номусу шарм, ҳарчим буд.
Афифу зоҳиду собитқадам будам чун кӯҳ,
Кадом кӯҳ ки боди туаш чу каҳ нарабуд?
Зоҳиди саҷҷоданишин будам бо зуҳуду вараъ,
Ишқ даромад зи дарам, бурд ба хаммор маро.

[1] Ишора ба гуфтаи Хоҷа Ҳофиз:

Ки эй баландназар шоҳбози сидранишин,
Нишемани ту на ин кунҷи меҳнатобод аст.

[3]Мавлоно гӯяд:

Булмаолӣ гашта будӣ, фазлу ҳуҷҷат менамудӣ,
Нак маҳакки ишқ омад, ку суолат, ку ҷавобат?



*Рақси самои дарвешони Мавлавия*



*Шабкулоҳҳои Мавлоно дар музеи «Қуния»*



*Рақси самои дарвешони Мавлавия*



*Шабкулоҳҳои Мавлоно дар музеи «Қуния»*



*Кулоҳи Шамси Табрезӣ маҳфуз дар музеи «Қуния»*



*Мақбараи мансуб ба Шамсуддини Табрезӣ дар дохили турбати Мавлоно*



*Даргоҳи турбати Мавлоно*



*Дурнамои турбати Мавлоно*



*Ҷубаи Мавлоно маҳфуз дар музеи «Қуния»*



*Пероҳани мансуб ба Султонвалад маҳфуз дар музеи «Қуния»*

замон низ ақидаи хешро нисбат ба вай тағйир доданд, он офтоби тирагисӯз, ки ин ғавҳари шабафрӯзро мустағрақи нур ва аз дидаи маҳҷубон мастур кард ва он тӯфони азим, ки ин уқёнуси оромро муталотим ва мавҷхез гардонид ва киштии андешаро аз осеби он ба гирдоби ҳайрат афганд, сирри мубҳам ва сарфасли таърихи зиндагонии Мавлоно Шамсиддини Табрезӣ буд.

## Шамсиддини Табрезӣ

Шамсиддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маликдод[1] аз мардуми Табрез буд ва хонадони вай ҳам аҳли Табрез буданд ва Давлатшоҳ[2] ӯро писари Хованд Ҷалолиддин, яъне Ҷалолиддини Ҳасан[3], маъруф ба Навмусулмон аз нажоди Бузурғумед, ки мобайни санаи 607 /1211м. то 618 /1222м. ҳукумати Аламут дошт, шумурдаву гуфтааст, ки Ҷалолиддин «Шайх Шамсиддинро ба хондани илму адаби ниҳонӣ ба Табрез фиристод ва ӯ муддате дар Табрез ба илму адаб машғул буда» ва ин сухан саҳв аст, чи гузашта аз он ки дар ҳеч як аз маъхазҳои қадимтар ин ҳикоят зикр нашуда, Ҷалолиддин Ҳасани Навмусулмон ба насси Атомалики Ҷувайнӣ[4] ҷуз Алоуддин

---

[1]Ному насаби ӯ ба ҳамин тариқ дар Маноқиби Афлокӣ ва Нафҳоту-л-унс забт шудааст.

[2]Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 195).

[3] Иллати шуҳрати ӯ ба навмусулмон он буд, ки вай ба гуфтаи муаррихин аз тариқати обои худ даст кашида, ҷониби шаръ ва завоҳири мусулмониро номаръӣ намегузорад ва бад-ин сабаб аз Бағдод ба исломи ӯ ҳукм карданд ва аиммаи ислом бар сиҳҳати он фатво навиштанд. Руҷӯъ шавад ба ҷилди севуми Ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ, замимаи гоҳномаи 1314 /1897м, табъи Теҳрон (сафҳаи 130).

[4]Ҷаҳонгушои Ҷувайнӣ, ҷилди севум, (сафҳаи 134 аз табъи Теҳрон).

Муҳаммад (618-653 /1222-1256м.) фарзанди дигар надошта ва чун ба баъзе ривоёт[1] Шамс дар мавқеъи вуруд ба Қуния, яъне санаи 642 /1245м. шастсола буда, пас, валодати ӯ бояд дар 582 /1187м. иттифоқ афтода бошад.

Чунон ки Афлокӣ дар чанд мавзеъ аз Маноқибу-л-орифин ривоят мекунад, Шамсиддин ибтидо муриди Шайх Абӯбакри занбилбоф ё саллабофи Табрезӣ буд, ки агарчи аз мабодии тарбияти ӯ иттилоъе надорем, вале «дар вилоят ва кашфулқалб ягонаи замони худ буда» ва Шамс ба гуфтаи худ ҷумла вилоятҳо аз ӯ ёфта, лекин мартабаи Шамс бад-он ҷо расид, ки ба пири худ қониъ набуд «ва дар талаби акмале сипарӣ шуд ва маҷмӯъи ақолимро чанд навбат гирд баромад ва ба хидмати чандин абдолу автод ва ақтобу афрод расида ва акобири сурату маъноро дарёфта, гӯё бад-ин ҷиҳат ё назар ба таярони ӯ дар олами маъно «мусофирони соҳибдил ӯро Шамси паранда гуфтандӣ».

Ҷомӣ дар зимни[2] ҳикояте мерасонад, ки Фахридди-

---

[1] Мақолоти Валади Чалабӣ (рӯзномаи Ҳокимият, 1345 /1927м.) ва чун ин мақолот муттакӣ бар асноди қадим ва гуфтаи маноқибнависон мебошад ва ғолиби муҳтавиёти он аз кутуби пирони қадим ва матлаъи тариқаи Мавлавия накл шуда, ба осонӣ дар сиҳати матолиби он тардид натавон кард, хосса дар ин маврид, ки қароини хориҷӣ ва ривоёти кутуби маноқиб низ бар сиҳҳати он гувоҳӣ медиҳад, чи Шамсиддин дар Қуния дорои аҳлу аёл буд ва дар тариқати тасаввуф аз бузургон шумурда мешуд ва муддатҳо саёҳати ақолим кардаву ба хидмати басе бузургон расида буд ва ночор мебоист мароҳиле аз умр паймуда бошад ва аз қуввати гуфтору вусъати иттилоъи Шамсуддин дар китоби мақолот ба хубӣ возиҳ аст, ки ӯ марди кордида будаву дар таййи мадориҷи сулук солҳо ранҷ бурдааст ва шояд ин байти Мавлоно далели дигар бошад:

Бозам зи ту хуш ҷавони хуррам,
Эй Шамсиддини солхурда.

[2] «Гӯянд дар он вакт ки Мавлоно Шамсиддин дар суҳбати Бобокамол буда, Шайх Фахриддини Ироқӣ низ ба мӯҷиби фармудаи Шайх Баҳоуддини Закариё он ҷо будааст ва ҳар фатҳеву кашфе, ки Шайх Фахриддини Ироқиро рӯй намуда, онро дар либоси назму наср изҳор мекард ва ба назари Бобокамол мерасонид ва Шайх Шамсиддин аз он ҳеч чиз изҳор намекард. Рӯзе Бобокамол вайро гуфт: Фарзанд Шамсуддин, аз он асрор →

ни Ироқӣ ва Шамсиддини Табрезӣ ҳар ду тарбиятёфтагони Бобокамоли[1] Ҷандӣ аз хулафои Наҷмуддини Кубро будаанд ва ин ривоят нисбат ба Фахриддини Ироқӣ мушкил аст, зеро ӯ ба асаҳҳи ақвол, аз ибтидо муриди Шайх Баҳоуваддин Закариёи Мултонӣ[2] буда, ба хидмати Бобокамол нарасидааст. Илова бар он [3] гуфтаанд, ки Фахриддини Ироқӣ 25 соли тамом дар хидмати Баҳоуддин Закариё таййи мақомоти маънавӣ мекард ва вафоти Баҳоуддин ба соли 666 /1268м. иттифоқ афҳ-

→ ва ҳақоике, ки фарзанд Фахриддини Ироқӣ изҳор мекунад, бар ту ҳеч лоиҳ намешавад. Гуфт: Беш аз он мушоҳида меафтад, аммо ба воситаи он ки вай баъзе мусталаҳоте варзида метавонад, ки онҳоро дар либоси некӯ ҷилва диҳад ва маро он қувват нест. Бобокамол фармуд ки Ҳақ субҳонаҳу таъоло туро мусоҳибе рӯзӣ кунад, ки маорифи аввалин ва охиринро ба номи ту изҳор кунад ва янобиъи ҳикам аз дили ӯ бар забонаш ҷорӣ шавад ва ба либоси ҳарфу савт дарояд, тарози он либос номи ту бошад». Ва ин ҳикоят дар ҳеч як аз Валаднома ва Манокиби Афлокӣ накл нашуда, бо вуҷуди он ки Афлокӣ дар мисли ин маворид аз зикри ахбори саҳеҳ ва сақим худдорӣ намекунад ва ба эҳтимоли ақвӣ ин ҳикоят ба муносибати он ки аглаби ғазалиёти Мавлоно ба номи Шамси Табрезӣ ихтитом мепазирад, ҷаъл шудааст.

[1] Барои иттилоъ аз аҳволи ӯ руҷӯъ кунед ба Нафаҳоту-л-унс. Ва Камолидиддин Ҳусайни Хоразмӣ дар муқаддимаи шарҳи худ бар Маснавӣ, силисилаи иродати Мавлоноро ба воситаи Шамсиддин, ки аз муридони Бобокамол буда (ба ақидаи ӯ) ба Наҷмиддини Кубро мерасонад.

[2] Шайх Баҳоуддини Закариё аз тарбиятёфтагони Шаҳобиддини Суҳравардӣ ва дар мавтини худ Мултони Синд соҳиби хонақоҳ буд ва пайравони бисёр дошт, Фахриддини Ироқӣ ва Амирҳусайни Ҳиравӣ соҳиби Зоду-л-мусофирин ва Канзу-р-румуз ва Назҳату-л-арвоҳ (ал-мутаваффо 719 /1320м.) бинобар машҳур муриди вай буданд ва фарзандони ӯ муддатҳо дар Мултон хонақоҳи падарро маъмур дошта, толибони ин роҳро дастгирӣ менамуданд. Ба гуфтаи Ибни Батута насаби Баҳоуддин Закариё ба Муҳаммад ибни Қосими Қаршӣ, ки дар замони ҳукумати Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф (75-95) ба қасди ғазо ба Синд омада буд, мекашид ва ночор ибни Муҳаммад ибни Қосими Қаршӣ ҷуз Муҳаммад бини Қосими Сақфӣ, ки дар аҳди Ҳаҷҷоҷ ба ҳудуди Синду Ҳинд тохт, хоҳад буд. Барои итттилоъ аз аҳволи Баҳоуддини Закариё ва хонадони ӯ руҷӯъ кунед ба Нафаҳоту-л-унс дар зимни шарҳи ҳоли худи вай ва низ дар зикри Амирҳусайни Ҳиравӣ ва Ироқӣ ва Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 215-216) ва Риҳла Ибни Батута, табъи Миср, ҷилди дувум (сафаҳоти 4,9,30,56 -57).

[3] Ҷомӣ дар Нафаҳоту-л-унс.

тод ва Ироқӣ пеш аз он ки ба Баҳоуддин пайвандад, ба тадриси улуми расмӣ мепардохт, ногаҳон ҷазабае домангири вай шуд ва ӯро ба диёри Ҳинд кашонид ва аз ин рӯй таърихи ибтидои сулуку вусули ӯ ба хидмати Баҳоуддин тақрибан мусодиф аст бо соли вуруди Шамсиддини Табрезӣ барои иршоди Мавлоно ба Қуния (642 /1245м.).

Баъзе гуфтанд Шамсиддин мурид ва тарбиятёфтаи Рукниддини Саҷосӣ[1] аст, ки шайх Авҳадуддини Кирмонӣ[2] ҳам вайро ба пирӣ баргузида буд ва ин ривоят

[1] Ин ривоят ҳам дар Нафаҳот мазкур аст ва дар тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 196) ба ҷои Саҷосӣ Санҷобӣ дида мешавад ва он бешубҳа саҳв аст аз муаллиф ё носих ва Саҷос аз тавобиъи Занҷон аст. Ба гуфтаи Ҷомӣ нисбати иродати Рукниддин ба василаи Қутбиддини Абҳарӣ ба Абунначиби Суҳравардӣ мунтаҳӣ мегардад.

[2] Авҳадуддин Абӯҳомид ё Ҳомиди Кирмонӣ аз аҷалаи урафои қарни ҳафтум аст, ки ба суҳбати Муҳиддини Арабӣ расида ва Муҳиддин зикри ӯ дар боби сомин аз Футуҳот овардааст ва Шиҳобиддини Суҳравардӣ равиши вайро дар ишқ ба мазоҳир мункир буд. Дар соли 632 /1235м. халифаи аббосӣ Ал-Мустансир Авҳадуддинро хилъат дод ва астаре бахшид ва ба симати шайхи работи Марзбония мансуб кард. Аҳли Бағдод назди вай мерафтанд ва аз маҷолиси ӯ фавоид бармегирифтанд.

Ҳидоят дар китоби Маҷмаъу-л-фусаҳо, ҷилди аввал, табъи Эрон (сафҳаи 89) ва Риёзу-л-орифин (сафҳаи 38) вафоти ӯро ба соли 536 /1142м. пиндошта ва он саҳв аст ва зоҳиран аз таърихи (635 /1238м.) табдил ёфта бошад.

Авҳадуддин рубоиёти ирфонии малеҳе дорад ва маснавии Мисбоҳу-л-арвоҳ ва асрору-л-ашбоҳ, ки Ҷомӣ ва Амин Аҳмади Розӣ ва беш аз онон Ҳидоят дар Маҷмаъу-л-фусаҳо аз абёти он нақл карда, ҳам зодаи табъи ӯст ва он маснавист ба вазни Лайлию Маҷнуни Низомӣ, ки асоси он аз маснавии Сайру-л-ибод ила-л-маъод пардохтаи табъи Саноии Ғазнавӣ иқтибос шуда ва дар ҳадди худ баланду матин аст.

Барои иттилоъ аз зиндагони ӯ руҷӯъ кунед ба китоби Ал-ҳаводису-л-ҷомиъа, табъи Бағдод (саҳифаи 73) ва Таърихи ғузида, чопи аксӣ (сафҳаи 788) ва Нафаҳоту-л-унси Ҷомӣ ва тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан, (сафҳаи 210), ки иштибоҳан ӯро муриди Шаҳобиддини Суҳравардӣ шумурда ва низ сафҳаи 223, ки дар он ҷо Амир?усайни Ҳиравиро муриди он пиндошта ва он низ саҳв аст ва тазкираи Ҳафт иқлим ва Оташкада дар зикри шуарои Кирмон, ки ин ахир номи ӯро Авҳадӣ навишта ва аз лақабу куняи ӯ ба иштибоҳи азим дучор шуда ва гумон кардааст, ки Абӯҳомид шоъири дигар ва Авҳадӣ шоири дигарест ва ҳам ӯ рубоъии мусаллами Авҳадиддинро ба Абӯҳомид нисбат додааст ва низ ба Риёзу-л-орифин, табъи Эрон (сафҳаи 37—38) ва Маҷмаъу-л-фусаҳо, табъи Эрон, ҷилди →

ҳарчанд аз назари таърих мушкил наменамояд ва мумкин аст, ки Авҳадуддини мазкур ва Шамсуддин ҳар ду ба хидмати Рукниддин расида бошанд. Валекин ихтилофи тариқаи ин ду бо якдигар чунон ки биёяд, то андозае ин қавлро, ки дар манобиъи қадимтар ҳам забт нашуда, заиф месозад.

Пеш аз он ки Шамсуддин дар уфуқи Қуния ва маҷлиси Мавлоно нурфишонӣ кунад, дар шаҳрҳо мегашт ва ба хидмати бузургон мерасид ва гоҳе мактабдорӣ мекард[1] ва низ ба ҷузвиёти корҳо машғул мешуд «ва чун уҷрат додандӣ, мавқуф дошта, таъаллул кардӣ ва гуфтӣ, то ҷамъ шавад, ки маро қарз аст, то адо кунам ва ногоҳ беруншав карда, ғайбат намудӣ» ва чордаҳ моҳи тамом дар шаҳри Ҳалаб[2] дар ҳуҷраи мадраса ба риёзат машғ-

→ аввал (сафҳаи 89-94) ва дар сафҳаи 47 аз ҳамин китоб гузашт, ки ба ривояти Камолиддини Ҳусайни Хоразмӣ Мавлоно Ҷалолиддинро дар Димишқ бо Авҳадуддин иттифоқи дидор афтода буд ва дар яке аз ғазалиёти мансуб ба Мавлоно, ки матлаъаш ин аст:

Ба муноҷот будам дӯш замоне ба суҷуд,
Дида пуробу ба ҷонам тафи оташ бифузуд.

зикр шуда, ки пире ба Мавлоно сурат намуд ва ӯ ҳолат ва шарҳи воқиъаи худро пурсид. Сипас аз номи ӯ суол кард ва дар ҷавоби Мавлоно

Гуфт он пир маро Авҳади Кирмонӣ дон,
Ки ба иршоди ман омад дари ғайбат ба шуҳуд.

Ва чун ҷамъкунандаи девони ғазалиёти Мавлоно маъруф ба Куллиёти Шамс мантабаъаи Ҳиндустон ҳарчи тавониста, аз ғазалҳои диғарон ҳам ба Мавлоно нисбат дода ва ин ғазал ҳам ба равиши Мавлоно чандон шабоҳате надорад. Бинобар ин нисбати ин ғазал ба Мавлоно мавриди тардид тавонад буд.

[1] Афлокӣ ривоят мекунад, ки Шамсуддин дар арзи Рум мактабдорӣ мекард ва муаййиди гуфтаи ӯст ончи дар Мақолоти Шамс нусхаи аксии мутаалиқ ба вазорати маориф (сафҳаи 58-61) роҷеъ ба мактабдории Шамсиддин дида мешавад ва ҳам дар сафҳаи чорум аз ҳамон китоб ин иборат мавҷуд аст.

«Ту Иброҳимӣ, ки меомадӣ ба китоб, маро муаллиме медидӣ», ки ба сароҳат муфиди ин маъно мебошад.

[2] Маноқиби Афлокӣ ва аз китоби Мақолоти Шамс (сафаҳоти 14, 15, 27, 29, ва 81) иқомати ӯ дар Ҳалаб мустафод мегардад.

ул буд «ва пайваста намади сиёҳ пӯшидӣ ва пирони тариқат ӯро Комили Табрезӣ[1] хондандӣ»

## Мулоқоти Авҳадуддини Кирмонӣ бо Шамсиддини Табрезӣ

Вақте[2] Шамсиддин дар аснои мусофират ба Бағдод расид ва Шайх Авҳадуддини Кирмонӣ, ки шайхи яке аз хонақоҳҳои Бағдод ва ба муқтазои ал-маҷозу қантарату-л-ҳақиқат ишқи зебочеҳрагон[3] ва моҳрӯёнро асли маслаки худ қарор дода буд ва онро василаи найл ба ҷамолу камоли мутлақ мешумурд, дидор кард, «пурсид, ки дар чистӣ? Гуфт: Моҳро дар оби тошт мебинам. Фармуд, ки агар дар гардан дунбал надорӣ, чаро дар осмон намебинӣ?» Муроди Авҳадуддин он буд, ки ҷамоли мутлақро дар мазҳари инсонӣ, ки латиф аст, меҷӯем. Ва Шамсиддин бар вай ошкор кард, ки агар аз ғарази шаҳвонӣ орӣ бошӣ, ҳама олам мазҳари[4] ҷамоли куллист ва ӯро дар ҳама ва берун аз мазоҳир тавонӣ дид.

Шайх Авҳадуддин «ба рагбати тамом гуфт, ки баъда-л-явм мехоҳам, ки дар бандагият бошам. Гуфт: Ба

---

[1] Ва ин гуфтаи Афлокиро нахустин иборат аз саҳфаи аввали китоби Мақолот таъйид мекунад ва он сухан ин аст: «Пирмуҳаммадро пурсид ҳама (казо) хирқаи Комили Табрезӣ ин пеши ӯ чӣ будӣ».

[2] – Маноқиби Афлокӣ ва Нафаҳоту-л-унс ва тазкираи Ҳафт иқлим дар зикри акобири Табрез.

[3] – Илова бар он ки Ҷомӣ ва дигар тазкиранависон ин ақидаро ба Авҳадуддин нисбат додаанд, аз ашъори худи ӯ низ ин ақида ба даст меояд, чунон ки аз рубоъии зайл:

З-он менигарам ба чашми сар дар сурат,
Зеро ки зи маънист асар дар сурат.
Ин олам сурат асту мо дар суварем,
Маънӣ натавон дид, магар дар сурат.

[4] Чунон ки Саъдӣ гӯяд:

Муҳаққиқ ҳамон бинад андар ибил,
Ки дар хубрӯёни Чину Чигил.

сӯҳбати мо тоқат наёрӣ. Шайх ба ҷид гирифт, ки албатта маро дар сӯҳбати худ қабул кун. Фармуд: Ба шарте ки ало малои-н-нос дар миёни бозори Бағдод бо ман набиз бинӯшӣ. Гуфт: Натавонам. Гуфт: Барои ман набизи хос тавонӣ оварданд? Гуфт: Натавонам. Гуфт: Вақте ман нӯш кунам, бо ман тавонӣ мусоҳибат кардан? Гуфт: На, натавонам. Мавлоно Шамсиддин бонге бизад, ки аз пеши мардон дур шав!»

Чунон ки аз ин ҳикоят ва дигар ривоёт мустафод аст, Мавлоно Шамсиддин ба ҳудуди зоҳир беэътино ва ба русум пушти по зада ва аз муҷаррадони чолоки ин роҳ ва ғарази вай аз ин суханон озмоиши Авҳадуддин будааст дар мақоми таҷрид ва тафрид, ки ҳақиқати он дар марҳалаи муомилот сарфи назар аз халқ ва таваҷҷуҳ ба холиқ аст, батамом ва камоли ҳиммат ва соҳиби ин мақомро пас аз риояти дақоиқ ихлоси андешаи радду қабули ом набошад, ки гуфтаанд:

Аз паи радду қабули ома худро хар масоз,
З-он ки набвад кори ома ҷуз харӣ ё хархарӣ.

Чунон ки Шамсиддин дар тариқи муомила ба ҳама ҳиммат рӯй ба нукта ва маркази ҳақиқат оварда ва аз писанду нописанди кӯтоҳбинон гузашта ва риояти ҳудуду русуми масҷид ва хонақоҳро, ки он рӯзҳо сармояи худфурӯшӣ ва хештанбинии баъзе камҳимматони зуҳднамои ҷоҳпараст ба шумор мерафт, тарк гуфта буд ва дар олами лоҳидӣ ва фазои озодагӣ пару боли ҳиммат мегушод, дар марҳалаи таълим ва тааллум ҳам ба таваққуф ба ривояти гуфтори гузаштагон ва қаноат ба қоли қол[1], ҳаддасно, ки мабнои бештари уламои он аҳд

[1] Ишора аст бад-ин қитъаи Носири Хусрав, ки дар таъни арбоби ҳадис гуфтааст:

Кардӣ азбар Қурон ба пеши адиб,
Наҳви Саъдон бихонда сарфи Халил
В-он гаҳе қоли қола ҳаддасно
Гуфтӣ сад ҳазор бар тақлил.
Чӣ ба кор ин-т чун зи мушкилҳо
Огаҳӣ нестат касиру қалил.

аст, ақида надошт ва мегуфт, ҳар кас бояд аз худ сарчашмаи зояндаи дониш бошад ва андешаи[1] қатрамисолро ба дарёи бепоён ва хушкношавандаи камол пайваста гардонад ва ба гуфтори касон, ки бар андозаи насиби худ аз ҳақиқат сухан рондаанд, хешро аз шуҳуди ҳақ бар вуфуқи насибе, ки дорад, маҳрум насозад, чунонки «Рӯзе дар хонақоҳи Нусратуддини вазир иҷлосе азим буд ва бузургеро ба шайхӣ танзил мекарданд ва ҷамиъи шуюху уламо ва урафову умарову ҳукамо ҳозир буданд ва ҳар яке дар анвоъи улуму ҳикаму фунун каламот мегуфтанд ва баҳсҳо мекарданд, магар Шамсиддин дар кунҷе муроқиб гашта буд, аз ногоҳ бархост ва аз сари ғайрат бонге бар эшон зад, ки то кай аз ин ҳадисҳо менозед, яке дар миёни шумо аз ҳаддаснӣ қалбӣ ан раббӣ хабаре нагӯед, ин суханон, ки мегӯянд, аз ҳадису тафсиру ҳикмат ва ғайра суханони мардуми он замон аст, ки ҳар яке дар аҳде ба маснади мардӣ нишаста буданд ва аз дарди ҳолоти худ маъонӣ мегуфтанд ва чун мардони ин аҳд шумоед, асрору суханони шумо ку?» Ва назар ба ҳамин[2] ақида Мавлоноро аз хондан ва мутолиаи каламоти Баҳоувалад бозмедошт, зеро ба тавре ки аз ахбор мустафод аст, мехост, ки Мавлоно ба мутолиаи китоб ва асрори олам, ки бо такомули илм ҳанӯз ҳам башар

---

[1] Муқтабис аст аз гуфтаи Мавлоно:

Қатраи дониш, ки бахшидӣ зи пеш,
Муттасил гардон ба дарёҳои хеш.
Қатрае илм аст андар ҷони ман,
Вораҳонаш аз ҳавову хоки тан.
Пеш аз он к-ин хокҳо хасфаш кунанд,
Пеш аз он к-ин бодҳо нашфаш кунанд.

Маснавӣ, ҷилди аввал, чопи Алоуддавла (сафҳаи 49).

[2] Афлокӣ аз Мавлоно ривоят мекунад «ки дар авоили ҳолоти авқот каламоти Мавлонои бузургро мутолиъа мекардам ва лоязолӣ боистӣ, ки дар остинам будӣ ва Шамсиддин аз мутолиъаи он маро манъ мекард. Ҳамоно ҷиҳати риояти хотири ӯ муддате тарки мутолиъа карда будам, чандон ки Мавлоно Шамсиддин зинда буд, бад-он маъонӣ напардохтам».

сатре аз сафаҳоти бешумори онро ба поён нарасонида, машғул шавад ва фикри гармрави хешро пойбасти гуфтори қайд монанди ину он накунад.

## Вуруди Шамс ба Қуния ва мулоқоти ӯ бо Мавлоно

Шамсиддин бомдоди рӯзи шанбе, бисту шашуми ҷумодию-л-ухраи[1] санаи 642 /1245м. ба Қуния вусул ёфт ва ба одати[2] худ, ки дар ҳар шаҳре ки рафтӣ, ба хон фуруд омадӣ, «дар хони шакарфурӯшон нузул карда, ҳуҷра бигирифт ва бар дари ҳуҷрааш ду-се диноре бо қуфл бар дар мениҳод ва мифтоҳ бар гӯшаи дасторча баста, бар дӯш меандохт, то халқро гумон ояд, ки тоҷире бузург аст, худ дар ҳуҷра ғайр аз ҳасире куҳна ва шикастакӯза ва болише аз хишти хом набудӣ». Муддати иқомати Шамс дар Қуния то вақте ки Мавлоноро мунқалиб сохт, ба таҳқиқ напайваста ва чигунагии дидори вайро бо Мавлоно ҳам ба ихтилоф навиштаанд ва мо ин ривоётро ба тартиб хоҳем навишт ва сипас ба зикри ақидаи қариб ба воқиъ хоҳем пардохт.

## Ривояти Афлокӣ

Афлокӣ нақл мекунад, ки рӯзе Мавлоно аз мадрасаи Пунбафурӯшон даромада, бар астаре роҳвор нишаста

---

[1] Мулоқоти Шамсиддин, нусхаи аксии мутааллиқ ба вазорати маориф (сафҳаи 114) ва ин мутобиқ аст бо гуфтаи Афлокӣ, мунтаҳо дар Маноқиби Афлокӣ танҳо 26 ҷимодӣ навишта шуда ва бомдоди рӯзи шанбе ва ин ки мақсуд аз ҷимодӣ ҷимодию-л-ухро мебошад, на ҷимодию-л-авло, аз мақолоти Шамс маъхуз гардидааст.

[2] Афлокӣ гӯяд: «Ва ҳар ҷо ки рафтӣ, дар хон фуруд омадӣ» ва ин сухан, ки дар Мақолот (сафҳаи 20) мазкур аст, «маро ҳақ набошад, ки ба вуҷуди (бо вуҷуди Щ) ин қавм дар корвонсарои Рум бо бегона хуштар, ки бо инҳо» бар гуфтаи Афлокӣ далел тавон гирифт.

буд ва толибилмону донишмандон дар рикобаш ҳаракат мекарданд. Аз ногоҳ[1] Шамсиддини Табрезӣ ба вай бозхӯрд ва аз Мавлоно пурсид, ки Боязид бузургтар аст ё Муҳаммад? Мавлоно гуфт: Ин чи суол бошад, Муҳаммад хатми паямбарон аст, вайро бо Абӯязид чӣ нисбат? Шамсиддин гуфт: Пас, чаро Муҳаммад мегӯяд «Мо арафнока ҳаққа маърифатика?» Ва Боязид гуфт: Субҳонӣ, мо аъзама шаънӣ. Мавлоно аз ҳайбати ин суол бияфтоду аз ҳуш бирафт. Чун ба худ омад, дасти Мавлоно Шамсиддин бигирифт ва пиёда ба мадрасаи худ овард ва дар ҳуҷра даровард ва то чиҳил рӯз ба ҳеч офарида роҳ надоданд.

Ҷомӣ дар Нафаҳоту-л-унс низ ҳамин ривоятро нақл карда бо ин тафовут, ки гӯяд, чун Мавлоно сирри каломи Муҳаммад ва Боязидро, ки аввалин аз сирри шарҳи садр ва истисқои азим ва дуввумин аз камии аташ ва тангии ҳавсала ношӣ шуда буд, баён кард, «Мавлоно Шамсиддин наъра заду бияфтод. Мавлоно аз астар фуруд омад ва шогирдонро фармуд, то ӯро баргирифтанду ба мадраса бурданд, то ба худ боз омад, сари муборакии ӯ бар зону ниҳода буд. Баъд аз он дасти ӯро бигирифту равона шуд ва муддати се моҳ дар хилвате лайлан ва наҳоран ба савми висол нишастанд, ки аслан берун наёмаданд ва касеро заҳра[1] набуд, ки дар хилвати эшон дарояд.

---

[1] Мумкин аст аз ин абёти Мавлоно:

Манам он ногаҳон туро дида,
Гашта сар то ба по ҳама дида.
Ҷони ман ҳамчу мурғи девона
Дар ғамат аз газоф паррида.

Бар чархи саҳаргоҳ яке моҳ аён шуд,
Аз чарх фуруд омаду дар мо нигарон шуд.
Чун боз, ки бирбояд мурғе ба гаҳи сайд,
Бирбуд маро он маҳу бар чарх давон шуд.

ҳам истифода намуд, ки мулоқоти ӯ бо Шамсиддин ногаҳон воқиъ гардидааст.

[2] Ин ду байт аз гуфтаи Мавлоно ба хотир мерасад:

Бараҳна шуд зи сад парда дилу ишқ,
Нишаста ду ба ду ҷонею ҷоне.
Миёни ҳар ду гар Ҷабрил ояд,
Набошад з-оташаш як дам амоне.

# Ривояти Муҳиддин, муаллифи Ал-кавокибу-л-музиа[1]

Муҳиддин Абдулқодир (696-775 /1297-1374м.) ки дар авоили умри худ бо Султонвалад-фарзанди Мавлоно муосир буда, ҳикоёти ошуфтагии Мавлоноро бад-ин тариқ ривоят мекунад, ки сабаби таҷарруду инқитоъи Мавлоно чунон аст, ки рӯзе вай дар хона нишаста буд ва китобе чанд гирди худ ниҳода ва толибилмон бар вай гирд омада буданд. Шамсиддини Табрезӣ даромаду салом гуфту биншаст ва ишорат ба кутуб карду пурсид: Ин чист? Мавлоно гуфт: Ту ин надонӣ!

Ҳанӯз Мавлоно ин сухан ба анҷом нарасонида буд, ки оташ дар кутуб ва кутубхона афтод. Мавлоно пурсид: Ин чӣ бошад? Шамсиддин гуфт: Ту ин низ надонӣ. Бархосту бирафт. Мавлоно Ҷалолиддин муҷаррадвор баромад ва ба тарки мадраса ва касону фарзандон гуфт ва дар шаҳрҳо бигашт ва ашъори бисёр ба назм овард ва ба Шамси Табрезӣ нарасид ва Шамс нопайдо шуд ва қариб бад-ин ривоят аст он чи Ҷомӣ ва дигарон[2] ба табаъи вай дар кутуби худ навиштаанд, ки «Чун хидмат Мавлоно Шамсиддин ба Қуния расид ва ба маҷлиси Мавлоно даромад, хидмат Мавлоно дар канори ҳавзе нишаста буду китобе чанд пеши худ ниҳода, пурсид: Ин чӣ китобҳост? Мавлоно гуфт: Инро қилу қол гӯянд, туро бо ин чӣ кор? Хидмат Мавлоно Шамсид-

---

[1] – Ал-кавокибу-л-музиа, табъи Ҳайдаробод ҷилди дувум (сафҳаи 124-125) ки чун гуфтори ӯ ба арабӣ буд, ба порсӣ тарҷума карда омад.

[2] – Монанди Амин Аҳмади Розӣ, муаллифи тазкираи Ҳафт иқлим ва Озар, муаллифи Оташкада.

дин даст дароз карду ҳама китобҳоро дар об андохт. Хидмат Мавлоно ба таассуфи тамом гуфт: Ҳай дарвеш, чӣ кардӣ баъзе аз онҳо фавоиди волид буд, ки дигар ёфт нест. Шайх Шамсиддин даст дар об кард ва якон-якон китобҳоро берун овард ва об дар ҳеч як асар накарда. Хидмат Мавлоно гуфт: Ин чи сир аст? Шайх Шамсиддин гуфт: Ин завқу ҳол аст, туро аз ин чӣ хабар? Баъд аз он бо якдигар бунёди сӯҳбат карданд».

## Ривояти Давлатшоҳ[1]

Ва Давлатшоҳ дар боби дидори Шамс бо Мавлоно гӯяд: «Рӯзе Шайх Рукниддини Санҷобӣ[2] Шайх Шамсиддинро гуфт, ки туро мебояд рафт ба Рум ва дар Рум сӯхтаест, оташ дар ниҳоди ӯ мебояд зад. Шамс ба ишорати пир рӯй ба Рум ниҳод ва дар шаҳри Қуния дид, ки Мавлоно бар астаре нишаста ва ҷамъи мавол̄ӣ дар рикоби ӯ равон аз мадраса ба хона меравад. Шайх Шамсиддин аз рӯи фиросат матлубро дид, балки маҳбубро дарёфт ва дар инони Мавлоно равон шуд ва суол кард, ки гараз аз муҷоҳидату риёзату такрор ва донистани илм чист? Мавлоно гуфт: Равиши суннат ва одоби шариат. Шамс гуфт: Инҳо ҳама аз рӯи зоҳир аст. Мавлоно гуфт: Ва раъйи ин чист? Шамс гуфт: Илм он аст, ки ба маълум расӣ ва аз девони Саноӣ ин байт бархонд:

Илм к-аз ту туро бинастонад,
Ҷаҳл аз он илм беҳ бувад бисёр.

Мавлоно аз ин сухан мутаҳаййир шуду пеши он бузург афтод ва аз такрори дарсу ифода бозмонд.

[1] – Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 196-197) ва ин ривоят дар тазкираи Оташкада ҳам ҳаст (дар зикри риҷоли Балх).

[2] Ва саҳеҳ Саҷосист чунон ки дар сафҳаи 56 ин китоб гузашт.

## Ривояти Ибни Батута[1]

Ибни Батута, ки дар нимаи аввал аз қарни ҳаштум дар аснои сафари худ ба Қуния рафта ва шарҳи мухтасаре низ роҷиъ ба Мавлоно ва пайравони ӯ навишта, дар сабаби инқилоби Мавлоно гӯяд: «Ривоят кунанд, ки ӯ (Мавлоно) дар оғози кор фақеҳе мударрис буд, ки туллоб дар яке аз мадориси Қуния бар вай гирд мешуданд. Як рӯз марди ҳалвофурӯш, ки табақи ҳалвои бурида бар сар дошт ва ҳар порае ба филисе мефурӯхт, ба мадраса даромад. Чун ба маҷлиси тадрис расид, шайх (Мавлоно) гуфт: Табақи хешро биёр. Ҳалвофурӯш порае ҳалво баргирифту ба вай дод. Шайх биситонду бихурд. Ҳалвоӣ бирафт ва ба ҳеҷ кас аз он ҳалво надод. Шайх тарки тадрис гуфт ва аз паи ӯ бирафт ва дере кашид, ки ба маҷлиси дарс бознаёмад ва туллоб муддате дароз интизор кашиданд. Сипас ба ҷустуҷӯи ӯ бархостанд ва оромгоҳи ӯ нашинохтанд, то пас аз чанд сол баргашт ва ҷуз шеъре порсии номафҳум сухане намегуфт. Туллоб аз пеш мерафтанд ва он чӣ мегуфт, менавиштанд ва аз онҳо китобе ба номи Маснавӣ ҷамъ карданд.

Акнун чун ба диққат дар ин ривоёт нигарем, равшан мегардад, ки ривояти Афлокӣ ва Давлатшоҳ дар ин муштарак аст, ки иллати инқилоби Мавлоно, суоли Шамс ва тасодуфи ин ду ҳангоми бозгашти Мавлоно аз мадраса буда ва ихтилофи онҳо дар суоли Шамс аст. Вале ривояти Давлатшоҳ заифтар аз ривояти Афлокӣ мебошад, зеро сахт дур аст, ки Мавлоно бо он ки дар маҳди тасаввуф ва канори падари сӯфимаслак ва соҳиби доияи иршод тарбият шуда ва солҳо дар хидмати

---

[1] Риҳла Ибни Батута, ҷилди аввал, табъи Миср сафҳаи 187.

Бурҳони Муҳаққиқ ба таййи мадориҷи сулук гузарони-да буд, дар посухи пурсиши дарвеше ҷавобе бад-он сустӣ эрод кунад ва аз ҷавоби дуввумини Шамс аз даст бира-вад ва низ ривояти муаллифи Ал-кавокибу-л-музиа бо ривояти дуввумини Ҷомӣ дар ин иштирок дорад, ки ошуфтагӣ ва майли Мавлоно ба таҷрид ва тарки зоҳир ба сабаби кароматн Шамс пас аз беэътиноии Мавлоно ба вай даст дода буд ва ин ҳар ду ривоят ҳарчанд мум-кин аст барои арбоби ҳолат, ки дида ба куҳли мозоғе бино карда ва ин осори аҷиброкамтарин асар аз вуҷу-ди авлиё донистаанд, саҳеҳ ва дуруст бошад, лекин дар назари арбоби таърих, ки чашм бар ҳаводис ва асбоби зоҳирӣ гумоштаанд, ба ҳеч рӯй шоистаи қабул натаво-над буд.

Ривояти Ибни Батута низ хилофи бадеҳаи ақл ва аз ҳар ҷиҳат бутлони он мақтуъ аст, чи гузашта аз он ки ин хабар дар ҳеч як аз кутуби мутақаддимин ва мутаах-хирин нест ва бо ҳеч як аз ривоёт андак муносибате ҳам надорад, бо ҳукми хиради рост ва андешаи дуруст пай-дост, ки пораи[1] ҳалво сабаби ошуфтагӣ ва инқилоби марди доно ва муҷаррабе, ки сарду гарми рӯзгор чаши-да ва ба хидмати бисёре аз арбоби маърифат расида, натавонад буд, илова бар ин ки то пайдо шудани Мав-лоно хабарест, ки ҳеч асли[2] таърихӣ надорад ва дар

[1] Ва ишороти Мавлоно ба ҳалвой ва ҳалвофурӯш дар ғазалиёт (тақри-бан бист маврид дар назар аст) мубтанӣ бар истилоҳот ва таъбироти шо-ирона аст ва гувоҳи гуфтори Ибни Батута нест.

[2] Сухани муаллифи Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа, ки Мавлоно дар шаҳрҳо гашт, ишорат ба мусофиратҳои Мавлоност дар талаби Шамс, ки зикри он биёяд ва бо гуфтори Ибни Батута иртиботе надорад ва ин ки Ибни Батута мегӯяд ҷуз шеъри порсии номафҳум сухане намегуфт ва муридон он сухан-ро гирд карда, Маснавӣ ном ниҳоданд,бисёр шигифт ва ношӣ аз адами иттилоъ ва содазамирии Ибни Батута мебошад, чи аввалан ашъори Мав-лоно барои касоне, ки порсӣ медонанд, номафҳум нест. Сонияи чӣ гуна мумкин аст шахс ҷуз шеър ҳеч навъ сухан нагӯяд. Солисан осори Мавлоно мунҳасир ба шеър ва Маснавӣ намебошад ва осори мансури ӯ монанди Макотиб ва китоби Фиҳи мо фиҳ мавҷуд аст ва Ибни Батута аз онҳо огоҳӣ надошта ва аз фарти якгодилӣ ва саломати нафс ин хабари бебунёнро дар китоби худ овардааст.

Маснавии Валадӣ ва Маноқиби Афлокӣ, ки маъхази қадимӣ ва муътабари таърихи Мавлоност, зикри он нест ва гумон меравад, ки Ибни Батута хабари мазкурро аз душманони хонадони Мавлоно ё аз афвоҳи авоми беиттилоъ шунида ва бидуни мутолиа ва таҳқиқ ривоят карда бошад.

Бо диққати бештар возиҳ мегардад, ки ривояти Афлокӣ ва Давлатшоҳ низ холӣ аз ишкол[1] нест, чи суоли Шамс бисёр содаву пешипоафтодаву одист ва тифлони тариқат ҳам аз ҷавоби амсоли он оҷиз набуда ва намебошанд, то чи расад ба Мавлоно, ки аз оғози зиндагонӣ бо ҳақоиқи ирфон ошно шуда ва дар маҳди тасаввуф тарбият ёфта буд.

Ҳарчанд метавон тасаввур кард, ки Мавлоно бо Шамсуддин дар Ҳалаб[2] ё Шом дидор кардаву даст дар домани ишқу иродат зада ва суоли Шамсуддин ёдоварӣ аз он суханон бошад, ки бо Мавлоно дар оғози кор ба миён овардааст ва муаййиди ин сухан ривояти Афлокист, ки

---

[1] Бино ба зоҳир чунин менамояд, вале аз мақолоти Шамс бармеояд, ки ин суолу ҷавоб миёнаи ин ду бузург радду бадал шуда ва мавриди истишҳод аз Мақолот ин сухан аст «Ва аввалу каломин такалламту маъаҳу кона ҳозо. Аммо Абоязид (Абуязид савоб аст) кайфа моллазама-л-мутобиъата ва мо қола субҳонака мо абаднока фа арафу ила-т-тамом ва-л-камол ҳоза-л-камол ва аммо (ан Щ) ҳоза-л-калом ило айна махласуҳу ва мунтаҳо ва саккара мин золика ли таҳоратин сара» (Мақолоти Шамс сафҳаи дувум) ва аз қароин маълум аст, ки замири «Маъаҳу» ба Мавлоно роҷиъ мегардад аз ин рӯ бояд бовар кард, ки ин суолу ҷавоб воқиъ гардида, вале ин ки мабдаи инқилоби Мавлоно ҳамин сувол буда, дар ҳадди худ мавриди ишкол аст.

[2] Аз Мақолоти Шамс, ба ривоёти Афлокӣ маълум мегардад, ки Шамс муддате дар Ҳалабу Шом муқим буд ва чунон ки гуфта омад, Мавлоно ҳам қариби ҳафт сол дар ин ду ноҳият иқомат гузида буд ва бад-ин ҷиҳат фарзи мулоқоти ӯ бо Шамс дар яке аз ин ду нуқта холӣ аз қувват нест ва аз ин сухани Шамс дар Мақолот, сафҳаи 36 «аз ҳамон маъхаз (Мавлоно дар ҳама ҷои ин китоб) ба ёдгор дорам аз шонздаҳ сол, ки мегуфт, ки халоиқ ҳамчу аъдоди ангуранд, адад аз рӯи сурат аст, чун бияфшорӣ дар коса, он ҷо ҳеч адад ҳаст», метавон мулоқоти Мавлоноро бо Шамс дар Ҳалаб истифода намуд, чи аз иқомати Мавлоно дар Ҳалаб то охирин соли мусо→

аз мулоқоти Мавлоно бо Шамсуддин дар Шом ҳикояте[1] нақл кардааст.

Сарфи назар аз ин ахбор, ки ин ҳодисаро хориқулода ва ошуфтагии Мавлоноро ноғаҳонӣ нишон медиҳад, ҳар гоҳ ба маъхази қадимтар ва саҳеҳтар, яъне ба Валаднома бингарем, хоҳем донист, ки инҳо ҳама шоху баргҳоест, ки арбоби маноқиб ва тазкиранависон бадин қисса додаанд ва то ин ҳодисаро, ки аз назари натиҷа, яъне тағйири ҳол ва табдили ҷамиъи шуъуни зиндагии Мавлоно ғайриодист, бо муқаддамоти хилофи одат ҷилва диҳанд, ривоёте аз худ сохта ва ё шунидаҳои хешро бидуни таъқиб дар кутуб навиштаанд.

Мутобиқи ривоёти Султонвалад-писари Мавлоно дар Валаднома ишқи Мавлоно ба Шамс монанди ҷустуҷӯи Мӯсост аз Хизр, ки бо мақоми нубуввату рисолат ва рутбаи калими илоҳӣ боз ҳам мардони Худоро талаб мекард ва Мавлоно низ бо ҳамаи камолу ҷалолат дар талаби акмале рӯз мегузошт, то ин ки Шамсро[2], ки аз

---

→ ҳибати ӯ бо Шамс (630-645 /1232-1248м.) тақрибан шонздаҳ сол фосила мебошад ва он маъно, ки Шамс аз Мавлоно ба унвони ёдгори шонздаҳсола ривоят мекунад, ҳамон аст, ки аз ҳафт қарн пеш дар ин абёти Маснавӣ ба ёдгор мондааст:

Даҳ чароғ ар ҳозир орӣ дар макон,
Ҳар яке бошад ба сурат ғайри он.
Фарқ натвон кард нури ҳар яке,
Чун ба нураш рӯй орӣ бе шаке.
Гар ту сад себу сад обе бишмурӣ,
Сад намояд, як шавад, чун бифшурӣ.
Дар маонӣ қисмату аъдод нест,
Дар маонӣ таҷзия-в афрод нест,

Маснавӣ, чопи Алоуддавла, сафҳаи 18.

[1] Ва он ҳикоят ин аст «Ҳамчунон ҳикоят кардаанд, ки рӯзе дар майдони Димишқ сайр мекард дар миёни халоиқ ба шахси аҷиб муқобил афтоднамади сиёҳ пӯшида ва кулоҳи намадӣ бар сар ниҳода ғашт мекард, чун ба ҳазрати Мавлоно расид, дасти муборакашро бӯса доду гуфт: Ай саррофи олами маонӣ, моро дарёб. Ва он ҳазрат Мавлоно Шамсиддини Табрезӣ буд азама-л-Лоҳу зикраҳу» .

[2] Дар Мақолот, сафҳаи 81 ин иборат дида мешавад: « Ба ҳазрати Ҳақ →

мастурони қибоби иззат буд, ба даст овард ва муриди вай шуд ва сар дар қадамаш ниҳод ва якбора дар анвори ӯ фонӣ гардид ва ӯро ба хонаи хеш хонд. Инак абёти Валаднома:

Ғаразам аз Калим Мавлоност,
Он ки ӯ беназиру беҳамтост.
Он ки чун ӯ набуд кас ба ҷаҳон,
Он ки буд аз ҷаҳон ҳамеша ҷаҳон.
Он ки андар улум фоиқ буд,
Ба сарии шуюх лоиқ буд.
Муфтиёни гузида шогирдаш,
Ҳама сафҳо зада зи ҷон гирдаш.
Ҳар муридаш зи Боязид афзун,
Ҳар яке дар валаҳ дусад Зуннун.
Бо чунин иззу қадру фазлу камол
Доиман буд толиби абдол.
Хизираш буд Шамси Табрезӣ,
Он ки бо ӯ агар даромезӣ,
Ҳеч касро ба як ҷаве нахарӣ,
Пардаҳои зиломро бидарӣ.
Он ки аз махфиён ниҳон буд ӯ,
Хусрави ҷумла восилон буд ӯ.

→ тазарруъ мекардам, ки маро бо авлиёи худ ихтилот деҳ ва ҳамсуҳбат кун. Ба хоб дидам, ки маро гуфтанд, ки туро бо як валӣ ҳамсуҳбат кунӣ. Гуфтам: Куҷост он валӣ? Шаби дигар дидам, ки гуфтанд, дар Рум аст. Чун баъди чандин муддат бидидам, гуфтанд, ки вақт нест, ҳанӯз ал-умур марҳуна би авқотиҳо», ки маълум медорад, Шамс низ дар талаби мардон ба соқи ҷид ва қадами иштиҳод истода, ба ҷон суҳбати авлиё меҷуст ва матлубашро дар Рум нишон дода буданд. Ва ривоёти Афлокӣ низ мутобиқи Мақолот аст ва миёнаи ин ривоёт бо Валаднома тасаввури ихтилоф набояд кард, чи ҷазбу кашиш дар эътиқоди Мавлоно аз ҳар ду тараф (ошиқу маъшуқ) сурат мегирад.

Ташна мегӯяд ки ку оби гувор,
Об ҳам гӯяд, ки ку он обхор?

Ва истилоҳи мастурони қибоби иззат ё қибоби ҳақ (яъне авлиёи махфӣ, ки ба се табақа мешаванд) ки дар кутуби сӯфиён ба назар мерасад, маъхуз аст аз ин ҳадиси «Авлиёӣ таҳта қибобӣ ло яърифуҳум гайрӣ».

Авлиё гар зи халқ пинҳонанд,
Халқ ҷисманду авлиё ҷонанд.
Ҷисм ҷонро куҷо тавонад дид,
Роҳи ҷонро ба ҷон тавон бибрид.
Инчунин авлиё, ки биноанд,
Аз азал олиманду волоанд.
Шамси Табрезро намедиданд,
Дар талаб гарчи бас бигардиданд.
Ғайрати Ҳақ варо ниҳон медошт,
Дур аз ваҳму аз гумон медошт.
Назди Яздон чу буд Мавлоно
Аз ҳама хостар ба сидқу сафо.
Гашт розӣ, ки рӯй бинмояд,
Хост бо ӯ бар он бияфзояд.
Тамаъ андар каси дигар накунад,
Меҳри боқӣ зи дил бурун фиканад.
Ғайри ӯро наҷӯяд андар даҳр,
Гарчи бошад фариду зубдаи аср.
Нашавад кас бад-он ато махсус,
Ӯ бувад бо чунон лиқо махсус.
Баъди бас интизор рӯяш дид,
Гашт сирҳо бар ӯ чу рӯз падид.
Дид онро, ки ҳеч натвон дид,
Ҳам шунид, он чи кас зи кас нашунид.
Чун кашид аз ниёз бӯй варо,
Бе ҳиҷобе бидид рӯй варо...
Шуд бар ӯ ошиқу бирафт аз даст,
Гашт пешаш яке баландию паст.
Даъваташ кард сӯи хонаи хеш,
Гуфт бишнав, шаҳо, аз ин дарвеш.
Хонаам гарчи нест лоиқи ту,
Лек ҳастам ба сидқ ошиқи ту.
Бандаро ҳарчи ҳасту ҳарчи шавад,

Беғумон ҷумла они хоҷа бувад.
Пас аз ин рӯй хона хонаи туст,
Ба вусоқат ҳамеравӣ ту дуруст.
Баъд аз он ҳар ду хуш равона шуданд,
Шоду хандон ба сӯи хона шуданд.

Аз ин абёт падид аст, ки Мавлоно аз оғоз[1] ошиқ ва ба ҷон ҷӯёи мардони ҳақ буд ва ба нишонҳои комилон ва восилон ошноӣ дошт ва мағзро аз пӯст бозмедонист ва чун ҷон, ки[2] бар тан партав меафканад, партави абдол дар ҷони вай метофт ва чун Шамсуддинро дарёфт, он[3] нишонҳо ва тозагиҳо, ки аломати дидор ва иттисол ба дарёи бекаронаи ҷамоли он маъшуқи латиф аст, дар чеҳраи ҷаззоб ва дилфиреби ӯ дид ва аз гармию гироии нафаси ӯ донист, ки бо маъдани дилфиребе ва кони дилрабое пайванд дорад ва ҳам ба ҷазби ҷинсият даст аз дилу ҷон бардошт ва сар дар қадамаш ниҳод ва он ишқи бечуну шӯри пардадар, ки солиёни дароз дар ниҳоди Мавлоно мастур ва фурсати зуҳурро мунтаҳиз буд, тоби мастурӣ[4] наёвард ва сар аз равзани ҷони он ошиқи

[1] Ин байти Мавлоноро ба хотир биёваред:
Гар зинда ҷоне ёбаме, ман доманаш бартобаме,
Эй кош, ки дар хобаме, дар хоб бинмудӣ лиқо.

[2] Ин байтро ёд кунед:
Ончунон ки партави ҷон бар тан аст,
Партави абдол бар ҷони ман аст.
Маснавӣ, дафтари аввал, чопи Алоуддавла, сафҳаи 86.

[3] Ин мазмун аз абёти зайл мустафод аст:
Шарҳи равза гар дурӯғу зӯр нест
Пас, чаро чашмат аз он махмур нест?
Ин гадочашмию ин нодидагӣ
Аз гадойиӣ туст, н-аз бекларбагӣ.
Чун зи чашма омадӣ, чунӣ ту хушк,
Гар ту нофи оҳуӣ, ку бӯи мушк?
Гар ту меоӣ зи гулзори ҷинон,
Дастаи гул ку барои армуғон?
З-он чи мегӯию шарҳаш мекунӣ,
Чӣ нишона дар ту монад, эй санӣ.
Маснавӣ, дафтари панҷум, чопи Алоуддавла, сафҳаи 497.

[4] Ишора аст ба байти машҳури зайл:
Парирӯ тоби мастурӣ надорад,
Дар ар бандӣ, сар аз равзан барорад.

порсосурат ва сӯфии муфтишакл баровард ва навои бехудӣ ва шӯри мастӣ дар олам андохт ва салои ишқ дардод, ки

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад

Мавлоно, ки то он рӯз халқаш бениёз мешумурданд, ниёзмандвор ба домани Шамс овехт ва бо вай ба хилват нишаст ва чунон ки дари дил бар хаёли[1] ғайри дӯст баста дошт, дари хона бар ошнову бегона бибаст ва оташи истиғно дар меҳробу минбар зад ва ба тарки маснади тадрису курси ваъз ғуфту дар хидмати устоди ишқ зону зад ва бо ҳама устодӣ навомӯз гашт. Ва ба ривояти Афлокӣ муддати ин хилват ба чиҳил рӯз ё се моҳ кашид ва инак абёти Валаднома, ки ин матлаброро ҳарчанд равшантар мекунад:

Ногаҳон Шамсидин расид ба вай,
Гашт фонӣ зи тоби нураш фай.
Аз варои ҷаҳони ишқ овоз...
Бирасонид бе дафу бесоз.
Шарҳ кардаш зи ҳолати маъшуқ,
То ки сирраш гузашт аз Айюқ.
Гуфт агарчи ба ботинӣ ту гарав,
Ботини ботанам ман, ин бишунав.
Сирри асрору нури анворам,
Нарасанд авлиё ба асрорам.
Ишқи дар роҳи ман бувад парда,
Ишқи зинда-ст пеши ман мурда.
Даъваташ кард дар ҷаҳони аҷаб,
Ки надид он ба хоб турку араб.
Шайхи устод гашт навомӯз.
Дарс хондӣ ба хидматаш ҳар рӯз.

---

[1] Байти Саъдӣ ба хотир мегузарад:

Мо дари хилват ба рӯи ғайр бибастем
В-аз ҳама бозомадему бо ту нишастем.

Мунтаҳӣ буд, мубтадӣ шуд боз,
Муқтадо буд, муқтадӣ шуд боз.
Гарчи дар илми фақр комил буд,
Илми нав буд, к-он ба вай бинмуд.

Шамсиддин ба Мавлоно чӣ омӯхт ва чӣ фусун сохт, ки чандон фирефта гашт ва аз ҳама чизу ҳама кас сарфи назар карду дар қимори муҳаббат низ худро дарбохт, бар мо маҷҳул аст, вале кутуби маноқибу осор бар ин муттафиқ аст, ки Мавлоно баъд аз ин хилват равиши худро бадал сохт ва ба ҷои иқомаи намозу маҷлиси ваъз ба самоъ нишаст ва чархидану рақс бунёд кард ва ба ҷои қилу қоли мадраса ва аҳли баҳс гӯш ба нағмаи ҷонсӯзи най ва таронаи дилнавози рубоб ниҳод.

Ва бо он ки дар огози кор ва пеш аз он ки зарравор дар шуъои Шамс рақсон шавад сахт ба намозу рӯза муваллаъ буд, чунон ки ҳар се рӯз як бор рӯза кушодӣ ва шаб то ба рӯз дар намоз будӣ ва ба самоъу рақс дарнаёмада буд ва дар сурати ибодату тақво камол ҳосил мекард ва аз таҷаллиёти илоҳӣ бархурдор мегашт. Чун офтоби ҳақиқати Шамс бар машриқи ҷони ӯ тофту ишқ дар дили Мавлоно коргар афтод ва Шамсро ба роҳнамоӣ баргузид ба ишорати ӯ ба самоъ даромаду беш аз он ҳолоту таҷаллиёт, ки аз парҳезу зуҳд медид, дар сурати самоъ бар ӯ ҷилвагар гардид, чунонки Султонвалад дар ҷузви севуми Маснавии Паладӣ гӯяд:

Пештар аз васли Шамсиддин зи ҷон
Буд дар тоъат зи рӯзону шабон.
Солу маҳ пайваста он шоҳӣ гузин
Буд машгули улуми зуҳду дин.
Он мақомоташ аз он варзаш расид,
Бо тақию зуҳд раҳро мебурид.
Андар он мазҳар будаш ҷилва зи ҳақ,
Ҳар даме мебурд аз ҳақ нав сабақ.

Чунки даъват кард ӯро Шамсидин
Дар самоъе, ки буд он пешаш ғузин.
Чун даромад дар самоъ аз амри ӯ
Ҳоли худро дид садчандон зи ҳу.
Шуд самоъаш мазҳабу рое дуруст.
Аз самоъ андар дилаш сад боғ руст.

Мавлоно дар анвори Шамс мустағриқ шуда ва аз ёрон мунқатиъ гардидаву бар асосу равиши худ, ки камол[1] дар суҳбати мардони комил аст ва чунон ки улуми[2] зоҳир ба такрор ва тадрис қувват мегирад, қуввати фақру тасаввуф аз мусоҳибат ва дамсозии ёрест, ки оинаи ҷамолнамои солик бошад. Дасти таманно дар домани суҳбати Шамсиддин маҳкам карда буд ва ҳарчи аз ну-

---

[1] Ин матлабро тамоми сӯфиён камобеш муътақиданд, балки онро метавон бунёди тасаввуф хонд ва дар ашъору каламоти Мавлоно ишороти бисёр бад-ин маъно ёфта мешавад, чунон ки дар абёти зайл:

Гуфт пайғамбар Алиро, к-эй Алӣ,
Шери ҳақ?ӣ, паҳлавонӣ пурдилӣ.
Лек бар шерӣ макун ҳам эътимед,
Андар о дар сояи нахли умед.
Ҳар касе гар тоате пеш оваранд
Баҳри қурби ҳазрати бечуну чанд,
Ту тақарруб ҷӯ ба ақлу сирри хеш,
Не чу эшон бар камолу бирри хеш.
Андар о дар сояи он оқиле ,
К-иш натонад бурд аз раҳ ноқиле.

Маснавӣ, дафтари аввал, чопи Алоуддавла, сафҳаи 78.

[2] Аз ин абёт иқтибос шуда:

Илмомӯзӣ тариқаш қавлӣ аст,
Ҳарфомӯзӣ тариқаш феълӣ аст.
Фақр хоҳӣ, он ба сӯҳбат қоим аст.
Не забонат кор меояд, на даст.
Дониши онро ситонад ҷон зи ҷон,
Не зи роҳи дафтару не аз баён.

Маснавӣ, дафтари панҷум, чопи Алоуддавла, сафҳаи 456.

Чун ки мӯъмин оинай мӯъмин бувад,
Рӯи ӯ з-олудагӣ эмин бувад.
Ёр оина-ст ҷонро дар ҳазан,
Бар рухи оина, эй ҷон, дам мазан.

Маснавӣ, дафтари дувум, чопи Алоуддавла, сафҳаи 105.

қуд дошт ё аз футуҳ ба даст меовард, ҳамаро дар қадами Шамс нисор мекард. Ёрону шогирдон ва хешони Мавлоно, ки бо чашмҳои ғаразомез ба Шамс менигаристанд ва ӯро марди лоуболӣ ва берун аз тури маърифат мешинохтанд, ба шайхию пешвоии ӯ ризо намедоданд ва тамкину таслими Мавлоно, ки шайху шайхзодаву муфтӣ буд, бар эшон гарон меомад. Аҳли Қуния ва акобири зуҳҳод ва уламо ҳам аз тағйири равиши Мавлоно хашмгин шуданд ва чунон салмаву рахнаи азим, ки аз табаддули ҳоли он фақеҳи муфтӣ ва ҳомили лавои улуми саҳоба ва акобири мозийин дар бунёни шаръи муҳаммадӣ роҳ ёфт, бар худ ҳамвор намекарданд, бад-ин ҷиҳат «кофаи халқи Қуния ба ҷӯш омаданд ва аз сари ғайрату ҳасад дар ҳам шуда, ҳеч касро маълум нашуд, ки ӯ чӣ кас аст ва аз куҷост», муридон низ ташнеъ оғоз карданд ва ба шикоят пардохтанд:

Гуфта бо ҳам, ки шайхи мо зи чӣ рӯ
Пушт бар мо кунад зи баҳри чу ӯ?
Мо ҳама номдор з-аслу насаб,
Аз сиғар дар салоҳу толиби раб.
Бандаи содиқем дар раҳи шайх,
Мо ҳама ошиқем дар раҳи шайх.
Шуда моро яқин, ки мазҳари Ҳақ
Ӯст бемислу з-ӯ барем сабақ.
Бартар аз фаҳму ақл ин раҳи мост,
Шоҳи ҷумла шаҳон шаҳаншаҳи мост.
Ҳама аз ваъзи ӯ чунин гаштем,
Дар дили ғайр меҳри ӯ киштем.
Ҳама чун боз сайдҳо кардем,
Сайдҳоро ба шоҳ овардем.
Шуд зи мо шайх дар ҷаҳон машҳур,
Дӯсташ шоду душманаш мақҳур.
Чи кас аст ин, ки шайхи моро ӯ

Барад аз мо (аз ҷо) чу як каҳеро ҷӯ?

Муридон ва аҳли Қуния ба маломату сарзаниш бархостанд, вале Мавлоно саргарми кори худ буд ва аз он пандҳо[1] бандаш сахтар шуда, бепарво офтобпарастӣ мекард, чунон ки вақте Ҷалолиддини Қаратой «мадрасаи худро тамом карда, иҷлоси азим кард ва ҳамон рӯз дар миёни акобир уламо баҳс афтод, ки садр кадом аст ва он рӯз ҳазрати Мавлоно Шамсиддин ба навӣ омада буд дар сафи ниол, миёни мардум нишаста ва ба иттифоқ аз ҳазрати Мавлоно пурсиданд, ки садр чи ҷойро гӯянд? Фармуд, ки садри уламо дар миёни суффа аст ва садри урафо дар кунҷи хона ва садри сӯфиён бар канори суффа ва дар мазҳаби ошиқон садр канори ёр аст. Ҳамоно ки бархост ва бар канори Мавлоно Шамсиддин биншаст ва гӯянд ҳамон рӯз буд, ки Мавлоно Шамсиддин дар миёни мардум ва акобири Қуния машҳур шуд», маломати ёрон оташи ишқи Мавлоноро доман мезад ва бехудию ошуфтагии ӯ бармало ва ҳасади онон меафзуд, то ғулуввашон дар адовату душмании Шамс аз ҳад гузашт «ва ба иттифоқи тамом қасди он бузург карданд, фатрате азим дар миёни ёрон воқиъ шуд».

## Мусофирати Шамсиддин ба Димишқ

Шамсиддин аз ғуфтор ва рафтори мардуми мутаассиби Қуния ва ёрони Мавлоно, ки ӯро соҳир мехонданд, ранҷидахотир гашт ва ҳозо фироқи байнӣ ва байнак

[1] Ишора аст бад-ин абёт:

Гуфт, эй носиҳ, хамуш кун, чанд панд?
Панд камтар кун, ки бас сахт аст банд.
Сахттар шуд банди ман аз панди ту,
Ишқро нашнохт донишманди ту.

Маснавӣ, дафтари севум, чопи Алоуддавла, сафҳаи 294.

бархонд ва он ғазалҳои[1] гарму пурсӯзи Мавлоно ва исрору ибром ва аҷзу ниёзи ошиқонаи ӯ ҳам дар Шамс коргар наафтод, сари хеш гирифту бирафт ва ин[2] сафар рӯзи панҷшанбе, бисту яки шавволи 643 /1246м. воқиъ гардид ва бинобар ин тамоми муддати мусоҳибати ин ду тақрибан 16[3] моҳ будааст.

Мавлоно дар талаби Шамс ба қадами ҷид истод, «қурби моҳе талаб мекарданд, асаре пайдо нашуд» вале гӯё охируламр[4] хабар ёфт, ки инак матлаъи Шамс Димишқи Шом аст, номаву паём мутавотир кард ва пайк дар пайк пайваст ва ба ривояти Афлокӣ ин чаҳор ғазалро[5] дар ин ҳангом ба хидмати Шамс фиристод.

---

[1] Гумон меравад, ки ғазалҳои зайл аз ин маъно ҳикоят кунад:

Равшании хона туӣ, хона бимагзору марав,
Ишрати чун шаккари моро ту ниғаҳ дору марав.
Бишнидаам, ки азми сафар мекунӣ, макун,
Меҳри ҳарифу ёри дигар мекунӣ, макун.
Мебинамат, ки азми ҷафо мекунӣ, макун,
Азми итобу фирқати мо мекунӣ, макун.

[2] Гӯянд, ки Мавлоно Ҷалолиддин таърихи нахустини ғайбати Шамсро бад-ин сурат ба Ҳисомуддин имло фармуд: « Софару-л-мавло-л-аъазз ад-доъӣ ила-л-хайр хулосату-л-арвоҳ сирру-л-мишкот ва-з-зуҷоҷати ва-л-мисбоҳ Шамсу-л-ҳаққи ва-д-дин нуру-л-Лоҳи фи-л-аввалини ва-л-охирин атола-л-Лоҳу умраҳу ва лақоно би-л-хайри лақоаҳу явма-л-хамису-л- ҳодӣ ва-л-ишрин мин шаҳри-ш-шаввол сана салоса ва арбаина ва ситта миа».

[3] Зеро Шамсиддин дар 26 ҷимодиюлохири санаи 642 /1245м. ба Қуния омада ва дар ин таърих мусофират намудааст ва ин ки баъзе муддати иқомати ӯро дар Қуния як саду бист рӯз гуфтаанд, саҳв аст.

[4] Дар шарҳи ҳоле, ки ба замимаи Маснавии Мавлоно, мантабаи Бамбей 1340 /1922м. ба табъ расида, мазкур аст, ки Шамсиддин номае ба Мавлоно навишт ва чун маъхази ривоёти ин шарҳи ҳол мутобиқи изҳори нависандаи он маноқиби Афлокӣ ва Маноқиби Дарвеши Сипаҳсолор аст, ки чил сол мусоҳиби Мавлоно буда ва ночор аз дидори худ дар он китоб сухан рондааст. Ин ривоят мавриди эътимод тавонад буд.

[5] Лекин ғазале, ки дар зайл мазкур мегардад, ҳар гоҳ аз Мавлоно бошад, панҷумини он номаҳо хоҳад буд, ки ба ҷониби Шамс фиристодааст:

Зиндагонии маҷлиси сомӣ
Бод дар сарварию худкомӣ.

### Нома ва ғазали аввал

Айюҳа-н-нуру фи-л-фуоди таъол,
Ғояту-л-ваҷди ва-л-муроди таъол.
Анта тадрӣ ҳаётано биядайк,
Ло тузиқу ала-л-ибоди таъол.
Ё Сулаймон дору ҳудҳуд лака,
Фатафаззал би-л-ифтиқоди таъол.
Айюҳа-л-ишқ, айҳа-л-маъшуқ,
Ҷуз ани-с-садди ва-л-иноди таъол.
Айюҳа-с-собиқу-л-лазӣ сабақат,
Минка масбуқату-л-вадоди таъол.

---

→ Номи ту зинда бод, к-аз номат
Ёфтанд асфиё накӯномӣ.
Мерасонам салому хидматҳо,
Ки раҳиро валии инъомӣ.
Чӣ диҳам шарҳи иштиёқ, ки худ
Моҳиям ман, ту баҳри икромӣ.
Моҳии ташна чун бувад бе об,
Эй ки ҷонро ту донаву домӣ?
Сабаби ин таҳийят он будаст,
Ки ту кори маро саранҷомӣ.
Ҳомили хидмат аз шакаррезат
Дорад уммеди шарбатошомӣ.
З-он карамҳо, ки кардаӣ бо халқ,
Хос осуда асту ҳам омӣ.
Бикашаш дар ҳимоятат, к-имрӯз
Туӣ аҳли замонаро ҳомӣ.
То ки дар зилли ту биёромад,
Ки ту ҷонро паноҳу оромӣ.
Ки шавам ман ғариқи миннати ту,
К-ибтидо кардию дар итмомӣ,
Бод ҷовид бар мусулмонон
Сояат, к-офтоби исломӣ.
Ин сӯ ар кору хидмате бошад,
То ки хидмат намояму роме.
Шамси Табрез дар ҷаҳони вуҷуд
Ошиқонро ба ҷон диломӣ.

Куллиёти Шамс, мантабаъаи Ҳиндустон, сафҳаи 979.

Фа мина-л-баҳри сиҳҳату-л-арвоҳ,
Анҷизи-л-авда ё маъоди таъол.
Устуру-л-айба в-абзулу-л-маъруф,
Ҳоказо одату-л-ҷаводи таъол.
Чи бувад порсии таъол? Биё,
Ё биё, ё бидеҳ ту доди таъол.
Чун биёӣ, зиҳӣ кушоди мурод,
Чун наёӣ, зиҳӣ касоди таъол.
Эй кушоди араб қубоди аҷам,
Ту кушоӣ дилам ба ёди таъол.
Эй дарунам таъол-гӯён ту,
В-эй зи буди ту буд боди таъол.
Туфту[1] фика-л-билода ё қамаро,
Би муҳитун ва би-л-билоди таъол.
Анта ка-ш-шамси из данат ва наъат
Ё қарибан ала-л-ибоди таъол.

### Нома ва ғазали дуввум

Ай зарифи ҷаҳон, саломун алайк,
Инна доӣ ва сиҳҳатӣ би ядайк.
Гар ба хидмат намерасам ба бадан,
Инна ма-р-руҳу ва л-фуоду ладайк.
Гар хитобе намерасад бе ҳарф,
Пас ҷаҳон пур чаро шуд аз лаббайк?
Наҳс гӯяд туро, ки баддалнӣ,
Саъд гӯяд туро, ки ё саъдайк.
Оҳ аз ту бари ту ҳам ба нафир,
Оҳа-л-мустағос минка илайк.
Доруи дарди банда чист, бигӯ,
Қублату-н-нури зуқту мин шафатайк.
Шамсидин, айши дӯст нӯшат бод,
З-он ки пайдо шудаст фӣ айнайк.

---

[1] Аз ин байт тавонист донист, ки Мавлоно ин бор ҳам ба талаби Шамс дар шаҳрҳо тавоф кардааст.

## Нома ва ғазали севум

Зиндагонии садр олӣ бод,
Эзидаш посбону колӣ бод.
Ҳар чи нася-ст муқбилонро айш,
Пеши ӯ накди вакту ҳоле бод.
Маҷлиси гарму пурҳаловати ӯ...
Аз ҳарифи фусурда холӣ бод.
Ҷонҳоро кушода бар дари ғайб,
Баста пешаш чу нақши қолӣ бод.
Бар ямину ясори ӯ давлат
Ҳам ҷанубию ҳам шимолӣ бод.
Ду вилоят, ки ҷисму ҷон хонанд,
Бар сари ҳар ду шоҳу волӣ бод.
Бахти нақд аст Шамси Табрезӣ,
Ӯ басам, ғайри ӯ мисоле бод.

## Нома ва ғазали чаҳорум

Ба Худое, ки дар азал будаст
Ҳайю донову қодиру қайюм,
Нури ӯ шамъҳои ишқ фурӯхт,
То ки шуд сад ҳазор сир маълум.
Аз яке ҳукми ӯ ҷаҳон пур шуд
Ошиқу ишқу ҳокиму маҳкум.
Дар тилисмоти Шамси Табрезӣ
Гашт ғанҷи аҷоибаш мактум,
Ки аз он дам, ки ту сафар кардӣ,
Аз ҳаловат ҷудо шудам чун мум.
Ҳама шаб ҳамчу шамъ месӯзам,
З-оташаш ҷуфту з-ангубин маҳрум.
Дар фироқи ҷамоли ту моро
Ҷисм вайрону ҷон аз ӯ чун бум.
Ҳон, инонро бад-ин тараф бартоб,
Зафт кун пири ишқро хартум.

Бе ҳузурат самоъ нест ҳалол,
Ҳамчу Шайтон тараб шуда марҷум.
Як ғазал бе ту ҳеҷ гуфта нашуд,
То расад он мушаррафа мафҳум.
Пас ба завқи самоъи[1] номаи ту
Ғазале панҷу шаш бишуд манзум.
Шомам аз ту чу субҳ равшан бод,
Эй ба ту фахри Шому Арману Рум.

Ин номаҳои манзум, ки қадимтарин ашъори таърихии Мавлоно низ мебошад, охируламр дар дили Шамс таъсир бахшида ва зоҳиран моил гардид, ки бори дигар ба ҷониби он ёри дилсӯхта инони меҳр бартобад.

Ёрони Мавлоно ҳам, ки дар натиҷаи[2] ғайбати Шамс ва пажмурдагию дилтангии Мавлоно аз дидору ҳаловати гуфтор ва завқи тарбияту иршоди ӯ бебаҳра монда ва мавриди беиноятии шайхи комилаёри худ воқиъ гардида буданд, аз кардаи худ нодиму пушаймон шуданд ва дасти инобат дар домани афву ғуфрони Мавлоно заданд ва чунон ки дар Валаднома аст:

Пеши шайх омаданд лобакунон,
Ки бибахшо, макун дигар ҳиҷрон.
Тавбаҳо мекунем, раҳмат кун,
Гар дигар ин кунем, лаънат кун.
Тавбаи мо бикун зи лутф қабул,
Гарчи кардем ҷурмҳо зи фузул.
Борҳо гуфта инчунин ба фиғон,
Моҳҳо з-ин насақ ба рӯзу шабон.

---

[1]Аз ин байт гуфтаи онон ки гӯянд Шамсиддин ба Мавлоно нома навишт, таъйид мешавад ва низ маълум мегардад, ки номаҳои манзум аз чор бештар буда.

[2]Дар мақолоти Шамс мазкур аст. «Ин ки касе бигӯгд, ки мо сайъ кардем, ки фалон биёяд ба он умед мекардем».

Мавлоно узрашон бипазируфт ва фарзанди худ Султонваладро ба талаби Шамс равонаи Димишқ кард.

Тамоми муддати[1] иқомати Шамс дар Димишқ беш аз понздаҳ моҳ накашид ва ин ки Давлатшоҳ[2] гӯяд, ки Шамс ба Табрез рафт ва Мавлоно ба талаби ӯ азми Табрез намуд ва ӯро бо худ ба Рум овард, иштибоҳ аст, чи Султонвалад, ки худ дар ин вақоиъ ҳозир буда ва Афлокӣ низ ин қазияро ривоят накардаанд.

## Бозгашти Шамсиддин ба Қуния

Бино ба ривояти Валаднома[3] ва дигар кутуб Мавлоно Султонуваладро ба узрхоҳӣ аз гуноҳ ва густохии муридон назди Шамсиддин фиристод ва ба лобаву ацзи

[1] Зеро ки Шамсиддин ба таърихи 21 шавволи 643 /1246м. аз Қуния ҳиҷрат гузид ва дар соли 644 /1247м. ба Қуния боз омад ва ҳар гоҳ таърихи вуруди вай дар зиҳиҷҷаи он сол ҳам фарз шавад, боз ҳам муддати гайбаташ беш аз понздаҳ моҳ натавонад шуд.

[2] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан, сафҳаи 197. Ва баъзе аз мутаахарин ҳам ба пайравии аз Давлатшоҳ зикре аз ин сафар кардаанд ва ин сухан чунон ки гуфта омад, мухолифи асноди қадим аст ва ашъори Мавлоно дар иштиёқи Табрез, монанди:

Сорбоно, бор бикшо з-уштурон,
Шаҳри Табрез асту кӯи гулситон.
Фарри фирдавсист ин полизро,
Шаъшаъи аршист мар Табрезро.
Ҳар замоне мавҷи рӯҳангези ҷон
Аз фарози арш бар табрезиён

Маснавӣ, дафтари шашум, чопи Алоуддавла, сафҳаи 625 ва ё ин байт:

Шамси Табрезӣ ба Рум омад бари ман, шом буд,
Вақти субҳе ман ба Табрезаш хиромон ёфтам.

Мубтанӣ бар тағйироти шоирона аст ва ҳокӣ аз ҳақиқати таърихӣ нест ва ба эътимоди он аз нусуси Валаднома даст набояд кашид. Ин нукта низ пӯшида мабод, ки аз ривояти Афлокӣ чунин мафҳум мешавад, ки Шамсиддин ду сафар ба сӯи Димишқ рафта ва он ҳам ба эҳтимоли ақво галат аст.

[3] Ашъори Валаднома: →

тамом дархост кард, ки аз ҷурму носипосии ёрони тангҳавсалаи тунукмағз даргузарад ва бори дигар он абрвор[1] борони лутфу карам бар сари бӯстон ва шӯристон биборад ва чун ноқистабъони[2] туршрӯй гавҳари хеш падид карданд, ӯ низ, ки маъдани камолу кони ҳаловат аст, кори худ кунад ва дӯстонро ба талхии фироқ бознагузорад.

Султонвалад бо фармони падар бо бист тан[3] аз ёрон барои овардани он санами[4] гурезпо сози сафар кард ва

→ Буд шаҳро иноятe ба Валад
Дар ниҳон андарун, бурун аз ҳад.
Хонд ӯрову гуфт: Рав ту расул
Аз барам пеши он шаҳи мақбул
Бибар ин симро, ба пояш рез ,
Гӯяш аз ман, ки эй шаҳи Табрез,
Он муридон, ки ҷурмҳо карданд,
З-он чи карданд, ҷумла вох(в)арданд.
Ҳама гуфта кунем аз дилу ҷон,
Хону монро фидои он султон.
Ҳама ӯро ба сидқ банда шавем,
Дар рикобаш ба фарқи сар бидавем.
Ранҷа кун ин тараф қадамро боз,
Чанд рӯзе биёву бо мо соз.

[1] Ишора аст бад-ин қитъаи Унсурӣ:
Ту абри раҳматӣ, эй шоҳу осмони ҳунар,
Ҳаме биборӣ бар бӯстону шӯристон.
Бад-ин ду ҷой ту яксон ҳамерасӣ, лекин
Зи шӯра гард барояд чу наргис аз бустон.

[2] Аз ин абёти Валаднома иқтибос шуда:
Чун ту лутфию мо яқин ҳама қаҳр
Кай диҳад чошнии шаккар заҳр?
Он чи аз мо сазид, агар кардем,
Ҳамчу хори халанда сар кардем.
Ту чу гулшан биёву васл намо,
Ҳамчу аз абри ҳаҷр боз баро.

[3] Мутобиқи ривояти Афлокӣ.

[4] Ишора бад-ин газали Мавлоност, ки гӯянд дар мавқиъи рафтани Султонвалад ба Шом сурудааст:
Бираведі, эй ҳарифон, бикашед ёри моро,
Ба ман оваред охир санами гурезпоро.
Ба баҳонаҳои ширин, ба таронаҳои мавзун
Бикашед сӯи хона маҳи хуби хушлиқоро.
Агар ӯ ба ваъда гӯяд, ки дами дигар биёям,
Ҳама ваъда макр бошад, бифиребад ӯ шуморо ...

ҳамчунон дар гармову сармо роҳу бероҳ дарнавашт, то дар Димишқ[1] Шамсиддинро дарёфт ва раҳоварде, ки ба амри падар аз нуқуд бо худ оварда буд, нисори қадами вай кард ва пайгомҳои пурсӯзу гудози ошиқи ҳиҷрондидаро ба лутфи тамом ба гӯши маъшуқи бепарво расонид.

Дарёи меҳри Шамс ҷӯшидан гирифт ва гавҳарҳои[2] ҳақоиқу маориф бар Султонвалад афшонд ва хоҳиши

---

[1]Мутобиқи тамоми ривоёт Султонувалад Шамсиддинро дар Димишқ ёфт ва ба Қуния овард, ашъори Валаднома низ ба сароҳат муфиди ин сухан аст, вале дар китоби Мақолоти Шамс бархе ишорот ҳаст, ки мерасонад Шамсро аз Ҳалаб ба Қуния овардаанд, «Аз ҷумла маро ту овардӣ аз Ҳалаб ба ҳазор ноз ва пиёда омадӣ ва гуфтӣ алайя изо лоқайту Лайло бихилватин зиёрату байти-л-Лоҳи урёна ҳофиян ман савор ва ту савор». Мақолоти Шамс, нусхаи аксӣ, мутааллиқ ба вазорати маориф, сафҳаи 27 ва зикри пиёда омадани оваранда муфиди он аст, ки хитоб ба Султонвалад бошад. Ва дар ин сурат бояд гуфт, Шамсро аз Ҳалаб ба Қуния кашонидаанд ва низ дар сафҳаи 29 аз ҳамон китоб меояд «Ва шумо чун ба Ҳалаб омадед, дар ман ҳеч тағйир дидед дар лавнам ва он сад сол будӣ (ва агар он Щ) ҳамчунин ва чандон душвор ва нохуш омад, ки зишт аст гуфтан ва аз ваҷҳе хушам омад, аммо нохушӣ ғолиб буд, илло ин ҷониб М (Мавлоно)-ро роҷиҳ кардам». Ва боз дар сафҳаи 81 дида мешавад: « Ин низ наёфтам, илло М (Мавлоно)-ро ёфтам бад-ин сифат ва ин ки мебозгаштам аз Ҳалаб ба суҳбати ӯ бино бар ин сифат буд ва агар гуфтандӣ маро, ки падарат аз гӯр бархосту омад батал би ашри ҷиҳати дидани ту ва хоҳад боз мурдан, биё, бибинаш. Ман гуфтаме, гӯ бимир, чӣ кунам ва аз Ҳалаб берун наёмадамӣ, илло ҷиҳати он омадам». Ва ин ҳама маоризи ақвол ва нусуси Валаднома ва дигарон аст ва шояд фарз тавон кард, ки Шамс ду сафар карда яке ба Ҳалаб ва дигаре ба Димишқ ва Султонвалад дар сафари дувум ба талаби вай рафтааст.

[2] Барои тавзеҳ абёти Валаднома ба ихтисор нақл мешавад:

Баъд аз он шист бо ҳузуру адаб
Аз сари лутф шаҳ гушод ду лаб.
Дар сухан омаду дурар борид,
Дар дилу сина ақли нав корид.
Чун шунид аз Валад рисолатро,
Хуш пазируфт он мақолатро.
Бозгашт аз Димишқ ҷониби Рум,
То расад дар имоми худ маъмум. →

Мавлоноро бипазируфт ва озими Қуния[1] гардид (санаи 644 /1247м.). Султонвалад бандагиҳо намуд ва беш аз як моҳ аз сари сидқу ниёз на аз ҷиҳати ҳоҷат ва пиёда дар рикоби Шамс роҳ месипард, то ба Қуния расид ва Мавлоно аз ғарқоби ҳасрат раҳо шуд ва хотираш чун гул аз насими сабо бишкуфт ва муридон низ пӯзишҳо карданд ва боз рӯй ба Шамс ва Мавлоно оварданд ва ҳар як ба қадри вусъ ва ба андозаи тоқати хеш хон ниҳоданду самоъ доданд ва Мавлоно бо Шамс чанде танготанг суҳбат дошт, то ин ки:

Боз густохони адаб бигзоштанд,
Тухми куфрону ҳасадҳо коштанд.

Мардуми Қуния ва муридон дар хашм омаданд ва бадгӯии Шамс оғоз карданд ва Мавлоноро девона ва Шамсро ҷоду хонданд ва сухани ошуфтагии Мавлоно нуқли маҷолиси уламо ва достони ҳар кӯчаву бозор шуд. Ва

→ Шуд Валад дар рикоби ӯ пӯён,
Н-аз зарурат, вале зи сидқу ҷон.
Шоҳ гуфташ, ки шав ту низ савор
Бар фалон асби хинги хушрафтор.
Валадаш гуфт: Эй шаҳи шоҳон,
Бо ту кардан баробарӣ натавон.
Чун бувад шаҳ савору банда савор?
Набувад ин раво, магӯ зинҳор.
Чун расиданд пеши Мавлоно,
Нӯш шуд ҷумла неши Мавлоно.
Дар суҷуд омаданд ҷумла шаҳон,
Чун шавад тан, бигӯ зи дидани ҷон.
В-он ҷамоат, ки муҷримон буданд,
Мункири қутби осмон буданд,
Ҷумлашон ҷонфишон ба истигфор
Сар ниҳоданд, к-эй хадеви кибор.
Тавбакорем, аз он чи мо кардем,
Аз сари сидқ рӯй овардем.
Баъд аз он ҳар яке самоъе дод,
Ҳар яке хони муътабар бинҳод.

[1] Аз Мақолоти Шамс (сафҳаи 26) мустафод аст, ки дар ин сафар ранҷи бисёр ба Шамсиддин ворид гардида ва ӯ он ҳамаро ба хотири Мавлоно таҳаммул намуд.

зоҳиран иллати шӯриши фуқаҳо ва авоми Қуния аввалан он буд, ки Мавлоно пас аз иттисол ба Шамс тарки тадрису ваъз гуфта, ба самоъу рақс нишаст ва низ ҷомаи фақеҳонаро бадал кард ва «фармуд аз ҳиндбории фарҷае сохтанд ва кулоҳ аз пашми асалӣ бар сар ниҳод. Ва гӯянд дар он вилоят ҷомаи ҳиндбориро аҳли азо мепӯшиданд ва қоидаи қудамо он буд, чунон ки дар ин аҳд ғошия мепӯшанд, ҳамчунон пираҳанро пешбоз пӯшида ва кафшу мӯзаи Мавлавӣ дар пой карданд ва дасторро бо шакаровез барпечиданд. Ва фармуд, ки рубобро шашхона сохтанд, чи аз қадимулаҳд рубоби араб чаҳорсӯ буд, баъд аз он бунёди самоъ ниҳод ва аз шӯри ишқу ғавғои ошиқон атрофи олам пур шуд ва доиман лайлан ва наҳоран ба таваҷҷуд ва самоъ машғул шуданд». Бадеҳист, ки бунёди самоъ ва тарки тадрис аз фақиҳу муфтию мадрасӣ дар муҳити мазҳабӣ ва миёнаи фуқаҳои Қуния чи андоза зишту баднамо буд ва то чи ҳад мардумро ба Шамс бадбин месохт. Бад-ин ҷиҳат онон ки ҳусни ният ва имоне доштанд, аз сари дарди мусулмонӣ ҳасрат мехурданд, ки «дареғо нозанин марде ва олимею подшоҳзодае, ки аз ногоҳ девона шуд ва мухталу-л-ақл гашт». Ва руқабову ҳосидони хонадони Мавлоно аз бумиёни Қуния ва муҳоҷирин, ки бар пешрафти тариқату эҳтироми падар ва шахси Мавлоно аз дер боз ҳасад мебурданд, дар ин ҳангом фурсат ғанимат шумурда, оташи фитнаро ба номи ғайрати мусулмонӣ ва ҳамияти дин доман мезаданд ва бо анвоъу ақсом дар садади озори хотири шариф ва баркандани бунёди азамати Мавлоно бармеомаданд ва ба номи баҳси илмӣ бо ҳимояти шаръ аз Мавлоно масоил мепурсиданд ва таҳрими самоъро матраҳ мекарданд ва Мавлоно саргарми кори худ буд ва парвои онон надошт. Сониян он ки

Шамсиддин чунон ки гузашт, пойбанди[1] завоҳир набуд ва гоҳе бар хилофи ақоиду орои зоҳириён амал мекарду сухан мегуфт ва мардум, ки паймонаи истеъдодашон танг аст, ҳавсалаи таҳаммули он аъмолу каламот , ки аз шарҳи садри вусъаи хотир ношӣ мешуд, ба ҳеч рӯй надоштанд ва онро бар бединӣ ва номусулмонӣ ҳамл мекарданд. Ва Мавлоно ба ниёзу сидқи тамом ҳамин Шамсро, ки дар ақидаи авом кофир буд, мепарастид ва ӯро мағзи дин ва сиру-л-Лоҳ мешумурд ва ба ошкор Шамси ману Худои ман[2] мегуфт ва пайдост, ки ин равиш ҳам дар дилҳои зоҳириён нохуш ва дар мазоқи омиён ногувор меомад ва бештар сабаби инкор мешуд.

Солисан Мавлоно муридони қадим ва холис дошт, ки баъзе аз Балх дар рикоби падараш омада ва иддае низ дар билоди Рум бад-ин хонадон пайваста буданд ва ӯро пешвое баҳақ ва шайхи ростину қутби замон мешумурданд ва гоҳу бегоҳ ба хидмат мерасиданд ва аз фа-

---

[1] Руҷӯъ кунед ба сафҳаи 59 аз ҳамин китоб ва дар мақолоти Шамс (сафҳаи 95) омада, ки «Ин мардумонро ҳақ аст, ки ба сухани ман улф надоранд, суханам ҳама ба ваҷҳи кибриё меояд. Қуръон ва сухани Муҳаммад ҳама ба ваҷҳи ниёз омадааст, лоҷарам ҳама маънӣ менамояд, сухане мешунаванд на дар тариқи талаб ва на дар ниёз аз баландӣ ба масобае, ки барменигарӣ, кулоҳ меафтад» Ва ҳамин баландӣ гуфтору озодагии Шамс дар кирдори худ, ки ҳамвора аз он дар Мақолоти Шамс ба «бенифоқӣ» таъбир мешавад, сабаби ихтилофи ақоиди мардумон дар ҳа?қи он бузург, то он ки баъзе аз тунукмағзон он кирдору гуфторро нописанд дошта, гӯяндаро номусулмон мепиндоштанд ва ҷамъе низ дар бораи ӯ ғулв мекарданд, чунон ки дар Мақолот (сафҳаи 43) зикр шуда, «Он яке мегӯяд то ин минбар аст дар ин ҷомиъ кас ин суханро бад-ин сареҳӣ нагуфтааст, Мустафо гуфтааст, аммо пӯшидаву links мармуз, бад-ин сареҳӣ ва фошӣ гуфта нашудааст ва ҳаргиз ин гуфта нашавад, зеро ки то ин ғоят ин навъи халқ, ки манам, бо халқ ихтилот накардааст ва наомехтааст суннат ва агар бигӯяд баъди ман бародари ман бошад кӯчакин» ва аз ин гуфта пайдост, ки баъзе мардум Шамсро бартар аз пешиниён гумон мекарданд. Шамс низ пояи хешро аз пешвоёни халоиқ фаротар медонистааст.

[2] Ишора аст бад-ин ғазали Мавлоно, ки ба матлаъи зайл оғоз мешавад:

Пири ману муриди ман, дарди ману давои ман,
Фош бигуфтам ин сухан, Шамси ману Худои ман.

Ва дар тамомии ин ғазал «Шамси ману Худои ман» такрор ёфтааст.

воиди маҷлиси ӯ баҳра мебурданд ва пас аз омадани Шамс ва инқилоби ҳоли Мавлоно он маҷолис ба ҳам хурд ва дасти муридон аз домони Шайх кӯтоҳ монд ва Шамсиддин[1] низ пайваста «бар дари ҳуҷра менишаст ва Мавлоноро дар ҳуҷра карда бо ҳар ёре, ки аз Мавлоно мепурсид, мегуфт, чӣ овардаӣ ва чӣ шукрона медиҳӣ, то ӯро ба ту намоям?» Ва яқин аст, ки ин ҳаракат бо вуҷуди он савобиқ бар муридон ҳамвор набуд ва таъну ташниъи уламо ва мардуми Қуния дар ҳаққи Шамс бадин рафтори мунзамшуда ононро ба душманию адовати Шамс во медошт.

Эҳтимоли қавӣ меравад, ки баъзе аз пайвастагон[2] ва хешони Мавлоно низ, ки аз шӯриши аҳли Қуния ва шикасти кори худ нигарон буда, ё он ки номи ҷовид ва азамати рӯзафзуни он бузургро дар олами моддаву маънӣ дидан наметавонистаанд, бо ин гурӯҳ ҳамроҳ ва дар озори Шамс ҳамдаст шуда бошанд, чунон ки баъзе гӯянд[3] Алоуддин Муҳаммад-фарзанди Мавлоно бо душманон ҳамдаст шуда буд ва баъзе ӯро шарики хуни Шамс шумурдаанд.

---

[1] Ба муносибати мақом ин байти Мавлоно ба хотир мегузарад:

Ҳала, соқиё, сабуктар зи дарун бибанд он дар,
Ту бигӯ ба ҳар ки омад, ки сари шумо надорад.

[2] Чунон ки аз маҷмӯъи ривоёт ва ахбор возиҳ мешавад, Мавлоно пас аз иттисол ба Шамс риштаи улфату дамсозӣ бо хешон ва пайвастагон низ гусаста медошт, ҳатто он ки ба тарки сӯҳбати фарзандон ва хонадони хеш гуфта буд, чунон ки дар ғазале фармояд:

Чу хеши ҷони худ ҷони ту дидам,
Зи хешон баҳри ту беғона гаштам.

[3] Мутобиқи ривояти Афлокӣ Алоуддин Муҳаммад-фарзанди Мавлоно дар хуни Шамс шуда буд ва ҳам дар он айём таби муҳрикро ва иллате аҷиб пайдо кард ва Мавлоно аз ғояти инфиъол ба ҷанозаи вай ҳозир нагардид. Соири арбоби тазкира ҳам камобеш ин ривоятро аз Афлокӣ гирифтаву дар тазкираҳо навиштаанд ва ин сухан бо Валаднома мухолиф ва ба қувват мавриди тардид аст.

## Ғайбат ва иститори Шамсиддин

Бино ба ривояти Валаднома, чун ёрон ба кини Шамсиддин камар бастанд ва ба ҷид ба озори вай бархостанд, Шамс дил аз Қуния barkand ва азм кард, ки дигар бад-он шаҳри пурғавғо бознаёяд ва чунон равад, ки хабараш ба дуру наздик нарасад ва аз вай навмед шаванд ва ба маргаш ҳамдостон гарданд. Ва ин сухан бо Султонвалад дар миён ниҳод ва шарҳи он дар Валаднома чунин аст:

Боз чун Шамсидин бидонист ин,
Ки шуданд он гурӯҳ пур аз кин.
Он муҳаббат бирафт аз дилашон,
Боз шуд дил забуни он гилашон.
Нафсҳои хабис ҷӯшиданд,
Боз дар қалъи шоҳ кӯшиданд.
Гуфт шаҳ бо Валад, ки дидӣ боз
Чун шуданд аз шақо ҳама дамсоз,
Ки маро аз ҳузури Мавлоно
Ки чу ӯ нест ҳодию доно.
Фиканандам ҷудову дур кунанд,
Баъди ман ҷумлагон сурур кунанд,
Хоҳам ин бор ончунон рафтан,
Ки надонад касе, куҷоам ман.
Ҳама карданд дар талаб оҷиз,
Надиҳад кас зи ман нишон ҳаргиз.
Солҳо бигзарад чунин бисёр,
Кас наёбад зи гарди ман осор.
Чун кашонам дароз, гӯянд ин,
Ки варо душмане бикушт яқин.
Чанд бор ин сухан мукаррар кард,

Баҳри таъкидро муқаррар кард,
Ногаҳон гум шуд аз миёни ҳама,
То равад аз дил андуҳони ҳама.

Ва Афлокӣ аз Султонвалад ривоят мекунад, ки «Магар Шамс дар бандагии Мавлоно нишаста буд, дар хилват шахсе оҳиста аз берун ишорат кард, то берун ояд. Филҳол бархост ва ба ҳазрати Мавлоно гуфт, ки ба куштанам мехонанд. Баъд аз таваққуфи бисёр падарам фармуд, илло лаҳу-л-халқу ва-л-амр фатаборака-л-Лоҳ маслаҳат аст. Гӯянд ҳафт каси нокаси ануд ва ҳасуд, ки даст яке карда буданд ва мулҳидвор дар камин истода, чун фурсат ёфтанд, корде ронданд ва Шамсиддин чунон наърае бизад, ки он ҷамоат беҳуш гаштанд. Чун ин хабар ба самъи Мавлоно расониданд, фармуд, ки яфъалу-л-Лоҳу мо яшоу ва яҳкуму мо юрид». Ва Ҷомӣ[1] низ ҳамин ривоятро аз Афлокӣ гирифта ва ин ҷумларо дар охир афзудааст, ки «чун он ҷамоат ба ҳуш боз омаданд, гайр аз чанд қатра хун беш надиданд, аз он соат то имрӯз нишоне аз он султони маънӣ пайдо нест» ва тазкиранависон ҳама ин ривоятро пазируфта ва дар кутуби худ овардаанд. Ва Давлатшоҳ[2] нақл мекунад, ки мардуми Қуния фарзанде аз фарзандони Мавлоноро бар он доштанд, то деворе бар Шамс андохт ва ӯро ҳалок сохт ва худ гӯяд ин қавлро дар ҳеч нусхаву таърих, ки бар он эътимоде бошад, надидаам, балки аз дарвешону мусофирон шунидаам, лошак эътимодро нашояд. Ва дар миёнаи ин ривоёт гуфтаи Султонвалад аз ҳама саҳеҳтар аст, зеро ӯ худ дар ин вақоиъ ҳозир ва шоҳиди қазоёе будааст, ки дар хона ва мадрасаи падараш иттифоқ афтода ва беҳ аз ҳама кас ба чигунагии онҳо вуқуф доштааст. Илова бар он ки ривояти Афлокӣ ва Ҷомӣ холӣ аз

---

[1] Нафаҳоту-л-унс.

[2] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 201).

ишкол нест, зеро агар Шамс медонист, ки ӯро хоҳанд кушт, чӣ гуна аз хилват берун шуд? Ва Мавлоно бо он ҳама ишқу муҳаббат, ки соате аз дидори ӯ шакиб надошт, чӣ гуна ба ҳиҷрони абад тан дардод ва Шамсро ба дасти мардумкушон бозгузошт? Ва сухани Ҷомӣ дар нопадид шудани ҷасади Шамс мояи ҳайрат ва аз рӯи қатъи маншаъи он андешаи каромат аст барои авлиё.

Ихтилофи ахбор ва ривоёт[1] дар боби оқибати кори Шамс ва маҳалли қабри вай (ки паҳлӯи Мавлонои бузург ё дар мадрасаи Мавлоно, паҳлӯи бонии мадраса-Амир Бадруддин мадфун аст) ҳам далел аст, ки тазкиранависон ва асҳоби маноқиб аз ин қазия хабари дурусте надоштаанд ва онон ки ин хабарро қатъӣ шумурдаанд, маъхазашон ҳамон ривояти бебунёни Афлокист, ки аз қавли Султонвалад нақл карда ва ба Валаднома, ки нисбати он ба Султонвалад қатъист, ба ҳеч рӯй созиш надорад. Муаллифи ал-Ҷавоҳиру-л-музиа низ, ки бо Мавлоно қарибу-л-аср аст, ҳодисаи қатли Шамсро

[1] Чи Султонвалад ба сароҳат гӯяд, ки Шамс мутаворивор фирор намуд ва дар хотимаи Маснавии Мавлоно, мунтабаъаи Бамбай, 1340, ки шарҳи аҳволи ӯро аз маноқиби Дарвеши Сипаҳсолор нақл кардаанд, оқибат кори Шамсро ба ҳамин сурат навиштаанд ва ин ҳар ду таърихи асаҳ ва ақдами манобиъи шарҳи аҳволи Мавлоност. Ва дар баробари ривояти Афлокӣ ва мутааххирин, ки аз ҳамон манбаъ гирифтаанд, ба хилофи ин мебошад ва эҳтимол ин ки шояд воқиаи қатли Шамс пас аз вафоти Султонвалад ошкор шуда бошад ҳам, заиф аст, зеро ривояти қатли Шамсро Афлокӣ ба Султонвалад ва ҳамасрони вай аснод додааст ва ҳам ӯ мегӯяд, ки чун Шамсиддин ба дараҷаи шаҳодат расид, он ду-нони муғфал ӯро дар чоҳе афкананд ва Султонвалад бар асари хобе, ки дида буд, ҷасадашро аз он чоҳ баровард ва дар мадрасаи Мавлоно паҳлӯи бонии мадараса-Амир Бадруддин (Мақсуд амир Бадруддини гуҳартош, маъруф ба Зардор аст, руҷӯъ кунед ба сафҳаи 33 аз ҳамин китоб) дафн карданд ва ҳам ривоят мекунад, ки Шамсиддин дар ҷанби Мавлонои бузург мадфун аст ва бояд ди?қат аз ин ихтилофу изтироб, ки дар ақволу ривоёти Афлокист, мушоҳида меафтад, ин ровии ахбори Мавлоно ва маноқибнависи турбати шариф ҳам аз оқибати кори Шамсиддин огаҳии дурусте надошта ва ҳатто дар китоби пир ва муршиди худ Султонвалад ҳам мутолиаи кофӣ нанамудааст.

ба сурати тардид талаққӣ карда, вале ғайбату иститори ӯро собит шумурдаву гуфтааст[1]:

«Ва Адима-т-Табрезӣ ва лам юъраф лаҳу мавзеъун ва юқолу анна ҳошията Мавлоно Ҷалолиддин қасадуҳу ва ағтолуҳу ва-л-Лоҳу аълам». Ва Давлатшоҳ ҳам гӯяд[2] «Ва дар фавти он султони орифон ихтилоф аст». Ҷустуҷӯи Мавлоно аз Шамс ва ду бор мусофирати ӯ ба Димишқ ҳам дар талаби Шамс далели диғар бар дурустии ашъори Валаднома тавонад буд, чи ағар ин ҳодиса бар Мавлоно мусаллам шуда буд, муддати ду сол дар садади ҷустуҷӯи Шамс барнамеомад ва шаҳр ба шаҳру кӯҳ ба кӯҳ ба умеди дидораш намегашт. Ва чун ҳамаи ривоёти тазкиранависон дар куштани Шамс ба як маъхази нодуруст бармегардад ва дар баробари ривояти Валаднома ва тардиди Давлатшоҳ ва муаллифи ал-Ҷавоҳиру-л-музиа ва қароини хориҷӣ ба хилофи он бар мусофират ва нопадид шудани ӯ далел аст, пас, ба эҳтимоли қавитар бояд гуфт, ки Шамсиддин дар Қуния ба қатл нарасида, вале пас аз ҳиҷрат ҳам хабар ва асаре аз вай наёфтанд ва анҷоми[3] кори ӯ ба дурустӣ маълум нест ва соли ғайбаташ ба иттифоқ 645 /1248м. будааст.

Пас аз ғайбат ва иститори Шамс хабари кушта шу-

---

[1] Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа, табъи Ҳайдаробод, ҷилди дувум (сафҳаи 125).

[2] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (сафҳаи 201).

[3] Зеро чунон ки гузашт (сафҳаи 83-84 аз ҳамин китоб), ахбору ривоёт дар ин боб мухталиф аст ва аз ашъори Мавлоно ҳам чи дар Маснавӣ ва чи дар ғазалиёт ба сароҳат ин матлаб мустафод нест ва мумкин аст аз рӯи он ишорот барои ҳар як аз ин ду ривояти мухталиф муаййидот ва қароине ба даст овард, чунон ки аз ин абёт:

Дареғо к-аз миён, ай ёр, рафтӣ,
Ба дарду ҳасрати бисёр рафтӣ.
Куҷо рафтӣ, ки пайдо нест гардат,
Зиҳӣ пурхун рахе, к-ин бор рафтӣ.

Бишнав ин қиссаи булҳона амири асасон,
Ринде аз ҳалқаи мо гашт дар ин кӯи ниҳон. →

дани ӯ дар Қуния интишор ёфта буд ва Мавлоно[1] ҳам аз ин воқиаи ҷонгузой огаҳӣ дошт, вале дилаш бар сиҳҳати ин хабар гувоҳӣ намедод ва ошуфтавор бар бому саҳни мадраса мегашт ва ба сӯзи дил оҳ мекашиду ин ду рубоиро ба дарди тамом мехонд[2]:

Аз ишқи ту ҳар тараф яке шабхезе,
Шаб гашта зи зулфайни ту анбарбезе,
Наққоши азал нақш кунад ҳар тарафе
Аз баҳри қарори дили ман Табрезе.

***

Кӣ гуфт, ки он зиндаи ҷовид бимурд,
Кӣ гуфт, ки офтоби уммед бимурд?
Он душмани хуршед баромад бар бом,
Ду чашм бибасту гуфт, хуршед бимурд.

---

→ Ту магӯ дафъ, ки ин даъвии хуни куҳан аст,
Хуни ушшоқ нахуфтасту нахусбад ба ҷаҳон.

Фитнаву ошӯбу хунрезӣ маҷӯ,
Беш аз ин аз Шамси Табрезӣ магӯ.

Шояд битавон ишороте бар қатли Шамс тасаввур намуд ва дар муқобили он аз таъбироти Мавлоно, ки ҳамвора аз анҷоми кори Шамсиддин ба лафзи ғоиб шудан ё пинҳон гаштан, ё он ки рафтан иборат мекунад, мумкин аст, қаринае ба ривояти дигар, яъне фирори Шамс ба даст овард. Масалан аз ин абёт:

Шамси Табрезӣ, ба чоҳе рафтаӣ чун Юсуфе,
Ай ту оби зиндагонӣ, чун расан пинҳон шудӣ.

Дар нусхаи табъи Ҳинд ба ҷои

Шамси Табрез, ки ғоиб шуд з-ин чархи кабуд,
Ман нишонаш бинишонам тананоҳо ё ҳу.

[1] Чунон ки дар ғазале гӯяд:

Гуфт яке: Хоҷа Саноӣ бимурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд.
Шамс мағӯ, мафхари табрезиён,
Ҳар ки бимурд аз ду ҷаҳон, ӯ намурд.

Ва маънову алфози ин ғазал муқтабис аст аз ин қитъаи Рӯдакӣ:

Мурд Муродӣ, на ҳамоно ки мурд,
Марги чунон хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод,
Колбади тира ба модар супурд.

[2] Ин хабар ва ашъор аз Маноқиби Афлокӣ нақл шудааст.

Боз дар муҷамаъе, ки акобир ҳозир буданд, гуфт:

Кӣ гуфт, ки рӯҳи ишқангез бимурд,
Ҷабрили амин зи ханҷари тез бимурд?
Он кас, ки чу Иблис дар истез бимурд,
Мепиндорад, ки Шамси Табрез бимурд.

Ахбор ва ароҷиф, ки шояд баъзе аз онро ҳам душманон барои ранҷиши дили Мавлоно месохтанд, аз ҳам намегусаст ва хабари маргу қатл ва зиндагонию вуҷуди Шамс ҳамарӯза ба гӯш мерасид ва Мавлоно дар ҷӯшу хурӯш ва миёни умеду навмедӣ саргардон буд ва монанди киштишикастагон, ки сарнавишти зиндагонии худро дар дарёи бепоён ва миёни мавҷҳои ҳавлангез ба тахтапорае, ки ба андак мавҷ зеру забар гашта, бунёди ҳастии одамиро барбод медиҳад, таслим мекунанд, дар он тӯфони ғам дил ба хабарҳои беасос дода буд ва шӯру беқарории худро ба гуфтаи мусофирон таскин медод ва аз ҳар кас қиссаи Шамс мехост ва мегуфт[1] :

Лаҳзае, қиссакунон, қиссаи Табрез кунед,
Лаҳзае қиссаи он гамзаи хунрез кунед.

Ва чандон фирефтаи хабар буд, ки пас аз иститори Шамс «ҳар кӣ ба дурӯг хабаре додӣ, ки ман Шамсиддинро дар фалон ҷо дидам, дарҳол дастору фараҷи худро ба мубашшир исор кардӣ ва шукронаҳо додӣ ва басе шукрҳо кардию шукуфтӣ, магар рӯзе шахсе хабар дод, ки Шамсиддинро дар Димишқ дидам, на чандон башошат намуд, ки тавонӣ гуфтан ва ҳар чӣ аз дастору фараҷе ва кафше пӯшида буд, ба вай бахшид. Азизе гуфта бошад, ки дурӯғ мегӯяд, ӯро надидааст. Мавлоно фармуд, ки барои хабари дурӯғи ӯ дастору фараҷе додам, чи агар хабараш рост будӣ, ба ҷои ҷома ҷон медодам». Ва гӯё ин байт ишора бад-ин сухан бошад:

[1] Ин байти Мавлоно ҳам аз ҳамин маъно ҳикоят мекунад:
Ҳар кӣ кунад ҳадиси ту, бар лаби ӯ назар кунам,
З-он ҳаваси даҳони ту то лаби мо мазидаӣ.

Хабар расида, ба Шом аст Шамси Табрезӣ,
Чи субҳҳо, ки намояд, агар ба шом бувад.

Мавлоно пас аз ҷустуҷӯи бисёр беихтиёру беқарор ва якбора ошуфтаҳол гардид ва сарриштаи ихтиёру тадбираш аз даст бирафт ва шабу рӯз аз ғояти шӯр чарх мезаду шеъру ғазал мегуфт ва «баъд аз чиҳилум рӯз дастори духонӣ бар сар ниҳод ва дигар дастори сафед бар сар набаст ва аз бурди ямонӣ ва ҳиндӣ фараҷе сохт, то охири вакт либоси эшон он буд». Табдили тариқа ва равиши Мавлоно ва гармии ӯ дар самоъ ва рақс ҳамчунон ки[1] иддае аз арбоби завқ ва асҳоби ҳолро маҷзубу рабуда ва парвонаи вуҷуди вай гардонид, ҷамоати фуқаҳо ва мутаассибони Қунияро ба хилофу инкор барангехт ва иҷтимоъу[2] рағбати ёрони Мавлоно ба самоъу тараб хашми ононро тундтар мекард ва сухани таҳрими[3] самоъ ва рақс вирди маҷолис буд ва фақеҳону муҳаддисон бар ғурбати ислом ва заъфи дин афсӯсу дареғ мехурданд ва ошкоро ба равиши Мавлоно, ки

[1] Монанди Қозӣ Шамсиддини Мординӣ ва Сироҷиддини Урмавӣ аз фуқаҳои соҳибҳол, ки муриди Мавлоно гардидаву аз бодаи вуҷуди ӯ саргарму мастон шуда буданд ва Мавлоно ба касрати муридони худ ишорат карда гӯяд:

Ду ҳазор шайхи ҷонӣ ба ҳазор дил муриданд,
Чу хадев Шамсидинро зи дилу зи ҷон муридам.
Аламе ба дасти масте , ду ҳазор маст бо вай,
Ба миёни шахр гардон, ки хумори шаҳри ёрам.

[2] Ва гӯё дар ишора бад-ин вақоиъ гуфтааст:

Чун маро ҷамъе харидор омаданд,
Куҳнадӯзон бар сари кор омаданд.
Аз ситеза ришро собун заданд,
В-аз ҳасад ношустарухсор омаданд.
Халкро пас чун раҳонанд аз ҳасад,
К-аз ҳасад ин қавм бемор омаданд

[3] Мавлоно гӯяд:

Гуфт касе, к-ин самоъ ҷоҳу адаб кам кунад,
Ҷоҳ нахоҳам, ки ишқ дар ду ҷаҳон ҷоҳи ман.
Сӯи мударриси хирад оянд дар суол,
К-ин фитнаи азим дар ислом шуд чаро?

ҳофизони Қуръонро[1] ба шеърхонӣ ва тараб мехонд ва мӯътакифони масоҷиду савмаъаҳоро дар маҷлиси самоъ ба ҷавлон меовард, инкор мекарданд ва онро бидъат ва куфри сареҳ мешумурданд ва пайғомҳои дурушт мефиристоданд ва ба суханони талх машраби айши ёронро мукаддар месохтанд, чунон ки вақте «уламои шаҳр , ки дар он аср буданд ва ҳар яке дар анвоъи улум муттафиқ алайҳ ба иттифоқи тамом ба назди хайру-л-аном Қозӣ Сироҷиддини Урмавӣ ҷамъ омаданд ва аз майли мардум ба истимоъи рубоб ва рағбати халоиқ ба самоъ шикоят карданд, ки раиси уламо ва сарвари фузало хидмат Мавлавист ва дар маснади шариат қоиммақоми расулу-л-Лоҳ, чаро бояд, ки чунин бидъате пеш равад ва ин тариқат тамшият ёбад? Қозӣ ғуфт: Ин мард мардона муаййид мин инда-л-Лоҳ аст ва дар ҳама улуми зоҳир низ бемисл аст, бо ӯ набояд печидан, ӯ донад бо Худои худ, булфузуле чанд чанд фузулӣ дар масоил аз фиқҳ ва хилофӣ ва мантиқу усул ва арабияту ҳикмат ва илми назару илми маонӣ ва баёну тафсир ва нуҷуму тиб ва табиъиёт бар вароқе навишта, ба дасти турке фақеҳ доданд, то ба хидмати Мавлоно барад. Турк пурсонпурсон ҳазраташро дар дарвозаи султон бар канори хандақ биёфт, дид ки ба мутолиаи китобе машғул шудааст, фақеҳ аҷзоро ба дасти Мавлоно дод. Дарҳол мутолиъа накарда, давоту қалам хоста, ҷавоби ҳар масъаларо дар таҳти он сабт кард батафсил ва ҳамчунин ҷавоботи маҷмӯи масоилро дар ҳамдиғар омехта, муҷмалан масъалае сохт. Чун турки фақеҳ коғазро ба маҳкама боз овард, баъд аз иттилоъи фузуҳи мушкилот ала-л-умум дар ғамоми ғумум фурӯ монданд, ҳамоно ки ҳазрати

[1] Ишора аст бад-ин байти Валаднома, ки гуфтори мухолифонро шарҳ медиҳад:

Ҳофизон ҷумла шеърхон шудаанд,
Ба суи мутрибон равон шудаанд.

Мавлоно дар ақиби руқъа фармуд навиштан, ки маълуми ройи оламорои уламо бошад, ки маҷмӯи хушиҳои ҷаҳонро аз нуқуду уқуд ва унқуд ва аърозу аҷнос ва он чӣ дар ояти зуййина ли-н-нос аст ва ҷамиъи мадорис ва хонақоҳҳоро ба хидмати судур мусаллам дошта, ба ҳеч мансабе аз онҳо нигарон нестем ва бакуллӣ ала (ан __) –д-дунё ва мо фиҳо қатъи назар кардаем, то судурро асбоби мутавофир ва лаззоти мураттаб ва муставфӣ бошад ва заҳмати худро дур дошта ва дар кунҷе мунзавӣ гаштаем ва дар хонаи хумул фурӯ кашидаем, чи агар он рубоби ҳаром, ки фармуда буданд ва нафй карда, ба кори азизон шоистӣ ва боистӣ, ҳаққо, ки даст аз он ҷо бозкашида, он ҳам исори аиммаи дин мекардем ва аз гояти ночизию номултифитӣ рубоби ғарибро бинавохтем, чи ғарибнавозӣ кори мардони дин ва хоссони яқин аст ва ин газал фармуд:

Ҳеч медонӣ, чӣ мегӯяд рубоб
З-ашки чашму аз ҷигарҳои кабоб[1] ?»

Мавлоно дар ҷавоби ин пайғомҳо чунон ки дидам, ҷавобҳои латиф медод ва ба суханони гарму нарм он сангдилони дамсардро дар кор мекашид ва носазоҳову газофгӯиҳоро ба хулқи ҷамилу таҳаммул ва бадгӯёнро ба роҳи савоб иршод мефармуд ва гӯш ба фарёди бадхоҳон намедод ва маҷолиси самоъро гармтар медошт, чунон ки қавволон ва сурудгӯён ва навозандагони чангу рубоб аз кор мерафтанд. Ва Мавлоно ҳамчунон чарх мезад ва шӯрҳои аҷаб мекард. Ва мо шарҳи ин ҳолатро ба фарзанди Мавлоно бозмегузорем, ки ба баёне сареҳтар мушоҳадоти худро бад-ин тариқ шарҳ медиҳад:

Нест инро ниҳоят, он султон
Бозгӯ, чун шуд аз фироқу чӣ сон?
Рӯзу шаб дар самоъ рақсон шуд,

[1] Ва тамомии ин ғазал, ки аз ғурари ғазалиёти Мавлоност, дар куллиёти Шамс, табъи Ҳинд, сафҳаи 111 тавон ёфт.

Бар замин ҳамчу чарх гардон шуд.
Бонгу афғони ӯ ба арш расид,
Нолаашро бузургу хурд шунид.
Симу зарро ба мутрибон медод,
Ҳар чӣ будаш зи хонумон, медод.
Як замон бе самоъу рақс набуд,
Рӯзу шаб лаҳзае намеосуд.
То ҳаде, ки намонд қавволе,
Ки зи гуфтан намонд чун лоле.
Ҳамашонро гулӯ гирифт аз бонг,
Ҷумла безор гашта аз зару донг.
Ғулғула уфтод андар шаҳр,
Шаҳр чӣ, балки дар замонаву даҳр,
К-инчунин қутбу муфтии ислом,
К-ӯст андар ду кавн шайху имом.
Шӯрҳо мекунад чу шайдо ӯ,
Гоҳ пинҳону гаҳ ҳувайдо ӯ.
Халқ аз вай зи шаръу дин гаштанд,
Ҳамагон ишқро раҳин гаштанд.
Ҳофизон ҷумла шеърхон шудаанд,
Ба сӯи мутрибон равон шудаанд.
Пиру барно самоъбора шуданд,
Бар буроқи вало савора шуданд.
Вирди эшон шудаст байту ғазал,
Ғайри ин нестшон салоту амал.
Ошиқӣ шуд тариқу мазҳабашон,
Ғайри ишқ аст пешашон ҳазён.
Куфру ислом нест дар раҳашон,
Шамси Табрез шуд шаҳаншаҳашон.
Гуфта мункир зи ғояти инкор
Нест бар вафқи шаръу дин ин кор.
Ҷони динро шумурда куфр он дун,
Ақли кулро ниҳода ном ҷунун.

# Мусофиратҳои Мавлоно ба Димишқ дар талаби Шамс

Зоҳиран пас аз фаҳсу ҷустуҷӯи бисёр аз маҷмӯи ахбор бар Мавлоно мусаллам шуд, ки инак машриқи офтоби ишқ Димишқи Шом аст ва Шамсиддин дар он ноҳия, ки иқоматгоҳи мардони Худо ва ҷои муроқибати ҳафттанон ва абдол аст, дур аз ҳасаду таънаи рӯзкӯрон ва душманони хуршед фош ба сар мебарад.

Дили Мавлоно нисбатан бад-ин хабар қарор гирифт, зеро аввалин мулоқоти ӯ бо Шамс дар Шом иттифоқ афтода буд ва низ бори нахустин, ки Шамс аз Қуния дилгир шуду сафар гузид, ӯро аз ҳамин навоҳӣ ба даст оварданд ва Мавлоно низ бо ин сарзамин сару кор дошт, чи чанд сол аз давраи ҷавонӣ ва баҳори зиндагониро дар ин шаҳр ба талаби дониш ва пажӯҳиши ҳақиқат гузаронида буд ва ёди он рӯзгори хуш ӯро бад-он сӯ мекашид.

Ҷунбишу ҷӯшиши фақеҳон ва оммиёни Қуния ҳам хотири Мавлоноро, ки ҷуз ҳидояту раҳнамоӣ ва наҷоти он қавм манзуре надошт ва паи нишоти дил ва савқи замири онон аз гулистони рангу бӯ ба гулистони ҷон ва маръои ишқ[1] дили чун чангро бо захмаи хушоҳанги осмонӣ ба наво дароварда, ашъору ғазал месуруд, ранҷа-

[1] Аз ин абёти Мавлоно иқтибос шудааст:

Ману дилдори нозанин хушу сармаст ҳамчунин
Ба гулистони ҷон равон зи гулистони рангу бӯ.
Ин дили ҳамчун чангро, масту харобу дангро
Захма ба каф гирифтаам, ҳамчу сетош мезанам.
Ҳар дам аз ин рубоби нав захмаи нав, навои нав,
То зи навош пай барад дил, ки куҷош мезанам.
Шарҳ, ки безабон бувад, бехабари даҳон бувад,
Баҳри шумост ин наво, баҳри шумош мезанам.

Ва истилоҳи маръои ишқ дар ин байт мазкур аст:

Лоғарони хаста аз маръои ишқ
Фарбиҳону тандурустон мерасанд.

ву озурда гардонид, ночор дилаш аз маскани маълуф бигирифт ва дар талаби ёри сафаркарда ва таълифи хотири пароканда азимати Димишқ[2] фармуд ва дар роҳ ин ғазалро, ки муштамил бар иллати ин сафар низ ҳаст, ба назм овард:

Мо ошиқи сарғаштаву шайдои Димишқем,
Ҷондодаву дилбаста ба савдои Димишқем.
Он субҳи саодат чу битобид аз он сӯй,
Ҳар шому саҳар масти саҳарҳои Димишқем,
Аз Рум битозем дигар бор суи Шом,
К-аз турраи чун Шом мутаррои Димишқем.
Аз маскани маълуф чу бигрифт дили мо,
Мо толиби таълиф зи абнои Димишқем.
Махдумии Шамсулҳақи Табрез чу он ҷост,
Мавлои Димишқему чи мавлои Димишқем.

Мавлоно дар Димишқ ҳамчунон маҷлиси самоъу рақс соз кард ва пайваста бо фиғону зорию беқарорӣ Шамсро аз ҳар кӯю барзан меҷуст ва намеёфт ва аз сари иштиёқ нолаи пурсӯз бармеоварду ашъори ғамангез месуруд, ки:

---

[2] Гӯё дар бораи ин сафар ва сафари дувум фармояд:

Ба ҷони ишқ, ки аз баҳри ишқи донаву дом,
Ки азми сад сафар астам зи Рум то сӯи Шом.

Дил азми сафар дорад андар талаби он шаҳ,
Чун сӯхт пару болаш, з-ин мурғ сафар н-ояд.
Ахбор надонам ман, осор надонам ман,
То аз бари он дилбар осору хабар н-ояд.

Ба ғам фурӯ наравам, боз сӯи ёр равам,
Бад-он биҳишту гулистони навбаҳор равам.
Ҷавори мафхари офоқ Шамси Табрезӣ,
Биҳишти адн бувад, ҳам дар он ҷавор равам.

Ман чу ҷондоре будам дар хидмати он подшоҳ,
Инак (лек __) акнун дар фироқаш мекунам ҷонсое.
Дар ҳавои сояи анқои он хуршеди лутф
Дил ба ғурбат баргирифта одати анқое.

Чанд кунам туро талаб хона ба хона, дар ба дар,
Чанд гурезӣ аз барам гӯша ба гӯша, кӯ ба кӯ?

Ба ривояти Валаднома бисёре аз мардуми Димишқ, ки аҳли дил буданд, ба Мавлоно гаравиданд ва молу хоста дар қадамаш нисор мекарданд ва бархе низ, ки аз сирри кор хабар надоштанд, аз ҳолоти Мавлоно тааҷҷуб мекарданд.

Маълум аст, ки Шамси Табрез машҳур набуд ва илова бар шӯҳрати падар ва хонадон дар илми зоҳир ба ақидаи мардум ҳамтои Мавлоно шумурда намешуд. Бадин ҷиҳат ошуфтагии Мавлоно ва пушти по задани ӯ бар мақомоти худ ба ишқ ва дар талаби дарвеши гумноми бесарупое ба назарашон шигифт меомад ва аз таъаллуқи хотири ӯ ба Шамс, ки бар ҳасби ақидаи зоҳирии эшон яке аз бандагони Мавлоно ҳам ба ҳисоб намерафт, аҷаб мекарданд ва ин абёти Валаднома ақволу хиёлоти аҳли Димишқро дар ин қазия равшан мегардонад:

Бо чунон мастию чунон ҷӯшиш,
Бо чунону ишқу бо чунон кӯшиш
Кард оҳангу рафт ҷониби Шом,
Дар паяш шуд равона пухтаву хом.
Чун расид андар он сафар ба Димишқ,
Халқро сӯхт ӯ зи оташи ишқ.
Ҳамаро кард суғбаву мафтун,
Ҳама рафтанд аз худӣ берун.
Хонумонро фидои ӯ карданд,
Амраш аз дил ба ҷой оварданд.
Ҳама аз ҷон мурид у банда шуданд,
Ҳамчу соя паяш фиканда шуданд.
Толибаш тифл гашта пиру ҷавон,
Ҳама ӯро гузида аз дилу ҷон.
Шомиён ҳам шуданд волаи ӯ,
К-ин инчунин фозилу паямбархӯ.

Аз чӣ гаштанд ошиқу маҷнун,
К-андар ӯ мудраҷ аст сад Зуннун.
Олиму омию ғанию фақир
Монда хира дар он фиғону нафир.
Гуфта чӣ шайху чӣ мурид аст ин,
Ки набудшон ба ҳеч қарн қарин.
То ҷаҳон шуд, зи аҳди одам кас
Нашунид инчунин ҳавову ҳавас.
Дида бар рӯи ӯ ҳазор асар,
Ҳар киро буда дар дурун гавҳар.
Ҳама гуфтанд, худ аҷаб ин аст,
Инчунин дида к-ӯ худобин аст,
Мислаш андар дуҳур нашнидем,
На чун ӯ дар замона ҳам дидем.
Кӣ бувад дар ҷаҳон аз ӯ беҳтар,
Дар бузургию из аз ӯ меҳтар?
Кӣ шудаст инчунин варо ҷӯён,
Ҳар тараф гашта хирасар пӯён.
Шамси Табрез худ чӣ шахс бувад,
То паяш инчунин ягона давад?
Эй аҷаб, шайх аз ӯ чӣ меҷӯяд,
Ки паяш ҳар тараф ҳамепӯяд?

Ҷустуҷӯ ва кӯшиши Мавлоно ба ҷое нарасид ва Шамси Табрез рӯй нанамуд. Ночор бо ҷамъи ёрон ба Қуния[1] боз омад ва дигар бор ба иршоду ислоҳ ва такмили халқ пардохт ва самоъ бунёд кард ва якчанд дар Қуния муқим буд, то ин ки боз ишқи Шамс сар аз гиребони ҷони ӯ даровард ва бори дигар рӯй ба Димишқ ниҳод.

Иллати ин мусофират низ, ки чаҳорумин сафари Мавлоно ба Димишқ мебошад, ҳамон дилтангӣ аз Қуния ва

[1] Зоҳиран ин байт аз ин қазия ҳикоят кунад:
Барҷа?, ай соқӣ, чолок миёнро барбанд,
Ба Худо, к-аз сафари дуру дароз омадаем.

тангҳавсалагии мардуми он марзу бум буд ва зоҳиран ахборе, ки бар вуҷуду зуҳури Шамс дар Димишқ далолат дошт, ба гӯши Мавлоно расида ва бад-ин ҷиҳат дигар бор маскани маълуфро падруд гуфта, ба Димишқ, ки барқи умед дар он метофт, азимат фармуд ва моҳе чанд дар он шаҳр ором гирифт ва дар талаби матлубе беорому беқарор буд. Лекин ин бор[1] ноумедии тамом ба ҳусул пайваст ва аз шахси ҷисмонӣ ва пайкари моддии Шамс асаре машҳуд нагардид ва Мавлоно ба маънӣ[2] ва сурати рӯҳонии Шамс, ки дар даруни ӯ мумассал шуда ва чун рангу бӯй бо гулу ширинӣ бо шакар бо вуҷудаш даромехта буд (ҳам ба маслаки худ, ки ишқ ба

---

[2] Дар ишора ба ноумедиҳои худ гӯяд:

Боз гирди Шамс мегардам аҷаб,
Ҳам зи фарри Шамс бошад ин сабаб.
Шамс бошад бар сабабҳо муталлиъ,
Ҳам аз ӯ ҳабли сабабҳо мунқатиъ.
Сад ҳазорон бор бибридам умед,
Аз кӣ? Аз Шамс, ин зи ман бовар кунед.

Ҳарчанд мумкин аст навмедӣ дар ҳоли сулук мақсуд бошад, чи назоири ин аҳвол аз хавфу риҷо ва навмедию умедворӣ соликонро бисёр афтад.

[3] – Ва шарҳи ин сухан дар Валаднома чунин аст:

Шамси Табрезро ба Шом надид,
Дар худаш дид ҳамчу моҳ падид.
Гуфт, гарчи ба тан аз ӯ дурем,
Бе тану рӯҳ ҳар ду як нурем.
Хоҳ ӯро бибину хоҳ маро,
Ман ваям, ӯ ман аст, ай ҷӯё.
Гуфт чун ман ваям, чӣ меҷӯям?
Айни ӯям, кунун зи худ гӯям.
Васфи ҳуснаш, ки мефузудам ман,
Худ ҳам он ҳусну лутф будам ман.
Хешро будаам яқин ҷӯён,
Ҳамчу шира даруни хум ҷӯшон.
Шира аз баҳри кас намеҷӯшад,
Дар паи ҳусни хеш мекӯшад.

бода[1] бояд дошт, на ба ҷому паймона мутаваҷҷиҳ гардид) ва ишқ оғоз кард ва баъд аз ин он бодаи шӯрангезро аз паймонаи вуҷуди Салоҳиддин ва Ҳисомиддин меошомид.

Муддати иқомати Мавлоно дар Димишқ дар ин сафар ва сафари нахустин ба таҳқиқ напайваста ва чун ин қисмат аз таърихи зиндагонии Мавлоно дар ҳеч як аз тазкираҳо нақл нашуда ва танҳо маъхази он ашъори Валаднома ва Манoқибу-л-орифини Афлокист, ки он ҳам фақат ба яке аз ин ду сафар ишора мекунад ва ашъори Валаднома низ мубҳам аст ва ба лафзи чанд соле ва моҳҳо иктифо шуда. Бад-ин ҷиҳат муддати ҳақиқии иқомати Мавлоноро дар Димишқ маълум натавон кард, вале ба эҳтимоли ағлаб метавон гуфт, ки ин сафарҳо

[1] Чунон ки назар ба ҳамин ақидаи Мавлоно ҳамвора даст дар домани ёре зада, ишқ меварзид ва ҳаргиз таассуфу дареғро ба худ роҳ намедод ва маҷлисиёнро ҳам аз тала?ҳуфу таассуф бозмедошт, чунон ки Шамсиддини Мултӣ ривоят мекунад, ки «рӯзе масҳуби Мавлоно дар боғи Чалабии Ҳисомуддин будем. Ҳазрати Мавлоно ҳар ду пойи муборак дар оби ҷӯй карда, маориф мефармуд, ҳамчунон дар аснои калом бо санои сифоти Шамсиддини Табрезӣ машғул гашта, мад?ҳои бениҳоят мефармуд ва хидмат мақбулу-л- ақтоб Бадриддин Валад дар он ҳолат оҳе бикард ва гуфт: Ҳайф, зиҳӣ, дареғ. Мавлоно фармуд, ки чӣ ҳайф, чаро ҳайф ва ин ҳайф бар куҷост ва мӯҷиби ҳайф чист ва ҳайф дар миёни мо чӣ кор дорад? Бадруддин шармсор гашта, сар ниҳод ва гуфт: Ҳайфам бар он буд, ки Мавлоно Шамсиддини Табрезиро дарнаёфтам. Ҳамоно ки ҳазрати Мавлоно даме хомӯш гашта, ҳеч нагуфт. Баъд аз он фармуд, ки агар ба хидмати Мавлоно Шамсиддин нарасидӣ, ба равони муқаддаси падарам ба касе расидӣ, ки дар ҳар тори мӯи ӯ ҳазор Шамсиддин оваиг аст ва дар идроки сирри сари ӯ ҳайрон. Асҳоб шодиҳо карданд ва самоъ бархосту ҳазрати Мавлоно ин ғазал оғоз фармуд:

Гуфт лабам ногаҳон номи гулу гулситон,
Омад он гулъузор, кӯфт маро бар даҳон.
Гуфт, ки султон манам, ҷони гулистон манам.
Ҳазрати чун ман шаҳе в-он гаҳ ёди фалон».

Ва назар ба ҳамин ақида гуфтааст:

Шамси Табрез худ баҳона-ст,
Моем, ба ҳусну лутф, моем.

Ва шарҳи ин ақида ва таъсири он дар ашъору ахлоқ ва равиши Мавлоно, агар таъхире дар аҷал бошад, ба баёни муставфӣ мазкур ояд ва истилоҳи маю бода, ҳусну кӯзаву паймона сурат аз ин байт гирифтаам:

Гуфт сурат кӯза асту ҳусн май,
Май худоям медиҳад аз зарфи вай.

Маснавӣ, дафтари панҷум, чопи Алоуддавла, сафҳаи 521.

дар фосилаи 645-647 /1247-1250м. воқиъ гардида, чи тамоми муддат мусоҳибати Салоҳиддин бо Мавлоно ба нақли Афлокӣ даҳ сол буда ва ӯ ҳам дар санаи 657 /1259м. даргузаштааст ва бинобар ин ҳадси мо қариб ба воқиъ хоҳад буд.

Ҳарчанд аз лафзи чанд соле дар байти Валаднома роҷиъ ба сафари нахустин ва моҳҳо дар боби сафари дувум мумкин аст беш аз ин муддат мустафод гардад, вале чун мафҳуми ҳақиқии чанд соле ва моҳҳо мубҳам аст ва шуаро низ дар санавот чандон диққати лозим намешуморанд ба истиноди он аз ҳадси мазкур сарфи назар натавон кард.

Ба ривояти Афлокӣ иллати бозгашти Мавлоно ба вилояти Рум он буд, ки «чун ҷамиъи аҳолии Қуния ва акобири Рум дар фироқи Мавлоно бечора шуданд, ба иттифоқ ба ҳазрати султони Рум ва умаро кайфияти ҳолро арза дошта, маҳзари мӯътабар дар даъвати Мавлоно навишта, тамомати уламову шуюх ва қузоту умаро ва аъёни билоди Рум ала-л-умум нишонҳо карданд ва боз ба ватани маълуф ва мазори волиди азизаш даъват карданд». Ва бар бутлони ин сухан агарчи далеле дар даст нест ва қароину ривоёт ҳокист, ки подшоҳони салҷуқии Рум ба хонадони Мавлоно иродат меварзиданд, бо ин ҳама бешак сабаби аслӣ дар бозгашти Мавлоно ҳамон навмедӣ аз дидори Шамс будааст.

Дар айёми иқомати Димишқ бо он ки Мавлоно сар дар талаби Шамс дошт, боз ҳам бе ёру дамсозе, ки пайкари муҳаббатро дар миръоти сулуки вай тавон дид, ба сар намекард ва бо шайх Ҳамидуддини номӣ аз авлиёи комили Худо дӯстӣ меварзид ва чун азимати Қуния фармуд, вайро дар Димишқ бигузошт ва бо хештан ба Қуния наёвард.

## Осори Шамсиддин

Чунон ки ишорат рафт, Шамсиддин марде олим ва комилу ҷаҳондида ва ба сӯҳбати бисёре аз мардон расида буд ва дар сулуки зоҳир ва сияри ботин мақоме баланд ва дар фунуни қолу румузи ҳол камоле басазо дошт ва агар даст ба кори таълиф мезад ва ба тақйиди маонӣ ҳиммат мегумошт, бар варақ дур мепошид ва гавҳар меафшонд ва хотиру мағзи асҳоби талабро ба лутфи сухан бӯстони Ирам месохт ва осори гаронбаҳо ба ёдгор мегузорд, вале чун аксари ин тоифа илми зоҳир ва китобатро садди тариқ ва ҳиҷоби роҳ медонанд ва дар таълифи кутуб инояте мабзул намедоранд, бадин ҷиҳат акнун китобе, ки таълифёфта ва рехтаи хомаи Шамсиддин бошад, мавҷуд нест ва пешиниён ҳам нишоне аз он надидаанд ва осори вай мунҳасир аст дар китобе ба номи «Мақолот»[1] ва дигар даҳ фасл аз мао-

---

[1] Нусхаи аслии ин китоби нафис дар китобхонаи Қуния маҳфуз аст ва ахиран вазорати маориф аз рӯи он нусха акс бардошта, дар дастраси ин заиф гузоштаанд ва он муштамил аст бар 119 сафҳа ба тӯли 20 ва арзи 15 сантиметр ва расмулхатту равиши имло гувоҳӣ медиҳад, ки дар замони наздик ба қарни ҳафтум навишта шудааст. Вале назар ба он ки мутасаддии таълифи ин китоб ёддоштҳои муназзам ва комиле дар даст надошта, аввалан ғолиби ибороти мақтуъу бурида ва номуртабит воқиъ гардида, сониян қисмате аз матолиб такрор шуда ва чун порае аз ин мукаррарот нисбат ба собиқ ё лоҳиқи худ комилтар ё ноқистар мушоҳида мешавад, метавон эҳтимол дод, ки асли ёддоштҳо ба василаи ду кас ё чанд кас таҳия шуда, лекин муаллиф ва ҷомиъи онҳо диққату мароқибати саҳеҳе дар назму тартиби онҳо нанамудааст, чунон ки хонанда ба як бор мутолиъа аз мазоё ва фавоиди ин китоб бархурдор намегардад ва ночор бояд чанд мартаба бо имъон ва инъоми назар дар муддати мутаволӣ аз огоз то ба анҷом мутолиъа кунад. Илова бар беназмии таълиф дар мавқиъи саҳҳофӣ ҳам баъзе аз авроқи асл пасу пеш афтода, асбоби ташвиши хотир мегардад. Гузашта аз ҳамаи инҳо чун аксари матолиби китоб марбут аст ба ҷузъиёти зиндагонӣ ва афкори Мавлоно ва Шамсиддин, биззарура, касоне, ки аз таърихи ҳаёти ин ду бузург ва таълимоти ақлии онон иттилоъи кофӣ надоранд, аз хондани Мақолот ҳаззи вофӣ намебаранд, вале →

рифу латоифи аҳволи вай, ки Афлокӣ дар зимни китоби худ «Маноқибу-л-орифин» нақл кардааст ва ин ҳар ду ёддоштҳоест, ки муридон аз суханони Шамс фароҳам кардаву сурати тадвин бахшидаанд.

Аммо мақолот иборат аст аз маҷмӯи он чӣ Шамс дар Маҷолис баён карда ва суолу ҷавобҳое, ки миёнаи ӯ ва Мавлоно ё муридону мункирон радду бадал шуда ва аз гусехтагию буридагии иборот ва матолиб пайдост, ки ин китобро Шамсиддин худ таълиф нанамуда, балки ҳамон ёддоштҳои рӯзонаи муридон аст, ки бо камоли бетартибӣ фароҳам намудаанд. Қобили инкор нест, ки мармузтарин фусули таърихи зиндагонии Мавлоно ҳамон достони пайвастагӣ ва иртиботи ӯ бо Шамси Табрезӣ мебошад, ки ба сабаби набудани иттилоъ ва огаҳӣ аз чигунагии он ғолиби мутақаддимин ва мутааххирин он ҳикоятро ба таври афсона ва дур аз марҳалаи воқиъ навишта будаанд. Инак китоби Мақолот парда аз рӯи бисёре аз ин румузу асрор бармедорад ва иллати иртиботу фирефтагии Мавлоноро ба Шамс то ҳадде возиҳ месозад ва бар хилофи он чӣ машҳур аст, ӯро доное басир ва шефтаи ҳақиқату шоистаи муршидӣ ва раҳнамоӣ муаррифӣ мекунад ва ин худ ба танҳоӣ сабаби аҳаммияти ин китоб тавонад буд.

Илова бар фавоиди таърихӣ назар ба он ки Шамсиддин мабдаи зиндагонии ҷадиде барои Мавлоно шудааст, ҳар як аз муҳаққиқин моил бошанд, аз мабодии

---

→ пас аз огоҳии лозим хешро ҳангоми мутолиъа дар бӯстони ороставу дилкушо хоҳанд ёфт. Ногуфта намонад, ки котиби нусха ҳам то ҳадде дар иҷмолу ибҳоми он кӯшида ва аксар ё ҳамаи асомиро ба тариқи рамз навиштааст, масалан (м) ба ҷои Мавлоно (ш) ба ҷои Шамс ва (х) ба ивази Худовандгор ё Худо.

Мақолот бад-ин иборат «Пирмуҳаммадро пурсид ҳама хирқаи комили Табрезӣ» оғоз ва бад-ин ҷумла «Аммо ин Қуръон ки барои авом гуфтааст, ҷиҳати амру наҳй ва роҳ намудан завқи дигар дорад ва он-к бо хавос мегӯяд, завқи дигар ва-л-Лоҳу аълам» хатм мешавад.

афкору таолими ӯ иттилоъ ёбанд. Ин натиҷа ҳам аз китоби Мақолот ба даст меояд, чи мобайни он ва Маснавӣ иртиботи қавӣ мавҷуд аст ва Мавлоно[1] бисёре аз амсолу қисас ва матолиби Мақолотро дар Маснавии худ мундариҷ сохтааст, аз ҳайси лутфи[2] иборат ва дилписандию зебоии алфоз ҳам китоби Мақолот дорои аҳмияти бисёр ва яке аз ганҷинаҳои адабиёт ва луғати форсист ва агар гусастагию нопайвастагии баъзе қисматҳои

---

[1] Монанди ҳикояти он шахс, ки сухуре бар дар мезад (Маснавӣ, дафтари шашум, чопи Алоуддавла, сафҳаи 572) ва марди нойӣ, ки ной мезад (Маснавӣ, дафтари чорум, сафҳаи 344) ва достони додани Маҳмуд гавҳарро ба вазирон ва амирон ва Аёз (Маснавӣ, дафтари панҷум, сафҳаи 543) ва ҳикояти гирифтани муш маҳори шутурро (Маснавӣ, дафтари дувум, сафҳаи 181) ва қиссаи марди думӯй бо музаййин (Маснавӣ, дафтари севум, сафҳаи 227) ва ҳикояти астар бо уштур (Маснавӣ, дафтари чорум, сафҳаи 414), ки инҳо ҳама аз Мақолот иқтибос шудааст.

[2] Ин ҳикоятро ба намуна меорем: «Воизе халкро таҳрис мекунад бар зан хостан ва тазвиҷ кардан ва аҳодис мегуфту занонро таҳрис мекард бар сари минбар бар шавҳар хостан ва он кас, ки зан дорад, таҳрис мекард бар миёнҷӣ кардан ва саъй намудан дар пайвандиҳо ва аҳодис мегуфт. Аз бисёре, ки гуфт, яке бархост, ки ас-сӯфию ибнулвакт, ман марде ғарибам, маро зане мебояд. Воиз рӯ ба занон карду гуфт: Эй авратон, миёни шумо касе ҳаст, ки рағбат кунад? Гуфтанд, ки ҳаст. Гуфт: То бархезад, пештар ояд. Бархост, пештар омад. Гуфт: Рӯ боз кун, то туро бибинад, ки суннат ин аст аз расул, алайҳи-с-салом, ки пеш аз никоҳ як бор бибинад. Рӯй боз кард. Гуфт: Ай ҷавон, бингар. Гуфт: Нигаристам. Гуфт: Шоиста ҳаст? Гуфт: Ҳаст. Гуфт: Ай аврат, чӣ дорӣ аз дунё? Гуфт: Хараке дорам, саққоӣ кунад ва гоҳ гандум ба осиёб барад ва ҳезум кашад, аз уҷрати он ба ман расад. Воъиз гуфт: Ин ҷавон, мардумзода менамояд ва мутамаййиз натавонад харбандагӣ кардан, дигаре ҳаст? Гуфтанд: Ҳаст. Ҳамчунин пеш омад, рӯй бинмуд. Ҷавон гуфт: Писандида аст. Гуфт: Чӣ дорад? Гуфт: Гове, гоҳе об кашад, гоҳе замин шикофад, гоҳе гардун кашад, аз уҷрати он бад-ӯ расад. Гуфт: Ин ҷавон мутамаййиз аст, нашояд говбонӣ кунад. Дигаре ҳаст? Гуфтанд: Ҳаст. Гуфто: Худро бинамояд. Бинамуд. Гуфт: Аз ҷиҳоз чӣ дорад? Гуфт: Боғе дорад. Воиз рӯй бад-ин ҷавон кард, гуфт: Акнун туро ихтиёр аст, аз ин ҳар се (ҳар кадом Щ) мувофиқтар аст, қабул кун. Он ҷавон буни гӯш хоридан гирифт. Гуфт: Зуд бигӯ, кадом мехоҳӣ? Гуфт: Хоҳам, ки бар хар нишинам ва говро пеш мекунаму ба сӯи боғ меравам. Гуфт: Оре, вале чунон нозанин нестӣ, ки туро ҳар се мусаллам шавад» (Мақолоти Шамс, нусхаи аксӣ, мутааллиқ ба вазорати маориф, сафҳаи 108-109).

он, ки ношӣ аз нақси касонест, ки ёддошти аҳволи Шамсро бар ӯҳда доштаанд, намебуд, ин асар яке аз беҳтарин насрҳои сӯфиёна ба шумор мерафт.

Фусули даҳгона, ки Афлокӣ ба Шамсиддин нисбат медиҳад, низ муҳтамил аст, ки иқтибос ва интихобе аз «Мақолот» бошад, чи баъзе он фусул аз ҷиҳати лафзу маъно шабоҳати комил дорад бад-он чӣ дар мисли ҳамон маврид аз Мақолот навишта ва мазкур омадааст ва тафовути қисматҳои дигар ва набудани он дар Мақолот далели он ки ин фусул таълифи ҷудоғона мебошад, нест, чи нусхаи Мақолот, ки акнун дар даст дорем, ноқис ва ошуфтаву дарҳам аст.

Манзумае ба номи «Марғубу-л-қулуб» муштамил бар 150 байт дар Ҳиндустон ба табъ расонида ва ба Шамси Табрез мансуб кардаанд ва он бе ҳеч шубҳате натиҷаи хотири Шамс нест, зеро илова бар он, ки ӯ шоир ва маснавипардоз набуда, таърихи итмоми маснавии «Марғубу-л-қулуб» мутобиқи байте[1], ки дар поёни он дида мешавад, мусодиф будааст бо соли 757 /1356м. ҳиҷрӣ ва дар он мавқиъ 112 сол аз ғайбат ва иститори Шамс мегузаштааст.

---

[1] Он байт ин аст:

Зи ҳиҷрат ҳафтсаду панҷоҳу ҳафт аст,
Ҳисоби ҳосибон таърихи вақт аст.

Ва аз ҳамин байт ба саҳофат ва рикокати абёти ин маснавӣ пай тавон бурд.

# Фасли чаҳорум

## Рӯзгори тарбият ва иршод

Чун Мавлоно аз вуҷуди Шамс навмед ва аз ҷустуҷӯи ӯ форигдил гашт ва ба Қуния бозомад, бинои тарбияту иршодро бар бунёде нав ва асосе ҷадид ниҳод ва ҳарчанд ба тарки ваъз ва тадрису тасаддии маносиби зоҳир ғуфта буд, ба дилгармии тамом ба такмили ноқисон ва иршоди соликон рӯй овард ва ба василаи байту ғазал ва самоъ нозуктабъони латифхӯйро ба раҳоиқи инсоният ошно мекард ва гоҳу бегоҳ амирону фақирон ва муслиму номусулмонро ба ягонагию дӯстӣ роҳ менамуд ва ба ғоёти камол мехонд.

Дар ҳақиқат давраи ошуфтагию инқилоб ва саргармии Мавлоно аз анвори маъонӣ ва ҳақоиқе, ки дар вуҷуди Шамс меёфт, мусофирате ақлонӣ буд, ки Мавлоно аз он сафар бо диле лабрез аз ҳақиқат ва вуҷуде мумталӣ аз лутфи завқ бозомад ва натоиҷи ин сайрро ба риштаи алфоз кашида, ба расми армуғон дар домани рӯзгор афшонд ва бар ёрони муосир ва ояндагон нисор кард.

Аз ин таърих (санаи 647 /1250м.) то ҳангоми иртиҳол (672 /1274м.) Мавлоно ба нашри маорифи илоҳӣ машғул буд, вале назар ба истиғроқе, ки дар камоли мутлақ ва ҷалавоти ҷамоли илоҳӣ дошт, ба маросими дастгирӣ ва иршоди толибон чунон ки суннати машоих ва маъмули пирон аст, амал намекард ва пайваста яке аз ёрони гузинро бад-ин кор бармегумошт ва аввалин бор Шайх Салоҳиддинро мансаби шайхӣ ва пешвоӣ дод.

# Шайх Салоҳиддин Заркӯби Қунавӣ

Салоҳиддин Фаридун[1] аз мардуми Қуния ва ибтидо[2] муриди Бурҳониддини Муҳаққиқ буд ва дӯстию пайвастагии ӯ ба Мавлоно дар бандагӣ ва иродати Бурҳон огоз гардид ва дар муддати мусофирати Мавлоно ба Димишқ ва бозгашти ӯ ва вафоти Бурҳон Салоҳиддин дар яке аз[3] деҳоти Қуния, ки мавтини падару модари ӯ буд, таваттун дошт ва ба ишорати падару модар мутааҳҳил шуда буд ва аз он атвор ва аҳвол, ки бар Мавлоно мегузашт, вайро иттилоъе ҳосил намешуд, «магар рӯзе ба шаҳри Қуния омад ва дар масҷиди Булфазл ба ҷумъа ҳозир шуд ва он рӯз ҳазрати Мавлоно тазкир мефармуд ва шӯрҳои азим мекард ва аз саййид маъонии беҳад нақл мекард. Аз ногоҳ ҳолоти саййид аз зоти Мавлоно ба Шайх Салоҳиддин таҷаллӣ кард, ҳамоно, ки наъра бизад ва бархост ва ба зери пои Мавлоно омад ва сар боз карда, бар пои Мавлоно бӯсаҳо дод».

Салоҳиддин ба Мавлоно иродат меварзид ва Мавлоно ҳам иноят аз вай дареғ намедошт, лекин дар авоили ҳол Мавлоно бо ҳарифе қавипанҷатар аз Шайх Салоҳиддин дучор шуда буд ва аз ин ҷиҳат бо вай намепардохт ва чун рӯзгор навбат ба Салоҳиддин дод ва Мавлоно аз дидори Шамс навмед гашт, ба тамомии дил ва ҳамагии ҳиммат рӯй дар салоҳ овард ва ӯро ба шайхӣ

---

[1] Маноқиби Афлокӣ ва Нафаҳоту-л-унс. Ва дар Маноқиби Афлокӣ номи падари ӯро бад-ин тариқ навиштаанд: «Моғинон» ва ба ҷиҳати инҳисори нусха маълум нашуд асли ин калима чист.

[2] Нафаҳоти Ҷомӣ ва Маноқиби Афлокӣ.

[3] Ба ривояти Афлокӣ номи он де Комил будааст.

ва халифатӣ ва «сарлашкарии ҷунду-л-Лоҳ» мансуб фармуд ва ёронро ба итоати вай маъмур сохт.

Чунон ки Мавлоно дар баёни ҳақоиқ ва маонӣ ба истилоҳоти сӯфиён ва таъбироти онон муқайяд нест, дар тарбияти муридон ҳам пайрави усули муридӣ ва муродӣ набуд ва аз фарти истигроқу галабаи ишқ сари ину он ва гоҳе[1] сари маъшуқ низ надошт ва худ ба дастгирии толибон намепардохт ва пайваста пас аз дидори Шамс ин шуғлро ба яке аз ёрони гузин, ки оинаи тамомнамои шайхи комил буданд, вогузор мекард ва худ ба фароғи дил чашм бар ҷилваи маъшуқи ниҳонӣ мегумошт. Насби Салоҳиддин ба шайхӣ ва пешвоӣ ҳам аз ин назар буд, вале ёрони Мавлоно, ки дар оташи ишқ нагудохта ва дар бӯтаи риёзату сулук аз ғашши ҳавову ваҳм пок барнаёмада буданд, ба ҷуз Мавлоно ҳеч касро қабул намекарданд ва Салоҳиддинро ҳарчанд баргузидаи вай буд, барои дастгирӣ ва роҳнамоӣ сазовор намешумурданд ва бад-ин ҷиҳат бори дигар муридон ва ёрон сар аз фармони Мавлоно печида, ба душмании Салоҳиддин бархостанд.

Салоҳиддин марде[2] уммӣ буд ва рӯзгор дар Қуния ба шугли заркӯбӣ мегузаронид ва дар дукони заркӯбӣ менишаст ва соъате аз умрро сарфи таҳсили улуми зоҳир ва қилу қоли мадраса ва баҳсу назар, ки ба ақидаи[3] ин тоифа ҳиҷоби акбару садди роҳ аст, накарда буд ва

---

[2] Ишора бад-ин байти Мавлоност:

Чунон дар нестӣ ғарқам, ки маъшуқам ҳамегӯяд,
Биё бо ман даме биншин, сари он ҳам намедорам.

[1] Дар Манокибу-л-орифин зикр шуда: «Аглаби тоинон ва тоғиён шайхро омӣ ва нодон мехонданд» ва дар Валаднома низ омадааст:

Омии маҳзу содаву нодон,
Пеши ӯ неку бад буда яксон.

[3] Урафо нақл мекунанд «Ал-илму ҳува-л-ҳиҷобу-л-акбар» ва Мавлоно дар баёни ин ақида гӯяд:

Бар навишта ҳеч бинвисад касе,
Ё ниҳоле корад андар мағрасе?→

ҳатто ин ки аз рӯи луғат ва урфи удабо саҳеҳ ва дуруст ҳам сухан намеронд ва ба ҷои қуфл қулф ва ба ивази мубтало[1] муфтало мегуфт ва дигар он ки вай аз мардуми Қуния ва бо аксари иродатмандони Мавлоно аз як шаҳр буд ва мардуми Қуния аз оғози кор ӯро дидаву аз аҳволаш огоҳӣ доштанд ва мутобиқи масали маъруф обе, ки аз дари хона мегузарад, гилолуд аст, ҳамшаҳрии уммии худро шоиставу дархури мақоми шомихи иршод намедонистанд ва монанди ҳама мункирони анбиёву авлиё ва бузургони олам гирифтори шубҳаи мушобаҳати зоҳирӣ гардида, аз сафои ботин ва камоли нафсонии Салоҳиддин ғофил шуда, зоҳирро маноти ботин ва зиддеро миқёси зидди дигар шинохта буданд.

Мавлоно ба кӯрии чашми мункирони ҳасуд дида бар Салоҳиддин гумошт ва ҳамон ишқу дилбохтагӣ, ки бо Шамс дошт, бо вай бунёд ниҳод ва аз он ҷо, ки Салоҳиддин марде ором ва нарму ҷазб ва иршодаш ба навъи дигар буд, шӯришу инқилоби Мавлоно оромтар гардид ва аз беқарорӣ ба қарор бозомад ва барои шикастани хумори ҳиҷрони Шамс аз паймонаи вуҷуди ӯ ратлҳои сабук менӯшид.

Ҳар чӣ бар иродати Мавлоно ба Салоҳиддин меаф-

---

→ Когазе ҷӯяд, ки он бинвишта нест,
Тухм корад мавзиъе, ки кишта нест?
Эй бародар, мавзиъи нокишта бош,
Когази испеди нобинвишта бош.
То мушарраф гардӣ аз нун ва-л-?алам,
То бикорад дар ту тухм он зулкарам

Маснавӣ, дафтари панҷум, чопи Алоуддавла (сафҳаи 482).

[1] Афлокӣ ривоят мекунад: «Рӯзе Мавлоно фармуд он қулфро биёваред ва дар вақте дигар фармуда буд, ки фалоне муфтало шудааст. Булфузуле гуфта бошад, ки қуфл боистӣ гуфтан ва дуруст он аст, ки мубтало гӯянд. Фармуд, ки ончунон аст, ки ғуфтӣ, аммо ҷиҳати риояти хотири азизе чунон гуфтам, ки рӯзе Салоҳиддин муфтало гуфта буд ва қулф фармуда ва рост он аст, ки ӯ ғуфта, чи аглаби асмоъ ва луғот мавзуъоти мардум аст дар ҳар замоне аз мабдаи фитрат».

зуд, душмании ёрон ҳам фузунӣ мегирифт ва дар пушти сару пеши рӯй маломат мекарданд ва суханони газандаву зишт дар ҳаққи Салоҳиддин мегуфтанд ва охируламр бар он шуданд, ки Салоҳиддинро аз миёна бардоранд. Ин хабар ба гӯши Салоҳиддин расид, хуш бихандид ва гуфт, бе фармони ҳақ раге наҷунбад ва агар фармон расад, бандаро ночор мутеъи фармон бояд буд, лекин эшон агар қасди куштани ман доранд, ман ҷуз ба хайр дар ҳаққи эшон сухан нахоҳам гуфт.

Зоҳиран ошкоро шудани ин қисса дар азми душманони Салоҳиддин футуре афканд, бино ба ривояти Валаднома вақте ки Мавлоно ва халифаи ӯ аз онон иъроз карданд, мадади файз аз ҷони муридон гусаст ва ночор аз дари тавбату инобат даромаданд ва узрхоҳон ба назди Мавлоно омада, аз гуноҳ ва қасди бад узр хостанд ва ӯ низ узрашон бипазируфт.

Ва чун ҳеч як аз тазкиранависон ба шарҳтар аз Султонувалад зикр накардаанд, инак абёти Валадномаро ба ихтисоре, ки мутазаммини баёни мақсуд бошад, дар ин нома мундариҷ месозем:

**Абёти Валаднома**

Нест инро карона эй доно,
Бозгӯ, то чӣ гуфт Мавлоно.
Гуфт аз рӯи меҳр бо ёрон:
Нест парвои кас маро ба ҷаҳон.
Ман надорам сари шумо, бираведа
Аз барам, бо Салоҳидин гаравед.
Сари шайхӣ чу нест дар сари ман,
Набувад ҳеч мурғ ҳампари ман.
Худ ба худ ман хушам, нахоҳам кас,
Пеши ман заҳмат аст кас чу магас.
Баъд аз ин ҷумла сӯи ӯ пӯед,

Ҳама аз ҷон висоли ӯ ҷӯед.
Пеши ӯ сар ниҳед, агар малакед,
Варна девед, агар дар ӯ ба шакед.
Шӯриши шайх гашт аз ӯ сокин,
В-он ҳама ранҷу гуфтуғӯ сокин.
З-он ки буд навъи дигар иршодаш,
Бештар буд аз ҳама додаш.
Шайх бо ӯ чунон ки бо он шоҳ
Шамси Табрези хос, хоси Илоҳ.
Хуш даромехт ҳамчу ширу шакар,
Кори ҳар ду зи ҳамдигар шуд зар.
Назари шайх ҷумла бар вай буд,
Ғайр аз ӯ назди шайх ло шай буд.
Боз дар мункирон ғарев афтод,
Боз дар ҳам шуданд аҳли фасод.
Гуфта бо ҳам к-азон яке растем,
Чун нигаҳ мекунем, дар шастем.
Ин ки омад, зи аввалин батар аст,
Аввалин нур буду ин шарар аст.
Дошт ӯ ҳам баёну ҳам тақрир,
Фазлу илму ибодату таҳрир.
Беш аз ин худ набуд, к-он шаҳи мо
Буд аз ӯ бештар ба илму сафо.
Ҳайф меомаду ғабин, ки чаро
Ҷӯяд он шайх беш камтарро?
Кош к-он аввалин будӣ боз
Шайхи моро рафиқу ҳам дамсоз.
Набуд аз Қуния, буд аз Табрез,
Буд ҷонпарвару набуд хунрез.
Ҳама ин мардро ҳамедонем,
Ҳама ҳамшаҳриему ҳамхонем.
Хурд дар пеши мо бузург шудаст,
Ӯ ҳамон аст, агар сутург шудаст

На варо хатту илму на гуфтор,
Бари мо худ надошт ӯ миқдор.
Омии маҳзу содаву нодон,
Пеши ӯ неку бад буда яксон.
Доиман дар дукон будӣ заркӯб,
Ҳама ҳамсоягон аз ӯ даркӯб.
Натавонад дуруст фотиҳа хонд,
Гар кунад з-ӯ касе суоле, монд.
К-эй аҷаб аз чӣ рӯй Мавлоно,
Ки наёмад чу ӯ касе доно,
Рӯзу шаб мекунад суҷуд ӯро,
Бар фузунони дин фузуд ӯро.
Ҳар чӣ дорад, ҳама диҳад бо ӯ-
Аз зару симу ҷомаҳои накӯ?
Пеш аз ин ҷош буд саффи ниъол,
Фахр кардӣ зи мо миёни риҷол.
Чун шавад ин ки мо варо акнун
Шайх хонем ё зи шайх афзун.
З-ин намат фаҳшҳои зишту дурушт
Гоҳ гуфта ба рӯшу гаҳ паси пушт.
Ҷумларо раъй инчунин афтод,
Ки чу зӣ асби мурод зин афтод.
Сар бибозем, зиндааш наҳилем,
Чун аз ӯ ҷонфигору хастадилем.
Ҳама гаштанд ҷамъ дар ҷое,
Ки ҷуз ин нестмон гузин рое,
Ки варо аз миёна баргирем,
Ишқи он шоҳро зи сар гирем.
Ҳама савгандҳо бихурда, к-аз ин
Ҳар кӣ гардад, яқин бувад бедин.
Як муриде ба расми таннозӣ
Шуд аз эшону кард ғаммозӣ.
Ӯ ҳамон лаҳза назди Мавлоно

Омаду гуфт он ҳикоятро,
Ки ҳама ҷамъ қасди он доранд,
Ки фалонро зананду озоранд.
Баъди заҷраш кушанд аз сари кин,
Зери хокаш ниҳон кунанду дафин.
Пас расид ин ба шаҳ Салоҳиддин-
Нури чашми чароғи ҳар раҳбин.
Хуш бихандиду гуфт: Он кӯрон
Ки зи гумроҳиянд беимон,
Нестанд ин қадар зи ҳақ огоҳ,
Ки ба ҷуз з-амри ӯ наҷунбад коҳ.
Мебиранҷанд аз ин ки Мавлоно
Кард махсусам аз ҳама танҳо.
Худ надониста ин ки оинаам,
Нест нақше маро муоинаам.
Дар ман ӯ рӯи хеш мебинад,
Хештанро чӣ гуна нагзинад?
Ошиқ ӯ бар ҷамоли хуби х(в)ад аст,
Бар дигар кас, гумон мабар ки бад аст.
Мушфиқам ман бар он ҳама чу падар,
Хоста аз Худову пайғамбар.
Ки раҳанд аз балои нафси адӯ,
Корҳошон чу зар шавад некӯ.
Хашмгин шуд аз он гурӯҳи лаим,
Гашт воқиф зи рози шайхи алим.
Ҳар ду бо ҳам зи қавм гардиданд,
Сӯҳбати ҷумларо чу гардиданд.
Раҳ надоданд дигар эшонро,
Он лаимони кӯру беҷонро.
Муддате чун бар ин ҳадис гузашт,
Ҳамаро хушк гашт равзаву кишт
Мадад аз ҳақ бад ӯ бурида шуд, он
Лоҷарам бар наруст дар бустон.

Рӯзҳо шайхро намедиданд,
Ҳама шаб хоби бад ҳамедиданд.
Охири кор ҷумла донистанд,
Ҳамчу мотамзада ба ҳам шистанд.
Гуфта, бо ҳам агар чунин монад,
Чӣ шавад ҳоли мо, Худо донад.
Ҳама ҷамъ омаданд бар дари ӯ,
Мениҳоданд бар замин сару рӯ.
Гуфта, аз сидқ мо ғуломонем,
Шоҳи худро ба ишқ ҷӯёнем.
Лобаҳо карда з-ин насақ шабу рӯз
Бо ду чашми пуроб аз сари сӯз
Чун шуниданд ҳар ду зориро,
Соз карданд чанги ёриро.
Дар кушоданду роҳашон доданд,
Қуфлҳои бибаста бигшоданд.
Тавбаҳошон қабул шуд он дам,
Шод гаштанду рафт аз дил ғам.

Илова бар ривояти Валаднома ва Маноқибу-л-орифин аз осори худи Мавлоно низ истинбот мешавад, ки иддае аз муридон ба ҷиҳати ғалабаи ҳасаду ҳамчашмӣ ба газанду озори Салоҳиддин ҳиммат баста, аз лутфу инояти бедареғи Мавлоно дар боби вай беандоза хашмгин будаанд ва Мавлоно ба анвоъи насоиҳ ононро ба мутобиат ва пайравии Салоҳиддин мехондааст. Ва хусусан дар китоби Фиҳӣ мо фиҳ[1] фаслест бар арабӣ, роҷиъ ба яке аз муридони густох ба номи Ибни Човуш, ки нахуст бор аз дӯстони Салоҳиддин буда ва пас аз расидани вай ба мақоми халифатӣ ва шайхӣ ба маонидату душманӣ даристодааст.

Иноят ва лутфи Мавлоно нисбат ба Салоҳиддин то ба ҳадде расид, ки пайвастагону хешовандон ва ҳатто

[1] Фиҳи мо фиҳ табъи Теҳрон, сафҳаи 134-137.

фарзанди худи Султонваладро[1] фармон дод, то дасти ниёз дар домани вай зананд ва бандавор дар пешгоҳи иззаташ сар ниҳанд ва бад-ин ҷиҳат пайвастагону фарзандони Мавлоно саросар вайро ба ҷои падар гирифтанд ва ба раҳнамунии ӯ дар тариқи маърифат қадам мезаданд.

Мавлоно ҳам, ки дилбохтаву асири занҷири ишқи комилону восилони ҳақ буд, пушт бар ҳамаи ёрон ва рӯй дар Салоҳиддин дошт ва абёту ғазалиёт ба номи вай мувашшаҳ месохт ва инак қариби 71 ғазал дар куллиёт, ки мақтаъи он ба номи Салоҳиддин мебошад, мавҷуд аст ва аз он ҷо ки зуҳуру ҷилваи ишқ дар Мавлоно бо

---

[1] Шарҳи он дар Валаднома бад-ин сурат мазкур аст:
Пас Валадро бихонд Мавлоно,
Гуфт: Дарёб, чун туӣ доно.
Сар ниҳоду суол кард аз ӯ,
Чист мақсуд аз ин, ба банда бигӯ.
Гуфт: Бингар рухи Салоҳиддин,
Ки чи зот аст он шаҳи ҳақбин.
Муқтадои ҷаҳони ҷон аст ӯ,
Малики мулки ломакон аст ӯ.
Гуфтам: Оре, валек чун ту касе
Бинад ӯро на ҳар ҳақиру хасе.
Гуфт бо ман, ки Шамсидин ин аст,
Он шаҳи бебуроқу зин ин аст.
Гуфтамаш ман ҳамон ҳамебинам,
Ғайри он баҳри ҷон намебинам.
Масту бехештан зи ҷоми ваям,
Зи дилу ҷон камин ғуломи ваям.
Ҳар чи фармоиям, кунам ман он,
Ҳастам аз ҷон мутеъат, эй султон.
Гуфт: Аз ин пас Салоҳидинро гир ,
Он шаҳаншоҳи ростинро гир.
Назараш, кимиёст, бар ту фитад,
Раҳмати кибриёст, бар ту фитад.
Гуфтамаш: Ман қабул кардам ин,
Ки шавам бандаи Салоҳиддин.

Ва пас аз ин шарҳи моҷаро ва гуфтугӯҳои худ бо Салоҳиддин ва мамнӯъ шудани худ аз гуфтор ба миён меоварад, ки ҷиҳати риояти ихтисор навишта нашуд.

пардадарию оламафрӯзӣ тавъам буд ва сар дар китмону эҳтиҷоб надошт, дар ҳар маҷлису мафҳил зикри маноқиби вай мекарду тавозӯъ[1] аз ҳад мебурд ва чандон ки Салоҳиддин мунфаъилу шармсор мегардид ва ба тавре ки дар достони Шамсиддин дидем, бемуҳобо дар кӯю барзан бо ӯ низ инояту иродат меварзид, чунон ки «дар он ғалаботи шӯру самоъ, ки машҳури оламиён шуда буд, аз ҳаволии заркӯбон мегузашт, магар овози зарби туқтуқи эшон ба гӯши муборакаш расида, аз хушии он зарб шӯре аҷиб дар Мавлоно зоҳир шуд ва ба чарх даромад. Шайх наъразанон аз дукони худ берун омад ва сар дар қадами Мавлоно ниҳода бехуд шуд. Мавлоно ӯро дар чарх гирифта, шайх аз ҳазраташ амон хост, ки маро тоқати самоъи Худовандгор нест аз он ки аз гояти риёзати қавӣ заифтаркиб шудам. Ҳамоно ки ба шогирдони дукон ишорат кард, ки аслан ист накунанд ва даст аз зарб бознадоранд, то Мавлоно аз самоъ фориғ шудан. Ҳамчунон аз вақти намози зуҳр то намози аср Мавлоно дар самоъ буд аз ногоҳ гӯяндагон расиданд ва ин газал оғоз карданд:

Яке ганҷе падид омад дар он дуккони заркӯбӣ
Зиҳӣ сурат, зиҳӣ маънӣ, зиҳӣ хубӣ, зиҳи хубӣ!

«Рӯзе ҳазрати Худовандгор дар самоъ буд ва завқҳои азим меронд ва Шайх Салоҳиддин дар кунҷе истода буд, аз ногоҳ ҳазрати Мавлоно ин газалро фармуд:

Нест дар охирзамон фарёдрас
Ҷуз Салоҳиддин Салоҳиддину бас.
Гар зи сирре сирри ӯ донистаӣ.
Дам фурӯ каш, то надонад ҳеч кас.
Синаи ошиқ яке обест хуш,
Ҷонҳо бар оби ӯ хошоку хас.

---

[1] Руҷӯъ кунед ба Фиҳи мо фиҳ, табъи Теҳрон, сафҳаи 133 .

Чун бибинӣ рӯи ӯро, дам мазан,
К-андар оина асар дорад нафас.
Аз дили ошиқ барояд офтоб,
Нур гирад оламе аз пешу пас.

Қатъи назар аз қаробати ҷонӣ ва хешию маънавӣ мобайни хонадони Мавлоно ва Салоҳиддин наздикию хешовандии сурат ҳам барқарор гардида буд ва духтари Салоҳиддинро, ки Фотимахотун ном дошт, бо Баҳоваддин-фарзанди Мавлоно, маъруф ба Султонвалад ақди музоваҷат бастанд ва Мавлоно дар шаби аввали арусӣ ин ғазалро ба назм овард:

Бодо муборак дар ҷаҳон суру арӯсиҳои мо,
Суру арӯсиро Худо бибрида бар болои мо.

Ва дар шаби зифоф ин газал фармуд:

Муборакӣ, ки бувад дар ҳама арӯсиҳо,
Дар ин арӯсии мо бод, эй Худо, танҳо.

Ва ночор ин васлат мобайни санаи 647 /1250м. ва 657 /1259м. иттифоқ афтодааст.

Аз фарти алоқае, ки Мавлоно ба хонадони Шайх Салоҳиддин дошт, «пайваста Фотимахотунро китобат ва Қуръон таълим медод» ва вақте ки ӯ аз шӯи худ-Султонвалад ранҷидахотир ғашт, Мавлоно ба дилҷӯии вай даристод ва фарзандро ба некӯдошти ӯ маъмур кард. Ва як нома[1] аз осори Мавлоно дар дилҷӯии Фотимахотун ва номаи дигар тавсияи ӯ ба Султонвалад мавҷуд аст, ки чун ҳокӣ аз кайфияти иртиботи Мавлоно бо Салоҳиддин мебошад, дар мавзиъи хеш мазкур хоҳад шуд.

---

[1] Ин ҳар ду номаро Афлокӣ дар Маноқибу-л-орифин оварадааст.

## Вафоти Шайх Салоҳиддин

Пас аз он ки Мавлоно ва Салоҳиддин бо якдигар тангтанг[1] ва бе инқитоъ даҳ соли тамом сӯҳбат доштанд, ногаҳон Салоҳиддин ранҷур шуд ва беморияш сахт дароз кашид, чандон ки ба марг тан дардод. Ва ба ривояти Афлокӣ аз Мавлоно дархост, ки ӯ низ ба раҳоии вай аз зиндони колбад ризо диҳад. Мавлоно се рӯз ба аёдати Салоҳиддин нарафт ва ин нома ба наздики вай фиристод.

Худованди дил ва худованди аҳли[2] қутбу-л-кавнайн Салоҳиддин, мадда-л-лоҳу зиллаҳу, ки шикоят мефармуд аз он бода, ки дурҷҳои[3] муборакаш мутамаккин шудааст, чандин гоҳ офоҳу-л-Лоҳу фа фӣ муъофоту-л-мӯъминин аҷмаъу воҳиду ка-л-алф ин амара аннӣ.

Эй сарви равон, боди хазонат марасод,
Эй чашми ҷаҳон, чашми бадонат марасод
Эй он ки ту ҷонони самоию замин,
Ҷуз раҳмату ҷуз роҳати ҷонат марасод.

Хабарту бианна марзан қад аразо[4]
Ҳал акуну инда арзино

---

[1] Илова бар ривояти Афлокӣ аз абёти Валаднома низ ҳамин муддат ба сароҳат маълум мегардад:

Шайх бо ӯ чу дар ду тан як ҷон
Буд осудаву хушу шодон.
Маст аз ҳамдигар шуда даҳ сол
Дошта бехумор ҳаҷри висол.

[2] Ин калима дар нусхаи Манокиб, ки ба дасти ин заъиф буд, ба ҳамин сурат аст ва шояд калимае монанди дил ё ҷон аз асл афтода ва иборат чунин будааст (худованди аҳли дил ё аҳли ҷон).

[3] Ҳамчунин аст дар нусха ва эҳтимол меравад, ки асли иборат чунин бошад: «ки дар хунбҳое ё хумҳои вуҷуди муборакаш».

[4] Дар нусхаи асл ба ҳамин сурат забт шуда ва вазн ғайримустақиму иборат нодуруст аст.

Асъалука ан якуна-л-марзо
Бардан ва саломан ва наъиман ва ризо

Ранҷи тан дур аз ту, эй ту роҳати ҷонҳои мо,
Чашми бад дур аз ту, эй ту дидаи бинои мо.
Сиҳҳати ту сиҳҳати ҷону ҷаҳон аст, эй қамар,
Сиҳҳати ҷисми ту бодо, эй қамарсимои мо.
Офият бодо танатро, эй тани ту ҷонсифат,
Кам мабодо сояи лутфи ту аз болои мо.
Гулшани рухсори ту сарсабз бодо то абад,
К-он чарогоҳи дил асту сабзаи саҳрои мо.
Ранҷи ту бар ҷони мо бодо, мабодо бар танат,
То бувад он ранҷи ту чун ақл ҷонорои мо.

Салоҳиддин бад-он ранҷурӣ даргузашт ва чун васият карда буд[1], ки дар ҷанозаи вай оини аъзо маъмул надоранд ва ӯро, ки ба олами улвӣ иттисол ёфта ва аз мусибатхонаи ҷаҳон раҳо шуда, ба расми шодию сурур бо хурӯши самоъи дилкаш ба хок супоранд. «Мавлоно биёмад ва сари муборакро боз карда, наъраҳо мезаду шӯрҳо мекард ва фармуд, то нақоразанон башорат овар-

---

Ва бинобар ин чун вақти вафоти Шайх Салоҳиддин муттафиқ алайҳ аст (657 /1259м.) ва тамоми муддати мусоҳибат ҳам беш аз даҳ сол набуда, чунон ки гузашт, бояд мусоҳибати онон ба соли 647 /1250м. оғоз шуда бошад.

[1] Маъхази ин гуфтор абёти зайл аст аз Валаднома:

Шайх фармуд дар ҷанозаи ман
Духул ореду кӯс бо дафзан.
Сӯи кӯям баред рақскунон,
Хушу шодону масту дастафшон,
То бидонанд, к-авлиёи Худо
Шоду хандон раванд сӯи лиқо.
Маргашон айшу ишрату сур аст,
Ҷояшон хулди адни пурҳур аст.
Инчунин марг бо самоъ х (в)аш аст,
Чун рафиқаш нигори хубу каш аст.
Ҳама аз ҷону дил васиятро
Бишуниданд бериё ба сафо.

данд ва аз нафири халқон қиёмат бархоста буд ва ҳашт чавқ гӯяндагон дар пеши ҷаноза мерафтанд ва ҷанозаи шайхро асҳоби киром баргирифта буданд ва Худовандгор то турбати Баҳоувалад чархзанону самоъкунон мерафт ва дар ҷавори султону-л-уламо Баҳоувалад ба азамати тамом дафн карданд ва золика ғуррата шаҳра муҳаррама-л-мукаррам, санаи сабъин ва хамсина ва ситти миа». Ва даркашид:

Эй зи ҳиҷронат замину осмон бигриста,
Дил миёни хун нишаста, ақлу ҷон бигриста.

Шайх Салоҳиддин марди зоҳид ва мутааббид буд ва дар риояти дақоиқи шариат ниҳоят муроқабат ба амал меовард. «Магар дар қалби айёми арбаъини зимистон фараҷияшро шуста буданду бар бом андохта. Аз ногоҳ салоҳ ҷумъа дардоданд ва ҷомаҳош мунҷамид шуда буд. Ҳамчунон бар тани худ пӯшида, ба масҷид рафт. Ҷамоате гуфта бошанд, ки бар ҷисми Шайх мабодо сармо зиён кунад. Фармуд, ки зиёни ҷисм аз зиёни ҷон ва тарки амри раҳмон осонтар аст».

Аз назари фитрату табиат низ оромишу сукуне ҳарчи тамомтар дошт ва ба ҳамин ҷиҳат Мавлоно дар қурбу иттисоли ӯ биннисба сокину ором гардид ва он оташ, ки аз асари сӯҳбати гирои Шамсиддин дар ҷони Мавлоно афрӯхтаву забоназанон шуда буд, ба оби лутфу борони файзи вуҷуди Салоҳиддин то ҳадде фурӯ нишаст ва гӯӣ ин амну фироғи муваққат муқаддимаи ҳусули инқилобе оташин ва шӯре азимтар буд, ки шӯрангезони ғайб дар нафси Ҳисомиддини Чалабӣ аз барои дили савдозада ва ҷони нимсӯхтаи Мавлоно таҳия медиданд.

# Ҳисомиддин Ҳасани Чалабӣ

Ҳисомиддин Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳасан[1] , ки Мавлоно вайро дар муқаддимаи Маснавӣ мифтоҳи хазоини арш ва амини кунузи фарш ва Боязиди вақт ва Ҷунайди замон мехонад, аслан аз аҳли Урмия аст ва бадин ҷиҳат Мавлоно вайро дар муқаддимаи Маснавӣ «урмавию-л-асл» гуфтааст ва хонадони ӯ ба Қуния муҳоҷират карда буданд ва Ҳисомиддин дар он шаҳр[2] ба соли 622 /1225м.таваллуд ёфт.

Чалабӣ, ки дар ашъори Мавлоно ва дар кутуби тазкира бар вай итлоқ шуда, унвони дигари Ҳисомиддин ва ба манзалаи лақабест, ки аз асли маънии умумии Чалабӣ[3] «Саййидӣ» ба тариқи тақйиду тахсиси ом ба хос мунсариф ва дар истилоҳи мутақаддимон[4] ба Ҳисомиддин ихтисос ёфтааст.

Илова бар лақаби Ҳисомиддин ва унвони Чалабӣ ӯ ба ибни Ахии турк низ маъруф буда ва иллати ин шуҳрат он аст, ки падарони вай аз сарони тариқаи футув-

---

[1] Гузашта аз он ки насаби ӯ ба ҳамин тартиб дар муқаддимаи Маснавӣ ва Маноқибу-л-орифин ва Нафаҳоту-л-унс мазкур аст, аз ин байти Мавлоно ҳам лақабу номи ӯро истинбот тавон кард:

> Эй шаҳ Ҳисомиддин Ҳасан, мегӯй бо он шаҳ, ки ман
> Дилро ғилофи маърифат баҳри ҳисомат мекунам.

[2] Санади ин таърих фехристест, ки мудири музеи Қуния аз касоне, ки дар мақбараи Мавлоно мадфунанд, ба замимаи нақшаи мақбара ва тавобиъи он фароҳам карда ва таърихи валодату вафоти онопро ҳатталмақдур навиштааст.

[3] Ва Чалабӣ ба ҷими маъқуд ва ломи мафтуҳайн ва бои мувах?ида ва ё тафсирихи би лисони-р-Рум саййидӣ. Риҳла ибни Батута, табъи Миср, ҷилди аввал, сафҳаи 183.

[1] Валекин дар хонадони Мавлоно ин калима унвони ашхоси дигар низ будааст, монанди Орифи Чалабӣ ва Чалабии обид ва Чалабии амири олим ва ғайра.

ват ва футувватомӯзи футиён[1] ва ҷавонмардон будаанд ва чун ин тоифа ба шайхи худ «ахӣ» мегуфтаанд, ба номи ахия ё ахён машҳур гардидаанд ва Ҳисомиддинро ҳам ба муносибати он ки падар ва ҷаддаш шайхи фитиён будаанд, «Ибни Ахии Турк» гӯянд.

Ҳисомиддин ҳанӯз мурохиқ нашуда буд, ки падараш даргузашт, «тамомати акобир ва машоихи замон ва арбоби футувват ӯро пеши худ даъват карданд, чи тамомати ахиёни муътабари мамолик тарбияи обо ва аҷдоди ӯ буданд ва фуқоъ аз эшон мегушоданд, ҳамчунон алоҳида сиҳат-сиҳҳати ҳар якро ба имъони назар дарёфта, бо ҷамиъи лолоён ва ҷавонони худ рост ба ҳазрати Мавлоно омада, сар ниҳода ва хидмати он ҳазратро ихтиёр карда, хидматкорон ва ҷавонони худро дастур дод, то ҳар як ба аксоби худ машғул шаванд ва аз ҳосили асбоб ва амлоки молобуди ӯро муҳайё гардонанд ва ҳар чӣ дошт, ба дафаъот нисори он ҳазрат кард ва чу-

[1] Футувват дар луғат ба маънии ҷавон ва ҷавонмардӣ, яъне маҷмӯъи мардӣ ва мардумист ва он яке аз мақомоти орифин ва мароҳили тариқат ва тасаввуф аст ва дар истилои ин тоифа исм аст барои мақоми диле, ки аз сифоти нафсонӣ софӣ шуда бошад ва онро бар се дараҷа кардаанд. Вале баъдҳо ва ала-т-таққиқ дар қарни шашум футувват тариқаи мустақил ва дорои шароиту аркон ва ташкилоти ҷудогона буда, ки бо тасаввуф тафовути бисёр дорад ва дар ҳақиқат тариқаи айёрон, ки мусалламан дар авохири қарни дувум вуҷуд дошта ва усулу равиши махсусе дар зиндагонӣ доштаанд, бо миқдоре аз усули тасаввуф ба якдиғар омехта ва футувват ба вуҷуд омадааст.

Чунон ки дар тариқи тасаввуф ба шайх ҳоҷат аст, дар равиши футувватт ҳам ахӣ ҷонишини шайх ва қутб мебошад ва ба ҷои хирқа, ки шиори сӯфиён аст, фӯтиён ва ҷавонмардон саровилро (зерҷома) шиъори худ карда ва ҳар як камарбастаи шахсе, ки ӯро пир шуд (камар бастан) мехонанд, будаанд ва санади саровил ва футувват монанди санади хира ба амирулмӯъминин Алӣ, ки дар истилоҳи ин тоифа қутби футувват аст, мерасад. Дар тариқаи тасаввуф бештар, балки тамоми ҳиммати солик ба риёзоти нафсонӣ масруф аст ва дар баробари он фитиён ва ҷавонмардон дар варзишҳои баданӣ, аз қабили тирандозӣ ва шамшербозӣ ва новакашӣ ва куштӣ гирифтан ва истеъмоли гурз ва амсолиҳи соъӣ ва кӯшо будаанд ва ар як кулоҳе баланд, ки аз нӯки он порчае борику дароз овехта мешуд, пӯшида →

нон шуд, ки ҳечаш намонд, то ҳадде, ки лолоён ташниъ заданд, ки ҳеч асбобу амлок намонд. Фармуд, ки асбоби хонаро бифурӯшед. Баъд аз чанд рӯз гуфтанд, ки ба ғайр аз мо ҳеч дигар намонд. Фармуд: Ал-ҳамду ли-л-Лоҳи рабби-л-оламин, ки мутобиъати зоҳири (сунат) расулу-л-Лоҳ муяссар шуд, шуморо низ ҳасбатан ли-л-Лоҳ ва талабан лимарзотиҳи ба ишқи Мавлоно озод кардам». Дар он айём, ки Шайх Салоҳиддин баргузида ва халифаи Мавлоно буд, Ҳисомиддин дар хидмати вай ба шароити бандагӣ ва иродат қиём мекард ва сари таслим дар пеш медошт ва чун Салоҳиддин хирқа тиҳӣ кард назар ба ҷонбозӣ ва фидокорие, ки аз оғоз дар бандагии Мавлоно карда буд, «мақбули он ҳазрат шуд ва ҳар

---

→ ва мӯза дар пой карда, ханҷар ё корде ба камар мезадаанд ва рӯзҳо дар талаби маош кӯшида, дахли рӯзро бо худ ба маҷлис ва лангар, ки маҳалли ахӣ ва мавзӯъи иҷтимоъи шабонаи фитиён буда, меоварда ва бо якдигар сарф менамудаанд. Меҳмондорӣ ва хидмат ба дӯстон ва посбонии раъият ва аҳли маҳал кори умдаи онон ба шумор мерафта аст.

Муқаддам ва раиси ин тоифаро ахӣ мегуфтаанд. Барои найл бад-ин мартаба зоҳиран шароити бисёр лозим набудааст, балки ҳар кас, ки аҳли футувват бар вай иттифоқ менамуданд, бад-ин мартаба мерасид ва муваззаф буд, ки зовияе бисозад ва лавозими он аз чароғу фарш ва ғайра фароҳам намояд ва фитиён чунон ки гуфта шуд, аз мадохили рӯз махориҷи шабро таҳия медиданд ва пас аз тановули гизо ба ғино ва рақс шабро ба рӯз меоварданд. Баъзе аз мардуми он аср ҳам фарзандони худро барои тарбият ва такмили қувои баданӣ ба ахиён месупурданд. Бад-ин ҷиҳат лангарҳо маркази фасоди ахлоқ шуда буд ва Авҳадии Марогаӣ ба сабаби ҳамин воқиъа футувватдоронро мазаммат кардааст.

Фитиёни аъмоли аҷибу асроре махсус ба худ дошта ва барои ғолиби асбобу абзори футувват рамузе қоил будаанд. Дар мамолики Салҷуқии Рум дар қарни ҳафтум ва ҳаштум ҳеч шаҳре аз чандин футувватхона холӣ набуда ва ибни Батута дар мусофирати худ ғолиби мавоҳиъро ба меҳмонии онон рӯз мегузордааст. Айёрон, ки дар афсонаҳои форсии қуруни мутааххир аз қабили Искандарнома, Румузи ҳамза вақоеъ ва аҳволи онон дида мешавад аз ҳамин ҷамъият будаанд ва зӯрхонакорон, ки то аҳди ҳозир вуҷуд доранд, аз бақоёи онон мебошанд. Барои иттилоъи бештар аз аҳволи фитиён ва маъонии футувват руҷӯъ кунед ба Рисолаи Қушайрия ва Манозилу-с-соирин ва Футувватномаи султонӣ ва Қобуснома ва Риҳла ибни Батута ва Ҷоми Ҷами Авҳадӣ ва Таърихи Табарӣ ва Комили ибни Асир.

чӣ аз олами ғайб ҳосил мешуд, ҳамаро ба ҳазрати Чалабӣ Ҳисомиддин фиристода, ӯро муқаддами асҳобу сарлашкари ҷунду-л-Лоҳ гардонид».

Ихлос ва ҳусни иродати нахустин ба ҳадде дар Мавлоно коргар афтода буд, ки Ҳисомидддинро ба касон ва пайвастағони худ тарҷеҳ медод «ва ҳар чӣ аз олами гайб мулуку умаро ва муридони мутамаввил аз асбоб ва амволи дунявӣ фиристодандӣ, ҳамон соат ба Чалабӣ Ҳисомиддин фиристодӣ ва инони тасарруф ва тасрифи умурро ба дасти ӯ боз дода буд, магар рӯзе амир Тоҷиддини мӯътабар маблаги ҳафтод ҳазор дирами султонӣ фиристода буд. Фармуд, ки ҳамаро баргиранд ва ба Чалабӣ Ҳисомиддин баранд. Султонвалад фармуда бошад, ки дар хона ҳеч нест ва ҳар футӯҳе ки меояд, Худовандгор ба Чалабӣ мефиристад, пас мо чӣ кунем?

Фармуд, ки Баҳоуддин ва-л-Лоҳу би-л-Лоҳи та-л-Лоҳ, ки агар сад ҳазор комили зоҳидро ҳолати мухаммаса воқиъ шаваду бими ҳалокат бошад ва моро якто нон бошад, онро ҳам ба ҳазрати Чалабӣ фиристем». Дӯстӣ ва инояти Мавлоно бо Чалабӣ бад-он ҷо расида буд, ки хотираш бе вуҷуди ӯ намешукуфт ва дар маҷлисе[1], ки Чалабӣ ҳузур надошт, Мавлоно гарм намешуду сухан намеронд ва маърифт намегуфт. Ёрон ин маъниро дарёфта буданд ва дар ин гуна маҷолис беш аз ҳар чиз вуҷуди Ҳисомиддинро лозим мешумурданд. Аз муқаддимаи «Маснавӣ» ва сароғозҳои дафтари чаҳоруму[2] па-

---

[1] Дар «Манокибу-л-орифин» накл шудааст: «Рӯзе Муъиниддини Парвона ҷамъияте азим сохта буд ва ҷамиъи судуру акобирро хонда ва он рӯз Мавлоно ба маъонӣ шурӯъ нафармуд ва ҳеч каломот нагуфт. Ва ғӯянд ҳанӯз Чалабӣ Ҳисомиддинро нахонда буданд ва Парвонаро ба фиросат маълум шуд, ки албатта Чалабиро бояд хондан. Аз Мавлоно иҷозат хост, ки ҳазрати Чалабиро аз боғ бихонад. Фармуд, ки маслиҳат бошад».

[2] Дар огози дафтари чаҳорум фармояд: →

нчуму шашуми ин китоб ба хубӣ метавон донист, ки Ҳисомиддин дар чашми Мавлоно чи мақоми баланде дошта ва то чӣ ҳад мавриди инояту алоқа будааст.

Ёрону муридони Мавлоно дар тӯли муддат муҳаззабу[1] муаддаб шуда буданд ва ин бор бар фарти инояти

---

→ Ай Зиёулҳақ Ҳисомиддин, тувӣ,
Ки гузашт аз маҳ ба нурат «Маснавӣ».
Ҳиммати олии ту, ай муртаҷо,
Мекашад, инро Худо донад куҷо.
«Маснавӣ»-ро чун ту мабдаъ будаӣ,
Гар фузун гардад, туаш афзудаӣ.
Чун чунин хоҳӣ, Худо хоҳад чунин,
Медиҳад Ҳақ орзун муттақин.
Кона ли-л-Лаҳ буда, ай дар момазо,
То ки кона-л-Лаҳ лаҳу омад ҷазо.
Ва дар оғози дафтари панҷум гӯяд:
Ай Зиёулҳақ Ҳисомиддини род,
Устодони сафоро устод.
Гар набудӣ халқ маҳҷубу касиф,
В-ар набудӣ ҳалқҳо тангу заъиф.
Дар мадеҳат доди маъни додаме,
Ғайри ин мантиқ лабе бикшодаме.
Шарҳи ту ғайб аст бар аҳли ҷаҳон,
Ҳамчу рози ишқ дорам дар ниҳон.
Ва дар оғози дафтари шашум фармудааст:
Бӯ нигаҳ дору бипарҳез аз зуком,
Тан бипӯш аз боду буди сарди ом.
То наяндозад машомат аз асар,
Ай ҳавошон аз зимистон сардтар.
Чун ҷамоданду фасурдатан шигарф,
Меҷаҳад анфосашон аз талли барф.
Чун ҷаҳон з-ин барф дарпӯшад кафан,
Теғи хуршеди Ҳисомиддин бизан.
Ҳин, барор аз шарқ сайфуллоҳро,
Гарм кун з-он шарқ ин даргоҳро.
Ва назоири ин абёт дар «Маснавӣ» бисёр аст

[1] Султонвалад дар ин боб гӯяд:
Ҳама ёрон мутеъи ӯ гаштанд,
Оби лутфи варо сабӯ гаштанд.
Ҳар яке захм хурда буд аввал,
Шуда нодим аз он хатову зилал.
Гашта буданд бо адаб ҷумла, →

Мавлоно ҳасад намебурданд ва бар хилофати Чалабӣ инкор нанамуданд ва ҳама дар пешгоҳи ӯ сар ниҳоданд.

Гузашта аз он ки Чалабӣ хилофи Мавлоно ва симати муқаддамию пешвоии муридон дошт, ба поймардии Тоҷиддини[1] муътабар шайхи хонақоҳи Зиёуддини вазир низ гардид ва агарчи дар рӯзи иҷлоси ӯ ба шайхӣ баъзе камари мухолифат дарбастанду фитна бархост,

→ З-он накарданд ҳам бар ин ҳамла.
Хурда буданд захмҳо з-ин кор,
Ҳама карданд з-он хато иқрор.
З-аввалин зарбати қавӣ х(в)рданд,
Дар дувум фитна камтарак карданд.
Дар севум нарму боадаб гаштанд,
Беҳасад роми марди раб гаштанд.
Кас аз он қавм саркашӣ нанмуд,
Ҳар яке амрро зи ҷон бишнуд.

[1] Тафсили ин воқиъа аз «Маноқиб»-и Афлокӣ нақл мешавад: «Дар замони Мавлоно шайхе буд бузург ва андар ду хонақоҳ шайх буд. Қазоро он дарвеш даргузашт ва амири кабир Тоҷиддини Мӯътабар маслиҳат чунон дид, ки тақрири хонақоҳро Зиёуддини вазир (вал асаҳ хонақоҳи Зиёуддини вазирро чунон ки аз дунболаи сухан мафҳум мешавад), ба номи Чалабӣ Ҳисомиддин бинависад ва аз султон фармон биситад. Баъд аз он ки фармон нафоз ёфт, амир Тоҷиддин иҷтимоъе азим карда, иҷлоси беназир сохт ва ба ҳазрати Мавлоно эълом карданд, ки хонақоҳи Зиёуддини вазир ба ҳазрати Чалабӣ тааллуқ гирифт. Мавлоно бо ҷамеъи ёрон бархосту равона шуд. Нафисиддин гуфт (ровии ин ҳикоят ӯст): Саҷҷодаи Чалабӣ ман бар дӯш гирифта будам. Мавлоно аз ман биситад ва бар дӯши худ андохт. Чун ба хонақоҳ даромад, фармуд, то саҷҷодаро бар садри суффа густарданд. Ахӣ Аҳмад, ки аз ҷумлаи ҷабобираи замон буду сардафтари риндон буд, дар он иҷлос омада, аз гояти ҳақду таассуб намехост, ки Чалабӣ дар он хонақоҳ шайх шавад. Аз ногоҳ бархосту саҷҷодаро дарнавардид, ки мо ӯро ба шайхӣ қабул намекунем. Ҳамоно ки халқи олам дарҳам рафтанд ва ахиёни мӯътабар, ки ба хонадони ахии турк ва ахӣ Башора мансуб буданд, мисли ахӣ Қайсару ахӣ Чӯпону ахӣ Муҳаммадсаййидӣ ва ғайриҳим, даст ба шамшеру корд ниҳоданд ва умарои фарид қасди қатли рунуди мурид карданд. Ҳазрат ҳеч нафармуд, ҳамчунон наъра бизаду аз хонақоҳ берун омад ва ахӣ Аҳмадро мадруду матруд карда, ба бандагӣ қабул нафармуд. Он беадабиро ба самъи султон расониданд. Мехост, ки ӯро ба қатл оварад. Мавлоно ризо надод ва оқибат Чалабӣ Ҳисомиддин ҳам дар хонақоҳи Зиёуддини вазир ба истиқболи тамом шайх шуд».

вале охируламр ҳавохоҳони Чалабӣ ғолиб омаданду ӯ соҳиби ду маснад ғардид.

## Оғози назми Маснавӣ

Беҳтарин ёдгори айёми суҳбати Мавлоно бо Ҳисомиддин бегумон назми «Маснавӣ»-ст, ки яке аз муҳимтарин осори адабии Эрон ва бе ҳеч шубҳате бузургтарину олитарин осори мутасаввифаи ислом мебошад ва сабаби ифозаву иллати ифодаи ин файзи азим аз вуҷуди Мавлоно ҳамоно Ҳисомиддини Чалабӣ будааст. Ба иттифоқи ривоёт чун Чалабӣ дид, ки ёрони Мавлоно бештар ба қироати осори Шайх Аттору Саноӣ машғуланд ва ғазалиёти Мавлоно агарчи бисёр аст, вале ҳанӯз асаре, ки муштамил бар ҳақоиқи тасаввуф ва дақоиқи одоби сулук бошад, аз табъи Мавлоно сар назадааст. Бад-ин ҷиҳат мунтазири фурсат буд, то шабе Мавлоноро дар хилват ёфту аз бисёрии ғазалиёт сухан ронд ва дархост намуд, то китобе ба тарзи «Илоҳинома»-и Саноӣ[1] (яъне «Ҳадиқа») ё «Мантиқу-т-тайр» ба назм

[1] Мақсуд аз «Илоҳинома» дар «Маснавӣ»-и Мавлоно ва «Маноқибу-л-орифин» бешак «Ҳадиқа»-и Саноист, на китоби дигар аз иншои Саноӣ ва на «Илоҳинома»-и Аттор, чи аввалан ҳеч як аз тазкиранависон китобе ба номи «Илоҳинома» ба Саноӣ нисбат надодаанд. Сониян шарҳе, ки Мавлоно дар ин абёт:

Ин даҳон бастӣ, даҳоне боз шуд,
К-ӯ хурандай луқмаҳои роз шуд.
Гар зи шери дев танро во барӣ,
Дар фитоми ӯ басе ҳалво х(в)арӣ.
Таркҷӯше кардаам ман нимхом,
Аз Ҳакими Ғазнавӣ бишнав тамом.
Дар Илоҳинома» гӯяд шарҳи ин,
Анҳакиму ғайбу фахрулорифин.

Ба «Илоҳинома» иҳола мекунад, дар ин абёти «Ҳадиқа» мулоҳиза мешавад:

Он набинӣ, ки пештар зи вуҷуд,
Ки туро кард дар раҳим мавҷуд.
Рӯзият дод нуҳ маҳ аз хуне,
Кард кори ҳаким бечуне. →

Дар шикам модарат ҳамепарвард,
Баъди нуҳ моҳ дар вуҷуд овард.
Он дари ризқ чуст бар ту бибаст,
Ду дари беҳтарат бидод ба даст.
Баъд аз он улф дод бо пистон,
Рӯзу шаб пеши ту ду чашма равон.
Гуфт, к-ин ҳар ду он ҳамеошом,
Кул ҳаниан, ки нест бар ту ҳаром.
Чун намудат фитом баъди ду сол,
Шуд дигаргун туро ҳама аҳвол.
Дод ризқи ту аз ду дасту ду пой,
З-ин бигиру аз он бирав ҳар ҷой.
Гар ду дар баста кард бар ту равост,
Ивази ду чаҳор дар барҷост.
З-ин ситон, з-он бирав ба пирӯзӣ,
Гирди олам ҳаметалаб рӯзӣ.
Чун аҷал ногаҳон фароз ояд,
Кори дунё ҳама маҷоз ояд.
Боз монад ду дасту по аз кор,
Бадали чор бидҳадат ночор.
Дар лаҳад ҳар чаҳор баста шавад,
Ҳашт ҷаннат туро хуҷаста шавад.
Ҳашт дари зулд бар ту бикшоянд,
Ҳуру ғилмон туро ба пеш оянд.
Ва низ ин ки Мавлоно гӯяд:
Ончунон гӯяд Ҳакими Ғазнавӣ
Дар «Илоҳинома», гар хуш бишнавӣ.
Кам фузулӣ кун ту дар ҳукми қадар,
Дархур омад шахси хар бо гӯши хар.

Ишора аст бад-ин байти «Ҳадиқа»:

Ту фузул аз миёна берун бар,
Гӯши хар дархур аст бо сари хар.

Солисан, ағлаби он чӣ Мавлоно аз Саноӣ нақл мекунад, маъхази онҳо китоби «Ҳадиқа» мебошад, ки дар «Маснавӣ»-и Мавлоно ва усули афкораш таъсире балеғ дорад. Гузашта аз маъонию мазомини бисёр, ки аз «Ҳадиқа» иқтибос кардаву бад-он ишорате нафармудааст, бо вуҷуди ин қароин шубҳае нест, ки «Илоҳинома»-и Саноӣ ҳамон «Ҳадиқа» мебошад. Аммо ин ки чаро Мавлоно китоби «Ҳадиқа»-ро бад-ин исм мехонад, гумон меравад, ки илова бар ҷиҳати таъзим сабаб он ин аст, ки Саноӣ хешро дар байти зайл Илоҳӣ номидааст:

Илоҳӣ номи худ кардам, бад-ӯ нисбат кунам худро, Агар ҳар шоире нисбат ба баҳмону фулон дорад.

Ва чун ин ном аз ҷанбаи ирфонӣ ва истиғроқи Саноӣ дар ишқи Илоҳи олам кошиф аст, Мавлоно ҳам китоби «Ҳадиқа»-ро, ки девон ва маҷмӯаи асрори ирфону тавҳид аст, ба номи «Илоҳинома», яъне номае, ки ба Илоҳӣ ё Илоҳ мансуб аст, мехонад ва бо тасреҳи Мавлоно дар ҳар ду маврид аз зикри «Илоҳинома» ба номи Ҳакими Ғазнавӣ шакке нахоҳад буд, ки «Илоҳинома»-и Фаридуддини Аттор мақсуд нест.

орад. Мавлоно филҳол аз сари дастори худ коғазе, ки муштамил буд бар 18 байт аз аввали «Маснавӣ», яъне аз «Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад» то «Пас, сухан кӯтоҳ бояд, вассалом» берун оварду ба дасти Ҳисомиддини Чалабӣ дод. Ҷазбу кӯшиши Ҳисомиддин, ки дар қувват аз ҷазби Шамс камтар набуд, бори дигар дарёи табъи Мавлоноро, ки нисбатан оромише дошт, ба ҷунбиш даровард ва шӯру бақарории дигар дод ва Мавлоно рӯзу шаб қарору ором намегирифт ва ба назми «Маснавӣ» машғул буду шабҳо Ҳисомиддин дар маҳзари вай менишаст ва ӯ ба бадеҳаи хотир «Маснавӣ» месуруд ва Ҳисомиддин менавишт ва маҷмӯи навиштаҳоро ба овози хубу баланд бар Мавлоно мехонд. Ва чунон ки абёти «Маснавӣ» ҳокист, баъзе шабҳо назми «Маснавӣ»[1] то сапедадам аз ҳам намегусаст ва гуфтану навиштан то ба субҳгоҳ мекашид. Чун муҷаллади аввал ба анҷом расид, ҳарами Ҳисомиддин даргузашт[2] ва ӯ парокандадилу машғулхотир гардид ва табъи Мавлоно ҳам, ки толибу муштарӣ намедид, аз малулон рӯй даркашид ва ду соли тамом назми «Маснавӣ» ба таъвиқ афтод, то бори дигар тафарруқи хотири Чалабӣ ба ҷамъият бадал шуд ва хоҳони огози назму анҷоми «Маснавӣ» гардид. Ва чун ҷузъи дувуми «Маснавӣ» дар соли 662 / 1264м.шурӯъ шуда[3] ва ду соли[4] тамом ҳам мобайни ит-

---

[1] Мақсуд ин байт аст:

Субҳ шуд, ай субҳро пушту паноҳ,
Узри маҳдумӣ Ҳисомиддин бихоҳ.

«Маснавӣ», дафтари аввал, чопи Алоуддавла (саҳ. 47).

Ва ҳамин матлабро Афлокӣ ҳам ривоят мекунад.

[2] «Маноқиб»-и Афлокӣ ва «Нафаҳоту-л-унс»

[3] Мавлоно гӯяд:

«Маснавӣ», ки сайқали арвоҳ буд,
Матлаъи таърихи ин савдову суд
Бозгашташ рӯзи истифтоҳ буд.
Соли ҳиҷрат шашсуду шасту ду буд.

«Маснавӣ», дафтари дувум, чопи Алоуддавла, саҳ.105.

[4] «Маноқиб»-и Афлокӣ ва «Нафаҳоту-л-унс»

моми ҷузви аввал ва оғози дафтари дувум фосила будааст, пас, бояд дафтари аввал миёнаи соли 657 /1259м.ва 660 /1262м. оғоз шуда бошад.

Аз таърихи 662 /1264м. то мавқиъе, ки ҷилди шашум ба анҷом расид ва зоҳиран то авохири умр Мавлоно ба назми «Маснавӣ» машғул буду Чалабӣ ва дигарон менавиштанду дар маҷолис хонда мешуд, чунон ки тафсили он биёяд.

Сӯҳбати[1] Мавлоно бо Чалабӣ 15 сол имтидод ёфт ва ёрон аз асари суҳбати он шайхи комил[2] ва ин толиби муштаҳӣ мавоиди фавоид мебурданд ва ба иродати тамом ба хидмати онон мусобиқат меварзиданд ва ин 15 сол Мавлоно аз ҳуҷуму ошӯби ноқисон то ҳадде осудахотир буд ва ҳамин осоиш ба роҳати абад ва иттисоли Мавлоно ба олами қудс мунтаҳӣ гардид.

---

[1] Дар «Валаднома» ва «Маноқибу-л-орифин» муддати ин мусоҳибат ҳам даҳ сол омада ва он саҳв аст, магар ба баъзе ривоёт, ки вафоти Салоҳиддинро ба соли 662 /1264м. гирифтаанд ва он низ ба қувват мавриди тардид мебошад.

[2] Ишора аст ба-ин байт:

Шайх комил буду толиб муштаҳӣ,
Мард чобук буду маркаб дар гаҳӣ.

«Маснавӣ», дафтари аввал, чопи Алоуддавла,саҳ 39.

# Фасли панҷум

## Поёни зиндагонӣ Вафоти Мавлоно

Мавлоно гарми сӯҳбати Ҳисомиддину ёрон чун парвона бар шамъи вуҷуди ӯ ошиқ буданд, ки ногоҳ он тавоноии олами маънӣ дар бистари нотавонӣ бияфтод ва ба ҳамои муҳаррик[1] дучор омад ва ҳар ҷо табибон[2] ба мудово кӯшиданд, суде набахшид ва оқибат рӯзи якшанбеи панҷуми моҳи ҷимодиюлохираи санаи 672 / 1274м.[3] вақте ки офтоби зоҳир зардрӯ мегашту доман

---

[1] Маҷмӯаи ёддоштҳои оқои Козимзодаи Эроншаҳр.

[2] Ин табибон Ҳаким Акмалиддин ва Ҳаким Ғазанфар будаанд. Руҷӯъ кунед ба шарҳи ҳоли Мавлоно, ки ба инзимоми «Маснавӣ» дар Бамбай (1340 /1932м.) ба табъ расидааст.

[3] Ин таърих аз абёти «Валаднома», ки дар зайл навишта меояд, мустафод аст:

Баъд аз он нақл кард Мавлоно
З-ин ҷаҳони касифи пурзаъно.
Панҷуми моҳ дар ҷимодохир,
Буд нуқлони он шаҳи фохир.
Сол ҳафтоду ду буда ба адад,
Шашсад аз аҳди ҳиҷрати Аҳмад.

Ва таърихи рӯз ва ин ки вафоти ӯ дар мавқиъи ғуруби Шамс воқиъ гардид, дар шарҳи ҳоли Мавлоно (замимаи «Маснавӣ», табъи Бамбай, 1340) манқул аст ва ҷузви ахирро Ҷомӣ низ дар «Нафаҳот» ривоят мекунад ва бинобар ин муқаддамот тамоми муддати зиндагонии Мавлоно шасту ҳашт солу се моҳи қамарӣ буда, зеро валодати ӯ дар шашуми рабеъулаввали 604 /1208м. ва вафоти ӯ дар таърихи мазкур воқиъ гардидааст.

Ва ин ки Давлатшоҳ («Тазкира»-и Давлатшоҳ, табъи Лидан, саҳ. 200) ва ба табаъи ӯ муаллифи «Оташкада» ва соҳиби «Равзату-л-ҷаннот» (Муҷалладӣ 4, саҳ. 198) вафоти Мавлоноро ба соли 661 /1263м. пиндоштаанд, →

дармечид, он хуршеди маърифат партави иноят аз пайкари ҷисмонӣ барғирифт ва аз ин ҷаҳони фурудин ба користони ғайб нақл фармуд.

Дар мавқиъе ки хабари нолонию бемории Мавлоно дар Қуния интишор ёфт, мардум ба аёдат ба расми беморпурсӣ ба хадмати вай мерасиданд[1]. «Шайх Садриддин, қаддаса сирраҳу, ба аёдати вай омад, фармуд, ки шафока-л-Лоҳ, шафоан оҷилан рафъи дараҷот бошад, умед аст, ки сиҳҳат бошад, хидмат Мавлоно ҷони оламиён аст. Фармуд, ки баъд аз ин шафокаллоҳ шуморо бод. Ҳамоно ки дар миёни ошиқу маъшуқ пироҳане аз шаър беш намонд рост, намехоҳед, ки нур ба нур пайвандад:

Ман шудам урён зи тан, ӯ аз хаёл,
Мехиромам дар ниҳоётулвисол.

Шайх бо асҳоб гирён шуданд ва ҳазрати Мавлоно ин ғазал фармуд:

Чӣ донӣ ту, ки дар ботин чӣ шоҳе ҳамнишин дорам,
Рухи заррини ман манғар, ки пойи оҳанин дорам».

Ва тамомии ин ғазал ба ҷиҳати татмим ва тавзеҳи мақсуд навишта омад:

Бад-он шаҳ, к-ӯ маро овард, куллӣ рӯй овардам,
В-аз он к-ӯ офаридастам, ҳазорон офарин дорам.
Гаҳе хуршедро монам, гаҳе дарёи гавҳарро,
Даруни дил фалак дорам, буруни дил замин дорам.

---

→ ғалате фоҳишу саҳве азим аст, чи илова бар тасреҳи Султонвалад, ки гуфтаи ӯ дар ин боб ҳуҷҷат аст. Чунонки дар саҳ. 118 аз ҳамин китоб гузашт, назми ҷилди дувум аз «Маснавӣ» ба соли 662 /1264м., яъне як сол пас аз таърихи мазкур оғоз шудааст ва низ мутобиқи ин ривоят чун Давлатшоҳ умри Мавлоноро 69 сол мешуморад (ки тақрибан саҳеҳ аст), мебоист валодати ӯ ба соли 592 /1196м. иттифоқ афтода бошад ва ин низ бегумон ғалат ва мухолифи гуфтаи худи Давлатшоҳ аст, ки Мавлоноро дар мавқиъи мулоқоти Аттор (610 ё 617 /1214-1221м.) тифлу кӯчак мехонад.

[1] Нафаҳоту-л-унс.

Даруни хумраи олам чу занбӯре ҳамепаррам,
Мабин ту нолаам танҳо, ки хона ангубин дорам.
Дило, гар толиби моӣ, баробар чархи хазроӣ,
Чунон қасрест шоҳи ман, ки амнуломинин дорам.
Чи бо ҳавл аст он обе, ки ин чарх аст аз ӯ гардон,
Чу ман дӯлоби он обам, чунин ширин ҷабин дорам.
Чу деву одамию ҷин ҳамебинӣ ба фармонам,
Намедонӣ Сулаймонам, ки дар хотам нигин дорам.
Чаро пажмурда бошам ман, ки бишкуфтаст ҳар ҷузвам,
Чаро харбанда бошам ман, буроқе зери зин дорам.
Чаро аз моҳ во монам, на ақраб кӯфт бар поям,
Чаро з-ин чоҳ бар н-оям, чу ман ҳаббалматин дорам.
Кабӯтархонае кардам кабӯтарҳои ҷонҳоро,
Бипар, ай мурғи ҷони ман, ки сад бурҷи ҳасин дорам.
Шуъоъи офтобам ман, агар дар хонаҳо гардам,
Ақиқу зардёқутам, валодат з-обу тин дорам.
Ту ҳар зарра, ки мебинӣ, биҷӯ дурри дигар дар вай,
Ки ҳар зарра ҳамегӯяд, ки дар ботин дафин дорам.
Туро ҳар гавҳаре ғӯяд машав қониъ ба ҳусни ман,
Ки аз шамъи замир аст, ин ки нуре дар ҷабин дорам.
Хамуш кардам, ки он ҳуше, ки дарёбӣ, надорӣ ту,
Маҷунбон гӯшу мафребон, ки ҳуши тезбин дорам.

Ба ривояти Афлокӣ[1] - ҳарами Мавлоно бад-ӯ гуфт: Кош Мавлоно 400 сол умр кардӣ, то оламро аз ҳақоиқу маориф пур сохтӣ. Мавлоно фармуд: Магар мо Фиръавнем, магар мо Намрудем, мо ба олами хок пайи иқомат наёмадем, мо дар зиндони дунё маҳбусем, умед ки анқариб ба базми ҳабиб расем, агар барои маслиҳату иршоди бечорагон набудӣ, як дам дар нишемани хок иқомат нагузидаме.

[1] Маҷмӯаи ёддоштҳои оқои Козимзодаи Эроншаҳр, ки дар нусхаи Афлокӣ, ки марҷаъи ин заъиф буда, ба воситаи афтодагӣ баъзе авроқи он дида намешавад.

«Ва хидмат Мавлоно[1] дар васияти асҳоб чунин фармудааст: Усикум битақви-л-Лоҳ фи-с-сирри ва алониятти ва биқиллати таъом ва қиллати-л-маном ва қиллати-л-калом ва ҳиҷрони-л-маъосӣ ва-л-асоми ва мувозибати-с-сиём ва давоми-л-қиём ва тарки-ш-шаҳавот ало-д-давоми ва эҳтимоли-л-ҷафои мин ҷамиъи-л-аноми ва тарки маҷолисати-с-суфаҳои ва-л-авом ва мусоҳибати-с-солиҳина ва-л-киром, фаинна хайра-н-носи ман янфаъу-н-носа ва хайра-л-каломи мо қалла ва далла ва-л-ҳамду ли-л-Лоҳи ваҳдаҳу».

Гӯянд:[2] Дар шаби охир, ки марази Мавлоно сахт шуда буд, хешону пайвастагон изтироби азим доштанд ва Султонвалад - фарзанди Мав-лоно ҳар дам бетобона ба сари падар меомад ва боз таҳаммули он ҳолат нокарда, аз утоқ берун мерафт. Мавлоно ин ғазали оташинро дар он вақт назм фармуд ва ин охирин ғазалест, ки Мавлоно сохтааст:

Рав сар бинеҳ ба болин, танҳо маро раҳо кун,
Тарки мани хароби шабғарди мубтало кун.
Моему мавҷи савдо, шаб то ба рӯз танҳо,
Хоҳӣ ба мо бибахшо, хоҳӣ бирав раҳо кун.
Аз ман ғурез, то ту ҳам дар бало наяфтӣ,
Бигзин раҳи саломат, тарки раҳи бало кун.
Моему оби дида, дар кунҷи ғам хазида,
Бар оби дидаи мо сад ҷой осиё кун.
Хиракушест моро, дорад диле чу хоро,
Бикшад, касаш нагӯяд, тадбири хунбаҳо кун.
Бар шоҳи хубрӯён воҷиб вафо набошад,

---

[2] Нафаҳоту-л-унс.

[3] Ин ҳикоят дар ҳошияи «Куллиёт»-и Шамс, ки мутааллиқ ба ҷаноби оқои Ҳоҷ Саййиднасруллоҳи Тақавӣ мебошаду нусхаи нафисест,. аз «Маноқиб»-и Афлокӣ нақл шудааст.

Ай зардрӯи ошиқ, ту сабр кун, вафо кун.
Дардест, ғайри мурдан, к-онро даво набошад,
Пас ман чӣ гуна гӯям, к-он дардро даво кун?
Дар хоб дӯш пире дар кӯи ишқ дидам[1],
Бо даст ишоратам кард, ки азм сӯи мо кун.

Аҳли Қуния[2] аз хурду бузург дар ҷанозаи Мавлоно ҳозир шуданд ва исавиёну яҳуд низ, ки сулҳҷӯию некхоҳии вайро озмуда буданд, ба ҳамдардии аҳли ислом шевану афғон мекарданд. Ва Шайх Садриддин[3] бар Мавлоно намоз хонду аз шиддати бехудию дард шаҳқае бизаду аз ҳуш бирафт.

Ҷанозаи Мавлоноро ба ҳурмати тамом баргириф-

---

[1] Мумкин аст ин байт ишора бошад бад-он чӣ Ҷомӣ дар «Нафаҳоту-л-унс» ривоят мекунад, ки Мавлоно фармуд, ки «Ёрони мо аз ин сӯ мекашанду Мавлоно Шамсиддин он ҷониб мехонад, ё қавмано уҷибу доъи-л-Лоҳ ночор рафтанӣ аст»

[2] Шарҳи он дар «Валаднома» чунин аст:

Мардуми шаҳр аз сағиру кабир
Ҳама андар фиғону оҳу нафир.
Деҳиён ҳам зи румию атрок
Карда аз дарди ӯ гиребон чок.
Ба ҷаноза-ш шуда ҳама ҳозир,
Аз сари меҳру ишқ, н-аз паи бир.
Аҳли ҳар мазҳабе бар ӯ содиқ,
Қавми ҳар миллате бар ӯ ошиқ.
Карда ӯро масеҳиён маъбуд,
Дида ӯро ҷуҳуд хуб чу Ҳуд.
Исавӣ гуфта ӯст Исии мо,
Мӯсийӣ гуфта ӯст Мӯсии мо.
Мӯъминаш хонда сирру нури расул,
Гуфта ҳаст ӯ азим баҳри нағул.

Ва ҳузури яҳуду насороро дар ҷанозаи вай Маҳмуди Маснавихон дар китоби «Савоқиб» ривоят карда. Ва низ дар шарҳи ҳоли Мавлоно (замимаи «Маснавӣ», табъи Бамбай, 1340 /1922м.) мазкур аст, ки муслимин аз исавиёну яҳудиён пурсиданд, ки шуморо бо Мавлоно чӣ тааллуқ будааст? Гуфтанд: Агар мусулмононро ба ҷои Муҳаммад буд, моро ҳам ба ҷои Мӯсову Исо буд ва агар шуморо пешвову муқтадӣ буд, моро ҳам ҳамон буд, ки қалбу фуводи мо дорад.

[3] Нафаҳоту-л-унс.

танду дар турбати муборак мадфун сохтанд ва қозӣ Сироҷиддин[1] дар баробари турбати Мавлоно ин абёт-ро бархонд:

Кош он рӯз, ки дар пои ту шуд хори аҷал,
Дасти гетӣ бизадӣ теғи ҳалокам бар сар.
То дар ин рӯз ҷаҳон бе ту надидӣ чашмам,
Ин манам бар сари хоки ту, ки хокам бар сар.

Муддати чиҳил рӯз[2] ёрон ва мардуми Қуния таъзия-

[1] «Маноқиб»-и Афлокӣ.

[2] Султонвалад дар ин боб гӯяд:

Ҳамчунон ин кашид то чил рӯз,
Ҳеч сокин нашуд даме тафу сӯз.
Баъди чил рӯз сӯи хона шуданд,
Ҳама машғули ин фасона шуданд.
Рӯзу шаб буд ғуфташон ҳама ин,
Ки шуд он ганҷ зери хок дафин.
Зикри аҳволу зиндагонии ӯ,
Зикри акволу дурфишонии ӯ.
Зикри хулқи латифи бемислаш,
Зикри хулқи шарифи бемислаш.
Зикри ишқи Худову таҷридаш,
Зикри мастию сидқи тавҳидаш.
Зикри танзеҳи ӯ аз ин дунё,
Куллии рағбаташ суи укбо.
Зикри лутфу тавозуъу карамаш,
Зикри ҳолу самоъи чун Ирамаш.

Маҳмуди Маснавихон нақл мекунад, ки дар маҷлиси амир Муъиниддин шӯрише азим барпо шуд ва амир Бадриддини Яхё сина чок заду ин рубоӣ бархонд:

Ку дида, ки дар ғами ту ғамнок нашуд,
Ё ҷайб, ки дар мотами ту чок нашуд?
Савганд ба рӯи ту, ки аз пушти замин
Монанди ту дарун шикамн хок нашуд.

Зоҳиран чунин бошад: Монанди ту андар шиками хок нашуд.

Аҳли маҷлис нолаву зорӣ карданд ва Парвонаро беихтиёрии азим даст доду бисёр бигирист ва эҳсони бисёр ба фуқаро карду яке ин рубоӣ иншо намуд:

Ай хок, зи дарди дил намеёрам гуфт,
К-имрӯз аҷал дар ту чӣ гавҳар биниҳуфт.
Доми дили оламе фитодат дар дом,
Дилбанди халоиқат дар оғӯш бихуфт.

Ва байти ахир дар нусхаи «Савоқиб» - таълифи Маҳмуди Маснавихон бад-ин сурат буд:

Доми дили олимиён фитодан бар дом,
Дилбанди халоике дар оғӯши ту ниҳуфт.

(Ва ба қиёс ислоҳшуд)

ти Мавлоно медоштанду нолаву гиря мекарданд ва бар фавти он саъодати осмонӣ дарегу ҳасрат мехӯрданд ва ахлоқи поки ӯ ба забон меоварданд. Ва мо дар анҷоми ин фасли пурҳасрат як ғазал аз ғазалиёти Мавлоно, ки бад-он монад, ки дар марсияи худу дилдории ёрон гуфта бошад, зикр мекунем:

Ба рӯзи марг чу тобути ман равон бошад,
Гумон мабар, ки маро дарди ин ҷаҳон бошад.
Барои ман магирийю магӯ дареғ, дареғ,
Ба доми дев дарафтӣ, дареғ он бошад.
Ҷанозаам чу бибинӣ, магӯ фироқ, фироқ,
Маро висолу мулоқот он замон бошад.
Маро ба гӯр супурдӣ, магӯ видоъ видоъ,
Ки гӯр пардаи ҷамъияти ҷинон бошад.
Фурӯ шудан чу бидидӣ, баромадан бингар,
Ғуруб шамсу қамарро чаро зиён бошад?
Кадом дона фурӯ рафт дар замин, ки наруст,
Чаро ба донаи инсонат ин гумон бошад.
Туро чунон бинамояд, ки ман ба хок шудам,
Ба зери пои ман ин ҳафт осмон бошад.

Баъд аз вафоти Мавлоно Аламиддини Қайсар, ки аз акобири Қуния буд[1], бо сармояи 30000 дирам ҳиммат баст, ки биное бар сари турбати Мавлоно бунёд кунад. Муъиниддин Сулаймони Парвона ӯро ба 80000 дирами накд мусоидат карду 50000 диғар ба ҳаволат бад-ӯ бахшид ва бад-ин тариқ турбати муборак, ки онро Қуббаи Хазро гӯянд, таъсис ёфт ва аларрасми пайваста[2] чанд маснавихону қорӣ дар сари қабри Мавлоно буданд. Яке

[1] «Манокиб»-и Афлокӣ.

[2] Ва Давлатшоҳ гӯяд: «Дар ин рӯзгор равнақи савмаъаву хонақоҳи Мавлоно дараҷаи аъло дорад ва мақсади зуввор аст ва бар сари равзаи муборакн Мавлоно аладдавом суфра муҳайёву фаршҳо ва рӯшноиҳо мураттаб аст ва авқофи бисёр бар он букъа салотини Рум мақаррар доштаанд» (Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан, саҳ. 200-201).Ва акнун марқади Мавлоно музеи авқоф шудааст.

аз он ҷумла аст Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ – муаллифи «Маноқибу-л-орифин», ки дар ин таълиф номи вай бисёр мебинем.

Мавлоно дар наздикии падари худ – Султонулуламо мадфун аст ва аз хонадону пайвастагони вай то кунун мутаҷовиз аз панҷоҳ тан дар он соҳати қудс мадфун шудаанд ва бино ба баъзе ривоёт[1] турбату мадфани Султонулуламо Баҳоувалад хонадони вай қаблан ба номи Боғи Султон маъруф буд ва Баҳоувалад ҳангоми вуруд ба Қуния гуфта буд, ки роиҳаи хонадони мо аз ин ҷо меояд ва султон он мавзиъро бад-ӯ бахшид ва сипас онро Ирамбоғча мегуфтанд.

[1]«Савоқиб»-и Маҳмуди Маснавихон.

# Фасли шашум

## Муосирини мавлоно аз машоихи тасаввуф ва уламову удабо

Мавлоно бо бисёре аз машоихи тасаввуф ва уламову удабо, ки дар Қуния мезиста ё бад-он шаҳр омадаанд, сӯҳбат дошта ва назар ба иштиҳору ғаробати тариқаи ӯ аксар бузургони он аҳд номи ӯро шунидаву баъзе низ ба қасди дидораш озими Қуния шудаанд.

Чунонки пештар гузашт, Мавлоно қатъи назар аз азамати падару хонадон ва аҳамияти нажод дар назари муслимин шахсан марде васеъулфикр ва каримулахлоқ ва дар улуми исломӣ мутазаллиъу бисёр тавоно буд, вале ихтилофи равиши ӯ бо соири машоихи тасаввуф ва зиндагонии пуршӯру ишқи ӯ, ки ба азҳони авом ва мутавасситин чандон муносиб наменамуд, як риштаи кашмакашҳову низоъҳое миёнаи ӯ ва машоихи тариқату фуқаҳо ба вуҷуд овард ва ин тоифа бар зидди ӯ қиём карданд ва ба газанди хотири озори дили ӯ мепардохтанд, чунонки таърихи ҳаёти Мавлоно ва ашъори «Маснавӣ»[1] ва ғазалиёт ба тасреҳу ишорат ин вақо-

---

[1] Чунонки гӯяд:

Харбате ногоҳ азархонае
Сар бурун овард чун таъонае.
К-ин сухан паст аст, яъне «Маснавӣ»
Қиссаи пайғамбар асту пайравӣ.
Нест зикру бахси асрори баланд,
Ки давонанд авлиё з-он сӯ саманд. →

иъро ёдоварӣ мекунад ва дар зимни ин китоб бад-он ишорат рафтааст.

Дар баробари он ҳама газанду озорҳо Мавлоно ба дили фориг саргарми кору ёри худ буд ва хилофандешонро ба хулқи кариму таҳаммули хориқулъода ба роҳи дӯстӣ меовард ва дар ҳалқаи иродатмандон мекашид ва охир табли самоъ[1] бар сари фуқаҳову уламои дин мениҳод.

Мусаллам аст, ки иддаи мувофиқону мухолифон ва касоне, ки ба хидмати ин донои бузург расидаанд, бисёр буда, вале афсӯс, ки дар таърихи зиндагонии ӯ номи аксари ин идда ва тарзи рафтори Мавлоноро бо онон, ки дустуруламали ахлоқ тавонист буд, забт накардаанд.

Инак, он чӣ аз мутолиаи тавориху сайр ва кутуби тазкира аз муосирини Мавлоно ва ҳаводиси муштараки онон ба даст омада, дар ин фасл мазкур хоҳад гардид.

## Садриддин Муҳаммад ибни Исҳоқи Қунавӣ

Садриддин Абулмаъолӣ Муҳаммад ибни Исҳоқ[2] (алмутаваффо 673 /1275м.) аслан аз Қуния ва аз бузургони уламои тасаввуфу машоҳири шогирдони Муҳиддини Арабист, ки осору таълифти ӯ дар миёни урафову асҳо-

→ Аз мақомоти татаббул то фано,
Поя-поя то мулоқоти Худо.

«Маснавӣ», дафтари севум, чопи Алоуддавла,саҳ 304.

Ва дӯсти донишманд оқои Улфати Исфаҳонӣ вақте мегуфт, ки мумкин аст муроди Мавлоно дар ин абёт Шайх Садриддин ва пайравони вай бошад.

[1] Афлокӣ ривоят мекунад, ки «Дар авохири ҳол чун Мавлоно ба самоъ мубошират мефармуд, Шамсиддини Мординӣ таблакро бар фарқи сар бардошта гуфтӣ: Ҳаққо, ҳаққо, тасбеҳ мегӯяд ва ҳар кӣ мегӯяд ин ҳаром аст, ҳаромзода аст». Ва ин Шамсиддин яке аз фуқаҳову қузотаи ҳанафӣ будааст.

[2] «Нафаҳоту-л-унс»-и Ҷомӣ ва «Маҷолису-л-муъминин».

би таҳқиқ шуҳрати бисёр дорад ва ӯ ба воситаи он ки модараш ба завҷияти Муҳиддини Арабӣ даромада буда, дар ҳуҷри тарбияти он орифи муҳаққиқ парвариш ёфт ва аз ҳама кас беҳтар ба машраби Муҳиддин дар масоили ирфон хосса ваҳдати вуҷуд ошноӣ ба ҳам расонида буд ва дар ҳақиқат ӯ тариқаи устоди худро ба ваҷҳе, ки мутобиқи шариат бошад, тақрир кард ва дар миёни урафову муслимин ва аслу марҷаъ мусаллам гардонид.

Илова бар фунуни тасаввуф Садриддин дар улуми шаръу фунуни зоҳир маҳорате басазо дошт ва ривояти ҳадис мекарду иҷозаи ривоят медод ва баъзе аз уламо[1] китоби «Ҷомиъу-л-усул»-ро бар вай қироат намуда, иҷозаи ривоят гирифтаанд.

Шайхи мазкур дар Қуния зовия ва мадрас дошт ва иддае аз бузургони ин тариқ, монанди Саъдуддини Ҳумавӣ[2] ва Муъиниддини Ҷундӣ[3] ва Фахриддини Ироқӣ бо вай ҳамнишин буда ва усули тасаввуфро аз вай фаро гирифтаанд.

Таълифоти ӯ дар тасаввуф монанди «Мифтоҳу-л-ғайб ва «Нусус» ва «Факук»-у «Нафаҳоти илоҳия» ҳамвора марҷаъи донишмандон буда ва онҳоро аз рӯи тааммуқ хондаву шарҳ мекардаанд.

Ибтидо Шайх Садриддин мункири Мавлоно буда,

---

[1] Мақсуд Қутбиддини Шерозист. Руҷӯъ кунед ба «Равзату-л-ҷаннот», ҷилди севум, саҳ. 533 ва «Ҷомиъу-л-усул» - китобест дар илми ҳадис, таълифи Абиасаъодот Муборак ибни Муҳаммад – маъруф ба Ибн ал-Асир, алмутаваффои санаи 606 /1210м., ки Садриддин онро ба як восита аз муаллиф самоъ карда буд ва ҳоҷӣ Халифа рисолае дар ҳадис ҳам ба номи «Ҷомиъу-л-усул» ба Садруддин нисбат медиҳад, вале дар ин ҷо мақсуд ҳамон китоби аввал аст.

[2] Шайх Саъдиддин Муҳаммад ибн ал-Муаййид (587-650 /1191-1253м.) аз асҳоби Шайх Наҷмиддини Куброст ва ӯро бо Муҳиддини Арабӣ иттифоқи мусоҳибат афтод. Тасонифи ӯ аксар рамзу ғайриқобили ҳал аст, ба форсӣ ва арабӣ ашъор дорад ва Ҳамдуллоҳи Муставфӣ вафоти ӯро ба соли 658 /1260м. шумурдааст.

[3] Аз муридону шогирдони Шайх Садриддин буд, барои иттилоъ аз аҳволи ӯ руҷӯъ кунед ба «Нафаҳоту-л-унс».

вале охируламр ба василати Шайх Сироҷиддин[1], ки зикри ӯ биёяд, сар ба ҳалқаи мухлисони Мавлоно овард ва чун аз маҷлис баромад, гуфт: «Ин мард муаййид мин инда-л-Лоҳ аст ва аз ҷумлаи мастурони қабоби иззат». Ва баъд аз ин миёнаи ин ду бузург робитаи дӯстӣ барқарор буд, чунонки вақте ҳикояти сирати Мавлоно ба миён омад, Шайх Садриддин ба сидқе тамом ва иқоне куллӣ шӯркунон фармуд, ки агар Боязиду Ҷунайд дар ин аҳд будандӣ, ғошияи ин марди мардонаро гирифтандӣ ва миннат бар ҷон ниҳодандӣ. Ҳамчунон хонсолори фақри муҳаммадӣ ӯст, мо ба туфайли ӯ завқ мекунем ва ҳамагӣ шавқу завқи мо аз қадами мубораки ӯст».

«Рӯзе дар хидмати шайх акобири бисёр нишаста буданд, аз ногоҳ аз дур ҳазрати Мавлоно пайдо шуд. Шайх бархосту бо ҷамиъи акобир истиқболи Мавлоно карда, ҳамоно ки бар канори суффа бинишаст. Шайх бисёр таклиф кард, ки албатта, бар сари саҷҷода нишинад. Фармуд, нашояд, ба Худо чӣ ҷавоб гӯям? Гуфто: То дар нимаи саҷҷода ҳазрати Мавлоно нишинад ва дар нимаи дигар банда. Гуфт: Натавонам. Шайх гуфт: Саҷҷодае, ки ба Худовандгор ба кор наёяд, ба мо низ нашояд. Саҷҷодаро дарнавардиду бияндохт». Ҳамчунон ки Шайх Садриддин дар ҳурмати Мавлоно мекӯшид, ӯ низ шайхро азим ҳурмат мениҳод. Ба ривояти Ҷомӣ «ҷамоъате аз хидмат Мавлавӣ илтимоси имомат карданд ва хидмат Шайх Садриддини Қунавӣ низ дар он ҷамоат буд, гуфт: Мо мардуми абдолем, ба ҳар ҷой, ки мерасем, менишинему мехезем, имоматро арбоби тасаввуфу тамкин лоиқанд. Ба қисмат Шайх Садриддин ишорат кард, то имом шуд, фармуд, ман сало халфа имомин тақо факааннамо сало халфа набӣ ». Дар мавқиъи вафоти Ҳисомиддини Чалабӣ аз Мавлоно пурсид, ки «намозн шуморо кӣ гузорад? Фармуд, ки Шайх Садрид-

[1] «Маноқиб»-и Афлокӣ.

дин». Аз ҳикоёте, ки зоҳиран дар айёми мухолифат воқиъ шуда, ин аст, ки Афлокӣ ривоят мекунад: «Мавлоно бо ҷамиъи асҳоб ба сӯи зовияи Шайх Садриддин мерафтанд, чун наздиктар расиданд, қоиммақом берун омад, ки шайх дар гӯша нест. Худовандгор фармуд: Хамуш кун, ин қадар аз шайхат наёмӯхтӣ, ки чизеро аз ту напурсанд, нагӯӣ. Аз он ҷо даргузаштанд ва ба мадрасае, ки дар он ҳаволӣ буд, даромаданд. Начандон маъорифу маъонӣ фармуд, ки тавон гуфт. Баъд фармуд, ки асҳобро маълум аст, ки мо ин ҷо чун омадем, мақсуди куллӣ он буд, ки ин буқъаи бечора ба забони ҳол ба Ҳазрати зулҷалол менолид, ки чанд пӯст-пӯст, охир рӯзе ба маъонии дӯст мушарраф нашавам».

## Қутбиддин Маҳмуди Шерозӣ

Қутбиддин Маҳмуд ибни Мусъуд ибни Муслиҳи Козарунии Шерозӣ[1] (634-710 /1237-1311м.) аз хонадони илму дониш буд ва падару[2] амми ӯ дар тиб дасте қавӣ

[1] Номи ӯ ба ҳамин тариқ дар садри мусаннафоти худи вай ва аксари кутуби таворих мазкур аст ва ин ки номи вайро баъзе Муҳаммад гуфтаанд, саҳв аст. Руҷӯъ кунед ба «Равзату-л-ҷаннот», ҷилди севум, табъи Эрон, саҳ. 533.

[2] Қутбиддин дар муқаддимаи шарҳи худ бар «Куллиёти қонун» мегӯяд: «Ва кунту мин аҳли байтин машҳурин би ҳозиҳи синоъати (тиб) шағафту фи раёни-ш-шибоб ва ҳадосати-с-син би таҳсилиҳо ва-л-иҳотати биҷамалатиҳо ва тафсилиҳо фа-ктаҳалту-с-суҳод ва таҷаннабту-р-риқод ило ан ҳафизту-л-мухтасароти-л-машҳура ва таяққнтуҳо ва шаҳадту-л-муолиҷоти-л-мутадовила ва таҳаққақтуҳо ва морасту кулла мо ятаъаллақу би-т-тиб ва-л-куҳл мин аъмоли-л-яд ка-силли ва-л-фасди ва-т-ташмири ва лақиту-з-зуфрата ва-с-субла ва ғайра золика-л-қадаҳ фанниаҳу ло яҳсинуҳу манокилу золика инда волиди-л-ум Зиёуддин Масъуд ибн ал-Муслиҳ ал-Козарунӣ вакона би иҷмоъи ақрониҳи тағаммадаҳу-л—Лоҳ бигуфрониҳи ва асканаҳу аъло ғурафи ҷинониҳи Буқроти замониҳи →

доштанду ба мудовои беморон мепардохтанд ва ӯ худ низ дар авоили ҳол ба ҷои падар дар бемористон шуғли каҳҳолӣ дошт ва аз он пас дар талаби илми тиб ва фаҳми мушкилоти «Қонун» ба Хуросон мусофират гузида, ба хидмати иддае аз донишмандон расид ва дар Қазвин ба маҷлиси дарси Наҷмиддин Абулҳасан Алӣ ибни Умари Дабирон маъруф ба Котибӣ[1] (алмутаваффо 675 / 1277м.) пайваст, то ин ки дар он маҷлис бо устоди бузург Хоҷа Насриддини Муҳаммади Тӯсӣ иттифоқан ошно гардид ва мулозимати ӯ ихтиёр кард ва маъруф чунон аст, ки ӯ дар расади Мароға яке аз дастёрони Хоҷа буд[2], вале номи ӯ дар муқаддимаи «Зичи элхонӣ», ки иншои Хоҷа Насириддин аст, мазкур нест.

Қутбиддин дар бисёре аз фунуни исломӣ, хосса ҳикмату шуъаби он аз илоҳию табиъӣ ва тиббу риёзӣ усто-

→ ва Ҷолинуси овониҳи ва ламмо иштаҳарту би-л-ҳадси-с-соиб ва-н-назари-с-соқиб фи таъдили-л-илоҷ ва табдили-л-мизоҷи раттабунӣ табибан ва каҳҳолан фи-л-мористон би Широз баъда вафоти волидӣ ва ано ибну арбаъати шарати сана ва бақийту алайҳи ашара синин» . Аз рӯи ин ғуфта, ки ба ихтисор нақл шуд, таърихи насби Қутбиддин ба табобату каҳҳолӣ санаи 648 /1251м. буда ва вафоти падараш низ алаззоҳир дар ҳамин ҳудуд иттифоқ афтода ва ӯ худ то соли 658 /1260м. табиби бемористон будааст ва баъд аз ин таърих дарси «Куллиёти қонун»-ро назди амми худ Камолиддини Абилхайр ибни Муслиҳи Козарунӣ шурӯъ намудааст.

[1] Наҷмиддин аз хонадони дабирони Қазвин аст ва аз уламои маъруфи қарни ҳафтум ва ӯ дар расади Мароға яке аз дастёрони Хоҷа Насириддин буд. Китоби «Ҳикмату-л-ъайн ва рисолаи «Шамсия» дар мантиқ, ки ба номи Шамсиддини Ҷувайнӣ таълиф карда, аз машҳуртарин осори ӯст ва ин ки Қутбиддин дар маҷлиси Котибӣ бо Хоҷа Насир дидор кард, дар «Салму-с-самовот» - таълифи Абулқосими Козарунӣ зикр шуда ва муаллифи «Равзату-л-ҷаннот» (ҷилди 3, саҳ. 533) ин матлабро аз он китоб нақл кардааст. Вале аз муқаддимаи аллома бар шарҳи «Куллиёти қонун» метавон истинбот кард, ки ӯ худ ба қасди истифода ба маҳзари Хоҷа Насриддин рӯй овардааст ва инак иборати аллома «Таваҷҷаҳту тилқоа мадинати-л-илм ва шатра каъбати-л-ҳикмати ва ҳия-л-ҳазрату-л-уляту-л-қудсия ва-с-сауддату-с-синияту-з-закияту-л-файласуфияту-л-устозияту-н-насириияту» ва муаййиди он гуфтаи Суютист дар «Бағияту-л-вуъот, табъи Миср (саҳ. 389 сумма софара ило-н-Насири ат-Тусӣ фақараа алайҳи ва бараъа»

[2] «Равзату-л-ҷаннот», ҷилди 4, табъи Эрон, саҳ. 510.

де моҳир буд ва таълифоти ӯ дар риёзию ҳикмат ҳоизи аҳамияти бисёр ва аз он ҷумла, шарҳи «Ҳикмату-л-ишроқ» ва шарҳи «Куллиёти қонун» ва «Ниҳояту-л-идрок» ва «Туҳфаи шоҳӣ» ва «Дуррату-т-тоҷ» ҳамвора матмаҳи назари уламо будааст.

Қутбиддин ба мамолики Рум мусофират кард[1] ва якчанд қозии шаҳри Сивос буду Муъиниддини Парвона ба илму дониши вай эътиқод дошт ва дар шаҳри Қуния ӯро бо Мавлоно иттифоқи дидор афтод.

Афлокӣ дар шарҳи ин мулоқот гӯяд: «Рӯзе Қутбиддини Шерозӣ ба зиёрати Мавлоно омада буд, суол кард, ки роҳи шумо чист? Фармуд, ки роҳи мо мурдану нақди худро ба осмон бурдан, то намирӣ, нарасӣ, чунонки Садриҷаҳон гуфт: то намурдӣ, набурдӣ. Қутбиддин гуфт: Оҳ, дареғо»! Чӣ кунам? Фармуд, ки ҳамин чӣ кунам? Пас он гоҳ дар самоъ омаду ин рубоӣ фармуд:

Гуфтам чӣ кунам, гуфт ҳамин ки чӣ кунам,
Гуфтам, ки беҳ аз ин чора бибин, ки чӣ кунам.
Рӯ кард ба ман, гуфт, ки ай толиби дин,
Пайваста бар ин бош, бар ин ки чӣ кунам.

Қутбиддин ҳамон дам мурид шуд». Ва ин ривоят мерасонад, ки Қутбиддин дар пешгоҳи азамати Мавлоно сари таслим пеш овард. Вале ҳамин ҳикоятро муаллифи «ал-Ҷавоҳиру-л-музиа»[2] тақрибан ба ҳамин сурат нақл карда ва аз он ҷо бармеояд, ки Қутбиддин барои имтиҳони Мавлоно омада ва охир ҳам иродат наёвардааст. Инак ривояти «Ал-ҷавоҳиру-л-мазиа»: «Қасадуҳу-л-шайх Қутбиддин аш-Шерозӣ ал-имому-л-машҳур соҳибу шарҳ Муқаддимату ва-л- Ибн ал-Ҳоҷиб мифтоҳ ли-с-Саккокӣ фаламмо дахала алайҳи ва ҷаласа индаҳу

[3] Зикри мусофирати вай ба мамолики Рум дар муқаддимаи шарҳи «Куллиёт» мушоҳида мешавад ва пас аз он дар санаи 681 /1283м. ба унвони рисолат аз тарафи Султон Аҳмад ба ҷониби Миср сафар кардааст.

[1] Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа, ҷилди дувум, табъи Ҳайдаробод, саҳ. 124.

саката анҳу замонан ва-ш-шайху ло юкаллимаҳу сумма баъда золика закара лаҳу ҳикоятан, кола Мавлоно Ҷалолуддин кона-с-садру ҷаҳон олиму[1] бухорӣ яхруҷу мин

---

[1] Ва ин ҳикоятро дар «Маснавӣ» (дафтари 6, чопи Алоуддавла, саҳ. 142) бад-ин тариқ назм додааст:

Дар Бухоро хӯи он садри аҷал,
Буд бо хоҳандагон ҳусни амал.
Дод бисёр ӯ атои бешумор,
То ба шаб будӣ зи ҷудаш зар нисор.
Зар ба когазпораҳо печида буд,
То вуҷудаш буд, меафшонд ҷуд.
Мубталоёнро будӣ рӯзи ато,
Рӯзи дигар бевагонро он сахо.
Рӯзи дигар бар алаввиён ҳақал,
Бо фақеҳон рӯзи дигар муштагал.
Рӯзи дигар бар тиҳидастони ом,
Рӯзи дигар бар гирифторони вом.
Шарт он буд, ки касе з-ӯ бо забои
Зар нахоҳад, ҳеч нагшояд даҳон.
Лек хомуш бар ҳаволии раҳаш
Истода муфлисон деворваш.
Ҳар кӣ кардӣ ногаҳон саҳван суол,
З-ӯ набурдӣ з-ин гунаҳ як ҳабба мол.
Навбату рӯзи фақеҳон ногаҳон
Як фақеҳ аз хирс омад дар фигон.
Кард зориҳо, вале чора набуд,
Гуфт ҳар навъе, набудаш ҳеч суд.
Рӯзи дигар бор к-ӯ печида по,
Покаш андар саффи қавми мубтало
Тахтаҳо бар соқ баст аз чаппу рост,
То барад он шаҳ гумон, к-ишкастапост.
Дидашу бишнохташ, чизе надод,
Рӯзи дигар рӯ бипӯшид аз лубод,
То гумон ояд, ки нобиност ӯ,
Дар миёни аъмиён бархост ӯ.
Пас бидид ӯву надодаш ҳеч чиз,
Аз гуноҳу ҷурм гуфтан он азиз.
Чунки оҷиз шуд зи сад гуна макид,
Чун занон ӯ чодаре бар сар кашид.
Дар миёни бевагон рафту нишаст,
Сар фуруд афканду пинҳон кард даст.
Ҳам шиносиду надодаш садкае, →

мадрасатиҳи ва ятаваччаҳу ило бустонин лаҳу фаямурру бифақири ало-т-тариқи фи масчиди фаясъалуҳу фалам ятафиқ аннаҳу юътиҳи шайъан ва ақома ало золика муддати синина касиратан фақола-л-фақир лиасҳобиҳи алқу алайя савбан ва азҳирӯ аннӣ майтун фаизо марра-с-садру чаҳон фасъалу илӣ шайъан фаламо марра-с-садру чаҳон қолу ё сайидӣ ҳозо майитун фадафаъа лаҳу шайъан мина-д-дароҳим сумма наҳаза-л-фақир ва алқо-с-савба анҳу фақола лаҳу-с-садру чаҳон лав лам тамут мо атайтука шайъан фаламмо фарағa Мавлоно Ҷалолиддин мин ҳикоятиҳи харача-ш-шайх Қутбиддин ало ваҷҳиҳи ва золика инна-ш-шайх Ҷалолиддин фаҳима ани-ш-шайх Қутбиддин иннаҳу чоаҳу мумтаҳинан лаҳу» ва зоҳиран ривояти ахир ба савоб наздиктар бошад[1] .

---

→ Дар дилаш омад зи ҳирмон ҳарқае.
Рафт пас пеши кафанхоҳе пагоҳ,
Ки бипечам дар намад, на пеши роҳ.
Ҳеч макшо лаб, нишину менигар,
То кунад Садричаҳон ин чо гузар.
Бу, ки бинад мурда, пиндорад ба зан,
Зар дарандозад пайи ваҷҳи кафан.
Ҳар чӣ бидҳад, нимае бидҳам ба ту,
Ҳамчунон кард он фақири гидяҳӯ.
Дар намад печиду дар роҳаш ниҳод,
Маъбари Садричаҳон он чо фитод.
Чанд зар андохт бар рӯи намад,
Даст берун кард аз таъчили х(в)ад.
Гуфт бо Садричаҳон чун бистадам,
Ай бибаста бар ман абвоби карам.
Гуфт, лекин то намурдӣ, ай унуд,
Аз чаноби мо набурдӣ ҳеч суд.
(*Ба ихтисор нақл шуд*)

[1] Чи Афлокӣ дар голиби ин маворид сухан берун аз доираи таҳқиқ меронад ва назари ӯ дар китоби худ тарвичи тариқа ва ақидаи мавлависн аст ва ин назар бо гуфтаи Суютӣ дар бораи Қутбиддин «Ло яҳмилуҳумо ва ло югаййиру зия-с-сӯфия» (Багияту-л-вуот , табъи Миср, саҳ. 390) мунофот надорад, зеро мумкин аст Қутбиддин ба пире дигар иродат варзида бошад, гузашта аз он ки доштани либоси тасаввуф далели дарвешӣ нест.

## Фахриддини Ироқӣ

Фахриддин Иброҳим Шаҳрёр[1] (600-688 /1204-1289м.) аслан аз Ҳамадон аст ва ба ҳамин муносибат дар ашъор Ироқӣ тахаллус мекард ва ӯ пас аз таҳсили камол бинобар ривояти Давлатшоҳ дасти иродат дар домани Шайх Шаҳобиддини Сухравардӣ зад ва ба ривояти саҳеҳтар борикаи ишқе бар ҷони вай тофту сар дар роҳи талаб ниҳод, то дар Мултон ба хидмати шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ расид ва муддати 25 сол, яъне аз санаи 641 /1243м. то 666 /1268м., ки соли вафоти шайхи мазкур аст, назди ӯ ба сар мебурд ва пас аз он зоҳиран ба сабаби мухолифати асҳоб ва касони Шайх Баҳоуддин бо вай бар сари хилофат ба азми ҳаҷ сафар гирифт ва дар шаҳри Макка[2] ва Мадина чанд қасида ба назм овард ва ба мамолики Рум омаду дар мазҳари шайх Садриддини Қунавӣ ба таҳсили усули ирфон машғул гардид ва китоби «Фусус ва футӯҳот»-ро аз таълифоти Муҳиддин ба дарс мехонд ва дар аснои дарси «Фусус...» китоби «Ламаъот»[3] -ро, ки аз муҳиммоти кутуби ори-

---

[1] Барои иттилоъ аз аҳволи вай руҷӯъ кунед ба «Таърихи гузида», чопи аксӣ (саҳ. 866) ва «Нафаҳоту-л-унс» ва «Тазкираи майхона», табъи Лоҳур (саҳ. 27-48) ва «Тазкираи Давлатшоҳ», табъи Лидан (саҳ. 210-218) ва «Оташкада» ва «Ҳафт пқлим» ва «Маҷмаъу-л-фусаҳо», ҷилди аввал, табъи Эрон (саҳ. 339).

[2] Ду қасидаи ба матлаъи зайл дар васфи Макка гуфтааст:

Ай ҷалолат фарши иззат ҷовидон андохта,
Гӯй дар майдони ваҳдат комрон андохта.
Ҳаббазо сафҳае биҳишт мисол,
Ки бувад осмон-ш саффи ниъол.

Ва чанд қасида ҳам дар мадина ба назм овардааст.

[3] Ин китоб бар тариқаи «Савониҳ» - таълифи Аҳмади Ғаззолӣ (алмутаваффо 520 /1126м.) таълиф шуда ва бас фасеҳу шӯрангез афтода ва Абдурраҳмони Ҷомӣ (алмутаваффо 898 /1493м.) онро ба форсӣ шарҳ карда ва «Ашъату-л-ламаот» номидааст.

фонаест, ки бар усули Муҳиддин таълиф шуда, мудавван сохтаву бар шайх бигузаронид. Дар айёми иқомати Қуния Ироқӣ шуҳрате ҳосил кард ва Муъиниддини Парвона ба ӯ иродат меварзид ва дар шаҳри Тавқот барои ӯ хонақоҳе бунёд ниҳод ва баъд аз гирифториюю қатли Парвона ба дасти Обоқохон (675 /1277м.) ночор аз билоди Рум ба Мисру Шом паноҳ бурд ва дар Миср ба мақомоти арҷманд ноил омад ва охируламр ба Шом даргузашт ва дар Солиҳа мадфун гардид.

Ироқӣ бо Мавлоно Ҷалолиддин алаттаҳқиқ дидор карда, чи қатъи назар аз иштироки тариқа ва завқи шоирӣ, чунон ки гузашт, риштаи дӯстию ягонагии Мавлоно ба Садриддин – устоди Ироқӣ пайваста шуда буд ва ин ду устод бо якдигар омезиш доштанд ва дар маҷолиси самоъи умаро ва бузургони Қуния ҳузур ба ҳам мерасониданд. Ҷои тардид нест, ки Ироқӣ дар ин маҷолис ҳозир буда ва аз равиши фикру маъонии Мавлоно баҳра мебурда. Ва Афлокӣ ин ҳикоятро дар иртиботи Ироқӣ бо Мавлоно навиштааст: «Рӯзе дар мадраса самоъе азим буд ва хидмат Шайх Фахриддини Ироқӣ, ки аз орифони замон буд, дар он соат ҳолате карда, хирқааш афтода мегашт ва бонгҳо мезад. Ҳамоно ки ҳазрати Мавлоно дар гӯшаи дигар самоъ мекард ва хидмат Мавлоно Акмалиддини табиб бо ҷамиъи акобиру уламо нигоҳдошт мекарданд. Баъд аз самоъ Акмалиддин гуфт, ки ай Худовандгори ростин, шайх Фахриддини Ироқӣ баъд аз ин хобҳои хуш хоҳад дидан, агар сар ин сӯ кунаду хусбад. Охируламр малҳузи назари иноят гашта, ба иҷозати он ҳазрат Муъиниддини Парвона Шайх Фахриддини Ироқиро ба ҷониби Тавқот равона карда, хонақоҳе олӣ ҷиҳати ӯ иморат фармуд ва шайхи хонақоҳ шуд ва пайваста Шайх Фахриддин дар самоъи мадраса ҳозир шудӣ ва доиман аз азамати Мавлоно гуфтӣ ва

оҳҳо задию гуфтӣ ӯро, камоянбагӣ ҳеч кас идрок на-кард ва дар олам ғариб омаду ғариб буду ғариб рафт».

## Шайх Наҷмиддини Розӣ

Наҷмиддин Абӯбакр Абдуллоҳ ибни Муҳаммад машҳур ба Доя,[1] ал-мутаваффо 654 /1256м. аз мардуми Рай ва яке аз хулафои Наҷмиддини Куброст, ки тарбияти ӯ аз тарафи Наҷмиддин ба халифаи бузурги ӯ Маҷдиддини Бағдодӣ вогузор шуда буд ва дар мавқиъи ҳуҷуми муғул[2], ки ҳар кас тавоноӣ дошт, фирор бар қарор ихтиёр мекард. Ӯ ҳам аз Хуросон ба Ҳамадон гурехт ва чун аз омадани тотор хабар шуд, бо баъзе аз шогирдони худ ба Ардабил ва охируламр ба Рум паноҳ бурд ва Алоуддини Кайқубод мақдами ӯро гиромӣ дошт ва шайх Наҷмиддин китоби «Мирсоду-л-ибод»-ро, ки аз беҳтарин кутуби тасаввуф аст, ба забони форсӣ ва онро сеҳри мутлақ тавон хонд[3], дар он мулк ба риштаи таҳрир кашид. Ва ӯ бо Шайх Садруддин ва Мавлоно омезиш дошт. Ва танҳо ин ҳикоят дар боби робитаи ӯ бо Мавлоно дар «Нафаҳоту-л-унс» ба назар расида ва инак зикр мешавад:

Гӯянд, ки вақте дар як маҷлис ҷамъ буданд,[4] намози

---

[1] Барои иттилоъ аз аҳволи ӯ руҷӯъ кунед ба «Нафаҳоту-л-унс» ва «Таърихи гузида», чопи аксӣ, саҳ. 791.

[2] Шарҳи ин воқиъа ба баёне балеғу ибороте роиқ дар муқаддимаи «Мирсоду-л-ибод» мазкур аст, касоне, ки моиланд аз таъсири ҳамлаи муғул дар дилҳои эрониёни он рӯз огоҳ шаванд, бад-он муқаддима мурочиа намоянд. «Мирсоду-л-ибод», табъи Теҳрон, 1312, саҳ.8-16.

[3] Ин китоб ба насси муаллиф ба таърихи рамазони 618 /1222м. дар Қайсария огоз шуда ва ба таърихи шанбеи аввали раҷаби 620 /1223м. мавқиъе, ки муаллиф дар Сивос иқомат дошт, ба поён расонидааст. Руҷӯъ кунед ба «Мирсоду-л-ибод», саҳ.15 ва 311.

[4] Яъне Мавлоно Ҷалолуддин ва Садриддини Қунавӣ ва Шайх Наҷмиддини Розӣ.

шом қоим шуд. Аз рӯи илтимос имомат карданд, дар ҳар ду ракъат сураи «Қулё айюҳал- кофирун»-ро хонд. Чун намоз тамом карданд, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бо Шайх Садриддин бар ваҷҳи тайбат гуфт, ки зоҳиран як бор барои шумо хонду як бор барои мо».

## Баҳуоддин Қониъии Тӯсӣ

Баҳоуддин Аҳмад ибни Маҳмуд Қониъии Тӯсӣ ҳам аз касонест, ки аз бими мугул тарки ватан гуфта, худ-ро ба билоди Рум афкандаанд ва ӯ дар аёми шаҳрёрии Алоуддини Кайқубод ба Рум афтод ва дар он ноҳият ҳашматею ҳурмате тамом ёфт ва ба мадҳи Алоуддини Кайқубод ва Ғиёсиддини Кайхусрав ва Азуддини Кайковус рӯз мегузошт ва таърихи салоҷиқа ба номи «Салҷуқнома» ва «Калила ва Димна»-ро ба назм кашид. Ва ӯ бо Мавлоно дидор мекард. Ва шарҳи яке аз маҷолиси ӯ бад-ин қарор аст: «Рӯзе Мавлоно дар мадрасаи муборак нишаста буд, аз ногоҳ маликушшуаро амир Баҳоуддини Қониъӣ, ки Хоқонии замон буд, бо ҷамоъате акобир ба зиёрати Мавлоно даромаданд. Қониъӣ гуфт, ки Саноиро дӯст намедорам, аз он ки мусулмон набуд. Фармуд: Ба чӣ маънӣ ӯ мусулмон набуд? Гуфт: Аз барои он ки оёти Қуръони маҷидро дар ашъори худ сабт кардаасту қавофӣ сохта. Ҳазрати Мавлоно ба ҳиддати тамом Қониъиро дарҳам шикаста, фармуд ки хамуш кун, чӣ ҷои мусулмонӣ, ки агар мусулмоне азамати ӯро дидӣ, кулоҳ аз сараш бияфтодӣ, мусулмон туиву ҳазорон ҳамчу ту, ӯ аз кавнайн муслим буд». Ва гӯянд, ки Қониъӣ Мавлоноро марсият гуфтааст.

## Сироҷиддини Урмавӣ

Қозӣ Сироҷиддини Абуссано Маҳмуд ибни Абӯбакри Урмавӣ[1] (594-682 /1198-1284м.) аз аҷалаи уламои қарни ҳафтум ва аз шогирдони Камолиддини Юнус[2] ба шумор аст ва таълифоти чанд дар усули фиқҳу дин ва мантиқ бад-ӯ мансуб мебошад, ки аз ҳама машҳуртар китоби «Матолиъу-л-анвор» аст ва Қутбиддини Розӣ[3] шарҳе муфассал бар он навишта ва он шарҳ со-

[1] Руҷӯъ кунед ба «Табақоту-ш-шофиъия» - таълифи Тоҷиддин Абинаср Абдулваҳҳоби Сабкӣ, ҷилди панҷум, табъи Миср, саҳ. 155.

[2] Камолиддин Мӯсо ибни Абилфазл Юнус (551-639 /1157-1242м.) аз аиммаи уламои ислом ва аъоҷиби рӯзгор буд. ибтидоан назди падари худ Разиюддин Абилфазл (508-576 /1115-1181м.) ба таҳсили фиқҳ пардохт. Сипас дар соли 571 /1176м. ба Бағдод рафт ва дар мадрасаи Низомия иқомат гузид ва назди мударрисини он мадраса илм меомӯхт ва аз он ҷо ба Мавсил омаду ба тадрис машғул гардид ва яке аз ҷумлаи шогирдони ӯ Асириддин Муффазал ибни Умар ал-Абҳарӣ (алмутаваффо 663 /1265м.) мебошад (ки худ аз аҷалаи ҳукамои ислом аст ва китоби «Ҳидоя», ки Майбадӣ ва Муллосадро шарҳ кардаанд, аз кутуби ӯст).

Камолиддин дар улуми исломӣ аз қабили усулу фиқҳу хилофу ҳадису таворих ва низ дар мантиқу ҳикмати табиъӣ ва илоҳию фанни калом ва улуми риёзӣ устоде мутабаҳҳир буд. Муслимин назди вай улуми шаръӣ таълим мегирифтанд ва яҳуду насоро Тавроту Инҷил мехонданд ва мушкилоти он дуро аз вай мепурсиданд ва иқрор доштанд, ки ҳеч кас бад-ин хубӣ аз ӯҳдаи шарҳи румузи Тавроту Инҷил барнамеояд.

Барои иттилоъ аз таърихи зиндагии ӯ руҷӯъ кунад ба «Вафиёту-л-аъён», ҷилди дувум, табъи Эрон, саҳ. 256-259 ва «Табақоту-ш-шофиъия», ҷилди панҷум, табъи Миср, саҳ. 158-162.

[3] Қутбиддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Бӯяҳии Розӣ (алмутаваффо 766 /1365м.) аз уламои қарни ҳаштум ва аз зумраи шогирдони Қутбиддин ва Алломаи Ҳулӣ (алмутаваффо 726 /1326) ба шумор аст. Дар Варомини Рай валодат ёфт ва назди Ғиёсиддин Муҳаммад ибни Хоҷа Рашидаддин (алмақтул 736 /1336м.), ки шарҳи «Шамсия» ва «Матолиъ»-ро ба номи вай таълиф карда, маконате басазо дошт ва пас аз қатли вай ба Шом рафту машҳур гардид ва умри вай ҳамон ҷо ба поён расид. Китоби «Маҳокимот» ва шарҳи «Шамсия» ва «Матолиъ» аз маъруфтарин осори ӯст. Руҷӯъ кунед ба «Бағияту-л-вуот», табъи Миср, саҳ. 389 ва «Маҷолису-л-муъминин», табъи Эрон, саҳ.. 332 ва «Равзату-л-ҷаннот», ҷилди севум, табъи Эрон, саҳ. 532-535.

лиёни дароз маҳалли мурочиаи уламо будаву туллоб онро ба дарс мехондаанд.

Сирочиддин қисмати ахири умри худро дар Қуния ба сар мебурд ва табъан бо Мавлоно муоширaт дошт, вале дар аввали ҳол мункири мақомоти ӯ буд ва охир инкор ба иқрор кашид. Ва мо яке аз достонҳои ӯро бо Мавлоно ва абёте, ки бар сари қабри вай хондааст, дар фусули собиқ мундарич сохтаем.

## Сафиюддини Ҳиндӣ

Сафиюддин Муҳаммад ибни Абдурраҳими Ҳиндӣ[1] (644-715 /1247-1316м.) ба соли 667 /1269м. аз мавлиди худ (билоди Ҳинд) ба Яман рафт ва аз он чо азимати ҳач кард ва пас аз анчоми ҳач ба Миср ва охири кор ба Рум омад ва дар Қуния ба хидмати қозӣ Сирочиддин расиду назди ӯ ба таҳсил пардохт ва ба соли 685 /1287м., ки се сол аз марги устодаш гузашта буд, ба Димишқ рафту мударриси Атобакия ва Зоҳирия гардид ва дар ҳамон шаҳр вафот ёфт.

Сафиюддин аз уламои бузург ва донишмандони авохири қарни ҳафтум ва авоили қарни ҳаштум маҳсуб аст ва китоби «Ниҳояту-л-вусул ила-л-илми-л-усул» ва «Зубдату-л-калом» фӣ илми-л-калом» аз таълифоти ӯ мебошад ва ӯ дар Қуния ба хидмати Мавлоно расид ва яке аз мункирони муаччаб буд ва Мавлоно дар ҳаққи ӯ фармуд, ки «ҳазор габри румиро мусулмон кардан аз он саҳлтар, ки Сафиюддинро сафое бахшидан, ки лавҳи рӯҳи ӯ чун рӯймашкҳои кӯдакон сиёҳу торик гаштааст» ва ин ҳикоят рочиъ ба вай дар «Маноқиб»-и Афлокӣ дида мешавад: «Мавлоно Сафиюддини Ҳиндӣ, ки алло-

---

[1]Барои иттилоъ аз аҳволи ӯ ручӯъ кунед ба «Табақоту-ш-шофиъия», табъи Миср, чилди панчум, саҳ. 24.

ман замон буду дар мадрасаи Панбафурӯшон мударрис буд, гӯянд марде буд порсову мутаддайиин, магар рӯзе бар боми мадраса рафта буд, вузӯ месохт ва талабаи илм гирдогирди ӯ ҳалқа зада. Аз ногоҳ овози рубоб ба гӯши ӯ расид. Гуфт: бошад, ки ин рубоб чандон ки рафт, бештар шуду бидъат аз суннат гузашт, дар манъи он чорае бояд кардан». Ва Афлокӣ ривоят мекунад, ки ӯ ба василаи Султонвалад пас аз лобаҳо ба муридӣ пазируфта гардид.

## Шайх Саъдӣ

Шайх устод Саъдии Шерозӣ[1] (694 /1295м.), ки ба ҷиҳати азамати мақому шуҳрате, ки дар адабиёти форсӣ дорад, мустағнӣ аз таърифу васф аст, ҳам бо Мавлоно муосир буда ва ӯро дар зимни сафарҳо бо Мавлоно иттифоқи дидор афтода ва санади ин матлаб ду ривоят аст: Яке ривояти Афлокӣ ва он мутазаммини сабабу муқаддимаи мулоқоти Мавлоност бо Шайх Саъдӣ ва дигар ривояти муаллифи «Аҷоибу-л-булдон», ки то ҳадде тафсили ин мулоқотро мутазаммин мебошад ва муаййиди ривояти Афлокӣ тавонад буд. Ва ривояти Афлокӣ ин аст: «Малик Шамсиддини Ҳиндӣ, ки малики мулки Шероз буд, руқъае ба хидмати аъзамул-калому-л-лутфу-л-аном Шайх Саъдӣ исдор карда ва истидъо намудааст, ки ғазале ғариб, ки муҳтавии маъонии аҷиб бошад, бифиристед, то ғизои ҷони худ созам. Шайх Саъдӣ ғазале аз они Мавлоно, ки дар он айём ба Шероз бурда буданд ва ӯ ба куллӣ рабудаи он шуда,

---

[1] Барои иттилоъи муфассал аз аҳволи Шайх Саъдӣ ва ақволи мухталиф, ки муаррихин дар бораи зиндагонии ӯ доранд, руҷӯъ кунед ба муқаддимае, ки фозили муҳтарам оқои Абдулазими Қариб таълиф карда ва ба замимаи «Гулистон» ба табъ расонидаанд.

бинавишт ва он ғазал ин аст:[1]

Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чаппу рост,
Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?

Ва дар охири руқъа эълом кард, ки дар иқлими Рум подшоҳи муборакқадам зуҳур кардааст ва ин нафаҳот мар ӯрост, аз ин беҳтар ғазале нагуфтаанд ва низ нахоҳанд гуфтан. Маро ҳаваси он аст, ки ба зиёрати он султон ба диёри Рум равам ва Румро бар хоки пои ӯ бимолам, то маълуми малик бошад. Ҳамоно ки Малик Шамсиддин он ғазалро мутолиа карда, аз ҳад берун гиряҳо кард ва таҳсинҳо дода, маҷмаъе азим сох-та, бад-он ғазал самоъҳо карданд ва туҳафи бисёр ба хидмати Шайх Саъдӣ шукрона фиристод. Ва он буд, ки оқибатуламр Шайх Саъдӣ ба Қуния расида ба дастбӯси он ҳазрат мушарраф гашта, малҳузи назари инояти мардон шуда». Ва ривояти муаллифи «Аҷоибу-л-булдон»[2] чунин аст: «Гӯянд, ки шайхи аҳли тариқат Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар авқоти саёҳат ба шаҳри Мавлоно расид ва дар мавзиъе, ки миёнаи он ва хонақоҳи Мавлоно масофате буд, фуруд омаду рӯзе дар садади он шуд, ки бар тариқаи ӯ газале бисарояд, ин мисраъ бигуфт[3]: «Сармаст агар дарой, олам ба ҳам барояд» ва роҳи сухан бар вай баста гашт ва мисроъи дувумро ба назм натавонист овард. Пас дар маҷлиси самоъ ба хидмати Мавлоно расид, аввалин сухан, ки бар забони Мавлоно гузашт, ин буд:

---

[1] Тамомии ин газалро дар «Куллиёт»-и Шамс, табъи Ҳинд, сах. 162 тавон ёфт.

[2] Ин суханро муаллифи «Равзату-л-чаннот» аз «Ачоибу-л-булдон» нақл мекунад. Равзату-л-чаннот, мучаллади чаҳорум, табъи Эрон, саҳ. 200.

[3] Ин газал дар «Куллиёт»-и Саъдист ва дар замни газалиёти мавсум ба бадоиъ мавчуд аст ва Мавлоно Чалолуддин хам газале бад-ин вазну радифу қофият назм фармуда ва он ин аст:

Ай он ки пеши ҳуснат ҳур бе кадам дарояд,
Дар хонаи хиёлат шояд, ки гам барояд.

Ручӯъ кунед ба «Куллиёт»-и Шамс, табъи Ҳинд, сах. 311.

Сармаст агар дарой, олам ба ҳам барояд,
Хоки вуҷуди моро ғард аз адам бароянд-

то ба охири ғазал ва Шайх Саъдӣ донист, ки он чи Мавлоно меғӯяд, аз ғалабаи ҳол аст ва ақидати ӯ ба сафои ботини вай бияфзуд». Ин ду ривоят, ки аз манобиъи қадим ба мо расида, собит мекунад, ки миёнаи ин ду бузург мулоқоте даст дода ва натиҷаи он ҳусни эътиқоди Саъдӣ ба Мавлоно будааст. Лекин ин ғазали Саъдӣ:

Аз ҷон бурун наёмада, ҷононат орзуст,
Зуннор нобуридаву имонат орзуст.

ки саропо таъну таъриз[1] ва зоҳиран ҷавоби ин

[1] Монанди ин абёт аз ҳамин ғазал:
Бар даргаҳе, ки навбати аринӣ ҳамезананд,
Мӯре наию мулки Сулаймонат орзуст.
Марде наию хидмати марде накардаӣ,
В-он гоҳ саффи суффаи мардонат орзуст
Фиръавнвор лофи аналҳақ ҳамезанӣ,
В-он гоҳ қурби Мӯсии Имронат орзуст.

Ва ин ғазал низ ҷузви «Куллиёт»-и Шамс бо мухтасари тафовут ва изофае дар абёт (саҳ. 196) ба табъ расонидаанд ва гумон меравад, ки ин ғазал аз Саъдӣ бошад, вале баъзе ихтилофот, ки дар ин ғазал машҳуд мешавад, мухолифи ин назар нест, чи назоири он дар ашъори шуарои Эрон бисёр иттифоқ афтодааст.

Ёдоварӣ мекунам, ки ин байт «Бар даргаҳе, ки навбати аринӣ ҳамезананд», дар «Куллиёт»-и Шамс бад-ин сурат забт шуда:

Бар даргаҳе, ки навбати ҳаб лӣ ҳамезананд,
Мӯре наию мулки Сулаймонат орзуст.

Ва ин саҳеҳтар аст, чи «аринӣ» муносиби Мӯсо ва ҳаб лӣ муносиби Сулаймон ва ишора аст ба ояи Ҳаб лӣ мулкан ло янбағӣ лиаҳадин мин баъдӣ иннака анта-л-ваҳҳоб, ки дар Қуръон аз гуфтаи Сулаймон ворид шуда ва «аринӣ» ишора аст ба ояти дигар аз гуфтаи Мӯсо «Раббӣ аринӣ анзур илайка».

Ва бо вуҷуди он ки ин ғазал аз Шайх Саъдӣ бошад, таносуби вазну қофияту радиф далели он нест, ки онро ба муҷоботи ғазали Мавлоно ва дар таъни он бузург суруда бошад ва бешубҳа ин эҳтимоли заъиф аст, ки бо нусуси ривоёт баробарӣ натавонад кард ва низ ҳикояти «Бӯстон»:

Шунидам, ки мардест покизабум,
Шиносову раҳбар дар ақсои Рум.

Бӯстон, табъи Бамбай, 1309 /1892м., саҳ. 128 дар бораи Мавлоно суруда нашудааст, чи он ахлоқе, ки Шайх Саъдӣ аз он мард нақл мекунад, бо он чӣ аз зиндагонӣ ва ахлоқи Мавлоно Ҷалолиддин медонем, ба ҳеч рӯӣ созиш надорад ва Саъдӣ низ бартар аз он аст, ки ба комилону восилони илоҳӣ туҳмат бандад ва аз рӯи ғараз сухан ронад.

ғазали[1] Мавлоно бошад:

Бинмой рух, ки боғу гулистонам орзуст,
Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст-

мумкин аст дар ҷузъи ахири ин ривоёт, яъне эътиқоди Саъдӣ ба Мавлоно хадшае ворид созад, чунонки ихтилофи тариқаи ин ду низ шоҳиди ин муддао тавонад буд.

Илова бар ин ривоёти Афлокӣ то ҳадде маҳалли ишкол аст, чи малик Шамсиддини Ҳиндӣ[2] дар ин ривоят

---

[1] Бақияи ин ғазалро, ки аз ғазалҳои дилкашу латф аст, дар «Куллиёти Шамс» (саҳ. 171-172) бихонед

[2] Чи аз рӯи ашъори Саъдӣ маълум мегардад, ки вайро бо ин Шамсиддлин иртиботе буда ва дар ҳаққи ӯ мадоиҳе шево пардохтааст, ки аз он ҷумла қасидаест ба матлаъи зайл:

Аҳмадуллоҳу таъоло, ки аларрағми ҳасуд
Хайл боз омаду хайраш ба навосӣ маъқуд.

Ва ин қасидаро дар кашмакашҳои девониёни Порс бо якдигар ва насби Шамсиддини Ҳусайн бори дигар ба машоғили девонӣ ва бозгашти ӯ аз Ироқ ба Шероз суруда ва дар ишора ба насб ва бозгашти ӯ гуфтааст:

Хабар овард мубашшир, ки зи Батнони Ироқ,
Вафди Мансур ҳамеояду рафди марфуд.
Порсро ҳокиме аз ғайб фиристод Худой,
Порсоёнро зилле ба сар омад мамдуд.
Шамсидин сояи офоқу ҷамоли ислом,
Садри девону сари хайлу сипаҳдори ҷунуд.
Соҳиби олам, одил ҳасанулхулқ Ҳусайн,
Он ки дар арсаи гетист назираш мафқуд.

Ва дар қасидаи дигар ӯро амири машриқу мағриб мехонад:

Одили олим амири шарқу ғарб
Сарвари офоқ Шамсиддин Ҳусайн,

Ва ин хитоби назар ва қудрату нуфузи Шамсиддин аст ва шуаро назири ин таъбирот бисёр доранд ва бо гуфтани Афлокӣ дар бораи ӯ (Малики мулки Форс) таносуб дорад. Ва Шамсиддин Ҳусайн мобайни санаи 685 /1287м ва 690 /1291м. ба қатл расид.

Ва дар «Таърихи Вассоф» зикри Шамсиддин Муҳаммад ибни Молик, ки соҳиби сарвати ҷаҳон буд ва дар шуҳури санаи ситта ва сабъина ва ситтамиа бо инфирод ва истибдод мамолики Форсро соҳиби муқотиа шуд ва дар шуҳури санаи тисъа ва тисъина ва ситтамиа дар бегӯлаи инзиво ва мақоми ибтилоъ ваҷҳи чошту шом аз муъовинати бандазодагони худ меёфт ва низ зикри яке аз девониён мавсум ба Шамсиддин Малик дида мешавад, ки дар қасоиди Саъдӣ зикри онон нарафтааст.

Барои иттилоъ аз аҳволи ин се тан руҷӯъ кунед ба ҷилди дувум аз «Таърихи Вассоф».

ҳеч кас натавонад буд, магар Шамсиддин Ҳусайни Соҳибдевони форс, ки пас аз инқирози Оли Салғур аз тарафи элхонони мугул ин симат ёфт ва бинобар ин ӯ малики мулки Форс набуда ва ночор бояд ин унвонро муболиғаомез фарз кард ва низ таърихи насби ӯ ба Соҳибдевонӣ мутобиқи[1] насси вассоф мусодиф будааст бо санаи 671 /1273м.) ва ин агарчи бо зиндагонии Мавлоно ва Саъдӣ мубоянате надорад, лекин чун Афлокӣ дар зайли ҳамин ривоят нақл мекунад, ки Шамсиддин ба Сайфиддини Бохарзӣ[2] мӯътақид буд ва ин ғазалро назди ӯ фиристод ва Сайфиддин дар санаи 658 /1260м. вафот ёфта, пас дар он таърих Шамсиддини Соҳибдевон ба истилоҳи Афлокӣ «малики мулки Форс» набуда ва

[1] Таърихи Вассоф, ҷилди дувум, дар зайли таърихи Атобакони Форс.

[2] Шайх Сайфиддини Бохарзӣ, алмутаваффо 658 /1260м. аз хулафои Наҷмиддини Куброст, руҷӯъ кунед ба «Таърихи гузида», чопи аксӣ, саҳ. 789 ва 791 ва «Нафаҳоту-л-унс»-и Ҷомӣ.

Афлокӣ нақл мекунад: «Гӯянд малик Шамсиддин аз ҷумлаи мӯътақидони шайхи олим қутбулҳақ Сайфуддини Бохарзӣ буд, ғазалро дар коғазе бинавишта, бо армуғонҳои ғариб ба хидмати шайх фиристод, то шайх дар сари он ғазал чӣ гӯяд. Ҷамиъи акобири Бухоро дар хидмати шайх ҳозир буданд. Чун шайх он ғазалро ба фароғати тамом ва имъони назар мутолиа намуд, наъра бизаду бехуд шӯрҳо кард ва ҷомаҳо дариду фарёдҳо кард ва баъд аз он фармуд, ки

Зиҳӣ марди нозанин, зиҳӣ шаҳсавори дин, Зиҳӣ қутби осмон, зиҳӣ раҳмати замин.

Алҳақ, ғариб султоне, ки дар олам зуҳур кардааст, ҳаққо ва сумма ҳаққо, ки кофаи машоихи мозӣ, ки соҳиби мукошифа буданд, дар ҳасрати чунин марде буданд аз ҳазрати ҳақ ҷалла ва ало таманно мебурда, ки бадин давлат расанд, муяссарашон нашуд ва он саъодат ба охирзамониён рӯй намуд, чунон ки фармуд:

Марде, ки қавми пешин дар хоб ҷустаанд,
Охирзамониёнро кардаст иftиқод
(байт аз Мавлоност).

Аллоҳ, Аллоҳ, чоруқи оҳанин бояд пӯшидану асои оҳанин ба каф гирифтан ва ба талаби он бузург рафтан».

Ва мегӯяд, яке аз писарони Сайфиддин ба номи Мазҳариддин дар Қуния ба хидмати Мавлоно расид ва чандин сол иқомат намуду боз ба Бухоро шуд ва яке дигар аз писарони вай дар Қуния осудааст ва ин ҳикоят бар фарзи сиҳҳат ба иғроқоти махсуси Афлокӣ омехта шудааст.

бояд дар сухани ӯ ба навъи дигар тасарруф кард[1] ва таъвиле қоил шуд, то садру зайли ривоят ба якдигар мутаноқиз набошад.

Гузашта аз он ки ба фаҳвои ин ривоят бояд тасаввур кард, ки Саъдӣ пас аз бозгашт аз сафарҳои худ ва таваттун дар Шероз бори дигар мусофирате ба Рум карда ва ин сухан агарчи аз рӯи ақволи гузаштагон[2] дар боби мулоқоти ӯ бо Абоқохон ва Ҳумомиддин - шоири маъруф дар Табрез ба даст меояд ва аз ин ду байти Саъдӣ:

Дилам аз хиттаи Шероз ба куллӣ бигирифт,
Вақти он аст, ки пурсӣ хабар аз Бағдодам.
Ҳеч шак нест, ки фарёди ман он ҷо бирасад,
Аҷаб, ар соҳиби девон нарасад фарёдам.

низ мустафод аст, ки ӯ аз аҳволи малики Форс пас аз инқирози Атобакон дилхуш набуда ва азми сафаре доштааст[3]. Лекин қатъӣ набудани он аснод, ки мутаззами-

---

[1] Бад-ин тариқ, ки «малики мулки Форс» унвони Шамсиддин дар мавқиъи ҳудуси ин ҳикоят набуда, балки Афлокӣ онро аз пеши худ назар ба вусъати нуфуз ва иштиҳори Шамсиддин дар ин ҳикоят оварда бошад.

[2] Достони мулоқоти ӯ бо Абоқохон дар муқаддимаи «Куллиёт»-и Саъдӣ ва зикри дидор кардани вай Ҳумомиддинро дар «Ҳабибу-с-сияр» мазкур аст ва муҳаққиқин дар чигунагии мулоқоти он Элхон тардид доранд.

[3] Зеро мақсуд аз соҳибдевон дар ин қитъа Алоуддин Атомалики Ҷувайнист, ки ҳокими Ироқи Араб буд ва бинобар ин бояд ин азимат баъд аз сафарҳои нахустин, ки мобайни санаи 621 /1224 ва 655 /1257м. воқиъ шуда, иттифоқ афтода бошад.

Ва муайийди ин эҳтимолу вуқӯъи ин мусофират ин ғазали Саъдист, ки дар қисмати «Хавотим» (зоҳиран ғазалҳое, ки Саъдӣ дар охир назм карда) мебинем:

Меравам в-аз сари ҳасрат ба қафо менигарам,
Хабар аз пой надорам, ки замин месипарам.
Меравам бедилу беёру яқин медонам,
Ки мани дилшудаи зор на марди сафарам.
Ҷони ман зинда ба таъсири ҳавои лаби туст,
Созгорӣ накунад обу ҳавои дигарам.
Пой мепечаму чун пои дилам мепечад,
Бор мебандаму аз бор фурӯбастатарам.

→

→ Оташи хашми ту бурд оби мани хоколуд,
Баъд аз ин бод ба гӯши ту расонад хабарам.
Ҳар наварде, ки зи тӯмори ғамам боз кунӣ,
Ҳарфҳо бинӣ олуда ба хуни ҷигарам.
Ту мапиндор, ки ҳарфе ба забон орам агар,
То ба сина чу қалам боз шикофанд сарам.
Гар сухан гӯям минбаъд, шикоят бошад,
В-ар шикоят барам аз дасти ту, пеши кӣ барам?
Гарчи дар каъбаи ҳазрат набувад нури ҳузур,
Ҳамсафар беҳ ки намондаст маҷоли ҳазарам.
Гар ба дурии сафар аз ту ҷудо хоҳам монд,
Ту чунон дон, ки ҳамон Саъдии кӯтаҳназарам.
Ба қадам рафтаму ночор ба сар боз оям,
Гар ба доман нарасад чанги қазову қадарам.

Чунон ки аз ин ғазал равшан мешавад, Шайх бо сабаби ранҷиши яке аз ёрон ё пайвастагон ва шояд яке аз бузургони Порс дар Шероз маҷоли қарор надида ва бо дили пур аз шикоят, ки аз он ҳарфе ба забон намеоварад, қасди мусофират карда, вале бо он шарт, ки агар (ба қадам рафт, ба сар боз ояд) ва иллати ин мусофират аз рӯи ҳамин ғазал ҷузъи он аст, ки дар муқаддимаи «Гулистон» (аз ошуфтагии авзоъи кишвари Порс) баён мекунад ва ночор роҷиъ ба сафари дигар аст; хосса, ки дар огози сафарҳои нахустин алаззоҳир Шайх ба номи Саъдӣ машҳур ва низ шоир набудааст. Ҳол бибинем, ки шайх то куҷо рафта ва оё ба шарти худ вафо кардааст. Ғазали дигар, ки он ҳам дар «Хавотим» аст, ба хубӣ ҷавоби ин суолро медиҳад. Ғазал ин аст:

Саъдӣ инак ба қадам рафту ба сар боз омад,
То нагӯӣ, ки зи мастӣ ба хабар боз омад.
Дил суи хештану хотири шӯрангезаш,
Ҳамчунон ёвагию тан ба ҳазар боз омад.
Фитнаи шоҳиду савдозадаи боғу баҳор,
Ошиқи нағмаи мургони саҳар боз омад.
Солҳо рафт, магар ақлу сукун омӯзад,
То чӣ омӯхт, к-аз он шефтатар боз омад.
Хоки Шероз ҳамеша гули хушбӯй диҳад,
Лоҷарам булбули хушгӯй дигар боз омад.
Майлаш аз Шом ба Шероз ба Хусрав монист,
Ки ба андешаи ширин зи шакар боз омад.
Ҷурмнок аст, маломат накунедаш, ки карим
Бар гунаҳкор нагирад чу зи дар боз омад.

Пайдост, ки Саъдӣ ин ғазалро пас аз ғазали аввал назм карда ва бинобар ин Саъдӣ дар сафари дувум то Шом рафта ва муҳтамал аст, ки аз он ҷо ба Осиёи Сағир (мамолики Рум) азимат кардаву Мавлоноро дида бошад ва бар фарзи сиҳҳати ин ҳадс ӯ мобайни 662-672 /1263-1274м. даврап мусофиратҳои худро таҷдид кардааст. Ногуфта намонад, ки ин ғазал дар зимни қасоиди Саъдӣ бо мухтасар тафовуте мулоҳиза мешавад («Куллиёт»-и Саъдӣ, чопи Бамбай, 1309 қамарӣ /1892м.).

ни мулоқоти ӯ бо Ҳумом ва Абоқохон аст ва мадоиҳе, ки дар ҳаққи Анкиёну[1] ва Суғунчоқ Нуин - шаҳнагони муғул дар Порс дорад, ки муаййиди иқомати ӯ дар Шероз мебошад, достони сафари дувуми Саъдиро мутазалзил месозад.

Ва ин ҳама ишкол аз он чӣ ношист, ки барои мусофирати дувумини Саъдӣ асноди қавӣ дар даст нест ва дар ин ду ривоят зикри шоирӣ ва ба самоъ нишастани Мавлоно ба миён омада, ки ба мӯҷиби он бояд мулоқоти ӯ бо Саъдӣ пас аз санаи 642 /1245м., яъне аввалин таърихи[2] таваҷҷуҳи Мавлоно ба самоъ ва шеър ба вуқӯъ пайваста бошад.

Бо он ҳама, агарчи соли мулоқоти Мавлоно ва Саъдӣ ба таҳқиқ маълум нест ва гуфтори Афлокӣ ҳам холӣ аз ишкол намебошад, назар ба тавофуқи ривояти ӯ бо гуфтаи муаллифи «Аҷоибу-л-булдон», ки билқатъ валяқин маъхазу санади дигаре ҷуз «Маноқиб»-и Афлокӣ дар даст дошта, дар мулоқоти ин ду бузург ба осонӣ тардид натавон кард.

---

[1] Анкиёну дар санаи 662 /1263м. аз тарафи Абоқохон шаҳнагии Порс ёфт ва Саъдӣ дар ҳаққи вай қасидае дорад бад-ин матлаъ:

Басе сурат бигардидаст олам,
В-аз ин сурат бигардад оқибат ҳам.

Суғунчоқ Нуин бори аввал дар санаи 670 /1272м, дигар бор ба соли 677 /1279м. ба расидагии умури Порс маъмур гардид ва Саъдӣ ин қасида дар бораи ӯ гуфтааст:

Бас бигардиду бигардад рӯзгор,
Дил ба дунё дарнабандад ҳушёр.

Ва дар «Куллиёт»-и Саъдӣ, чопи Бамбай, 1309 /1892м. ин қасидаро ҳам дар мадҳи Анкиёну пиндоштаанд, вале ба далели ин байт:

Давлати Нуини аъзам - шаҳрёр, Бод, то бошад бақои рӯзгор.

эҳтимол меравад, ки дар бораи Суғунчоқ нуин гуфта бошад.

[2] Мутобиқи асноде, ки дар даст дорем, зоҳиран Мавлоно пеш аз дидори Шамс шеър намесохтааст ва ин матлаб аз тарафе мушкил аст, вале ба мулоҳизаи ривоёт аз қабули он чора нест.

# Фасли ҳафтум

## Шаҳрёрон ва умарои муосир

Мавлоно дар кишвари Рум бо чанд тан аз шаҳрёрони Салҷуқӣ, ки дар он мулк билистиқлол ё аз ҷониби муғул ба подшоҳӣ ва фармонравоӣ нишаста буданд, ҳамаср буд ва подшоҳони салҷуқӣ, ки аз қадим ба уламо ва донишмандону машоихи дин ва пирони тариқат иродат меварзиданд, назар ба қидмати хонадон ва шуҳрати падару азамати шахсӣ риъояти ҷониби Мавлоноро аз фароиз медонистанд ва дар ҳадди имкон русуми хидматро муроъот менамуданд.

Ҳамлаи ногаҳонии муғулу қатлу ғорати шаҳрҳо ва суқути давлати ҷаҳонгири Хоразмшоҳӣ ва оқибати ибратомези Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки дар назари мардум ва ба ақидаи ваъъозу муҳаддисон яке аз амороти ғазаби илоҳӣ ва оёти охируззамон ва сабаби он фарти беэътиноии мардум ба ҳудуди шариъат ва риояти суннат ва эърози онон аз фароизу сунани осмонӣ буд, биттабиъа муслиминро мутанаббиҳ гардонид ва ба худопарастию ибодат ва ҳурмати машоихи дин, ки бо қувои ғайбӣ сару кор доранд, мутаваҷҷиҳ сохт ва бар сари он умарову салотин ҳам дар натиҷаи эътиқоди қалбӣ ё бинобар нигаҳдорӣ ва ҳифзи тамоюлоти оммаи аҳли мамлакати худ ба пешравони тасаввуф ва зуҳҳоду уламо беш аз пеш ҳурмат мениҳоданд ва ба аҷзу ниёз бо эшон сулук мекарданд.

Муғул пас аз ҷанги Кӯсадоғ[1], ки байни Ғиёсиддини Кайхусрав ва Бойҷунён воқиъ ва ба ҳазимати Ғиёсиддин мунҷар гардид, ба мамолики Рум дасти татовул дароз карданд ва ба одати худ доди қатлу ғорат доданд ва мардуми он ноҳият ба ваҳшату изтироб афтоданд. Ва аз ин таърих ба баъд подшоҳони салҷуқиии Рум дастнишондаи муғулон буданд ва ночор барои ҳифзи мамлакат ва ҷону хонадони худ ба ҳар гуна қувваи моддию маънавӣ мутавассил ва муташаббис мегардиданд.

Бино ба он чӣ аз ривоёти «Валаднома» ва Афлокӣ мустафод мешавад, подшоҳони салҷуқии Рум ҳамагӣ ба Мавлоно иродат доштаанд ва аз ин миёна султон Азуддин Кайковус (643-655 /1246-1257м.) ва Рукниддин Қиличарслон (655-664 /1257-1266м.) ба хидмати ӯ низ расида ва дар маҷолиси самоъ ҳозир мешудаанд. Умарову вузарои он аҳд, ки аз машраби завқу тасаввуф баҳрае доштанду сӯҳбати машоихро фавзи азим мешумурданд, дар авони фурсат ба ҳузури Мавлоно мушарраф мешуданд ва подшоҳонро низ ба хидмати ӯ роғиб месохтанд. Чунон ки дар авоили ҳол мағар султони Рум Азуддини Кайковус аз азамати вилояти Мавлоно ғофил буд. Рӯзе Шамсиддини Исфаҳониро, ки вазири ӯ буд, эътироз намуд, ки дам ба дам ба ҳазрати Мавлоно чаро тараддуд мекунӣ ва аз он бузург чӣ дидаӣ, ки дар машоихи замон нест? Соҳиб Шамсиддин дар ҷавоби султон далоили бисёр баён карда, чунон ки султонро доъияи зиёрати он ҳазрат шуд. Ва бар ҳасби ривояти Афлокӣ Азуддини Кайковус яке аз муридони Мавлоно буд ва бародараш Султон Рукниддин, ки дар салтанат бо вай шарику саҳим буд, муътақиди Мавлоно шуд ва ҳалқаи бандагию иродат дар гӯш кашид ва ӯро падар сохт, вале охируламр рӯй аз он қиблаи муътариф бигардонид ва

[1] Шарҳи ин вокиаро дар мухтасари «Таъриху-с-салоҷиқа»-и Ибни Бийбӣ, саҳ. 241-236 мулоҳиза кунед.

муриди марде мартоз ва зоҳиде мутарассим мавсум ба Шайх Бобо гардид «ва дар ташти хона бунёди самоъ карда, ба икроми тамом Шайх Бобои Муридиро оварданд ва султон курсӣ ниҳода, бар паҳлӯи тахти худаш бинишонд. Ҳамоно ки чун ҳазрати Мавлоно аз дар даромад, салом доду ба кунҷе фурӯ кашид. Баъд аз тиловати Қуръони маҷид муаррифон фаслҳо хонда, Султон Ислом рӯ ба ҳазрати Мавлоно карду гуфт: То маълуми худованду машоих ва уламои кибор бошад, ки бандаи мухлис Шайх Бобо特 падари худ сохтам ва ӯ маро ба фарзандӣ қабул кард. Мавлоно гуфт: Инна Саъдан лагуюрун ва ано ағяру мин Саъдин ва-л-Лоҳу ағяру минно , фармуд, ки агар султон ӯро падари худ сохта, мо низ писари дигар гирем. Наърае бизаду побараҳна равон шуд». Ва Афлокӣ бино бар одати худ дар нақли кароммоти Мавлоно сабаби қатли Султон Рукниддинро, ки ба таҳрики Парвона сурат гирифт, ҳамин эърози Мавлоно мепиндорад, ки баъд аз ин маҷлис ба чанд рӯз умаро даъват карда, иттифоқ намуда, султонро ба Оқшаҳр талаб намуданд, то дар дафъи тотор машварате кунанд. Бархосту ба ҳазрати Мавлоно омад, то истиъонат хоста биравад. Фармуд: Агар наравӣ, беҳ бошад. Чун ахбори даъват мутавотир шуд, ночор азимат намуд. Чун ба Оқшаҳр расид, дар хилвате дароварда, зеҳи камон дар гарданаш карданд ва дар он ҳолат ки вақташ танг шуду метосониданд, фарёд мекарду «Мавлоно, Мавлоно» мегуфт. Ва мутобиқи ривояти ӯ Мавлоно ба ишрофи истиғоса ӯро дарёфт ва ин ғазалро фармудан гирифт:[1]

Нагуфтамат, марав он ҷо, ки ошно-т манам,
Дар ин сарои фано чашмаи ҳаёт манам.

Ва дар пай ғазали дигар фармуд:

[1] Ва бинобар ду ғазали мазкур бояд ба соли 664 манзум шуда бошад.

Нагуфтамат, марав он ҷо, ки мубтало-т кунанд,
Ба як назар ҳадафи новаки бало-т кунанд.

Ва ҳодисаи қатли Султон Рукниддин дар «Салҷуқнома»-и Ибни Бийбӣ[1] ба тафсил мастур ва сабаби аслии он хилофи ботинии Муъинуддини Парвона бо султон будааст.

Аз умарову вузарои Рум Ҷалолиддини Қаротой[2] ва Тоҷиддини Мӯътабар[3] ва Соҳиб Шамсиддин Исфаҳонӣ, ки зикри ӯ гузашт ва аз муридони Бурҳониддини Муҳаққиқ ва вазирони тавонову муқтадири аҳди Мавлоно буд, нисбат бад-он устоди ҳақиқатшинос хузуъу бандагии тамом доштанд ва аз ҳама афзунтар Муъиниддини Парвона ба Мавлоно ихтисос дошт.

Муъиниддин Сулаймон ибни Алӣ машҳур ба Парвона[4] ибтидо мактабдор буд, вале ба ҷиҳати ҳушу киёсат ба мақомоти баланд фоиз омад ва чандин сол дар ма-

---

[1] Саҳ. 299-303.

[2] Барои иттилоъ аз аҳволи ӯ руҷӯъ кунед ба мухтасари «Таъриху-с-салоҷиқа», саҳ. 213-284.

[3] Ин амир Тоҷиддин аз мардуми Хоразм аст, ки паҳлӯи мадрасаи Мавлоно ҷиҳати хидматгорон абнияе сохтааст. Афлокӣ гӯяд: «Амир Тоҷиддин истидъо намуд, ки ҷиҳати ёрон дорулушшоқе бино кунад, Мавлоно фармуд:

Мо қасру чорток дар ин арсаи фано
Чун Оду чун Самуд муқарнас намекунем.
Ҷуз садри қасри ишқу дар он сохтан хулуд,
Чун Нӯҳу чун Халил муассас намекунем. («Куллиёт»-дар ин соҳати Хулуд)

Амир Тоҷиддин берун омаду ба сарои худ рафт ва аз моли ҷизя се ҳазор динор бо наввоби худ ирсол кард, то ёрон ба ҳаммом диҳанд. Мавлоно қабул нафармуд, ки мо аз куҷову шанқиссаи дунё аз куҷо? Охируламр ҳазрати Султонваладро шафеъ гирифта, гуфт, Мавлоно ризо бинад, ки паҳлуи мадрасаи Омира хонаи чанд дарвешон (дарвешона (итқӣ)) ҷиҳати хидматгорон иморат кунад. Ба иҷозати Султонвалад хонаҳо бунёд карданд ва номи ин амир дар ду ҷо аз мухтасари «Таъриху-с-салоҷиқа» -и Тоҷиддин Мӯътаз аст ва дар «Маноқиб»-и Афлокӣ мӯътабар хонда мешавад.

[4] Барои огоҳӣ аз маҷорои аҳволи ӯ руҷӯъ кунед ба мухтасари «Таъриху-с-салоҷиқа», саҳ. 272-320.

молики Рум ба расми ниёбат фармонраво буд. Ва агарчи хонадони салҷуқӣ номи салтанат доштанд, лекин дар маънӣ ҷамиъи корҳо, ҳатто азлу насби ҳамон шаҳрёрон бе тасвиб ва мувофиқати Парвона сурат намегирифт ва аз фарти ақлу зираксорӣ, ки дошт, бузургону дабирони салҷуқӣ сар бар хатти фармонаш ниҳода буданд, чунон ки ҳамин зиракӣ сабаби ҳалоки ӯ шуд ва Абоқохон ӯро ба ҷиҳати он ки ботинан бо подшоҳи Миср Рукниддин Бейбарс, маъруф ба Бандақдор (658-676 /1260-1278м.) ҳамдаст шуда ва ӯро ба мамолики Рум хондаву бар зидди мугулон, ки бо онон дами дӯстӣ мезад, барангехта буд ва пас аз воқиаи Абалистону[1] шикасти муғулон аз лашкари Миср ба соли 675 /1277м. ба қатл расонид ва муғулон баски аз вай ранҷида буданд, гӯшти ӯро хурданду Абоқо низ аз гӯшти вай миқдоре тановул кард.

Муъиниддин дар айёми ҳукумати вазорати худ мамолики Румро таҳти забту идора даровард ва роҳҳоро аз мутағаллибон амн намуду ҷиҳати машоих хонақоҳҳо бино карду мадорис бунёд ниҳод ва ба арбоби маърифат рағбат дошт ва китоби «Ҷомиъу-л-усул»-ро[2] аз Шайх Садриддин самоъ карда буд ва ҳам ӯ ҷиҳати Фахриддини Ироқӣ дар Тавқот хонақоҳе сохт ва ӯро ба шайхӣ насб кард ва пеш аз ҳама ба ҳазрати Мавлоно

---

[1] Тафсили он дар мухтасари «Таъриху-с-салоҷиқа», саҳ. 316-318 мастур аст.

[2] Афлокӣ нақл мекунад: «Рӯзе Парвона аз ҳазрати Мавлоно илтимос намуда, ки ӯро панд диҳаду насиҳат фармояд. Замоне мутафаккир монда буд, баъд аз он сар бардошту гуфт: Эй амир Муъиниддин, мешунавам, ки Қуръон ёд гирифтаӣ. Гуфт: Бале. Гуфт: Дигар шунидаам, ки «Ҷомиъу-л-усул»-и аҳодисро аз хидмати Шайх Садриддин самоъ кардаӣ. Гуфт: Бале. Гуфт: Чун сухани Худову расули Худоро мехонӣ ва камоянбағӣ баҳс мекунию медонӣ ва аз он каламоти бузургвор пандпазир намешавӣ ва бар муқтазои ҳеч ояту ҳадисе амал намекунӣ, аз ман куҷо хоҳӣ шунидан? Парвона гирён бархосту дар қадамҳои Мавлоно афтод, баъд аз он ба амалу адлгустарӣ машғул гашт».

расми бандагӣ изҳор мекарду аглаб ба мадрасаи Мавлоно меомад ва аз хитоботи ширину каламоти ҷонафрӯзи он ҳакими суханофарин баҳраманд мегардид ва бадин ҷиҳат қисмате аз китоби «Фиҳи мо фиҳ», ки малхасе аз маҷолиси Мавлоност, хитоб ба ҳамин Парвона мебошад.

Ва ӯ илова бар ҳузур[1] дар маҷлис вуҷӯҳи ниёз ба хидмати Мавлоно мефиристод ва самоъҳои[2] гарон медоду

[1] Чунон ки аз «Манокибу-л-орифин» бармеояд, Муъиниддини Парвона дар аглаби маҷолисе, ки Мавлоно ё ёрони ӯ ташкил медодаанд, ҳозир мешудааст, аз он ҷумла вақте Камолиддини Кобӣ дар санаи 656 /1258м. ба Қуния омаду муриди Мавлоно шуд, маҷлиси самоъе тартиб кард. Ҷамиъи салотину акобир дар он маҷлис ҳозир буданд ва Муъиниддини Парвона ва наввоб Султон ба мувофиқати ман (Камолиддин – ровии ҳикоят) истода буданд. Мавлоно қавволонро бигирифту ин рубоӣ фармуд:

Гарм омаду ошиқонаву чусту шитоб,
Бар ёфта рӯҳи ӯ зи гулзори савоб.
Бар ҷумлаи фозилон давонид имрӯз,
Дар ҷустани оби зиндагӣ қозии Коб.

Ва газале огоз фармуд:

Маро агар ту надонӣ, бипурс аз шабҳо,
Бипурс аз рухи зарду зи хушкии лабҳо.

Ва ин газалест мутаввал».

[2] Дар «Манокибу-л-орифин» омада: «Шабе Парвона Мавлоноро даъват намуд ва сарварони шариату тариқат ҳозир буданд. Чун аз самоъ фориг шуданд, хоне азим андохта, ба ишорати Парвона дар косаи заррин кисаи пурзар зери биринҷ ниҳоданд ва он косаро пеши Малоно ниҳода, дам ба дам Паврона ба тановули таом тарғиб медод. Мавлоно бонге бар вай зад, ки таоми макрӯҳро дар зарфи макрӯҳ ниҳода, дар пеши мардумон овардан аз маслиҳат дур аст ва лиллоҳилҳамд, ки моро аз ин косаҳову кисаҳо фарогати куллӣ бахшидаанд. Самоъ бархосту ин газал фармуд:

Ба Худо майл надорам на ба чарбу на ба ширин,
На бад-он кисаи пурзар, на бад-он косаи заррин.

Ва ин ҳикоят ҳанӯз дар авоили зуҳури даъват будааст».

«Дар хонаи Парвона рӯзе самоъ буд. Мавлоно шӯрхое бениҳоят фармуд, магар Саййид Шарафиддин бо Парвона ба гӯшае рафта, ба мусовӣ машгул шуду ӯ аз сари зарурат мешунид. Филҳол Мавлоно ин газалро фармуд:

Ҳазён, ки гуфт душман зи даруни дил шунидам,
Пайи ман тасаввуреро, ки бикард, ҳам бидидам.
Саги ӯ газид поям, бинамуд бас ҷафоям,
Нагазам чу саг мар ӯро, лаби хешро газидам.
Ту ба розҳои фардон нарасидаӣ чу мардон,
Чӣ бад-ин тафохур орӣ, ки ба рози ӯ расидам?

Дарҳол Парвона сар ниҳода, истигфор карду дигар Саййид Шарафиддинро рӯ надод».

Мавлоно дар он базмҳо ташрифи ҳузур арзонӣ мефармуд. Ва аҳли Қуния аз иродати Парвона ба пешгоҳи он бузург ростин баҳравар мешуданд ва дар қазоёи муҳим, ки рух медод, даст дар домани шафоати ӯ мезаданд. Ва Мавлоно руқъае ба Парвона фиристода, тақозои гузашту ҳамроҳӣ менамуд, чунон ки «омилеро аз муҳиббони он ҳазрат дар ягмо моли қавӣ зиёнманд шуд ва қариб ду-се ҳазор динор вомдор гашт ва тоқати адо кардани он надошт. Бархосту бо аёли худ ба ҳазрати Малоно омада, ки инояту шафоатнома дар ин боб ба Парвона нависад, то магар ба чизе сулҳ кунад ё муҳлате бидиҳад. Филҳол руқъа бифиристод. Парвона гуфта бошад, ки ин қазия ба девон тааллуқ дорад. Дар ҷавоби ӯ фармуд навиштан, ки ҳошо-ҳошо, ки девон ба ҳукми Сулаймон аст, на он ки Сулаймон ба ҳукми девон ва Парвонаро ном Сулаймон буд. Башошати азим намуд ва зиммати омилро аз он вом барӣ кард». Ва низ «дар шаҳри Қуния воқиъае ҳоил воқеъ шуд. Тамомати аҳли Қуния назди Мавлоно омаданд, то иноятнома пеши Муъиниддин Парвона бинависад. Чун ба хидмати Мавлоно арза доштанд, мактубе дар истигфору шафоатгарӣ ирсол фармуд. Чун Парвона руқъаро бидид, фармуд, ки ин муҳим ба Валади садрӯ тааллуқ дорад, то ӯ низ ҳозир шавад. Дар ҷавоби руқъаи Парвона фармуд навиштан, ки мақсуди дарвешон он аст, ки якрӯ бошад ва ин маънӣ сад рӯ дорад. Руқъаро бар дида молида, аҳолии шаҳрро халос дод».

Бо он ки акобиру аъёни аҳд Мавлоноро бузург медоштанд ва русуми бандагӣ дар он ҳазрат ба ҷой меоварданд, вале Мавлоно бештар нишасту хост бо фуқарову дарвешон мекард ва ҳаргиз фирефтаи худовандиҳои[1] орияту маносиби нопойдор набуда ва илло ба

[1]Истилоҳи худовандӣ орият аз ин байти муктабис аст: →

қадри зарурат ва барои анҷоми вазифа ҳидоят бо ин табақот омезиш намефармуд. Ва шарҳи ин қазия дар фасли отӣ, ки ба сирату равиши Мавлоно тааллуқ дорад, мазкур хоҳад гардид.

→ Деҳ худовандии орият ба Ҳақ,
То худовандит бахшад муттафақ (Маснавӣ, дафтари чаҳорум, чопи Алоуддавла, саҳ. 397).

Афлокӣ гӯяд: «Яке аз он ҷамоат Парвонаро гуфта бошад: Ҳазрати Мавлоно аз ғояти риёзати қавӣ зардрӯй буд ва Ҳазрати Султонвалад бағоят сурхрӯй аст» ва дар ғазалиёти Мавлоно ашъори фаровон дида мешавад, ки муаййири гуфтаи Афлокист, монанди:

Чу ду дасти ҳамчу баҳрат ба карам гуҳар фишонад, Рухи чун зарам зар орад, ки ба гирди гоз кардад.

Ҳин, хамуш бош, ки ганҷест ғами ёру касе,
Васфи он ганҷ ҷуз ин рӯи зарандуд накард.
Он зарри сурху нақди тарабро бидеҳ, ки ман
Рухсорзард чун зарам аз биму аз умед.
На ки бӯи ҷигари сӯхтаам меояд,
Маради ашки ману заррии рухсор магир.
Майкада аст ин сари ман, соғари май гӯ бишикан,
Чун заррааст ин рухи ман, зарр ба харвор магир.

# Фасли Ҳаштум

## Сурат ва сирати Мавлоно

Мавлоно марде будааст зардчеҳраву борикандому лоғар, чунон ки «рӯзе дар ҳаммом даромада буд ва ба чашми тараҳҳум ба ҷисми худ назар мекард, ки қавӣ заъиф гаштааст. Фармуд, ки ҷамиъи умр аз касе шармсор нагаштаам, аммо имрӯз аз ҷисми лоғари худ бағоят хиҷил шудам» ва бо зардии рӯю лоғарӣ «бағоят фарреву нуреву маҳобате» дошт ва чашмҳои ӯ сахт тунду ҷаззоб ва пуршӯр буд ва «ҳеч офарида ба чашми мубораки ӯ наёрастӣ назар кардан аз ғояти ҳиддати ламаъони нур ва қуввати шӯр боястӣ, ки ҳамагон аз он ламъон нури чашм дуздидандӣ ва ба замин нигоҳ кардандӣ».

Либоси ӯ дар ибтидо дастори донишмандона ва ридое фарохостин буд[1] ва пас аз табдили тариқа ва иттисол ба Шамс фараҷе кабуд мепӯшид ва дастори духонӣ бар сар мениҳод ва то охири умр ин кисватро мубаддал насохт.

Аз назари сирату ахлоқ Мавлоно ситудаи аҳли ҳақиқату саромади абнои рӯзгор буд. Тарбияти аслии ӯ, ки дар муҳити поки мазҳабӣ ва ирфон бо мароқиби падаре донову бузургманиш чун султунулуламо Баҳоувалад даст дод, шолудаву бунёди маҳкаме буд, ки Мав-

[1] Руҷӯъ кунед ба саҳифаҳои қаблӣ аз ҳамин китоб ва «Маноқиби Афлокӣ».

лоно пояи ахлоқи худро бар рӯи он устувор гардонид. Ва баъд аз он ки қадам дар ҷодаи сулук ниҳод ва даст дар домани мардони Худо зад, чароғи дилро аз он зайти маърифат, ки захираву мероси падар буд, равшан сохт.

Камоли Мавлоно дар ҷанбаи илмӣ ва иҳотаи ӯ бар ақволи арбоби ҳикмату шароиъ ва татаббӯъу истиқсои каламот ва аҳволи авлиёву арбоби мароқиб бад-он ҳуши фитрӣ ва тарбияти аслӣ муназзам гардида, ӯро ба ақсои дараҷоти ахлоқ ва мадориҷи инсоният расонид ва дар охири кор ишқи бунёдсӯзи Шамсиддин оташ дар коргоҳи ҳастии вай зад ва ӯро аз он чӣ сармояи кинатӯзию бадбинӣ ва асли ҳар гуна шар аст, яъне ҳисси шахсияту инфироду раёсати моддӣ, фориғдил кард ва гӯшкашон ба ҷониби ҷаҳони ишқ ва якрангию сулҳталабӣ ва камолу хайри мутлақ кашонид ва пардаи ғайрияту[1] рангро, ки мояи ҷанг аст, аз пеши чашми ӯ бардошт, то халқи оламро аз неку бад ҷузви худ дид ва донист, ки

Ҷузви дарвешанд ҷумла неку бад,
Ҳар кӣ ӯ набвад чунин, дарвеш нест.[2]

Ва бад-ин ҷиҳат дар зиндагонии ӯ асли сулҳу созиш бо тамоми милалу мазҳаб барқарор шуд ва бо ҳама яке гашт ва муслиму яҳуду тарсоро ба як назар медид ва муридонро низ бад-ин мехонд, чунон ки «рӯзе дар самоъ гарм шуда буд ва мустағрақи дидори ёр гашта, ҳолатҳо мекард. Ногоҳ масте ба самоъ даромада, шӯрҳо мекарду худро бехудвор ба ҳазрати Мавлоно мезад.

---

[1] Ин байти «Маснавӣ»-ро ба назар биёваред:

Рангро чун аз миён бардоштӣ,
Мӯсию Фиръавн доранд оштӣ.

[2] Ин байт ҷузви ғазалест нағзу латиф аз они Мавлоно, ки матлаъаш ин аст:

Ошиқонро ҷустуҷӯ аз хеш нест,
Дар ҷаҳон ҷӯянда ҷуз ӯ беш нест.

Ёрону азизон ӯро ранҷониданд. Фармуд, ки шароб ӯ хурдааст, шумо бадмастӣ мекунед? Гуфтанд: Ӯ тарсост. Гуфто: Ӯ тарсост, чаро шумо тарсо нестед? Сар ниҳода, мустагфир шуданд».

Ва ин матлаб, яъне сулҳу ягонагӣ бо милал яке аз усули Малоност, ки худ бад-он амал карда ва дар осори худ[1], бахусус дар «Маснавӣ» халқи оламро бад-он хондааст.

Ҳамин ҳолати сулҳу ягонагӣ, ки дар натиҷаи ишқу таҳқиқ ҳосил шуда буд, Малоноро бурдборию ҳилм ва таҳаммули азим бахшид, ба тавре ки дар айёми зиндагонӣ бо он ҳама таъну таъриз ва носазоҳо, ки хасмони кӯрдил меғуфтанд, ҳаргиз ҷавоби талх намедод ва ба нармию ҳусни хулқ ононро ба роҳи рост меовард.

Вақте назди Сироҷиддини Қунавӣ тақрир карданд[2], «ки Мавлоно гуфтааст, ки ман бо ҳафтоду се мазҳаб якеям. Чун соҳиби ғараз буд, хост, ки Мавлоноро биранҷонаду беҳурмат кунад. Якеро аз наздикони худ, ки донишманди бузурге буд, бифиристод, ки бар сари ҷамъ аз Мавлоно бипурс, ки ту чунин гуфтаӣ, агар иқрор кунад, ӯро дашноми бисёр бидеҳу биранҷон. Он кас биёмад ва бар мулло суол кард, ки шумо чунин гуфтаед, ки ман бо ҳафтоду се мазҳаб якеям? Гуфт: Гуфтам. Он кас забон бигшоду дашному сафоҳат оғоз кард. Мавлоно бихандиду гуфт: Бо ин низ, ки ту мегуӣ, якеям». Илму дониш ва мақомоти маънавиро Мавлоно ба сифати тавозӯъ[3], ки зи гарданфарозон накӯст, ороста буд ва

---

[1] Аз ҷумла дар зимни ҳикояти Мӯсо ва шубон (Маснавӣ, дафтари дувум, чопи Алоуддавла, саҳ. 142) ва фил, ки дар хонаи торик буд (Маснавӣ, дафтари севум, саҳ. 224) ва низоъи чаҳор кас ба ҷиҳати ангур (Маснавӣ, дафтари дувум, саҳ. 187).

[2] «Нафаҳоту-л-унс»-и Ҷомӣ.

[3] Ишора аст бад-ин байти «Бӯстон»:

Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст,
Гадо гар тавозӯъ кунад, хӯи ӯст.

бо мардум аз вазеъу шариф ба тавозӯъ рафтор мефармуд ва абадан заррае кибру хештанпарастӣ дар аъмоли ӯ зоҳир намешуд ва дар ин кор миёнаи пиру барно ва мӯъмину кофар фарқ намениҳод, «магар роҳибе доно дар билоди Қустантания овозаи ҳилму илми Мавлоно шунида буд ва ба талаби Мавлоно ба Қуния омада. Роҳибони шаҳр ӯро истиқбол карда, муаззаз доштанд. Роҳиб илтимоси зиёрати он ҳазрат кард. Иттифоқан дар роҳ муқобил расида, сӣ карат ба Худовандгор саҷда кард, чун сар бармедошт, Мавлоноро дар саҷда медид. Гӯянд Мавлоно сию се бор сар бад-ӯ ниҳод. Роҳиб фарёдкунон ҷомаҳоро чок зада гуфт: Эй султони дин, то ин ғоят чӣ тавозӯъ ва чӣ тазаллул, ки бо ҳамчун мани бечора менамоӣ? Фармуд, ки чун ҳадиси Тубо лиман разақаҳу-л-Лоҳу молан ва ҷамолан ва шарафан ва султонан фаҷода бимолиҳи ва аффа фи ҷамолиҳи ва тавозаъа фи шарафиҳи ва адала фи султониҳи фармуди султони мост бо бандагони Ҳақ чун тавозуъ накунам ва камзанӣ чаро нанамоям ва агар онро накунам, чиро шояму киро шоям ва ба чӣ кор оям? Филҳол роҳиб бо асҳоби худ имон оварда, мурид шуд ва фараче пӯшид. Чун Мавлоно ба мадрасаи муборак омад, фармуд, ки Баҳоуддин имрӯз роҳибе қасди камзании мо кардӣ, то он масканатро аз мо бирабояд ва лиллоҳилҳамд, ки ба тавфиқи аҳадӣ ва муовинати аҳмадӣ дар камию камзанӣ мо ғолиб шудем, чи он тавозӯъу камзанию масканат аз мероси ҳазрати Муҳаммадиён аст ва ин ғазалро фармуд:

Одамиӣ, одамиӣ, одамӣ,
Баста даме, з-он ки наӣ он даме.
Одамиеро ҳама дар худ бисӯз,
З-он дамие бош, агар маҳрамӣ.
Кам зад он моҳи наву бадр шуд,

То назанӣ кам, нараҳӣ аз камӣ.

Ва «баъзе аз ахлоқи ҳамидаи он ҳазрат он буд, ки ба ҳар оҳодею тифлею пирзане тавозӯъ кардию тазаллул намудӣ ва саҷдакунонро саҷда кардӣ, чӣ агар низ кофар будӣ. Магар рӯзе қассобе арманӣ мусодифи Мавлоно шуда, ҳафт бор сар биниҳод ва ӯ низ ба вай сар ниҳод». Ва ин гуна тавозӯъ нисбат ба яке аз хориҷмазҳабон, хосса дар аҳде, ки шамшери салибиён аз хуни мусалмонон рангин буд, он ҳам аз яке аз пешвоёни дин беандоза мояи шигифтию ҳайрат аст.

Мавлоно бо он ки мавриди назари подшоҳону умарои Рум буд ва ин табақа дидори ӯро ба орзу мехостанд, бештар бо фуқарову ҳоҷатмандон менишаст ва аксари муридонаш аз табақоти пасту фурӯмоя буданд ва ӯ ҳарчанд, ки ба подшоҳон дар мебаст ва Азуддини Кайковусу амир Парвонаро[1] ба худ бор намедод, пайваста ба қасди ислоҳ ва тарбияти гумномону пешаваронро ба сӯҳбат гарм медошт ва ба роҳи хайру тариқи ростӣ ҳидоят мефармуд, чандон ки рафтори ӯ сабаби инкори душманон гардид ва гуфтанд: «Муридони Мавлоно аҷоиб мардумонанд, аглаб омил ва муҳтарифаи шаҳранд. Мардуми фузалову доно аслан гирди эшон камтар мегарданд, ҳар куҷо хайётею баззозею баққоле, ки ҳаст, ӯро ба муридӣ қабул мекунанд». Вале Мавлоно бад-ин суханон гӯш фаро намекард ва партави тарбият аз ноқисон бозname-гирифт ва мӯътаризонро ба ҷаво-

[1] Афлокӣ накл мекунад: «Рӯзе Мавлоно дар саҳни мадраса сайр мефармуд ва асҳоб ба ҷамъи ҳам истода, ҷамоли он султонро мушоҳида мекарданд. Фармуд, ки дари мадрасаро маҳкам кунед. Аз ногоҳ султон Азуддин бо вузарову умаро ва наввоб ба зиёрати Мавлоно омаданд. Дар ҳуҷра даромаду худро пинҳон кард. Фармуд ҷавоб диҳед, то заҳмат набаранд. Он ҷамоат мурочиат карданд». Ва ҳам ривоят мекунад: «Рӯзе Парвона ба зиёрати Мавлоно омада буд ва ҳазраташ мутаворӣ гашта, умарои кибор чандоне таваққуф карданд, ки оҷиз шуданд ва албатта рӯй бад-эшон нанамуд». Ва ин сухан аз рӯи ишороте, ки дар «Фиҳи мо фиҳ» мушоҳида мегардад, ба сиҳҳат макрун аст (Фиҳи мо фиҳ, Теҳрон, саҳ. 51).

бҳои дилпазир иқноъ мефармуду мегуфт: «Агар муридони ман некмардум будандӣ, худи ман муриди эшон мешудам, аз он ки бадмардум буданд, ба муридияшон қабул кардам, то табдил ёфта некӯ шаванд». Бар хилофи ғолиби сӯфиёни ҳангомаҷӯй, ки аз гадоӣ ё нузуру футӯҳи муридону ағниё ё аз авқофи хонақоҳҳо имрори маош менамуданд ва муридони худро низ дар ҳамин роҳ, ки оқибат ба танпарварию бекорӣ мекӯшид, сайр медоданд. Мавлоно ҳамвора ёрону толибонро ба касбу кор мехонд ва бекорону соянишинонро сахт беқадру манзалат мешумурду мегуфт: «Аллоҳ-Аллоҳ, ки ҷамиъи авлиё дари таваққӯъ ва суолеро ҷиҳати нафсу қаҳри мурид гушода карда буданд ва рафъи қандилу ҳамли занбилро раво дошта ва аз мардуми мунъим бар мӯҷиби ва ақразу-л-Лоҳа қарзан ҳасанан, закотан ва садақатан ва ҳаятан ва ҳабата  қабул мекарданд, мо аз он дари суолро бар ёрони худ бастаем ва ишорати расулро ба ҷой оварда, ки Истаъфиф ани-с-суоли мо-статаъта  то ҳар яке ба кади ямин ва арақи ҷабини худ, аммо ба касб, аммо ба тиҷорат аммо ба китобат машғул бошанд ва ҳар кӣ аз ёрони мо ин тариқат наварзад, пуле наярзад». Ва худи ӯ низ аз вуҷӯҳи фатво ва ҳаққуттадрис[1] зиндагонӣ мекард ва абадан хешро олудаи миннати касон намефармуд ва аз дунёву дунёвӣ истиғнои азим дошт ва ҳар чӣ ба даст меомад, бар фуқарову бечорагон тафриқа месохт ва бо аҳли мадраса мебахшид ва худ ба камтарин ваҷҳе, аз вуҷӯҳи фатво ба даст меомад, дармесохт. Ва ҳар гоҳ ки дар хона қуте набуд, масрур мешуд[2], ки имрӯз хонаи мо ба манозили анбиё шабеҳ аст.

---

[1] Манокиби Афлокӣ.

[2] Хидмат Мавлавӣ ҳамвора аз ходим савол кардӣ, ки дар хонаи мо имрӯз чизе ҳаст? Агар гуфтӣ хайр аст, ҳеч нест, мунбасит гаштию шукрҳо кардӣ, ки лиллоҳилҳамд, ки хонаи мо имрӯз бя хонаи пайғамбар мемонад. «Нафаҳоту-л-унс».

Шарму ҳаёи ӯ беандоза буд ва ҳаргиз розӣ намешуд, ки мардум чи дуру чи наздик бидонанд, ки Мавлоно бад-эшон эҳсоне кардаву риъояте фармуда ва нисбат ба толибилмони мадрасаи худ одат чунон дошт, ки дар зери намади ҳар яке бист аммо сӣ адад ва аммо даҳ адади нақди лоиқи ҳар яке мениҳод. Чун фуқаҳо дармеомаданд ва намадро бармедоштанд, то гардафшонӣ кунанд, дирамҳо рехта мешуд, ҳайрон мешуданду тааттуфу талаттуфи ӯро сар мениҳоданд. Ва ҳар гоҳ ёрон ба ҷиҳати ҳурмати Мавлоно аз садри маҷолис ё ҳаммом[1] касеро ба ҳаракат маҷбур менамуданд, ӯ аз фарти хиҷлату шармзадагӣ аз он ҷо берун мерафт.

Бо он ҳама илму дониш, ки ба шаҳодати осор дар Мавлоно суроғ дорем, ӯ ҳаргиз гирди нихвату кибри олимона ва ба худбандиҳои ақтоб намегашт ва бо камоли фурӯтанӣ толиби ҳақ буд ва ҳатто дар айёми хурдсолӣ, ки оташи зиндагонӣ дар тобу рағбат ба шуҳрату бартарӣ бисёр аст, «уламо ва акобиру донишмандонро дар баҳс мулзам мекард ва боз талаттуф намуда, худро мулзам мекард ва ба лутфи тамом суолҳо мекарду ҷавобҳо мегуфт ва ҳаргиз дар аснои баҳс касеро лотусаллим намегуфт. Эшон ғалаба мекарданду лотусаллим мегуфтанду манъҳо мекарданд» ва Мавлоно мефармуд: «чун эшон ба сол аз ман бузургтаранд, бар рӯи эшон лотусаллим чун кунам?»

Сифати[2] вафоро хуш медошт ва ҳар гоҳ савганд ёд

---

[1] Афлокӣ гӯяд: «Мавлоно рӯзе ба ҳаммом даромада буд, ҳамон лаҳза боз берун омада, ҷомаҳо пӯшида. Ёрон суол карданд, ки Мавлоно чаро зуд берун омад? Фармуд, ки даллок шахсеро аз канори ҳавз дур мекард, то маро ҷо созад. Аз шарми он арақ карда, зуд берун омадам».

[2] Ба ривояти Афлокӣ Мавлоно ин ашъори «Маснавӣ»-ро мехонд:

Мар сагонро чун вафо омад шиор,
Рав, сагонро нангу бадномӣ маёр.
Бевафоӣ чун сагонро ор буд,
Бевафоӣ чун раводорӣ намуд.
Ҳақ таоло фахр овард аз вафо, →

мекард, «ба ҳаққи вафои мардон» мегуфт. Ба риёзоту муҷоҳидатҳои сахт ҳаргиз муридонро водор намесохт ва чилла баровардан[1] ва назоири онро намеписандиду мансух медонист ва аз он манъ мекарду чунон ки масълаки ӯст, тарки алоқаро муҳим мешумурд, вале ҳаргиз ба тарки мубоширати моддиёт намехонад, балки дар сурати ҳусули истиқрори нафсу тарки алоқа мубоширати умури моддӣ ва ҷасадиро яке аз туруқи камол медонист. Пайваста умри худро дар роҳи таҳзиби ахлоқ ва ислоҳи ҷомиъа сарф мекард ва ба ҳар тариқ, ки барои найл бад-ин мақсуд нофиъ аст, ташаббус меҷусту аз ҳеч кас дар изҳори тариқаву ақидаи худ муҳобо надошт ва бо ҳамон пуштгармӣ, ки ба хуршеди[2] ҳақиқат

---

→ Гуфт ман ӯ фӣ би аҳди ғайрино.
Гар ғуломи ҳиндуе орад вафо,
Давлати ӯ мезанад толи бақо.

Маснавӣ, дафтари севум, чопи Алоуддавла (саҳ.200), ки ин байти охирро надорад.

[1] Дар «Маноқибу-л-орифин» омадааст: «Султонвалад дар синни бистсолагӣ аз Мавлоно илтимос намуд, ки албатта ба хилват дарояд ва чиҳила баровард. Фармуд, ки муҳаммадиёнро хилвату чиҳила нест ва дар дини мо бидъат аст».Аммо дар шариати Мӯсо ва Исо алайҳиссалом будааст ва ин ҳама муҷоҳидоти мо барои осоиши фарзандону ёрон аст. Ҳеч хилвате мӯҳтоҷ нест». Ба тавре ки аз ахбор мустафод аст, Мавлоно қабл аз дидори Шамс ба риёзаату чилланишинӣ мӯътақид буд ва дар хидмати Бурҳон чанд чилла бидошт, вале Шамсиддин вайро ба мақому асрори маъшуқа огоҳ сохт ва бад-он мартабат расонид ва Мавлоно тарки риёзат гуфту ин сухан, ки Афлокӣ аз Мавлоно нақл мекунад, тақрибан шабеҳ аст ба гуфтаи Шамс: «Ин чилладорон мутобиъи Мӯсо шуданд, чун аз мутобаати Муҳаммад маза наёфтанд, ҳошо, балки мутобаати Муҳаммад ба шарт накарданд, аз мутобеати Мӯсо андаке маза ёфтанд, онро гирифтанд». Мақолоти Шамс, нусхаи аксии мутааллиқ ба вазорати маориф, саҳ. 114.

[2] Ишора аст бад-ин абёт:

Ҳар кӣ аз хуршед бошад пуштгарм,
Сахтрӯ бошад, на бим ӯро, на шарм.
Ҳамчу рӯи офтоби беҳазар
Гашт рӯяш хасмсӯзу пардадар.
Ҳар паямбар сахтрӯ буд дар ҷаҳон,
Яксавора кӯфт бар ҷайши шаҳон.
Рӯ нагардонид аз тарсу ғаме,
Яктани танҳо бизад бар оламе.

Маснавӣ, дафтари севум, чопи Алоуддавла, саҳ. 301.

дошт, бе ҳеч биму тарсе яктана дар баробари аҳли зоҳир ба қадами ҷид истод ва ба ваҳдату ягонагӣ ва рафъи ихтилофу тарки сурату таваҷҷуҳ ба маънӣ ва созиш бо ҳамаи мазоҳиб ва ишқ ба ҷамолу камоли мутлақ даъват карду гуфт:

Ҳин, сало бемории носурро,
Доруи мо як ба як ранҷурро.

Ӯ аз ҳайси ахлоқу хайрхоҳии халқ ба бузургтарин анбиёву авлиё ва мардони Худову хидматгузорони олами инсоният шабеҳ аст ва аз рӯи ҳаққу ростӣ метавон ӯро дар радифи бузургтарин роҳнамоёни башар қарор дод.

# Фасли нуҳум

## Осори Мавлоно

Аз фусули гузашта дониста омад, ки Мавлоно зиндагии худро аз оғоз то ба анҷом дар касби маърифату такмили нафс ва хостории фазоилу хидматгузории сирри мастон ва восилони ин роҳ ё даъвати ноқисону иршоди толибон ва нашри ҳақоиқ масруф медошт ва айёми умри ӯ саропо намудори фаъолият ва ҷаҳду кӯшиш ва бурӯзи осори маънавӣ буд ва бад-ин ҷиҳат эҳсои осори ӯ ташхиси дараҷаи таъсири аъмолу аҳволи ӯ дар муосирини худ ва уламову сӯфиёни мутааххир коре бас душвор аст, ки шояд ба сарфи авқоти чандинсола ҳам ба ҳақиқати он даст натавон ёфт, вале чун тамоми аҳволу таълимоти шифоҳии Мавлоноро забт накардаанд ва эҳтимол дорад, ки аксар ба қайди китобат дарнаёмадаву аз миён рафта бошад, бад-ин ҷиҳат баҳсу таҳқиқи мо бад-он қисмат аз осор, ки боқӣ монда, мунҳасир мегардад.

Осори кутубии Мавлоноро ба ду қисмат (манзум, мансур) тақсим тавон кард, аммо осори манзум иборат аст аз:

## Ғазалиёт

Ин бахш аз осори Мавлоно маъруф ба «Куллиёт» ё «Девони Шамс» аст, чи Мавлоно дар поёну мактаъи бештари онҳо (яъне ба ҷуз ғазалҳое, ки ба номи

Салоҳиддини Заркӯб ва Ҳисомиддини Чалабӣ сохта ва маҷмӯан сад ғазал беш нест, ё он чӣ танҳо лафзи «хомӯш» ё «хамуш кун» ва муродифоти он ба нудрат дар мақтаъ зикр шуда) ба ҷои зикри ном ё тахаллуси худ ва бар хилофи маъмули шуаро ба номи Шамси Табрезӣ тахаллус мекунад, чунон ки ҳар гоҳ касе аз равобити Мавлоно ва Шамс мутталиъ набошад, гумон мекунад, ки Шамс яке аз ғазалсароёни форсӣ буда ва ин абёти нагз назмкардаи ӯст, дар сурате, ки ҳеч кас ӯро ба симати шоире намешиносад.

Бегумон сабаби ин қазия он аст, ки шӯру беқарории Мавлоно дар ҳақиқат[1] шоирию ғазалсароии ӯ бар асари ишқу иродате, ки ба Шамс дошт, огоз шуда ва он олими дин дар партави инояти вай забони гиро ва нафаси ғарм ёфта ва ба шоирӣ ошно гардида буд ва Мавлоно, ки пайваста чашм аз сабаб дӯхта ва ба мусабаб гумошта дошт, ашъори хешро, ки натиҷаи талқини Шамс ва илҳоми ишқи ӯст, ба номи вай ё ба номи дигар, худ ки Шамс бошад, ороста гардонид.

Иддаи абёти «Девон»-ро мутақаддимон ба 30000 расонидаанд[2] ва нусахи хаттии муҳтавии 5000 то 40000 ва «Девон»-и чопӣ болиғ бар 50000 байт мебошад ва ба тавре ки гуфта омад, «Девон»-и мазбур муштамил аст бар ғазалиёте, ки Мавлоно бар номи ёрони худ Шамсиддину Салоҳиддин ва Чалабӣ Ҳисомиддин ба риштаи назм кашида ва ин тафовут, ки саҳми Шамс ба ҳасби зикр аз он ду афзунтар ва баҳраи Чалабӣ аз ҳама кам-

---

[1] Гӯяд: Мафхари табрезиён - Шамси ҳақи дин, бигӯ,
Балки садои ту аст ин ҳама гуфтори ман.
Ва аз ин қабил бисёр гуфтааст.

[2] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан (саҳ.197) ва дар санаи 1312/1895м. дастфурӯше нусхаи хаттӣ аз «Куллиёт»-и Шамс назди ман овард ва ҷомиъи «Девон» муқаддимае навишта буд, ки ман ба ранҷи бисёр ва татаббуъу таҳқиқи дароз танҳо 30000 байт аз ашъори Мавлоно фароҳам кардам ва беш аз ин ба даст наёвардам.

тар аст, чи ӯ ба асару ёдгоре нафистару гаронбаҳотар ихтисос ёфта ва он «Маснавӣ»-ст.

Бар ҳасби ишороти[1] худи Мавлоно ва ба гуфтаи Давлатшоҳ[2] ин ғазалиёт натиҷаи ваҷду ҳол аст ва аглаб аз сари мастӣ ва дар ҳолати беқарорӣ гуфта шуда ва ёрону муридон онҳоро менавиштаанд ва ҳамин маънӣ аз гармию сӯзандагӣ ва пастию баландии ашъор, ки ҳокӣ аз адами илтифот аст, махсусу машҳуд мегардад.

Бо вуҷуди он ки Мавлоно ашъори бисёр суруда ва ба истилоҳ аз мукассирин буда, вале ба таври қатъ бисёре аз он чӣ дар девонҳои бузурги хаттию чопӣ бад-ӯ нисбат додаанд, натиҷаи хотири тобноку пардохтаи табъи файёзи ӯ нест, чи аввалан ашъори баъзе аз шуароро, ки дар интисоби он бад-эшон ҳеч шак нест, дар девони Шамс оварда ва гоҳе дар поёни ғазал байте мутазаммини номи Шамс афзудаанд, то нисбати он ба вай мақтӯъ гардад ва тардиде даст надиҳад, чунон ки абёте аз Ҷамолиддини Исфҳонӣ ва Шамси Табасию Анварӣ[3]

---

[1] Мавлоно гӯяд:

Хун чу меҷӯшад, манаш аз шеър ранге медиҳам,
Нофа хунолуда гардад, ҷома хунолое.
Чун маст нестам, намаке нест дар сухан,
Зеро такаллуф асту адибию иҷтиҳод.
Биҳил маро, ки бигӯям аҷонбат, эй ишқ,
Даре гушоям аз ғайб халқро зи мақол.
Ҳама чу кӯсу чу таблем дилтиҳӣ пешат,
Бароварем фиғон, чун занӣ ту захмидавол.
Ва ба ҳамин ҷиҳат синаи худро шаробхона мехонад:
Шаробхонаи олам шудаст синаи ман,
Ҳазор раҳмат бар синаи ҷавонмардам.

Ва ба таъсири сухану мастибахшии гуфтори худ ишора мекунад, ки
Гар ниҳӣ ту лаби худ бар лаби ман, маст шавӣ,
Озмуи кун, ки на камтар зи майи ангурам.

[2] Тазкираи Давлатшоҳ, табъи Лидан, саҳ.197.

[3] Чунон ки ин ғазал аз Ҷамолиддини Исфаҳонӣ (Алмутаваффо фӣ 588 1192м.):

Ё туро ман вафо биёмӯзам,
Ё ман аз ту ҷафо биёмӯзам. →

ва 27 газал аз Султонвалад – фарзанди Мавлоно, ки тахаллуси Валад дар ҳама мазкур аст, дар девони чопӣ ва баъзе аз нусахи хаттии «Куллиёт» сабт намудаанд. Сониян, дар зимни ғазалҳои мансуб ба Мавлоно ашъори шоире, ки ғолибан Шамс танҳо ва гоҳе Шамси Машриқӣ тахаллус мекунад, дарҷ шуда ва бар ҳасби эҳсои дақиқ мутаҷовиз аз 230 ғазал, ки сохтаи хаёли ин шоир аст, дар «Куллиёти Шамс» мавҷуд ва нишонаи он бадин қарор аст:

1. Иддаи абёти онҳо кам ва мутобиқи иддаест, ки удабо ғазалро бад-он маҳдуд менамоянд, дар сурате, ки ашъори Мавлоно ғолибан аз ҳадди муқаррар мегузарад ва ба сарҳадди қасидаҳои тӯлонӣ мерасад.

2. Мазомини ашъор тоза нест ва такрорест аз афкори гузаштагон бар хилофи ғазалҳои Мавлоно, ки мутазаммини маъниҳои бадеъу мазмунҳои ҷадид аст.

3. Дар ин ғазалҳо гӯянда сарукор бо истилоҳоти ирфонӣ аз қабили касрату ваҳдат ва ҷамъу фарқ ва мутлақу муқайяд ва таъйину назоири он дорад ва асоси афкори ӯ мубтанӣ бар тариқаи Муҳиддин ва шабеҳи гуфтори Мағрибии[1] шоир аст, бо он ки Мавлоно дар ғазалҳои худ гирди истилоҳ камтар мегардад ва ҳақоиқи ишқу ирфонро дар сурати амсолу ибороти шоиронаи махсус ба худ ҷилвагар месозад.

4. Аз ҷиҳати лафз ин ғазалиёт якдасту мунаққаҳ ва тариқаи таркибии онҳо наздик ба салиқаи мутааххирин

→ Ва ин ғазал аз Шамси Табасӣ (Алмутаваффо фӣ 624 1227м.):

> Аз рӯи ту чун кард сабо турра ба як сӯ,
> Фарёд баровард шаби ғолиягесӯ.

Ва китъаи зайл аз Анварӣ (Алмутаваффо 583 /1188м.):

> Эй бар ҳама сарварон ягона,
> Баҳри карами ту бекарона.

дар «Девони Шамс» овардаанд.

[1] Мулло Муҳаммадширини Мағрибӣ аз шуарои қарни ҳафтуму нуҳум аст ва дар шеър тариқае хос дорад (вафоташ 809 /1407м.).

аст, вале ҳеч шӯру гармӣ дар гуфтаи шоир нест, ба акси ашъори Мавлоно, ки ғасу самини бисёр дорад ва таркиботи он ба равиши мутақаддимон наздик мебошад ва хонандаро ҳолате шигарфу ваҷде аҷиб мебахшад.

5. Авзони ин ғазалҳо хафифу сабук ва муносиби лутфест, ки бояд дар ғазал манзур дошт ва бад-он монад, ки пас аз сайру[1] таҳаввули авзону тафкики вазни ғазал аз қасида лутфи хотири шуарои қарни ҳафтуму ҳаштум, ба хусус Саъдию Ҳофиз ба (ки дар натиҷаи диққати завқ ва ҳусул пайваста) суруда шудааст, дар сурате ки ғазалҳои Мавлоно дорои авзони сабуку сангин ва кӯтоҳу дароз аст, ки баъзе дархури ғазал ва қисмате муносиб бо қасида ташхис дода мешавад».

6. Дар мақтаи ҳар ғазал шоир танҳо тахаллуси Шамс меоварад (магар дар се маврид[2] бо изофаи унвони Машриқӣ) бо он ки дар ашъори Мавлоно лафзи Шамс ба танҳоӣ мазкур нест ва ҳамвора Шамсиддин ё Шамсулҳақ ё Шамсулҳақоиқ бо зикри Табрез мустаъмал аст ва дар байти охир ё абёти муқаддам ғолибан лафзи «хамуш кун» ё «хомӯш» ва «бас кун» ва «хамуш кардам» ва он чӣ муфиди ин маонӣ тавонад буд, мазкур афтодааст.

Гузашта аз ҳамаи инҳо ҳар хонандаи бо завқе пас аз мутолиаи чанд варақ сухани Мавлоноро аз гуфтори ин шоири Шамстахаллус бозтавонад шинохт ва мо инак барои намуна як ғазал аз они Мавлоно ва ғазале дигар

---

[1] Дар ин боб Парвизи Хонларӣ, шогирди ман, ҷузъи вазоифи таҳсилии худ дар донишсарои олӣ рисолае дақиқ таълиф намудааст.

[2] Дар мавориди зайл:

Муддате шуд, то ба чашми дӯст Шамси Машриқӣ  Нозир аз ҳусни парирӯён ба ҳусни рӯи ӯст.

Ба кунҷи сина Шамси Машриқиро
Ҳазорон ганҷи пинҳон офариданд.
Он кас, ки ба Шамси Машриқӣ гуфт
Ин рамз, бигӯ ба ҳар забон, кист.

аз ин шоир зикр мекунем.

Ғазали Мавлоно:

Чи наздик аст ҷони ту ба ҷонам,
Ки ҳар чизе ки андешӣ, бидонам.
Аз ин наздиктар набвад нишоне,
Биё наздику бингар дар нишонам.
Ба дарвешӣ биё андар миёна,
Макун шӯхӣ, магӯ андар миёнам.
Миёни хонаат ҳамчун сутунам,
Зи бомат сарфурӯ чун новадонам.
Манам ҳамзоди ту дар ҳашру дар нашр,
На чун ёрони дунё мизбонам.
Миёни базми ту гардон чу хамрам,
Гаҳи разми ту собиқ чун синонам.
Агар чун барқ мурдан[1] пеша созам,
Чу барқи хубии ту безиёнам.
Ҳамеша сархушам, фарқе набошад,
Агар ман ҷон диҳам, ё ҷон ситонам.
Ба ту гар ҷон диҳам, бошад тиҷорат,
Ки бидҳӣ бахри ҷоне сад ҷаҳонам.
Дар ин хона ҳазорон мурда шустанд,
Ту биншаста, ки инак хонумонам.
Яке каф хок гӯяд зулф будам,
Яке каф хок гӯяд устухонам.
Яке каф хок гӯяд пир будам,
Яке каф хок гӯяд нав[2] ҷавонам.
Яке каф хок гӯяд дам нигаҳ дор,
Ки ман ибни фалон ибни фалонам.
Яке каф хок гӯяд чашм будам,
Яке каф хок гӯяд абрувонам.
Яке каф хок гӯяд ҷисм будам,

[1] Дар нусхаи асл - мардон.
[2] Дар нусхаи асл - на.

Яке каф хок гӯяд на ки ҷонам.
Шавӣ ҳайрону ногаҳ ишқ ояд,
Ки пешам о ки зинда, ҷовидонам.
Бикаш дар бар бари симини моро,
Ки аз хешат ҳамин[1] дам вораҳонам.
Хамуш шав, Хусраво, кам гӯ зи Ширин,
Ки ширинӣ ҳамесӯзад даҳонам.
Зи нури офтоби Шамси Табрез
Мисоли зарра пайдову ниҳонам.

**Ғазали Шамси Машриқӣ:**

Ман он тайёри аршиошёнам,
Ки дар ҷисми ҷаҳон чун ҷон ниҳонам.
Ман он мурғам, ки дар доми ту будам,
Ҳамонам ман, ҳамонам ман, ҳамонам.
Биё, як ҷуръа бар Хизри дилам рез,
Дил аз зулмоти ҳайвон вораҳонам.
Чаро парбаста бар мулкам фитода,
Ки аз мурғони аршиошёнам.
Варои ин баёнам ман ҳамонам,
К-аз ин ҳар ду набинад кас нишонам.
Мусалмонон, ман он нури баситам,
Ки дар аҷзои аҷрое ниҳонам.
Надонам, то чӣ кард ӯ бо дили ман,
Ки ман дилро зи гил акнун надонам.
Ҷаҳон аз ман пуру ман холӣ аз вай,
Дар ин сурат магар ҷони ҷаҳонам?
Гаҳе дар зулмати тан нопадидам,
Гаҳе дар дидаи аъён аёнам.
Таолаллаҳ, намедонам, чи чизам,
Магар ман Шамси мулки ҷовидонам?

Иллати ихтилот ва даромехтагии ғазалҳои Шамси

[1] Дар асл - хаме.

Машриқӣ бо ашъори Мавлоно ҳамон муносибати тахаллус мебошад, ки назири он дар девони иддаи касире аз шуаро ба сабаби ваҳдат ё наздикии номи ду шоир ё мамдӯҳони онон воқиъ шудааст.[1]

Гоҳе ҳам иттифоқ афтода, ки ҷамъкунандагони девони шоире аз боби адами иттилоъ ё ҳусни эътимод ба собиқину руввот ҳар чӣ дар сафинае дида ё аз дигарон ба номи шоире шунидаанд, бидуни он ки дар сабк ё соири мушаххасоти адабӣ ё замонии он шоир тааммул намоянд, дар девони ӯ навишта ва арбоби татаббӯъро ба ранҷ афкандаанд[2], то бад-он ҷо, ки Саноӣ бо ҳама устодӣ ва маҳорати адабӣ вақте «Девон»-и Масъуди Саъдро гирд овард, ашъоре аз диғарон ба номи вай мудавван сохт ва Сиққатулмулк Тоҳир ибни Алӣ ӯро бад-ин иштибоҳ воқиф гардонид. Солисан дар соири ғазалҳо ҳам агарчанд ба зоҳири ҳол ишколе наметавон кард, лекин ҳадси соиб ҳоким аст, ки дар он қисмат низ тахлити фаровон даст дода ва ба тадриҷ ашъоре мутафарриқ аз ашхоси номаълум ба «Куллиёт»-и Шамс мулҳақ гардида, ки агарчи бо аҳволу номи гӯяндагони онҳо воқиф нестам, аз он ҷиҳат, ки бо муқтазиёти аҳди Мав-

[1] Масалан, аз ашъори Заҳири Исфаҳонӣ қисмате дохили ашъори Заҳири Форёбӣ ва аз шоире ба номи Хоқон дар ғазалиёту рубоиёти Хоқонӣ ворид кардаанд ва дар нусхаҳои хаттии девони Хоқонӣ он абёт вуҷуд надорад ва чунон ки аз ашъори Қатрон ба ҷиҳати таносуби номи мамдӯҳи ӯ Абӯнасри Ҳамлон бо мамдӯҳи Рӯдакӣ Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (301-331 /914-943м.) миқдоре ба Рӯдакӣ мунтасаб мешуморанд ва аҷаб он аст, ки гоҳе куттоб ба ҷиҳати ривоҷи кори худ дар ашъор дахлу тасарруф ва табдили исм раво медоранд ва баъзе тазкиранависон ҳам аз ин кор дурӣ наҷустаанд ва баъзе ҳам фақат назар ба ҷамъу зиёд кардани ашъори шоире, ки мавриди назар аст, дошта ё аз фарти беиттилоъӣ ҳар чӣ аз ҳайси воза ба гуфтаи шоире мушобеҳ буда, ҷузви девони ӯ менавиштаанд, чунон ки дар баъзе нусахи хаттии «Шоҳнома» чанд ҳазор байт аз «Гаршоспнома» мундариҷ шуда. Ё он ки рубоиёти фаровон, ки соҳибони мусаллам дорад, ба Хайём нисбат додаанд ва ин масъалаи тӯлонист ва риштаест, ки сари дароз дорад.

[103] Руҷӯъ кунед ба ҳавошии «Чаҳормақола», саҳ. 149.

лоно ва маслаку тариқати ирфонии ӯ мувофиқат надорад, дар бутлони интисоби онҳо бад-он устоди азим тардиде ҳам надорем.

Бояд мутаваҷҷиҳ буд, ки чун интисоби мардони бузург ва уламои машҳур ба мазҳаб ё тариқе аз васоили ривоҷ ва интишори он дар миёни оммаву хосса ба шумор меравад, бад-ин ҷиҳат тарафдорон ва пайравони ҳар кешу ойин, ба вижа онҳо, ки ақаллият доранд, мекӯшанд, то ба ҳар васила бошад, бузургони рӯзгорро аз ҳавохоҳону ҳамкешони худ муаррифӣ намоянд ва ин худ муқаддимаи таҳрифу изофа ва таъвил дар ақвол ва кутубу шарҳи аҳволи ин табақа мегардад ва мумкин аст ҳисси мазҳабии баъзе он қадар тунд бошад, ки ин хиёнатро ҷоизу мубоҳ ва мӯҷиби аҷри ухравӣ ва савоби ҷазил ангоранд.

Гумон меравад, ки аз ин роҳ таҳрифоти бисёр дар ашъори Мавлоно рӯй дода бошад. Масалан, медонем, ки Мавлоно[1] аз уламои ҳанафия ва дар фурӯъи мазҳаб аз пайравони Имоми Аъзам Абӯҳанифа буд ва тарбияти вай дар мадориси ҳанафиён даст дод ва хонадонаш ҳам мазҳаби ҳанафӣ доштанд. Ва агар ҳам фарз кунем, ки вай шиъа буда, ночор тасдиқ дорем, ки шаҳри Қуния бо изҳори ташайюъ ва тариқаи таваллову табарро мутаносиб набуда ва Мавлоно аз рӯи зарурат мебоист асли тақияро кор бандад, на он ки монанди шарои аҳли сафавия равиши таваллову табарроро мавзӯи шеър қарор диҳад ва бинобар ин ғазали зайл:

---

[1] Афлокӣ ривоят мекунад, ки «Чалабӣ Урмавӣ буду шофиъимазҳаб» буд. Рӯзе дар бандагии Мавлоно гуфт, мехоҳам, ки баъдалявм иқтидо ба мазҳаби Абӯҳанифа кунам, аз он ки ҳазрати Худовандгори мо ҳанафимазҳаб аст ва мо акнун дар борап мазҳаби Мавлоно, ки ба гуфтаи ӯ:

Мазҳаби ошиқ зи мазҳабҳо ҷудост,
Ошиқонро мазҳабу миллат Худост.

баҳс намекунем ва мақсуди мо он аст, ки бидонем ӯ дар фурӯъи мазҳаби ҳанафӣ будааст ва бар ин сухан далели бешумор иқома тавон кард.

Эй сарвари мардон, Алӣ, мардон саломат мекунанд,
Эй сафдари мардон, Алӣ, мардон саломат мекунанд.

Агар биттамом сохтагӣ набошад, қисматҳои ахири он ки мутазамминни асомии асноашарӣ, алайҳимуссалом аст ва илова бар заъфу сустӣ бо мазоқи мардуми он аср созгор наменамояд, ба қавитарин эҳтимол[1] ҷаъалӣ ва илҳоқӣ хоҳад буд. Яке дигар аз илал ва асбоби тағйиру табдили ғазалиёти Мавлоно он аст, ки дарвешон онҳоро ҳифз карда ва дар кӯю барзан мехондаанд ва ғоҳе ба муносибати мақом ё иқтизои вақт аз костану афзудани абёт ва тағйиру таҳриф рӯгардон набудаанд ва акнун дар ашъори Мавлоно[2] осори онро ба зудию осонӣ метавон ёфт. Қатъи назар аз ҳамаи инҳо вуҷуди ғазалҳои мутааддид[3] дар як вазну радифу қофия, ки ба Мавлоно мунтасаб кардаанд, ишколи дигар дар сиҳҳати нисбати ҳамаи онҳо ба вай эҷод менамояд, чи сурудани ғазалҳои бисёр, ки аз ҷиҳати вазну радифу қофия яксон бошанд, мӯҷиби малоли хотири хонанда мешавад, то чӣ расад ба ғӯянда ва ин ишкол мумкин аст бад-ин тариқ қобили ҳал бошад, ки фарз кунем ин ғазалҳоро Мавлоно тамоман ба назм наёварда, балки ёрону ҳавзаи ӯ ба пайравии Шайху пири худ онҳоро сохтаву

---

[1] Ва аз ин қабил аст ғазале, ки матлаъаш ин аст:

Илтиҷои мо ба шоҳи авлиёст,
Он ки нураш муштақ аз нури Худост.

[2] Ба ҳасби мисол абёти зайлро зикр мекунем:

Боязиду Саййидаҳмад, Шамси Табрезу Ҷалол,
Шиблию Маъруфу Мансур аз сари ҳар дор маст.
Қутби қутбон, пири пирон Шайхи Луқмон Бӯсаъид,
Пил ҳазрат Аҳмади Ҷом асту дар хаммор маст.
Пири мо Мавдуди Чаштӣ сарвари мардони роҳ,
Шери ғуррин гаштааст аз ҷоми моҳо мор маст.

Ва аз забти бақияи ин абёт ва назоири он қалам баргоштам, зеро дарди сар диҳаду суд нарасонад.

[3] Масалан, 15 ғазал бад-ин радифу қофияву вазн:

Сорбоно, уштурон бин, сарбасар қаттор маст,
Мир масту хоҷа масту ёр маст, ағёр маст.

пардохта ва ба номи Шамс кардаанд.

Ихтилофи ин навъ аз ғазалиёт дар ҷиҳати фасоҳату матонати сабк гувоҳи ин даъво тавонад буд, лекин чун ҳар ду ин эҳтимол чандон қавӣ нест ва шояд гуфт, ки ихтилофи ашъор натиҷаи аҳволи мухталифест, ки бар шоир гузашта, дар бораи ин қисмат бояд тааммул намуд ва барои ташхиси саҳеҳ аз сақим интизори нусхаи қадимӣ дошт, ки аз рӯи ин сирри мубҳам парда бартавонад гирифт.

То вақте ки нусхаи саҳеҳу кӯҳна аз «Куллиёт» ба даст наёмада, метавон ба яке аз ин ду роҳ дар ташхиси ашъори Мавлоно тавассул ҷуст: яке кутуби қадим, монанди «Фиҳи мо фиҳ» ва «Маориф»-и Султонвалад ва маснавиҳои Валадӣ ва «Маноқиб»-и Афлокӣ ва «Шарҳи «Маснавӣ»-и Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ, ки ашъори Мавлоно ба иқтизои ҳол дар зимни онҳо оварда шуда ва мо бештар ривоёти Афлокиро, ки музаммини сабаби назми яке аз ғазалиёт буда, дар ин таълиф мундариҷ сохтаем.

Дигар татаббӯъи дақиқ дар ғазалиёт ва татбиқи мазомин[1] ва таъбироти онҳо бо «Маснавӣ», ки асари му-

[1] Чунон ки мазмуни ин абёт:

Гаҳе хушдил шавӣ аз ман, ки мирам,
Чаро мурдапарасту хасми ҷонем?
Чу баъди марг хоҳӣ оштӣ кард,
Ҳама умр аз ғамат дар имтиҳонем.
Кунун пиндор мурдам, оштӣ кун,
Ки дар таслим мо чун мурдагонем.
Чу бар гӯрам бихоҳӣ бӯса додан,
Рухамро бӯса деҳ, акнун ҳамонем.

Дар ашъори зайл аз «Маснавӣ» ба кор рафтааст:

Чун бимирам, фазли ту хоҳад гирист,
Аз карам гарчи зи ҳоҷат ӯ барист.
Бар сари гӯрам басе хоҳӣ нишаст,
Хоҳад аз чашми латифат ашк ҷаст.
Навҳа хоҳӣ кард бар маҳрумиам,
Чашм хоҳӣ баст аз мазлумиам. →

салламӣ Мавлоно мебошад ва тасҳифу тағйир нисбат ба ғазалиёт дар он камтар аст, роҳ ёфтааст.

Ҳарчанд муаллиф акнун дар садади он нест, ки аз хасоису мазоё ва сабку дараҷаи аҳамияти газалиёти Мавлоно баҳс кунад ва ин мавзӯъро ба иҷмол мегузорад, то он гоҳ ки маҷоле фасеҳтар ба даст орад ва дар ин боб ба тавре ки шоиста бошад, сухан ронад, лекин дар ин ҷо лозим аст, ёдоварӣ намояд, ки ғазалиёти Мавлоно агарчи ғасу самину пасту баланд аст ва аз ҷанбаи лафзӣ якдасту якнавохт нест, бо ин ҳама мутазаммини абёти латифу маъонии баланду мазомини нодир аст, ки дар фасоҳату зарофати алфоз ҳам пойи кам надорад ва назири он дар девони бузургтарин ғазалсароён ба нудрат ёфт мешавад.

Бахусус чун Мавлоно дар атвори ишқ ва манозили бепоёни он сайре камол ва тавъам бо маърифат дошта ва аз он ҳолот[1], ки бар ошиқони ҷигарсӯхта ва гармравони ин роҳ мегузарад, нек бохабар буда ва он латифаҳоро, ки дил меёбаду дар баён намегунҷад, дар кисвати иборote балиғ ё ишороте фасеҳ ҷилва додааст. Аз ин рӯй вай метавон гуфт, ки ӯ худ ҳамзабони ҷонҳо ва ҳамовози дилҳо ва ашъори ӯ тарҷумони аҳволи ушшоқ ва махзани асрори ишқ мебошад.

---

→Андаке з-он лутфҳо акнун бикун,
Ҳалқае дар гӯши ман кун з-ин сухун.
Он чи хоҳӣ гуфт ту бо хоки ман,
Барфишон бар мадраки ғамноки ман.
Маснавӣ, дафтари шашум, чопи Алоуддавла, саҳ. 416.

[1] Гуфтани Мавлоноро ба ёд оваред:
Ҳар ҳолати мо гизои қавмест,
З-ин агзия гайбиён саминанд.

## Маснавӣ

Дар истилоҳи удабо итлоқ мешавад бар ашъоре, ки ҳар дуи мисроъи он як қофия дошта ва маҷмӯъ ба ҳасби вазн муттаҳид ва аз ҷиҳати равӣ мухталиф бошад ва ин гуна шеър аз қадимтарин аҳд дар дар забони форсӣ маъмул буда ва аз ҳамон таърих, ки шеъри форсӣ ривоҷ гирифта, шуаро ба маснависароӣ забон ғушудаанд, монанди «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ[1] ва «Офаринннома»-и Абӯшакур[2]. Вале имрӯз ҳар ҷо маснавӣ гуфта шавад, беихтиёр «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддин ба хотир мегузарад.

Боиси зуҳури ин нағмаи осмонӣ ва навои яздонӣ, чунон ки гузашт[3], Ҳисомиддини Чалабӣ буд, ки аз Мавлоно дархост, то ба вазни «Ҳадиқа»-и Саноӣ ё «Мантиқу-т-тайр»-и Аттор китобе, ки ҷомиъи усули тариқат ва ҳовии асрори ирфон бошад, манзум созад ва Мавлоно ба хоҳиши вай ҳиммат ба назми «Маснавӣ», ки 18 байти аввали онро сурудаву навишта буд, барғумошт ва мобайни санаи 657 /1259м.ва 660 /1262м. дафтари аввалро ба ҳам пайваст ва пас аз он ки ҷузъи дувумро ба соли 662 /1263м.оғоз намуд, бе ҳеҷ фатрате тамоми шаш дафтарро ба силки назм даркашид ва то он гоҳ, ки фурсате дар вақт ва нишоте дар дил буд, хотир бад-ин кор масруф медошт.

---

[1] Ин манзумаро Рӯдакӣ ба эҳтимоли қавитар ба соли 325 /937м ба ташвиқи Наср ибни Аҳмад ва хоҳиши дастури вай Абулфазл Муҳаммад ибни Абдулллоҳи Балъамӣ (алмутаваффо 329 /941м.) ба поён расонид ва вазни ӯ низ монанди «Маснавӣ»-и Мавлоност, яъне рамали мусаддаси мақсур.

[2] Зоҳиран «Офаринннома»-ро Абӯшакури Балхӣ дар соли 333 /945м. шурӯъ карда ва дар санаи 336 /948м. тамом намуда ва он манзума ба баҳри мутақориб ва бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳамвазн будааст.

[3] Саҳифаҳои қаблӣ аз ҳамин китоб.

Дафтари шашум аз ҷиҳати матлаб бурида ва мақтӯъ аст ва қиссаи шоҳзодагон ба сар наёмада, сухан қатъ шуда ва бад-он монад, ки нотиқаи суханпардози гӯянда ба сабаби нотавонии ҷасад ё малоли ҷон хамушӣ пеш гирифта ва аз гуфтугӯ тан задааст.

Аз ашъоре,[1] ки дар хотимаи маснавиҳо ба Султонвалад нисбат медиҳанд, бармеояд, ки Мавлоно муддате пас аз назми дафтари шашум зинда буда ва бинобар ин ривояти[2] саҳеҳи Аҳмад Дада, ки гӯяд: «Маснавӣ» ба соли 659 /1261м. оғоз шуда ва ба соли 666 /1268м. ба поён расида, дур аз савоб нахоҳад буд. Вале чун мусаллам нест, ки он ашъор аз Султонвалад бошад, ҳукми қатъӣ натавон кард. Мутобиқи ривоёти пешиниён ва ишороти «Маснавӣ» Мавлоно ҷуз ҳамон 18 байти аввали «Маснавӣ»-ро ба хатти худ нанавишта[3] ва Ҳусомиддини Чалабӣ ва дигар ёрон «Маснавӣ»-ро менавиштанд ва назди ӯ хондаву тасҳеҳ менамудаанд. Ва он «Маснавӣ», ки навиштаи Ҳисомиддин асту бар Мавлоно хонда шуда, имрӯз дар даст нест.

Баъзе пиндоштаанд, ки номи «Маснавӣ» «Сайқалу-

---

[1] Зеро мегӯяд:

Муддате з-ин «Маснавӣ» чун волидам,
Шуд хамуш, гуфташ Валад, к-эй зиндадам.

Ва ин мусталзами фатрат ва тӯли муддат аст то вафот ва ин абёт санади қатъӣ надорад ва аз ин байт:

Вақти риҳлат омаду ҷастан зи ҷӯ,
Кулли шайъин ҳолик илло ваҷҳиҳу.-

ба даст меояд, ки Мавлоно дар замони наздик ба марг аз назм даст кашида ва ин ақвист.

[2] Маҷмӯаи ёддоштҳо ва мақолот. Гирдоваранда оқои Козимзодаи Эроншаҳр ва чун мусаллам нест, ки он ашъор аз Султонвалад бошад ва далолати он низ бар ин матлаб сареҳ нест, ҳукми мақтӯъ натавон кард.

[3] Чунон ки фармояд:

Эй Зиёулҳақ Ҳисомиддин, бигир,
Як-ду коғаз барфизо дар васфи пир.
Барнавис аҳволи пири роҳдон,
Пирро бигзину айни роҳ дон.

л-арвоҳ» аст ба далели ин байт:

«Маснавӣ», ки сайқали арвоҳ буд,
Бозгашташ рӯзи истифтоҳ буд.

Ва ин ғалат аст, чи Мавлоно дар дебоча ва ҳар ҷо муқтазои зикри китоб аст, онро «Маснавӣ» мехонад ва лафзи «Сайқали арвоҳ» танҳо дар ҳамин байт, он ҳам тавъам бо «Маснавӣ» дида меояд ва мерасонад, ки мақсуд васфи «Маснавӣ»-ст, на баёни исми он. Ва мутақаддимон низ ҳеҷ як маснавиро бад-ин ном нашинохтаанд ва дар манобиъи қадимии мавлавия ин ном мазкур нест.

«Маснавӣ» дорои шаш дафтар аст ва охирин дафтар, ки аз ҳайси баёни ҳикоят нотамом мебошад, анҷоми сухани Мавлоност ва ӯ аз ҳамон оғози назми дафтари шашум дар назар дошта, ки суханро дар ҳамин ҷузъ тамом кунад ва ба поён орад, бад-он умед, ки агар фимобаъд дастуре расад, гуфтаниҳоро бо баёни наздиктар бигӯяд, чунон ки дар муқаддима фармудааст:

Эй ҳаёти дил Ҳисомиддин, басе
Майл меҷӯшад ба қисми содисе.
Гашт аз ҷазби чу ту алломае
Дар ҷаҳони гардон Ҳисоминомае.
Пешкаш баҳри ризоят мекашам
Дар тамоми «Маснавӣ» қисми шашум.
Пешкаш меорамат, ай маънавӣ,
Қисми содис дар тамоми «Маснавӣ».
Бу, ки фимобаъд дастуре расад,
Розҳои гуфтанӣ гуфта шавад.
Бо баёне, к-он бувад наздиктар
З-ин киноёти дақиқи мустатар.

Дафтари ҳафтум, ки бар «Маснавӣ» афзуда ва ба Мавлоно бастаанд, тобиши офтоби фикри вай нест ва нисбати ин назми нопойдор бад-он бузург саҳве фоҳиш аст бо далоили зайл:

Аввалан ҳар гоҳ дафтарро Мавлоно сохта буд, мебоист риштаи суханро аз он ҷо, ки дар дафтари шашум қатъ карда, дар ин дафтар оғоз кунад ва пайванд диҳад ва ҳикоёти шаҳзодагон ва он мардро, ки васият карда буд, мероси ӯро ба коҳилтарин фарзандон диҳанд, ба сар орад ва дар ин дафтар зикре аз ин ду ҳикоят нест ва матолиби он бо дафтари шашуми «Маснавӣ»[1] ҳеч гуна иртибот надорад.

Дувум, дар ин дафтар алфози ғалат ва истеъмолоти тозаву таркиботи мустаҳдас ва ибороти сусте ба кор рафта, ки ҳар кас андак мояи завқу иттилоъ дар забони форсӣ дошта бошад, истеъмоли онро намеписандад ва раво намедорад, то чи расад ба Мавлоно, ки дар давовину осори пешиниён тасаффуҳу татаббуъе ҳар чӣ вофитар дошта ва худ яке аз устодони огоҳу мутасаррифи ин забон ба шумор аст. Инак намунае аз ағлоти сареҳ:

Чист он рӯҳониахлоқи ҳасан,
Он дадият худ разоил дар заман.
Инчунин бар давлати оғаҳ задӣ,
Аз тақаллуд бар таҳаққуқ раҳ задӣ.
Рустоӣ дар қароёву зиёъ
Бо хару гӯсола гашта ҳамризоъ.
Авзарулвузрои ту шайтон шуда,
Устоди манҷаниқат омада.

Калимаи «дадият»-у «тақаллуд» ба ҷои «тақлид» ва «қароё» ба маънии қурро – ҷамъи қаря ва «авзар» афъали тафсил аз моддаи вазорат ғалатҳои баййин аст, ки тифлони дабистон аз истеъмоли он шарм доранд.

Мисоли ибороти суст ва истеъмолоти тозаву омиё-

[1] Фақат ҳикояти об овардани арабро такрор карда, ки он ҳам дар ҷилди аввалин аст ва ба андозае ҳикоятро бенамак сохта, ки мазиде буд бар он мутасаввир нест ва такрори айни ҳикоят ҳам бар хилофи равиши Мавлоност дар «Маснавӣ».

на:

Шер гуфт: Ин бошад албат одамӣ,
К-иш дар аъзо нест аз зафтӣ камӣ.
Чун шавад тадбир бо тақдир ёр,
Соф гардад мин ҷамиъил ваҷҳи кор.
Ҳар касе бар қадри истеъдоди х(в)ад,
Истифода мекунад аз неку бад.
Ларзае бар дасту пояш уфтод
Аз сари вазъу усули он қубод.

Истеъмоли «албат» ба ҷои албатта ва «соф гардад мин ҷамиъил ваҷҳ» ва «истифода мекунад» ва «аз сари вазъи усул» тозаву омиёна ва ба гуфтаи удабо истеъмоле савқӣ ва сахт сусту бемаза афтода ва бахусус «аз сари вазъу усул» таркибе пасту ракику борид ва ба гуфтаи Шамси Қайс[1] «жожест, ки ҳеч хар нахояд».

Севум гӯяндаи ин маснавӣ ба Фахри Розӣ мӯътақид буда ва ӯро яке аз сарони дину мардони яқин медониста ва дар санои вай гуфтааст:

Фахри Розӣ, раҳматуллоҳи алайҳ,
Он аминуллоҳу мавсуқи илайҳ.
Ғайри ин ҷумла бароҳину далел
Бар камоли зоти халлоқи ҷалил.
Аз камоли ақл фарди камалил
Карда ихроҷ ӯ ҳазору як далел.

Бо ин ки Мавлонову падараш Фахри Розиро берун аз Тури ҳақиқат шинохтаву дар осори худ ба вай таънаҳо задаанд ва ҳаргиз мумкин набуд, ки бо ихтилофи мазоқу равиш ӯро «аминуллоҳ» хонанду роҷиъ бад-ин матлаб дар фасли нахустин[2] баҳсе муставфӣ ба миён омад.

Чаҳорум вуҷуди алфозе монанди Мавлавӣ ва Мав-

---

[1] «Ал-муъҷам», Шамси Қайс, табъи Теҳрон, саҳ. 236.
[2] Саҳ. Саҳифаҳои қаблӣ аз ҳамин китоб.

лои Рум, ки Мавлоно дар ҳеч як аз осори собити худ ба киноят аз хеш намеоварад ва ҳамчунин зикри фусусу нусус ва тамассук ба асрори аъдод, ки бар хилофи тариқаи истидлолу равиши исботии ӯст, дар ин китоб бар бутлон[1] нисбати ин манзума бад-ӯ гувоҳи дигар тавонад буд.

Панҷум ин ки ҳеч як аз мутақаддимону сунуфи мутааххирон «Маснавӣ»-ро беш аз шаш дафтар нашнохтаанд ва танҳо Шайх Исмоили Анқаравӣ[2] дар 1035 /1626м. аз рӯи нусхае, ки дар 814 /1412м. навишта шуда, ба иттикои ҳадси худ муддаъӣ шудааст, ки ин абёт ҳам аз Мавлоно ва ҳафтумин дафтари «Маснавӣ»-ст, далеле қотиъ ва бурҳоне мубрам аст, ки бастани ин ашъори сусту паст бад-он устоди ҷалил тӯҳмате азим ва занбе лояғфар аст, ки маншаи он қиллати иттилоъ ва сармоя дар забони форсӣ ва ошноӣ ба тирози калому тарзи сухани бузургон мебошад ва чӣ гуна тасаввур тавон кард, ки ба эҳтимоми хонадони Мавлоно ва табақоти Мавлавия бад-ин номаи осмонӣ (ки дар маҷолиси самоъ ва бар сари турбати муқаддас пайваста мехонда ва

---

[1] Зеро калимаи Мавлавӣ тоза аст ва дар аҳди худ Мавлоноро бад-он ном намехондаанд ва Мавлонои Рум ҳам лақабест, ки мусоирин ба ҷиҳати эҳтиром бар вай итлоқ мекардаанд ва низ Мавлоно дар ҳеч як аз осори худ номе аз кутуби Муҳиддин ва пайравони вай набурдааст.

Ва аммо зикри асрори аъдод, ки дар ин дафтари манҳул маъмул аст, аз равиши Мавлоно ба дур мебошад ва дар ҳеч ҷо зикре аз он накардааст, бахусус, ки ҳисоби гӯяндаи ҳафтум ғалат дармеояд, чунон ки гӯяд:

Саъдулаъдод аст ҳафт, эй хушҳавас,
З-он ки такмили адад ҳафт асту бас.
Гар шуморӣ ҳарфи Шамсулҳаққ ҳафт,
Он ки кори мо аз ӯ боло бирафт,
Ҳам Зиёулҳаққ ҳафт андар улум,
Ҳамчунин ҳафте дигар Мавлои Рум.

Ва мо агар фарз кунем (қ) мушаддад дар ҳарф аст ё алифи мактубро ҳисоб кунем, он вақт Шамсулҳақ 7 ҳарфу Зиёулҳақ 8 ҳарф мешавад ва бо адами яке аз ин ду фарз Шамсулҳаққ як ҳарф кам меорад.

[2] Кашфу-з-зунун, ҷилди дувум, табъи Исломбул, саҳ. 377.

зеби бару дӯш доштаанд) дафтари ҳафтуми «Маснавӣ» матруку маҳҷур монда ва 365 сол ҳеч кас аз он огоҳӣ наёфта бошад.[1] Он чӣ ба қавитарин ҳадс дар бораи ин дафтар ба назар мерасад, ин аст, ки онро яке аз мурдумони Осиёи Сагир, ки аз муридону муътақидони Мавлоно буда ва ба забони форсӣ ошноии чандон надошта, ба қасди тақлид ба ҳам пайваста ва аз фарти ноҳушёрӣ ва дурӣ аз маҷории истеъмолоти забони форсӣ муртакиби аглоти шанеъ гардида, ҳатто як байт ҳам, ки мутазаммини фикре латиф ё лафзе шариф бошад, назм надодааст.

Шарҳи чигунагии сухану сабки шеъри Мавлоно ва баёни азамати «Маснавӣ», ки яке аз бузургтарин кутуби адабии Эрон ва олитарин баёну назми ирфонӣ ва хулосаи сайри фикрӣ ва охирин натиҷаи сулуки ақлонии умами исломист, аз ҳавсалаи ин мухтасар берун аст ва дар қисми дувум, ки ба таҳқиқи осору афкори Мавлоно ихтисос дорад, ба шарҳу тафсил мазкур хоҳад шуд. Ин ҷо сухан кӯтоҳ карда, вазни «Маснавӣ»-ро бад-он ҳақиқатшиноси ростин бозмегузорем, ки «шарҳи ишқу ошиқӣ ҳам ишқ гуфт».

Мавлоно фармуд:[2] ««Маснавӣ»-и мо дилбарест маънавӣ, ки дар ҷамолу камол ҳамтое надорад ва ҳамчунон богест маҳайё ва дарахтест, маҳанно, ки ҷиҳати равшандилони соҳибназару ошиқони сӯхтаҷигар сохта шудааст. Хунук ҷоне, ки аз мушоҳидаи ин шоҳиди гайбӣ

---

[1] Нозим дар таърихи ин дафтар гуфта:

Маснавии ҳафтумин, к-аз гайб ҷаст,

Шашсуду ҳафтод таърихи вай аст.

Ва аз ин таърих, ки мумкин аст таҳриф шудаву дар асл (ҳафтсаду ҳафтод) буда бошад, то вақиъи изҳори китоб 365 сол фосила мешавад.

Нусхае, ки санади ин заъиф дар нақли ин ашъор буда, маснавии табъи Булоқ аст, ки дар санаи 1268 /1852м.ҳиҷрии қамарӣ бо тарҷумаи туркӣ ба ҳуруфи настаълиқ чоп шудааст.

[2] «Маноқиб»-и Афлокӣ.

маҳзуз шаваду малҳузи назари инояти риҷуллулоҳ гардад, то дар ҷаридаи ниъамулабд иннаҳу аввоб мунхарит шавад».

Ва гӯянд[1] бар пушти «Маснавӣ» худ навишта буд: «Маснавӣ»-ро ҷиҳати он нагуфтаам, ки ҳамоил кунанду такрор кунанд, балки зери по ниҳанду болои осмон раванд, ки «Маснавӣ» нардбони меъроҷи ҳақоиқ аст, на он ки нардбонро ба гардан гирию шаҳр ба шаҳр гардӣ, ҳаргиз бар боми мақсуд наравӣ ва ба муроди дил нарасӣ:

Нардбони осмон аст ин калом,
Ҳар кӣ з-ин бар меравад, ояд ба бом.
Не ба боми чарх, к-ӯ ахзар бувад,
Бал ба боме, к-аз фалак бартар бувад.
Боми гардунро аз ӯ ояд наво,
Гардишаш бошад ҳамеша з-он ҳаво».

Пайдост, ки идроки асрору фаҳми румузи сухани бузургон ва дараҷаи фасоҳати он танҳо ба дастёрии завқи шеърӣ ва тафаҳҳусу татаббуъи сатҳӣ дар фунуни лафзии адаб муяссар нест, балки ошноии ҷонӣ шарти умдаи ин роҳ аст ва то касе равони худро ба латоифи маънавӣ наёроста ва ҳамзамони он латифтабъону покдилон нашуда бошад, ба дарёфти рақоиқи гуфтору дақоиқи баёни онон тавфиқ наёбад.

Ҷиҳати вусул ба ҳақоиқи «Маснавӣ» ва мароми гӯяндаи он ва идроки зарофатҳои адабии он дебои хусравонӣ ҳам илова бар лутфи завқу вусъати иттилоъ бешак сафои рӯҳ ва ҷилои зеҳну қаробати рӯҳӣ шарти ҳатмист, чунон ки Мавлоно фармояд[2]: «Идроки гавомизи асрори пуранвори «Маснавӣ»-ро дар забти тал-

[1] Бар пушти «Маснавӣ»-и ҷаноби оқои Саййиднасруллоҳи Тақавӣ ва нусхаи донишкадаи маъқулу манқул ин ривоят нақл шуда ва абётро дар анҷоми «Маснавӣ», чопи Алоуддавла ба Султонвалад нисбат додаанд.

[2] «Маноқиб»-и Афлокӣ

фиқоту тақрибот ва тақрироту тавфиқоти аҳодису оёт ва басти амсол ва ҳикоёту байиноти румузи кунуз ва дақоиқи ҳақоиқи ӯро эътиқоде бояд азим ва сидқе бояд мустақим ва қалбе бояд салим ва ҳамчунон заковату фунуни улум ва дироят мебояд, то дар зоҳири он сайре тавонад кард ва ба сари сирре тавонад расидан ва бе ин ҳама олот агар ошиқи содиқ бошад, оқибат ишқ ӯро раҳбар шавад ва ба манзил бирасад, валлоҳу-л-муваффақ вал муршиду ва ҳувал муъин вал масаддид».

«Маснавӣ» гузашта аз иштимол бар табйини ҳақоиқи адён ва усули тасаввуф ва шарҳи рамузи оёти қуръонӣ ва ахбори набавӣ намудорест аз маротибу мақомоти Мавлоно ва ёрони баргузидаи ӯ, балки ғарази аслии Мавлоно[1] аз назми «Маснавӣ» баёни аҳволи маънавии худ ва он баргузидагон дар либоси амсолу ҳикоёт ва қиссаи Мӯсову Исо ва машоихи тариқат ва гуфтани сирри дилбарон[2] дар ҳадиси дигарон будааст.

Дебочаҳои[3] дафотири шашғона, ки монанди насрҳои пароканда дар авоили амсолу ҳикоёт ба таҳқиқ иншои худи Мавлоност, гоҳе ба ағрозу ғоёти афкори ӯ ишорае хафию талмеҳе дақиқ менамояд ва дар тадаббури «Маснавӣ» аз ин нукта ғофил набояд шуд.

---

[125] Ин матлабро Султонвалад дар муқаддимаи «Маснавӣ»-и Валадӣ ба сароҳат менависад ва Афлокӣ аз гуфтаи Мавлоно ривоят мекунад ва дар «Маснавӣ» ҳам Мавлоно худ бад-ин гараз имо фармудаву гуфтааст:

Мадҳи ҳозир ваҳшат аст аз баҳри ин,
Номи Мӯсо мебарам қосид чунин.
Варна Мӯсо кай раво дорад, ки ман,
Пеши ту ёд оварам аз ҳеч тан.

«Маснавӣ», дафтари дувум, чопи Алоуддавла, саҳ. 159.

[126] Ишора бад-ин байти маъруф аз «Маснавӣ»-ст:

Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон
Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон.

[127] Афлокӣ дар зимни ривояте дар ин бора сухан меронад, ҳатто тағйире, ки дар дебочаи дафтари дувум аз тарафи Мавлоно дода шудааст, нақл мекунад ва мо онро ба қисми дувум бозмегузорем.

Ин номаи ғайбӣ аз ҳамон вақте ки ба ҳаллияти иборот ороста шуда ва ба силки назм даромада, то ба имрӯз маъшуқи соликону толибони ҳақиқату мукаммилу ва роҳнамову мӯнису паноҳи арбоби маърифату сармояи шодмонии ҷону дили асҳоби завқу ҳол буда ва низ иддае аз зоҳириён ва онон ки аз неъмати маърифат ва шиносоии ҳаққу яқин бебаҳра мондаву дар зулмати табъу ҷаҳл маҳбус афтода ё барои хушнудии ҷамъе аз авоми хушкмағз ба нанги нодонӣ ва ҳавопарастӣ тан дардодаанд, дар ҳамон аҳд[1] ва давраҳои[2] вопасин «Маснавӣ»-ро назме пасту суст ва аз ҷумлаи кутуби залол пиндоштаанд ва ҳикоёте зариф дар ин боб маъруф аст.

Китоби «Маснавӣ» ҳам монанди ғазалиёт (вале на бад-он ҳад) аз тасҳифу таҳриф ва касру изофаи абёт масун намонда ва нусахи қадимии хаттию чопӣ дар ривояти ашъор ва иддаи[3] онҳо мухталиф аст. Ва аз «Маноқиб»-и Афлокӣ[4] мустафод аст, ки дар аҳди Мавлоно яке аз китоби «Маснавӣ» ба салиқаи худ ашъорро дасткорӣ менамудааст.

---

[1] Руҷӯъ кунед ба «Маснавӣ», дафтари севум, чопи Алоуддавла, саҳ.304.

[2] Қутб ибни Муҳйии Ҷиҳрамӣ, ки аз афозилу акобири сӯфияи қарни нуҳум аст ва макотибе, ки аз ӯ ба ҷой монда, ояти фасоҳату балоғат ба шумор меравад ва дар ҳадди худ назир надорад, аз ҷумла мӯътақидону мутатабиъони гуфтаи Мавлоност ва ёрони худро ҳамвора васият ба хондани «Маснавӣ» менамуд. Вале дар ҳамон вақт ин корро хилофи шаръ шумурдаанд. Ва Қутб ибни Муҳйӣ мактубе дар бораи ҳалияти мутолиаи «Маснавӣ» навиштааст.

[3] Иддаи абёти дафтарҳои шашгонаи «Маснавӣ» мутобиқи эҳсо ва нусхаи матбӯъа ба эҳтимоми устод Николсон бад-ин қарор аст: дафтари аввал -4003; дафтари дувум-3810; дафтари севум-4810; дафтари чаҳорум-3855;дафтари панчум-4238; дафтари шашум-4916.

Ва бино бар ин маҷмӯъи абёт 25632 мебошад ва баъзе ҳам иддаи абёти онро ба 26660 байт расонидаанд.

Руҷӯъ кунед ба «Кашфу-з-зунун», ҷилди дувум, табъи Исломбул, саҳ. 372 ва Давлатшоҳ 48000 байт гуфтааст.

[4] Афлокӣ гӯяд: «Шайх Фахриддини Сивосӣ марде буд зуфунун ва дар он аҳд китобати асрору маонӣ дар уҳдаи ӯ буда, аз ногоҳ ҷунуне дар ӯ торӣ шуд. Мавлоно ин ғазалро ҳамон рӯз фармуд:

Эй ошиқон, эй ошиқон, як лӯлие девона шуд,
Ташташ фитод аз боми мо, нак сӯи маҷнунхона шуд.

Гӯянд ӯ магар дар каломи Худовандгор мадхал мекард ва ба тариқи ислоҳ қалам меронд ва таҳрифи каломот мекард. Муаллифи китоб бандаи хокӣ аҳсануллоҳи илайҳи мегӯяд, ки ҳазрати Мавлоно сатре чанд хат ба →

Саҳеҳтарин нусахи матбӯъ нусхаест, ки устод Николсон бо камоли диққату муроқибат аз вай нусхаҳои куҳан (хаттию чопӣ) ба табъ расонида ва чопи Теҳрон (маъруф ба Алоуддавла) низ дар ҳадди худ маҳалли эътимод тавонад буд.

Назар ба ишколу суъубати фаҳми асрори «Маснавӣ» уламо ва мутасаввифа дар ҳалли муаззалот ва тавзеҳи мушкилот он ҷаҳду саъй ва эҳтимом дошта ва шурӯҳи бисёр ба форсӣ ва арабию туркӣ бар тамоми дафотир ва қисматҳои мухталифи он ба назму наср таълиф намудаанд.

Интиқоде ки бар ҳамаи онҳо метавон ворид шумурд, он аст, ки ағлаб аз рӯи маълумот ва ба мизони афкори худ ақоиди Мавлоноро санҷида, тавзеҳ медиҳанд ва бархе ҳам барои эзоҳи мубҳамоти «Маснавӣ» даст ба домони кутуби ҳикмат ва фалсафа зада ва ба тариқаи ҳукамо «Маснавӣ»-ро шарҳ кардаанд, дар сурате, ки ба ҷои ин заҳмат дар ҳамон китоб татаббуъ ва мутолаи дақиқ ба кор мебастанд, беҳтар аз ӯҳдаи шарҳ бармеомаданд.

Беҳтарин шурӯҳи форсии «Маснавӣ» китоби «Ҷавҳиру-л-асрор» аст – таълифи Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ, ки худ яке аз комилини урафо буда ва бо истилоҳоту маҷории афкори ин табақа ошноӣ доштааст. «Лубби лубоб» - таснифи Муллоҳусайн Кошифӣ агарчи унвони интихоб дорад ва ба сурати шарҳ нест, аммо аз он ҷиҳат, ки мунтахаботи «Маснавӣ»-ро ба ҳасби маром мураттаб сохта ва дар оғози ҳар қисмат ба мақсуд ошноӣ карда, онро метавон марғубтарини шурӯҳ донист.

---

→ дасти муборакӣ худ дар сафҳаи китобе навишта буд, ки шабе мандили Шайх Салоҳиддин азамуллоҳу зикраҳу, дари ҳаммом гушода шуд ва ӯ афтод. Гуфт: Эй чароғ, расвом кардӣ. Дарҳол чароғ нигунсар шуду афтод. Мардуми ҳаммом пеши Шайх давиданд, ки мо ҳеч надидем, ҳеч надидем. Шайх бад-он гуфт: Эшон хушнуд шуд, ки дидаро нодида оварданд. Акнун номуборакат табдили «Маснавӣ» ва таҳрифи калимаи ав иннамо наҳну муслиҳуна алоёё, иннаҳум ҳуму-л-муфсидун».

## Рубоиёт

Ин қисмат аз осори Мавлоно дар матбаъаи Ахтар (Исломбул) ба соли 1312 /1895м. ҳиҷрии қамарӣ ба табъ расида ва мутазаммини 1659 рубоӣ ё 3318 байт аст, ки баъзе аз онҳо ба шаҳодати қароин аз они Мавлоност ва дар бораи қисмате ҳам тардиди қавӣ ҳосил аст ва маълум нест, ки интисоби он ба вай дуруст бошад.

Маънии баланд ва мазомини нағз дар ин рубоиҳо дида меояд, ки бо равиши фикр ва иборатбандии Мавлоно муносибате тамом дорад, вале рӯйҳамрафта рубоиёт ба пояи ғазалиёт ва «Маснавӣ» намерасад. Аммо осори мансури Мавлоно иборат аст аз:

## Фиҳи мо фиҳ

Ин китоб маҷмӯаи тақрироти Мавлоност, ки дар маҷолис худ баён фармуда ва писари ӯ Баҳоуддин маъруф ба Султон-валад ё яке дигар аз муридон ёддошт карда ва бад-ин сурат даровардааст.

Ғолиби фусули китоб ҷавоби суоли матолибест, ки ба иқтизои ҳол шурӯъ шуда ва бад-ин ҷиҳат иртиботе ба собиқи худ надорад ва қисмате ҳам хитоб аст ба Муъиниддин Сулаймони Парвона.

Мавзӯи фусулу маҷолис ва натиҷаи онҳо алалумум, масоили ахлоқу тариқат ва нукоти тасаввуфу ирфон ва шарҳу табёни оёти Қуръон ва аҳодиси набавӣ ва каламоти машоих аст, ки бо ҳамон равиши махсуси Мавлоно, яъне ба василаи зарби амсол ва нақли ҳикоёт тавзеҳ ёфтааст.

Достонҳову масалҳои «Фиҳи мо фиҳ» ба вуҷуҳи баё-

ни мақосид дар мавориди касир бо «Маснавӣ» мушобаҳат дорад, мунтаҳо бо ин фарқ, ки матолиби «Маснавӣ» аз киноёт ва таъбироти дақиқ муҷаррад нест ва то ҳадде фаҳми он ба сабаби он ки дасту пои гӯянда дар шеър пойбасти қавофию ва авзон ва ба ҳудуди шеъру назм маҳдуд аст, душвортар мебошад ва «Фиҳи мо фиҳ » аз ин қуюд урён ва барканор аст. Хусусан ки Мавлоно дар тақрироти худ мақсуде ҷуз идроки мустамиъин ва ҳуззори маҷлис надорад ва бар ҳасби истеъдод ва ба вуфқи таҳаммули онон ба баёни маориф ва ҳақоиқ забон мегушояд ва ба қасди он ки аз худ асаре боқӣ гузорад, сухан намеронад ва бад-ин ҷиҳат гуфтори ӯ содаву ба фаҳм наздик менамояд. Лекин қасди ӯ аз иншои «Маснавӣ» тахлиди асар ва ибқои номи худ ё Ҳисомиддни Чалабӣ дар замоне беанҷом аст ва аз ин рӯй истеъдоди муосирини худ ё мардуми замони муайянро манзур надорад, балки рӯи сухан дар ин китоб бо соҳибдилони ҳар аҳду замон аст ва мухотаби ӯ афроди комили башаранд дар замонаи бениҳоят. Ва «Маснавӣ» ба ҳамин иллат муштамил бар киноёти дақиқ ва ҷавомиъулкалам мебошад ва идроки асрори он ба осонӣ муяссар намешавад ва ҳар ҷо, ки матолиби он бо «Фиҳи мо фиҳ» муносибат пайдо мекунад, зудтар фаҳмида ва маълум мегардад, чунон ки гӯӣ ин қисмат аз «Фиҳи мо фиҳ» шарҳест, ки Мавлоно бар «Маснавӣ» навиштааст.

Дар зимни китоб Мавлоно аз падари худ Султонулуламо (дар ин китоб бо унвони Мавлонои бузург) ва Шамсиддини Табрезӣ ва Бурҳони Муҳаққиқ ва Салоҳиддини Заркӯб исм мебарад ва гоҳ маърифате аз қавли онон ривоят мекунад.

Ин асарро мутақаддимин бад-ин ном намешинохта ва дар манобиъи таърих Мавлоно исме аз он ба миён наёвардаанд, вале муаллифи «Бӯстону-с-саёҳа» онро ба

номи «Фиҳи мо фиҳ» ёд кардааст.

Ҳарчанд лафзи «Фиҳи мо фиҳ» ва зикри он бад-ин унвон дар кутуби мутақаддимон мазбут нест, вале аз рӯи таҳқиқ метавон нисбати онро ба Мавлоно қатъӣ донист, зеро илова бар қароине, ки дар худи китоб вуҷуд дорад, иртиботи он бо «Маснавӣ» аз ҷиҳоте, ки мазкур шуд, далели дигар бар сиҳҳати ин гуфтор тавонад буд.

Пештар гуфтем, ки миёни сӯфиён маъмул будааст, ки маҷолис ва баёноти машоихи худро ёддошт менамудаанд, бахусус дар таърихи хонадони Мавлоно бидуни истисно мебинем, ки осори бузургони ин тариқа маҳфуз шудааст ва маорифи Баҳоувалад ва мақомоти Шамс ва маорифи Султонвалад, ки зикри он биёяд, ҳамон тақрироту суханони эшон аст, ки муридон гирд карда ё худ ба қайди китобат даровардаанд, дар ин сурат ҳеч далел надорад, ки гуфтаҳои Мавлоно бо шуҳрату азамате, ки дошта, мазбуту маҳфуз нашуда бошад, ниҳоят он ки тасаввур меравад исми ин китоб ҳам «Мақолот» буда ва муроди Мавлоно дар ин абёт:

Бас суолу бас ҷавобу моҷаро
Буд миёни зоҳиду раббулваро,
Ки замину осмон пурнур шуд,
Дар «Мақолот» он ҳама мазкур шуд.

аз мақолоти ҳамин китоб мебошад, зеро ба тавре ки дониста мешавад, ғарази Мавлоно он аст, ки ин матлаб дар таълифи дигар баён шуда, бо он ки ҷуз «Фиҳи мо фиҳ» асаре, ки шоистаи номи «Мақолот» бошад, аз вай дар даст надорем, ба вижа агар ба хотир биёварем, ки тақрироти Шамси Табрезро ҳам «Мақолот» меноманд.

«Фиҳи мо фиҳ» пас аз муқобалаву тасҳеҳи биннисба дақиқе ба соли 1333 дар Теҳрон ба табъ расида, вале чун котиби нусхаи асл ба илале, ки дар охири китоб

зикр шуда, тағйир меёфта, ағлоти фоҳише дар табъи он рух додаву муҳтоҷ ба ислоҳи ҷадид аст.

## Макотиб

Ин нусха маҷмӯаи мактуботи Мавлоност ба муосирини худ ва ду нусхаи он дар китобхонаи Дорулфунуни Исломбул мавҷуд аст ва яке аз мӯътақидони Мавлоно ба номи Муҳаммад Фаридуни Нофиз дар садади табъи он мебошад.

Аз ҷумлаи ин номаҳо се нома дар «Маноқиб»-и Афлокӣ нақл шуда ва яке аз онҳо номаест, ки Мавлоно ба унвони аҳволпурсӣ дар мавқиъи беморӣ ба Салоҳиддин навишта ва дар фасли чаҳоруми ин китоб мундариҷ аст. Аммо ду номаи дигари Мавлоно вақте навиштааст, ки миёнаи Султонвалад ва завҷаи ӯ Фотимахотун – духтари Салоҳиддин ранҷиши хотире ба вуҷуд омада буд ва Мавлоно ба дасти худ номае дар узрхоҳӣ ба Фотимахотун ва номаи дигар муштамил бар андарз ба Султонвалад фиристод.

Номаи аввал аз Мавлоно ба Фотимахотун:

Рӯҳӣ ва рӯҳуки мамзуҷун ва муттасилун,
Факуллу оризатин туъзики туъзинӣ

Худойро, ҷалла ҷалолаҳу ба гувоҳӣ меоварам ва савганд мехурам ба зоти қадими Ҳақ таоло, ки ҳар чӣ хотири он фарзанди мухлис аз он хаста шавад, даҳ чандон ғами шумо ғами мост ва андешаи шумо андешаи мост ва ҳуқуқи эҳсону худовандиҳои султонулмашоих мушаррафи анворул-ҳақоиқ Салоҳулҳақ ваддин, қаддасаллоҳу рӯҳаҳу бар гардани ин доъӣ вомест, ки ба ҳеч шукрею хидмате натавон гузордан шукри онро ҳам хазинаи Ҳақ таоло тавонад хостан. Таваққуъи ман аз он

фарзанд он аст, ки аз ин падар ҳеч пӯшида надорад ва аз ҳар кӣ ранҷад, то миннат дорам ва ба қадри имкон бикӯшам, иншоаллоҳ, ҳеч тақсир накунам, агар фарзанди азиз Баҳоуддин дар озори шумо кӯшад ва сумма ҳаққо, ки дил аз ӯ барканам ва саломи ӯро ҷавоб нагӯям ва ба ҷанозаи ман наёяд, нахоҳам ва ҳамчунин ғайри ӯ ҳар кӣ бошад. Аммо хоҳам, ки ҳеч ғам нахурӣ ва ғамгин набошӣ, ки Ҳақ таоло, ҷалла ҷалолаҳу дар ёрии шумост ва бандагони Худо дар ёрии шумоанд. Ҳар кӣ дар ҳаққи шумо нуқсон гӯяд, дарё ба даҳони саг наёлояд ва тунги шакар ба заҳмати магас беқимат нашавад. Ва яқин дорам, ки агар сад ҳазор савганд бихуранд, ки мо мазлумем, ман эшонро золим донам, ки дар ҳаққи шумо муҳиббу дуогӯ набошанд, эшонро мазлум надонам, савганду узр қабул накунам, валлоҳу биллоҳи толло, ки ҳеч узрею ғадре[1] ва савганду макре ва гиряе аз бадгӯе қабул накунам. Мазлум шумоед ё он ки шуморо ҳурмат доранд, худованд ва худовандзода хонанд, пеши рӯ ва паси пушт айб бар худ ниҳанд, ки муҷрим моем, то эшон золим бошанд ва шумо мазлум, зеро ҳаққи шумо ва он султон сад чандон аст, ки эшон кунанд, валлоҳ, ки чунин аст ва биллоҳ, ки чунин аст ва толлоҳ, ки чунин аст. Ман агар дар рӯи ҷамоате ба сабаби наздикӣ[2] ва хешӣ заҳрханда кунам, Ҳақ таоло он рӯшноӣ додаст, биҳамдиллоҳ ва ба дил рост набошаму ба ҷон рост набошам, то он гаҳ, ки эшон ба дилу ҷон ошкору ниҳон бо ҳаққу бандагони Ҳақ рост нашаванд ва макрро дар оби сиёҳ наяндозанду корҳо бозгуна нанамоянд ва хоки пою ғуломи бандагони Ҳақ субҳонаҳу таоло нашаванд пеши рӯю паси пушт. Ва эътиқоди ин падар ин аст, ки бар ин бимирам ва бар ин дар гӯр равам, иншоаллоҳ. Аллоҳ, Аллоҳ, аз ин падар ҳеч пинҳон мадореду аҳвол-

[1] Дар асл узре. [2] Дар асл нозукӣ.

ро як ба як ба ман бигӯед, то ба қадри имкон ба ёрии Худо муованат кунам. Шумо ҳайкали амони ҳаққед дар олам аз осори он султон, ки ба баракати шумо рӯҳи поки ӯ аз он олам сад ҳазор иноят кунад ба сабаби шумо. Бар аҳли замин ҳаргиз холӣ мабод осори шумову насли шумо мунқатиъ мабод то рӯзи қиёмат ва гамгин мабод дили шумову фарзандони шумо. Омин ё Рабба-л-оламин.

Байт:

Анвори Салоҳидин барангехта бод,
Дар дидаву ҷони ошиқон рехта бод.
Ҳар ҷон, ки латиф гашту аз лутф гузашт,
Бо хоки Салоҳидин барангехта бод.

Номаи дувум аз Мавлоно ба Султонвалад

Васият мекунам ҷиҳати шоҳзодаи мо ва рӯшноии дилу дидаи мо ва ҳамаи олам, ки имрӯз дар ҳаболаву ҳаволаи он фарзанд аст ва кафилуҳо зикриё ҷиҳати имтиҳони азим амонат супурда шуд, таваққуъ аст, ки оташ дар бунёди узрҳо занад ва як даму як нафас на қасд, на саҳв ҳаракате накунад ва вазифаи муроқибатиро нагардонад, ки дар хотири эшон як зарра ташвиши бевафоӣ ва малолат дарояд. Худи эшон ҳеч нагӯянд аз покии гавҳари худ ва унсури шоҳзодагию сабру мурувват бар руста, ки шеър:

Баччаи бат агарчи дина бувад,
Оби дарёш то ба сина бувад.

Аммо ҳазар аз марсоду ишҳод ва машҳуди арвоҳи илоҳӣ, ки муроқиби зуррёти[1] таййибони эшон аст, ки алҳиқно биҳим зурётиҳим, Аллоҳ, Аллоҳ, Аллоҳ, Аллоҳ, Аллоҳ, Аллоҳ, Аллоҳ ва аз баҳри сапедрӯи абадии ин падар ва аз они худ, ки ҳама қабила эшонро азиз дорад

[1] Дар асл дар боб

ва ҳар рӯзу ҳар шабро чун рӯзи аввал ва шаби курдак[1] донад дар сайд кардани мудом дилу ҷон ва напиндорад, ки сайд шудааст ва муҳтоҷи сайд нест, ки он мазҳаби зоҳирбинон аст, яъламуна зоҳиран мина-л-ҳаёти-д-дунё, ки эшон на он унсуранд, ки гуфта шаванд, тасарруфи инояти азалӣ аз он вофиртар аст, ки дару девори эшон мунаввару муаттар набошад, ки «ва-т-тур ва-з-зайтун ва тури синин» қасам[2] ба ҷамодотест, ки рӯзе қадами эшон бад-он ҷо расидааст, мо мартаба[3] аё Алӣ лав ра-айта ривояти кабадӣ таҷурру ало-л-арзи айш таснаъу биҳи қола ло астатиъу-л-ҷавоба ё расула-л-Лоҳ аҷъал

ҷафна айнӣ маъвоҳу ва ҳашва фуодӣ масвоҳу ва аид(д)[4] нафсӣ фиҳи мина-л-муҷримина-л-муқассирин

Фақола-н-набию салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам Фотимату бизъату[5] миннӣ Авлодуно акбодуно тамшӣ ало-л-арз

Озори он арвоҳ яке нест ва сад на[6], ва ҳазор на,

Байт:

Бархостан аз ҷону ҷаҳон мушкил нест,
Мушкил зи сари кӯи ту бархостан аст.
Моза-л-фироқу фироқу-л-ошиқи[7] -л-камад
Ҳоза-л-фироқу фироқу-р-рӯҳи ва-л-ҷасад
Ман худ донам, к-аз ту хатое н-ояд,
Лекин дили ошиқон бадандеш бувад.

Ва ин васиятро мактум дораду маҳфуз ва бо ҳеч кас нагӯяд, валлоҳу аълам биссавоб.

---

[1] Ҳиҷла аст.

[2] Ки қисм дар асл.

[3] Казо фил асл.

[4] Дар асл аиз

[5] Дар асл насафиҳи

[6] Дар асл ва сад ва на хазоранд

[7] Ва фи асли-л-мувофиқ ва-завҷи ва-л-ҳасади

# Маҷолиси сабъа

Ва он иборат аст аз маҷмӯаи мавоъизу маҷолиси Мавлоно, яъне суханоне, ки ба ваҷҳи андарз ва ба тариқати тазкир бар сари минбар баён фармудааст. Нусхаи хаттии ин китоб дар китобхонаи Салимоқо дар Исгидор маҳфуз ва таърихи китобати он соли 788 /1386м. мебошад ва Муҳаммад Фаридуни Нофиз ба табъи он иқдом намуда ва дар таърихи 24 фарвардини имсол се ҷузв аз аҷзои китоб ба ҳуллаи табъ даромадааст.

# Фасли даҳум

## Хонаводаи Мавлоно

Ба гуфтаи Афлокӣ Султонулуламо Баҳоувалад ду писару як духтар дошт. Писари меҳин ба Алоуддин Муҳаммад ва фарзанди кеҳин ба Ҷалолиддин Муҳаммад ва духтар ба Фотимахотун мавсум буд ва ӯ пеш аз ҳиҷрати Баҳоувалад ба шаҳри Балх даргузашт ва Алоуддин ҳангоми иртиҳоли падар аз Балх ҳафтсола ва Ҷалолиддин панҷсола буд ва ин тахмин ба тавре ки дар фасли гузашта баҳс шуд, мавриди тааммулу маърази ишколоти бисёр аст.

Аз Алоуддини мазкур ва хонадони ӯ (агар дошта) иттилоъе надорем, аммо Ҷалолиддин Муҳаммад, ки шарҳи ҳоли ӯ мавзӯи ин таълиф аст, чаҳор фарзанд дошт:

1. Баҳоуддин Муҳаммад маъруф ба Султонвалад;

2. Алоуддин Муҳаммад[1] (624-660 /1227-1262м.), ки бинобар машҳур дар хуни Шамси Табрез шуда ва аз назари падар афтода буд ва фарзандонаш ҳам бад-ин ҷиҳат шуҳрате ҳосил накарданд. Ин ду писар аз як модар буданд ва модари онон Гавҳаротун духти Шарафуддини Самарқандист.

3. Музаффаруддин Амиролим, ки ба ривояти Афлокӣ хазинадори султони вақт буд ва ӯ дар шашуми ҷимодиюлаввали соли 676 /1278м. вафот ёфт;

[1] Ин таворих аз рӯи нақшае, ки мудири музеи Қуния аз мадраки Мавлоно ба инзимоми асосии касоне, ки бо вай дафн шудаанд, таҳия намуда, иқтибос шудаанд.

4. Маликахотун (алмутаваффо 12 шаъбони 703 / 1304м.), ки модарашон Гирохотуни Қунавӣ дар 13 рамазони 691 /1292м. рахт аз ҷаҳон барбаст ва Афлокӣ аз ӯ ривоёте касире нақл мекунад. Дар таърихи мавлавиён аз миёнаи фарзандони Мавлоно шуҳрат насиби меҳини фарзандони ӯ Султонвалад аст ва дигарон машҳур нестанд.

Баҳоуддин Муҳаммад маъруф ба Султонвалад, валодати ӯ дар шаҳри Лориндеҳ ба соли 623 /1226м. иттифоқ афтод ва Мавлоно вайро ба ёдбуди[1] падари худ Султонулуламо ба Баҳоуддин Муҳаммад мулаққаб ва мавсум гардонид ва Султонвалад унвонест, ки баъдҳо бадон машҳур шудааст.

Вақте[2] Султонвалад шоистагии таҳсил ёфт, Мавлоно ӯро ба ҳамроҳии бародараш Алоуддин равонаи Димишқ кард, то дар он шаҳр ба фаро гирифтани улум иштиғол варзад ва бинобар баъзе ривоёт худ ҳидояи фиқҳро (таълифи Бурҳониддин Абибакри Марғинонӣ) бад-ӯ дарс дода буд.

Гузашта аз оростагӣ ба улуми нақлӣ Султонвалад тамоми давраи зиндагониро ба хидмати машоихи тасаввуф ва нашри маорифи илоҳӣ ва зикри мақомоти падар ва тадрис масруф мекард ва оғози кор ба сӯҳбати Бурҳони Муҳаққиқ расида ва аз дилу ҷон бандагии Шамсиддин карда ва як моҳро дар рикоби вай пиёда давида ва дасти иродат дар домани Салоҳиддин ва Ҳусомиддин устувор дошт.

Ва «чун Мавлоно аз олами сурат сафар фармуд, Ча-

---

[1] Хос аз ихвон чу зодам аз модар,
Лақаби он шаҳам ниҳод падар «Валаднома».

[2] Ғолиби ин матолиб аз «Маноқиб»-и Афлокӣ ва «Валаднома» иқтибос шуда ва шарҳи ҳоли Султонвалад дар «Нафаҳоту-л-унс» ва «Ал-ҷавоҳиру-л-мазиа»,ҷ.1, табъи Ҳайдаробод,саҳ.120, ки номи ӯро Аҳмад гирифта, мазкур аст.

лабӣ Ҳисомиддин баъд аз ҳафтум рӯз бархост ва бо ҷамиъи асҳоб ба ҳазрати Султонвалад омад, гуфт: Мехоҳам, ки баъдалявм бар ҷои падар бинишинӣ ва шайхи ростини мо бошӣ ва ман дар рикоби ту ғошия бар дӯш гирифта, бандагӣ ва лолоӣ кунам. Ҳамоно ки Султонвалад сар ниҳода фармуд: Ас-сӯфӣ авло би хирқатиҳи ва-л-ятиму аҳро би ҳирқатиҳи, чунон ки дар замони падарам халифа будӣ, хилофат ва тахт аз они шумост. Ва чандон ки бо якдигарашон мулоқот афтодӣ, Султонвалад дастбӯси Чалабӣ мекард ва он бандагиҳо, ки Султонвалад бо хулафои падараш кардӣ, аз ҳеч шайхзода манқул нест».

Чалабӣ Ҳисомиддин 11 сол хилофат меронд ва қавоъидеро, ки Мавлоно ниҳода буд, аз тартиби самоъ ва қироати Қуръон ва «Маснавӣ» бақарор медошт ва равотиби Султонвалад ва дигаронро ба тартиб мерасонид ва понсад фараҷипӯши мутамаввил ҳалқаи бандагии ӯ дар гӯш кашида буданд, то он ки ӯро вафот даррасид ва рӯзи чоршанбе, 22 (ё 12) шаъбони 683 /1285м. зиндагии инҷаҳониро бадруд гуфт. Баъд аз вафоти Чалабӣ муридон рӯй ба Султонвалад оварданд ва дархостанд, то бар ҷои падар нишинад ва бисоти иршоду маърифат бигустарад ва чароғи ин хонадони бузург аз дами машъалкушон маҳфуз дорад. Султонвалад ин тақозо бипазируфт ва ба тахти падар баромад ва одоби тариқати мавлавӣ бунёд ниҳод ва мавлавихонаҳо барқарор кард ва машоих дар атрофи билод насб фармуд ва асрори зиндагонии падари хешро шарҳ медод ва бехи инкор аз дилҳои мункирон бармеканд ва шарҳи ин аъмол дар «Валаднома» бад-ин тариқ мазкур аст, байт:

Халқ ҷамъ омаданд пиру ҷавон,
Ҳама шофеъ шуданд лобакунон.

К-эй Валад, ҷои волид они ту буд,
З-он ки пайваста меҳрубони ту буд.
Кардияш бо Ҳисомидин исор,
З-он ки буд пеши волидат мухтор.
Чунки рафт ӯ, баҳонает намонд,
Ҳақ таъоло чун ин қазоро ронд.
Баъд аз ӯ кун қабул шайхиро,
Халқро шав имому роҳнамо.
Сари ин қавм шав, ки бе сарвар
Ҳеч коре наояд аз лашкар.
Ҳамчунин ин сухан дароз кашид,
Кард аз эшон Валад қабулу шунид.
Бар сари тахт рафт бепое
Дар ҷаҳоне, ки несташ ҷое.
Муддати ҳафт сол гуфт асрор
Бар сари турбати падар бисёр.
Шарқ то ғарб рафт овоза,
Ки шуд оини Ҳақ зи нав тоза.
Мушкилоте, ки баста буд, гушод,
Инчунин тӯҳфа ҳеч шайх надод.
Душманон ҷумла дӯстон гаштанд,
Аз сари хашму кина бигзаштанд.
Чунки биншаст бар мақоми падар,
Дод бо ҳар гадо дафинаи зар.
Беадад марду зан мурид шуданд,
Ҳама андар ҳунар фарид шуданд.
Хулафо сохт дар тариқи падар,
Кард дар ҳар мақом як сарвар.
З-он ки аз дур аҳолии ҳар шаҳр
Ҳама буданд ташнаи ин наҳр.
Монда буданд дар ватан ноком,
Ҳамчу мурғони баста андар дом.

Хешу фарзанд гашта мониъашон,
Ин тараф омадан набуд имкон.
Воҷиб омад, к-аз ин тараф ҳар ҷо
Биравад як халифае аз мо.
Хулафо пур шуданд андар Рум,
То намонад касе зи мо маҳрум.
Раҳ буриданд ҷумлаи мардон,
Ҳама бархостанд аз тану ҷон.
То набиштем баҳрашон шаҷара,
Боғашон дод беадад самара.
Гарчи буд волидаш қавӣ машҳур,
Набуд ӯ ҳамчу Шамсидин мастур.
Ҳама ӯро зи ҷон мурид буданд,
Дар замони Валад мазид шуданд.
Авлиёро, ки волидаш бигзид,
На зи тақлид, бал зи ғоят дид.
Баъди волид шуд аз валад пайдо,
Ки чӣ сон доштанд кору киё.
Шарҳашон кард аз дилу аз ҷон,
Бармало то шунид пиру ҷавон.
Як даме кард шарҳи тоаташон,
Як даме узлати қаноаташон.
Як даме шарҳи қоли ҷонияшон,
Як дам аз ҳолати ниҳонияшон.
Ҳар якеро кароматаш чун буд,
Дар намоз истиқоматаш чун буд.
Ҳар якеро чӣ шакли суҳбат буд,
Ҳар якеро зи Ҳақ чӣ рутбат буд.
Ҳосил, аҳволи ҷумларо як-як
Бинамуду раҳид халқ аз шак.

Муддати хилофати Султонвалад тақрибан сӣ сол тӯл кашид ва дар ин муддат кори вай нашри тариқати падар ва вазъи одоби он буд ва акнун ин нукта мусаллам

аст, ки аксари ойинҳои Мавлавӣ дар самоъ ва тарзи либос бунёдест, ки Султонвалад ниҳода ва ӯ яке аз ақтоби тисъа[1] ё сабъаи мавлавӣ ба шумор аст.

Вафоти Султонвалад дар шанбеи дувуми раҷаби соли 712 /1313м. ва валодати ӯ дар 25 рабеъулохири санаи 623 /1226м. иттифоқ афтода буд.

Мавлоно ба Султонвалад муҳаббати беандоза иброз мефармуд ва меғуфт: «Анта ашбаҳу-н-нос бия халқан ва хулқан» ва бар девори мадраса навишта буд: «Баҳоуддини мо некбахт аст, хуш зисту хуш мирад».

Султонвалад ба тақлид[2] ва иқтидои падар осоре ба назму наср иншо кардаву мавҷуд аст ва аз ҷумлаи осори манзуми ӯ яке «Девони қасоиду ғазалиёт» аст, ки қабл аз шурӯъ ба назми «Валаднома» онро тамом сохта буд ва пештар ёдоварӣ кардем, ки 27 ғазал аз гуфтори Султонвалад дар «Куллиёти Шамс» дарҷ кардаанд. Ин ашъор умуман ба сабку пайравии Мавлоно гуфта шуда, вале чандон латофату матонате надорад.

«Валаднома» муштамил аст бар се ҷузъ: бахши нахустин манзумаест ба вазни «Ҳадиқа»-и Саноӣ ва мавзӯи аслии он зикри ҳолот ва мақомоти Мавлоно ва ҳамнишинони ӯ (Шамсиддину Салоҳиддину Ҳусомиддин) ва баёни аҳволи Мавлонои бузург Баҳоувалад ва Бурҳониддини Муҳаққиқ мебошад. Ниҳоят он ки таърихи Мавлоно муфассалтар ва аз они Баҳоувалад мухтасар аст.

Дар хилоли ривоёт ва ахбори таърихӣ Султонвалад ҳамвора ба шарҳи дақоиқи ирфонӣ ва натоиҷи ахлоқӣ

---

[1] Иборатанд аз Султонулуламо Бурҳони Муҳаққиқ, Мавлоно Ҷалолиддин, Шамси Табрез, Салоҳиддин, Ҳисомиддин, Шайх Каримиддини Бектемир (ал-мутаваффо 690 /1291м.), Султон Валад, Орифи Чалабӣ. Ва онон, ки ақтобро ҳафт мешуморанд, шайх Каримиддин ва Орифи Чалабиро ба ҳисоб дар намеоваранд

[2] Дар муқаддимаи «Валаднома» бад-ин тасреҳ дорад.

мепардозад ва равиши зиндагонию асрори ҳаёти пурошӯбу инкори хайри падари худро бо суханону ҳолоти машоихи пешин вифқ медиҳад ва аз ин рӯй тавон андешид, ки Султонвалад ин китобро ба манзури дифоъ аз мақоми падари худ ва дафъи шубаҳоти муонидон ба назм овардааст. Иддаи абёти он мутобиқи нусхае, ки ин заъиф дар даст дорад, рӯиҳамрафта ба 10000 мерасад.

Муаллиф мутобиқи изҳори худ ин маснавиро аввали моҳи рабеъулаввал дар соли 690 /1291м. оғоз кард ва дар ҷимодиюлухро аз ҳамон сол ба поён овард, чунон ки дар таърихи назми он гӯяд:

Матлаи ин баёни ҷонафзо
Буд дар шашсаду навад, ёро.
Гуфта шуд аввали рабеъаввал,
Гар фузун гашт, ин магӯ таввал.
Маҳтаъаш ҳам шудаст, эй фохир,
Чорумин шанбеи ҷамодохир.

Ва бинобар ин муддати чаҳор моҳ сарфи вақт дар иншои ин маснавӣ намуда ва шояд яке аз илали сустии ашъор ва сахофати тарокиби он шитобу аҷалаи гӯянда дар сурудани ин манзума, ки мусталзами адами диққат мебошад, будааст.

Ҷузви дувуму севум аз «Маснавии Валадӣ» манзумаест ба баҳри рамали мусаддаси мақсур, яъне ҳамон вазни «Маснавӣ»-и Мавлоно, ки қисмати аввалинро мусанниф аз рубоб шурӯъ намуда, баъд ба матолиби худ пардохта ва қисмати дувумин низ дунболаи матолиби ҷузви аввал мебошад. Ва иллати шурӯъ ба иншои маснавии мазбур хоҳиши яке аз муридон будааст, ки Султонвалад китобе бар вазни «Маснавӣ»-и Мавлоно бисарояд.

Ин ду қисматро Султонвалад алаттаҳқиқ баъд аз

фароғ аз маснавии собиқуззикр ба риштаи назм кашидаву мавзӯи онҳо низ масоили парокандаи тасаввуф ва шарҳи каламоту мақосиди Мавлоност. Ва аз ин ҷиҳат маснавиҳои Валадӣ ҳоизи аҳамият мешавад, ҳарчанд ба назари адабӣ чандон муҳим нест. Аксари амсолу усули матолиби Султонвалад дар ин манзумот бар рӯи суханони Мавлоно дар «Маснавӣ» ва дигар осори худ давр мезанад ва иқтибос аст аз он чӣ ӯ бо баёни олии худ ба сурати иборат овардааст Лекин чун ғарази Султонвалад шарҳу ҳалли мубҳамоту мушкилот буда ва дар ғолиби маворид парда аз рӯи он розҳо бардошта, барои касоне, ки мехоҳанд мутобиқи истилоҳи маъруф об аз сарчашма бардоранд ва ҳадди ағрози Мавлоноро аз касе, ки дар дамани ӯ тарбият шуда, бишнаванд, арзиши ин китоб маҷҳул нахоҳад буд.

Аз Султонвалад рисолае мансур, ки мавзӯи он ҳам ирфон аст, ба инзимоми «Фиҳи мо фиҳ» дар Теҳрон ба табъ расида ва ба номи «Фиҳи мо фиҳ» машҳур гардида ва тавре ки таҳқиқ шуд, ношир аз рӯи қиёс ин исмро бар рӯи китоб гузорда ва зоҳиран номи аслии китоб[1] «Маъорифи Султонвалад» мебошад ва он хулосаи тақрироту маҷолиси ӯст, ки худ таҳрир карда ва шароити балоғатро ҳатталимкон маръӣ доштааст.

Султонвалад чаҳор писар дошт: Орифи Чалабӣ, Обиди Чалабӣ, Зоҳиди Чалабӣ, Воҷиди Чалабӣ. Ҷалолид-

---

[1] Нусхае аз ин китоб дар китобхонаи донишгоҳи Лидан аз билоди Ҳилонд мавҷуд аст ва дар каноран хориҷии китоб навиштаанд «Маъорифи Султонвалад» ва Дихуя дар феҳрасти он китобхона (ҷилди 5, саҳ. 40-41) ибораги аввали китобро нақл карда ва дуруст мутобиқ аст ба оғози ин нусха ва эҳтимол меравад, ки Султонвалад ба ҷиҳати иқтифои ҷадди худ китобро бад-ин исм хонда бошад.

Ва иттилоъи банда аз чунин китобе дар китобхонаи донишгоҳи Лидан марҳуни иноят ва таваҷҷуҳи устоди аллома оқои Муҳаммад Қазвинист, ки дар зимни муосилае ин заъифро бад-ин масъала мутаваҷҷиҳ фармудаанд.

дин Орифи Чалабии Фаридун аз Фотимахотун – духти Шайх Салоҳиддин дар санаи 670 ба вуҷуд омад ва Мавлоно дар валодати ӯ ин ғазал дар нусхаи «Куллиёт»-и табъи Ҳинд дида намешавад, ба назм овард:

Муборак бод бар мо ин Фаридун,
Ки гардад подшоҳи дин Фаридун.
Чу моҳи осмон тобону равшан,
Чу қанду чун шакар ширин Фаридун.
Ба майдони саъодат гӯй бозад,
Кунад Шабдизи давлат з-ин Фаридун.
Бароянд ҳамчу маҳ аз бурҷи иқбол,
Ҳама меҳру сафо, бекин Фаридун.
Бибуррад гардани Заҳҳоки ғамро
Ба теғи рафъату тамкин Фаридун.
Биҳамдиллаҳ, кунун дар қасри давлат
Фазояд рутбату ойин Фаридун.
Зи модар рӯзи якшанбе бизода,
Ба таърихи сана сабъин Фаридун.
Маҳи зилқаъдаву дар ҳаштуми ӯ
Ба даҳ соат пас аз пешин Фаридун.
Чу аз пушту нажоди Хусравон аст,
Бувад Маҷнуни чун Ширин Фаридун.
Зи модар в-аз падар шоҳи асил аст,
Зи хулд омад чу ҳурулъин Фаридун.
Чу гардад ҳушёру сар фарозад,
Бад-ин шеърам кунад таҳсин Фаридун.
Ҳазорон сол умрат боду афзун,
Ту ҳам аз ҷон бигӯ омин, Фаридун.

Дар санаи 712 /1313м. баъд аз вафоти Султонвалад Орифи Чалабӣ хилофат ёфт ва ӯ[1] барои иршоди Худобанда ба мазҳаби суннат ва тарки ташайюъ ба Эрон сафар гузид ва вуруди ӯ ба Султония мусодиф гардид

[144] «Манокиб»-и Афлокӣ.

бо марги Худобанда. Ва Орифи Чалабӣ низ дар санаи 719 /1320м. вафот кард ва Аҳмади Афлокӣ аз муридони вай буд ва ба амри ӯ дар санаи 618 /1222м. ба таълифи «Маноқибу-л-орифин» ҳиммат гумошт.

Обиди Чалабӣ (682-729 /1284-1329м.) чаҳорумин халифаи Мавлоност ва ду тан аз фарзандони вай ҳам бадин мансаб ноил шудаанд, яъне Чалабӣ Амир-олами сонӣ ва Чалабӣ Пир Амиродили чорум, ки ҳаштумину даҳумин хилифа ба шуморанд.

Воҷиди Чалабии акбар (685-733 /1287-1333м.) севумин писари Султонвалад ва панҷумин халифаи Мавлоно аст, ки аз нажоди ӯ (агар нажоде дошта) ҳеч кас хилофат наёфт.

Зоҳиди Чалабии Акбар (682-734 /1284-1334м.) ба хилофат нанишаст.

Султонвалад духтаре дошт ба номи Мутаҳҳараи Султонобид-хотун, ки шонздаҳумин халифаи Мавлоно Чалабӣ Маҳмуд Орифи Солиси Қараҳисорӣ аз нажоди ӯ буд.

Хонадони Мавлоно дар билоди Рум (Туркияи имрӯз) ба ниҳояти ҳурмат мезистанд ва ноширӣ забону адабиёти форсӣ ва усули тасаввуф буданд ва то кунун сӣ тан аз ин хонадон ба тахти хилофату маснади иршод ҷулус кардаанд, ки ба истисноӣ он чӣ зикр шуд, биттамом аз хонадони ӯ лав орифи Чалабӣ ибни Султонвалад мебошанд ва охирин пӯстнишини даргоҳи Мавлоно Шайх Муҳаммад Баҳоуддин (Бурҳонуд-дин) Валади Чалабии Афандист, ки аз ин шуғл маъзул гардид ва маснади ин хонадон дар даври ӯ барчида шуд.

## МУНДАРИЧА

**Фасли аввал—оғози умр**

**Исм ва алқоб....................................................11**
**Мавлид ва насаб..............................................14**
**Баҳоуддин Валад..............................................15**
**Муҳоҷирати Баҳоувалад аз Балх........................19**
**Мулоқоти Мавлоно бо Шайх Аттор......................30**
**Баҳоувалад дар Бағдод......................................32**
**Мадрасаи Мустансирия.....................................33**
**Фахруддини Баҳромшоҳ.....................................35**
**Алоуддини Кайқубод..........................................41**
**Маорифи Баҳоувалад.........................................51**

**Фасли дуввум**

**Айёми таҳсил.....................................................55**
**Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ........................56**
**Мавлоно дар Ҳалаб...........................................60**
**Мадрасаи Ҳаловия............................................61**
**Камолиддин Ибн ал-Адим..................................63**
**Мавлоно дар Димишқ.........................................66**
**Бозгашти Мавлоно ба Рум ва анҷоми кори**
**Бурҳони Муҳаққиқ..............................................68**
**Мавлоно баъд аз вафоти**
**Бурҳони Муҳаққиқ..............................................71**

**Фасли севум**

**Давраи инқилоб ва ошуфтагӣ.............................73**
**Шамсиддини Табрезӣ..........................................75**
**Мулоқоти Авҳадуддини**

Кирмонӣ бо Шамсиддини Табрезӣ..............................80
Вуруди Шамс ба Қуния ва мулоқоти
ӯ бо Мавлоно.................................................................83
Ривояти Афлокӣ...........................................................83
Ривояти Муҳиддин, муаллифи
Ал-кавокибу-л-музиа.....................................................85
Ривояти Давлатшоҳ.......................................................86
Ривояти Ибни Батута.....................................................87
Мусофирати Шамсиддин
ба Димишқ.....................................................................98
Бозгашти Шамсиддин ба Қуния...............................104
Ғайбат ва иститори Шамсиддин................................111
Мусофиратҳои Мавлоно ба Димишқ
дар талаби Шамс.........................................................121
Осори Шамсиддин......................................................128

Фасли чаҳорум

Рӯзгори тарбият ва иршод..........................................132
Шайх Салоҳиддин Заркӯби Қунавӣ...........................133
Вафоти Шайх Салоҳиддин..........................................144
Ҳусомиддин Ҳасани Чалабӣ.......................................147
Оғози назми Маснавӣ.................................................153

Фасли панҷум

Поёни зиндагонӣ Вафоти Мавлоно...........................157

Фасли шашум

Муосирини мавлоно аз машоихи
тасаввуф ва уламову удабо..........................................165
Садриддин Муҳаммад ибни

**Исҳоқи Қунавӣ**......................................................**166**
**Қутбиддин Маҳмуди Шерозӣ**...........................................**169**
**Фахриддини Ироқӣ**......................................................**174**
**Шайх Начмиддини Розӣ** ..................................................**176**
**Баҳуоддин Қониъии Тӯсӣ**................................................**177**
**Сирочиддини Урмавӣ**....................................................**178**
**Сафиюддини Ҳиндӣ**.......................................................**179**
**Шайх Саъдӣ**..............................................................**180**

**Фасли ҳафтум**

**Шаҳрёрон ва умарои муосир**...........................................**188**

**Фасли Ҳаштум**

**Сурат ва сирати Мавлоно**..............................................**196**

**Фасли нуҳум**

**Осори Мавлоно**...........................................................**205**
**Ғазалиёт**....................................................................**205**
**Маснавӣ**.....................................................................**117**
**Рубоиёт**.....................................................................**228**
**Фиҳи мо фиҳ**...............................................................**228**
**Макотиб**.....................................................................**230**
**Мачолиси сабъа**...........................................................**235**

**Фасли даҳум**

**Хонаводаи Мавлоно**.......................................................**236**



Устод Бадеъуззамони Фурӯзонфар дар соли 1899 дар қасабаи Башрувияи Хуросон чашм ба ҷаҳон кушод. Марохили муқаддамотии улумро аз маҳзари падари донишмандаш омӯхта, сипас барои татаббуъи шеъру адаб, мантиқу ҳикмат, адабиёти форсӣ ва арабӣ раҳсипори Машҳад шуда, аз ҳузури донишманди варзидаи замон, аллома Адиби Найшобурӣ касби файз намудааст. Устод Фурӯзонфар бо истеъдоди фавкулъода ва ҳофизаи қавие ки дошт, дар кӯтоҳтарин муддат мароҳил ва мадориҷи илмӣ ва омӯзиширо паймуда, дар соли 1925 роҳии Теҳрон шуд ва солҳои тӯлонӣ ба ҳайси устод, муовин ва раиси донишгоҳҳои Теҳрон ва узви пайвастаи Фарҳангистони Эрон ифои хидмат намудааст. Ҳамзамон дар риштаҳои мухталиф таҳқиқ ва пажӯҳиш намуда, осори пурарҷ ва мондагореро аз хеш ба ёдгор гузошта, бавижа дар боби осор ва рӯзгори Мавлоно тадқиқоти жарф ва судманд кардааст. Устод Фурӯзонфар бидуни шак ҷузви чанд чеҳраи машҳур ва мондагори кишварҳои форсизабон аст, ки ҳаққи бузурге болои донишмандон ва фарҳехтагони ин кишварҳо дорад. Устод Фурӯзонфар дар соли 1970 дар асари сактаи қалбӣ даргузашт ва ҷаҳони донишро дар сӯги хеш нишонд.

Устод Халилӣ, ки худ аз шефтагони Мавлоно ва аз дӯстони дерини устод Фурӯзонфар буда, дар сӯги ин донишманди фақид чунин сурудааст:

***Дар сафи аҳли дил он мард, ки якто бошад,***
***Лоҷарам мурдани вай мотами дилҳо бошад…***
***Устоди фузало рафт Фурӯзонфару, ҳайф,***
***Ки ҷаҳон холӣ аз он орифи воло бошад.***
***Рафт дар базми Саноӣ, ки дар он маҳфили қудс,***
***Балхиву Саъдиву Аттор ҳамово бошад...***
***Балх то Қуня бар марги касе менолад,***
***Ки ба рози дили ин тойфа бино бошад.***
***Васфи ин шайхи гаронмоя наёбад поён,***
***Мижа гар хома шавад, дида чу дарё бошад…***

## Изҳори сипос



Китоби ҳозир аз тарафи китобхонаи устод Халилуллоҳи Халилӣ ба чоп омода шудаву бо кӯмаки иқтисодӣ ва фарҳангдӯстонаи бунёди «Довар Ибтиҳоҷ» ба нашр расида, пешкаши хонандагони тоҷик ва ворисони Мавлоно мегардад. Лозим медонем аз таваҷҷӯҳи маънавӣ ва шарифонаи бонуи донишманд Раиси бунёди «Довар Ибтиҳоҷ» хонум дуктур Озар Ибтиҳоҷ барои ин ҳадафи неку фарҳангдӯстонаашон самимона изҳори сипос ва қадрдонӣ намоем. Ҳамчунон аз ҳамкорӣ ва кӯшишҳои пайгири ҷаноби дуктур Масъуди Миршоҳӣ—Раиси Анҷумани Рӯдакӣ дар Порис, ки заминаи нашри ин китобро бо бунёди «Довар Ибтиҳоҷ» мусоид намуданд, самимона ташаккур ва қадрдонӣ мекунем.

***Мамадшо Илолов*** *– Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

***Абдулқодир Маниёзов*** *– Муовини раиси Кумитаи иҷроияи Анҷумани «Пайванд»*

***Ҷаъфар Ранҷбар*** *– Раиси китобхонаи устод Халилуллоҳи Халилӣ, корманди Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ*

## *БУНЁДИ ФАРҲАНГИИ «ДОВАР ИБТИҲОҶ»*

***Бунёди фарҳангии «Довар Ибтиҳоҷ» барои фароҳам намудани заминаи рушду шукуфоии забону адаби форсӣ дар густараи фарҳанги эронӣ ба ибтикори бону дуктур Озар Ибтиҳоҷ бунёнгузорӣ шудааст. Ин бунёд бо кӯмак ва чопи осори нависандагон, донишмандон, ҳунармандон ва ҳамчунин бузургдошти бузургони гузаштаву муосир кӯшиш мекунад, ки гоме дар ҷиҳати расидани ормонҳояш бардорад. Ёрӣ ба чопи китоби «Осор ва аҳволи Мавлоно»-асари устод Бадеъуззамони Фурӯзонфар ба муносибати бузургдошти 800-умин соли Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар Тоҷикистон низ дар ҳамин росто ва бо ҳамкории Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон –«Пайванд» сурат мегирад.***

## بنیاد فرهنگی داور ابتهاج

"بنیاد فرهنگی دارو ابتهاج" برای فراهم نمودن زمینهٔ رشد شکوفائی زبان و ادب فارسی در گسترهٔ فرهنگ ایرانی به ابتکار بانو دکتور آذر ابتهاج بنیان گذاری شده است. این بنیاد با کمک به چاپ آثار نویسندگان، دانشمندان وهنرمندان و همچنین بزرگ داشت بزرگان گذشته و معاصر کوشش می کند، که گامی در جهت رسیدن به آرمان هایش بردارد. یاری به چاپ کتاب "آثارو احوال مولانا"--اثر استاد بدیع الزمان فروزانفر به مناسبت بزرگ داشت 800 مین سال مولانا جلال الدین بلخی رومی در تاجیکستان نیز در همین راستا و با همکاری انجمن تاجیکان و فارسی زبانان جهان "پیوند" صورت می گیرد.

بپیوندد و رستگار شود. کتاب های مثنوی و دیوان شمس مولانا سرشار از مثالها و داستانهای رمزی نی هستند که این دیدگاه را ثابت نمایند. در مثنوی، اگر شکایت نی رمز روح عارف وارسته و از خود خالی گشته ای را هم تصویر کند در نهایت اشاره به همان دوگانه گرائی میباشد. اگر مولانا دنیا را به حمام تشبیه میکند این نکته را یاد آوری میکند که دنیا در سر راه آخرت جز منزلی ترک کردنی نیست و فقط آنهایی که خواستار پاکی و جویای رهائی از گرد و غبار آلودگی های مادی هستند از این گذرگاه بهره واقعی می یابند. بدین گونه مولانا در آثار خود با نمونه های فراوان چه در مثنوی و چه در دیوان کبیر (کلیات شمس) روش فنا شدن در حق را می آموزاند، که در نهایت همان نور خدائی که در انسان به ودیعه گذاشته شده است میباشد، که باید به عرش خدائی بپیوندد. زندگی مولانا با دیدگاه و جهان بینی اش مطابقت، دارد، او نیز مانند نی ای است که از نیستان بریده شده است، از بلخ و سمرقند چو قند دور افتاده است.

همین دیدگاه را بارها از جمله در غزل معروف از دهان رباب منعکس میکند و نشان میدهد که سر تا پای فریاد رباب برای اینست که جزء جزء آن از اصل بدور مانده اند.

بزرگی و ارزش کار و شعر مولانا به ویژه در مثنوی که نا تمام ماند، در تمامیت آنست و مولانا کوشش کرده است که با اندیشه و زبان دوران خویش آئینهء تمام نمای باورهای سرزمین اجدادی خویش باشد. اگر این کتاب امروزه به در دسترس شماست فقط به خاطر کوشش های بی دریغ آقای رنجبر، و همکارانش و بنیاد داور ابتهاج به سرپرستی دکتر آذر ابتهاج میباشد که وجودشان برای پیشبرد و اعتلای فرهنگ غنیمت، و بسیار گرانبها میباشد. مسعود میرشاهی، عضواکادمی، مسئول انجمن رودکی، پاریس، تابستان 2007

در باره احوال و آثار مولاء روم مشهور به مولانا که اغلب تذکره نویسان نام او را محمد و لقب او را جلال الدین نوشته اند، دفتر و کتابهای فراوانی در سرتاسر دنیا و به زبانهای گوناگون منتشر شده است. در این میان کتاب حاضر از بدیع الزمان فروزانفر، کتاب مکتب شمس از علی دشتی و کتاب سر نی از عبدالحسین زرین کوب جایگاه ویژه ای را دارا میباشند. استاد فروزانفر در این کتاب برای نخستین بار با بررسی مراجع گوناگون به شرح کامل زندگی مولانا و آثار او پرداخته است، بطوریکه خلاصه همین کتاب در چند صفحه بعنوان مقدمه نخست در دیوان کامل شمس تبریزی و سپس در کتاب مثنوی معنوی مولانا، که هر دو به همت م درویش منتشر گردیده اند، آمده است. دیدگاههای مولانا نیز در سراسر جهان مورد بحث بوده است و مولانا شناسان اندیشه و شناخت خود را در این باره به زبانهای گوناگون منتشر نموده اند و این پدیده تا آنجا پیشرفته است که اکنون در گوشه و کنار دنیا دیدگاهای مولانا بصورت"مکتبی در جهان بینی" مورد توجه قرار گرفته و کم کم جنبه اکادمیک نیز بخود میگیرد.

پژوهش در بارهء آثار مولانا هنوز در مراحل بسیار مقدماتی خود قرار دارد و "اما" ها نه تنها در زندگی نامه های او و شمس تبریز زیاد است، بلکه جهان بینی مولانا و دیدگاه های فلسفی و ریشه های اندیشه های وی در بعد های زمانی و مکانی چه در بلخ و سمرقند و چه در دوران مهاجرتش به قونیه، بخوبی پژوهش و آشکار نگردیده است.

اگر در این مقدمه خواسته باشیم اشارهای به ریشه عرفان مولانا داشته باشیم، ناچاریم به آموزشهای مانی آمیخته به بازمانده های جهان بینی مهری و یا میترائی که سده ها در آسیای میانه گسترده بود اشاره کنیم.

مانی با استفاده از دوگانه گرائی زردشت، جهان فیزیکی و متافیزیکی را میسازد. نور در فلسفه او اصالت خدائی دارد و جسم ریشه اهریمنی. در انسان، نور در اسارت تن است و انسان فقط با راهنما و با دوری از گناهان و احترام به طبیعت و انسان میتواند نور خدائی را که در نزد او به امانت گذاشته اند، پاکیزه نگاه دارد تا در هنگام مرگ، این نور بتواند تن را ترک کرده و به عرش خدائی

## اظهار سپاس

کتاب حاضر از طرف کتابخانهٔ استاد خلیلی به چاپ آماده و با کمک اقتصادی و فرهنگدوستانهٔ "بنیاد فرهنگی داور ابتهاج" به نشر رسیده، پیشکش خوانندگان و وارثان مولانا می شود. لازم میدانیم از توجه معنوی و شریفانهٔ بانوی دانشمند رئیس "بنیاد داور ابتهاج" خانم دکتور آذر ابتهاج، برای این هدف نیک و فرهنگ دوستانه شان صمیمانه اظهار سپاس و قدردانی نمایم. همچنان از همکاری و کوشش های پیگر جناب دکتور مسعود میرشاهی – رئیس انجمن رودکی در پاریس که زمینهٔ نشر این کتاب را با "بنیاد داور ابتهاج" مساعد نموده اند، صمیمانه تشکر و قدردانی میکنیم.

محمدشاه هلال اف -رئیس اکادمی علوم
جمهوری تاجیکستان
عبدالقادرمنیازوف -معاون رئیس کمیتهٔ
اجرایهٔ "انجمن پیوند"
جعفررنجبر -رئیس کتاب خانهٔ استاد خلیل الله خلیلی
و کارمند انستیتوی شرقشناسی



*Нусхаи хаттии Маснавӣ дар институти шарқшиносӣ*